# АХТАРОНИ АДАБ

# 32

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Шамсиддин Орумбекзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Гулназар*
*Сахидод Раҳматуллозода*
*Гурез Сафар*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шариф*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

**БАДРИДДИН ҲИЛОЛӢ**

# ДЕВОН

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ҳ-82

Таҳияву тадвини матн аз *Мубашшир Акбарзод*

Муҳаррир *Муҳтарам Ҳотам*

Ҳ-82 **Бадриддин Ҳилолӣ. Девон.**
– Душанбе, «Адиб», 2016, 480 саҳ.

ISBN 978-99947-2-472-7

© Нашриёти «Адиб», 2016

# ҒУЛҒУЛАИ ИШҚ ДАР ШЕЪРИ ҲИЛОЛӢ

Гӯянд, ки адабиёт аз ишқ маншаъ гирифта, сипас тамоми паҳлуҳои зиндагии одамиро бар худ фаро хондааст, ки ҳақ асту рост. Ҳамин ишқ аст, ки гунгро гӯё, карро шунаво, нобиноро бино, нодонро доно намуда, бад-ин васила роҳравони ин роҳро бо ҳама бурду бохтҳояшон ба шоҳроҳи зиндагии ҳамешагӣ ва бардавом равона месозад. Яъне, чун ишқ аст, зиндагӣ намемирад ва нахоҳад мурд. Ҳамин аст, ки чун ба адабиёти дарозумри ҷаҳон мутаваҷҷеҳ мешавем ва осори гаронмояи аҳли адабро варақгардон менамоем, пеш аз ҳама ба мавзӯи ишқ рӯ ба рӯ меоем. Ва пеш аз ҳама ишқи Ошиқу Маъшуқа. Дуруст аст, ки одамӣ ба офаридаҳои Худо ба Кайҳон ва ҳамаи ашёи ҷаҳон ошиқона менигарад. Вале ишқи Ошиқу Маъшуқа дар баробари ишқи Илоҳӣ дар осори адабии аҳли қалам ҷойгоҳ ва мақоми вижа дорад. Инро мо дар адабиёти беш аз ҳазору чандинсолаи форс-тоҷик хеле хуб ба мушоҳида гирифтаем. Осори бозмондаи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, офаридаҳои сеҳрангези Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ, Ҳаким Низомии Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор, Амир Хусрав, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Мавлоно Ҷомӣ... дар баробари фаро гирифтани мавзӯъҳои гуногунпаҳлуи иҷтимоии замонҳо моломол аз мавзӯи ишқанд, ишқи поки инсонӣ, ишқи бо ҳама шодию ғамҳояш созанда.

Яке аз чунин суханвароне, ки ишқро бо тамоми шӯру шааф тараннум намуда, дар гуфтани ашъори ошиқона дар адабиёти мо шуҳратёр гардидааст, шоири ғазалсарой ва маснавигӯйи мумтози нимаи дувуми асри XV ва нимаи аввали асри XVI-и форс-тоҷик Бадриддин Ҳилолии

Астарободӣ мебошад. Доир ба рӯзгори суханвар маълумоти андаке мондааст. Мувофиқи радду бадали андешаҳои ҳилолишиносони пешин мавсуф тақрибан соли 875 ҳиҷрӣ (баробар ба соли 1470 мелодӣ) дар Астарободи Хуросон зода шуда, маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳ фаро мегирад ва барои такмили дониш, тақрибан соли 897 ҳиҷрӣ (баробар ба соли 1491 ҳиҷрӣ) рӯ ба Ҳирот мениҳад ва ба омӯзиши риштаҳои гуногуни илм машғул мегардад. Хушбахтона, Ҳилолӣ замоне ба Ҳирот меояд, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) ва Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ (1441-1501) дар қайди ҳаёт буданду ба илму адаб ва фарҳанги кишвар сарварӣ мекарданд. Аз таърихи ба Ҳирот омадани ӯ метавон хулоса намуд, ки ҷавони ташнаи илм тавонистааст суҳбати Мавлоно Ҷомӣ ва Амир Алишерро дарёбад, аз эшон фотиҳаи некиояндаи худро гирад. Дар «Маҷолису-н-нафоис»-и Алишери Навоӣ омадааст, ки «... ҳофизааш хуб аст ва табъаш низ баробари ҳофизаи ӯст. Хаёли сабақ дорад. Умед аст, ки тавфиқ ёбад ва ин матлаъ аз ӯст:

*Чунон аз по фиканд имрӯзам он рафтору қомат ҳам,*
*Ки фардо барнахезам, балки фардои қиёмат ҳам».*

Бале, Ҳилолӣ ҳофизаи бисёр қавӣ дошта, аз ашъори устод Рӯдакию Ҳаким Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавию Шайх Аттор, Амир Хусраву Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхию Хоҷа Ҳофиз, Шайх Камолу Мавлоно Ҷомӣ беш аз сӣ-чиҳил ҳазор байт медонист. Махсусан, вақте ки ашъори Мавлоно Ҷомӣ ва ғазалҳои форсӣ-тоҷикии Алишери Навоӣ-Фониро дар ҳузурашон азбар мехонд, аз забони эшон барояш аҳсантҳо мерасид ва то дар қайди ҳаёт буданашон силаи муҳаббатро аз сараш дур нанамуда, ба маҳфилҳояшон даъват мекарданд, ашъори тозаэҷодашро гӯш мекарданду лаззатёб мегардиданд.

Ишораи Алишери Навоӣ-Фонӣ дар «Маҷолису-н-нафоис» баёнгари он аст, ки Бадриддин Ҳилолӣ хеле зуд,

дар ҷавонӣ, дар байни аҳли адаби замон маъруфият пайдо намуда, унвони фахрии «Мавлоно»-ро низ дарёфта будааст. Ғиёсиддин ибни Ҳумомиддини Хондмир дар «Ҳабибу-с-сияр» аз ӯ ёд карда менависад: «Мавлоно Ҳилолӣ зубдаи шуарои замон ва умдаи булағои даврон аст. Ва қасоиду ғазалиёт ва маснавиёташ аксар авқот дар камоли салосату балоғат бар сафҳаи зуҳур меояд…»

Дастгирӣ ва сарпарастии ду чеҳраи тобони вақт Ҷомӣ ва Навоӣ барои ба камол расидани Бадриддин Ҳилолӣ мусоидат намуда бошад ҳам, баъди сари онҳо ҳуҷумҳои хунрезу кишварсӯзи шайбониҳои ӯзбак ба муқобили хонадони Темуриҳо, низоъҳои Сафавиҳо ва Шайбониҳо барои тахту тоҷ дар ниқоби мазҳаб боиси фитнаҳои ноҷо, кашмакашҳои бемаънии хунрез, беқадр шудани одаму заҳмати фикрии ӯ ва ғ. гардид. Аҳли илму адаб ва фарҳангро қадре намонда буд. Замзамаи пайвастаи шеъри дар ҳар гӯшаю канори Ҳироти фарҳангпарвару адабиётдӯст танинандоз рӯз ба рӯз коста, рӯ ба таназзул мениҳод, суханварон ва аҳли илму адабро бо баҳонаи ба ин ё он мазҳаб гаравидан азобу шиканҷа медоданд ва ҳатто аз байн мебардоштанду нобуд мекарданд.

Бо ҳамаи ин носозгориҳои дар аввали асри XVI дар Мовароуннаҳру Хуросон рухдода аҳли эҷод бо машғулияти худ банд буданд. Аз ҷумла, Ҳилолӣ маҳсули эҷоди худро соли 1521 дар шакли «Девон» мураттаб сохта буд, ки 2700 байтро фаро гирифта ғазалу қасида ва рубоию қитъаҳои шоирро дар бар дошт. Ғазалиёти мавсуф, ки аз даврони ҷавонӣ миёни ҳамқаламон қабули хотирҳо гардида буд, барои шоир Камолиддини Биноӣ аз ҳар ҷиҳат писанд омада бошад ҳам, вай дар маҳфиле Ҳилолиро тамасхуромез дар гуфтани маснавӣ лаванд мешуморад. Ҳамин тамасхури ҳамқалам баҳона шуда ва боис гардида, ки вай ба маснависароӣ оғоз намояду се маснавӣ: «Шоҳу Дарвеш» ё «Шоҳу Гадо», «Сифоту-л-ошиқин» ва «Лайлию Маҷнун»-ро эҷод менамояд. Маснавии аввалӣ

аз 1144 байт, дувумӣ 1520-30 байт ва севумӣ камобеш 3540 байтро дар бар мегирад.

Давлати Темуриён соли 1507 шикаст мехӯрад ва ба майдони мубориза баҳри тахту тоҷ сулолаи Шайбониёни ӯзбак дар Мовароуннаҳр ва Сафавиёни эронӣ дар Эрон даъвои мамлакатдорӣ менамоянд, ки Ҳилолӣ ва ҳамзамонони ҳиротияшу атрофу акнофи он шоҳиди муборизаҳои шадиду беамон ва кушторҳо байни он ду сулола барои гирифтани шаҳри Ҳирот буданд. Солҳои 1527-1528 дар натиҷаи истодагарии қавӣ шайбониҳо бо ҳамроҳии саркардаашон Убайдуллоҳхони Шайбонӣ шаҳри Ҳиротро ғасб ва ба ҳукми давлаташ медароранд. Баъди гирифтани шаҳр онҳо даст ба куштору қатли ом мезананд. Дар «Аҳану-т-таворих»-и Ҳасани Рамлу воқеаҳои даҳшатноки солҳои 1527-1528 дар иртибот бо охирҳои ҳаёти Ҳилолӣ шаҳодати он аст, ки шайбониҳо барои гирифтани Ҳирот ва минбаъд дар зери тасарруф нигоҳ доштани он тамоми зӯровариро ба кор бурда будаанд.

Фитнаву ошӯби замон аҳли адабу фарҳангро низ ором намегузошт, ки он ба ҷони Бадриддин Ҳилолӣ низ асар кардааст. Соли 936ҳ. (баробар ба соли 1529м.) шоҳи шайбонӣ Убайдуллоҳхон, ки Ҳиротро забт намуда буд, ӯро бо тuҳмати ба мазҳаби шиъа гаравидан бо шиканҷа ба қатл мерасонад. Он охирин лаҳзаҳои мудҳиши ҳаёти Бадриддин Ҳилолиро Соммирзои Сафавӣ чунин тасвир кардааст: «… Дар авохир ӯро аҷаб ҳолате даст дод, ки дар тасаннун машҳур буд ва Убайдхони ӯзбак ӯро кушт, ки ту шиъаӣ… Гӯяд, ки дар маҳалле, ки ӯро ба куштан мебурданд, сари ӯро шикастанд, чунонки хун ба рӯяш давид, дар он маҳал ин қитъаро мехонд, байт:

*Ин қатраи хун чист ба рӯйи ту, Ҳилолӣ?*
*Гӯё ки дил аз ғусса ба рӯйи ту давида».*

Ҳамин тавр, бо иғвои аҳли ҳасад ба гардани ӯ гуноҳҳои зиёде баста мешавад. Убайдуллоҳхони Шайбонӣ, ин хони

ба қавли Ҳасани Рамлу «қабеҳҳаракат», аввал ба ҳабси шоир ҳукм карда, пас аз озору шиканҷаи бисёр ӯро дар Чорсӯқи Ҳирот ба қатл мерасонад.

Ҳилолишиноси тоҷик Камол Айнӣ навиштааст: «Ин аст анҷоми фоҷиаовари рӯзгори нооромӣ исёнгари замон Бадриддин Ҳилолӣ, ки бо кӯшиши ашроф ва акобири даврон ва фатвои ҳимоятгарони қавонин ва суннатҳои расмии давлатӣ дар натиҷаи қатли бераҳмона ба поён расид».

Тавре ки ишора рафт, Бадриддин Ҳилолӣ дар умри кӯтоҳи бобаракати худ тавонистааст барои ояндагон ашъори гаронмоя ба мерос гузорад, ки имрӯз ҳам хонандаи худро дорад ва аксар дар шакли ғиноии ғазал офарида шудаанд. Вақте ки ба ғазали асри XVI адабиёти форс-тоҷик таваҷҷуҳ шавад, мебинем, ки дар ин жанри бадей Ҳилолӣ яке аз чирадастон аст. Муҳтавои асосии ғазалиёти шоир бошад, пеш аз ҳама ишқу муҳаббат аст, ишқу муҳаббати заминӣ, ҳақиқӣ, инсонӣ ва фарқкунанда аз ишқи илоҳии, шоирони сӯфимашрабу ба ирфону тасаввуф гаравида. Аз ин рӯ, вақте ки ба ғазалиёти ӯ баҳо доданӣ мешавем, бояд решаҳои сухани ошиқонаи шоирро дар замин, дар байни худамон, дар канори табиати зебоманзар, баҳори гулпарвар, тамузи гарму тирамоҳи зарринқабо ва зимистони ҷомасафед ҷӯему дарёбем ва дар муқобили ғазалҳои ӯ симои худ, шӯридани ошиқу нозу адо ва ҳусну малоҳати маъшуқаи заминиро таҷассум намоему бинем. Ва бояд гуфт, ки ғулғулаи ишқи шоир на танҳо дар ғазалҳояш, зиёда аз ин, се маснавии ӯро низ бо тамоми назокат фаро гирифтааст. Яъне, Бадриддин Ҳилолӣ аз аввалқадами ба майдони адабиёт ворид гардидан ошиқ будаасту ошиқона сухан мегуфтааст:

*Ҷон хоҳам аз Худо, на яке, балки сад ҳазор,*
*То сад ҳазор сол бимирам барои ёр.*

Ё:

*Лайлию Маҷнун агар мебуд дар даврони ту,*
*Ин яке ҳайрони ман мегашту он ҳайрони ту.*
*Домани худро бикаш имрӯз аз дасти рақиб*
*В-арна чун фардо шавад, дасти ману домони ту.*

Ва ё ошиқи шайдо, қаҳрамони лирикии шоир, ба маъшуқаи худ, ки мағруру худписанд, дур аз канори ошиқ ва пурнозу истиғно, гилаомез мегӯяд:

*Ба куҷо равам зи дардат, чӣ даво кунам, чӣ чора,*
*Ки ҳазор бор хун шуд ҷигари ҳазорпора?!*
*Манаму зи ишқ дарде, ки агар ба кӯҳ гӯям,*
*Ба Худо, ки нарм гардад дили санги сахти хора.*

Ошиқи офаридаи Ҳилолӣ аз бевафоӣ, назарбаландӣ, бо рақибон ошноӣ кардан, дар раъноӣ беҳ аз сарву зебоии фузуни маъшуқа, бераҳмии ёр, сабру таҳаммулро аз даст додан дар роҳи ишқ, сад ҳасрату ғам дар роҳи ишқ доштан ҳасрат намояду шиква намояд ҳам, бо овози баланд мегӯяд:

*Дӯстон ошиқаму ошиқи зорам, чӣ кунам?*
*Чора сабр аст, вале сабр надорам, чӣ кунам?*
*Рехт хуни ҷигар аз гӯшаи чашмам якбор*
*В-он ҷигаргӯша наёяд ба канорам, чӣ кунам?...*
*Халқ гӯянд: – Ҳилолӣ, чӣ кунӣ гиряи зор?*
*Гиря рӯ медиҳаду ошиқи зорам, чӣ кунам?*

Ишқи Ҳилолӣ дар ашъораш танҳо ишқи худи шоир нест. Дар он дар баробари хушию нохушиҳои дар роҳи ишқ буда, андешаҳои олии зиндагисози одамон бо ҳама бурду бохтҳо ва барору нобарориҳояш таҷассум ёфта, ҳикматомезу дар чаҳорчӯби ахлоқи инсонӣ равшан баён гардидааст. Шоир дар мафҳуми ишқ сифатҳои ҳамидаи инсониро сароида, зимни он ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоии замон низ таваҷҷуҳ карда, дар сояи ин мавзӯи

ҳамешагии адабиёт гиребони беадолатию ноинсофӣ, бевафоию номеҳрубониро мегирад, ноҳаққиро маҳкум мекунад ва ҳақро меситояд. Аз ин ҷост, ки садои шоир дар ғазал хеле табиӣ ва ба садои дили ҳамнавъон ҳамоҳанг аст:

*Гар нест ҷоми гулгун, хуш нест даври лола,*
*Бе май чӣ нашъа хезад аз дидани пиёла?*
*Ман Нӯҳи рӯзгорам, аз гиря ғарқи тӯфон,*
*Ку ҳамдаме, ки гӯяд дарди ҳазорсола!*

Зимни мулоҳизаҳои кӯтоҳ оид ба ғазалҳои шоир бояд гуфт, ки маснавиҳои шоир низ бо забони ишқ суруда шудаанд. Дар маснавии «Шоҳу Дарвеш», ки дар баҳри хафиф (фоилотун, мафоилун, фаилун) гуфта шудаасту соли таълифаш маълум нест, асосан се симо – Шоҳ, Дарвеш ва Рақиб амал мекунанд. Шоҳ ва Дарвеш дар ин асар ба якдигар дӯстони ҷониянд. Шоҳ бе Дарвеш зиндагонии худро тасаввур карда наметавонад, аммо Рақиб бо ҳар роҳу воситае, найранге мехоҳад дӯстии эшонро аз байн бибарад. Маснавӣ то ҷое оҳанги тасаввуфӣ дошта, Шоҳу Дарвеш то охири умри худ содиқи ҳамдигар мемонанд. Ва бояд гуфт, ки дарунмояи асар аз хамирмояи ишқ шӯрида шудааст в-агарна бунёди он бофтаи хаёли шоир буда, муносибати воқеии синфҳои мухолифи ҷамъияти он замон дар он дида намешавад.

Маснавии дигари Бадриддин Ҳилолӣ «Сифоту-л-ошиқин» тақрибан соли 1508 эҷод гардида, муҳтавои асосиаш андешаҳои тарбиявӣ – ахлоқии шоир мебошад. Дар ин маснавӣ бӯйи афкори фалсафӣ ва диди эстетикӣ-ахлоқии маснавиҳои «Махзану-л-асрор»-и Ҳаким Низомии Ганҷавӣ ва «Матлаъу-л-анвор»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ пеши назар меояд. Дар асар афкори ахлоқии «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Шайх Саъдии Шерозӣ низ ба назар мерасад ва аз 20 боб иборат буда, дар ҳар боби он яке аз хислатҳои хуби инсонӣ, монанди сидқ, вафо, хулқи хуш, ка-

рам, шуҷоату мардӣ, ҳиммат, эҳсон, тавозуъ ва зарари такаббур, одоб, ҳаё, сабр, қанот ва ғ. сифат карда шудааст. Ин асар аз асарҳои хуби калонҳаҷми Ҳилолӣ буда, дар ҳар боби он аввалан доир ба ин ё он хислати неки инсонӣ сухан рафта, сипас барои тақвияти фикр баъзан як ду ё се ҳикояте оварда мешавад. Ин маснавӣ низ оҳанги тасаввуфӣ дорад.

Маснавии севуми Бадриддин Ҳилолӣ достони «Лайлию Маҷнун», ки соли 1522 эҷод шудааст, дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф (маъфӯлу мафоилун фаӯлун) буда, матни асосии он фарогири 34 боб мебошад. Бобҳои оғози асар аз ҳамду наът ва боби шашуми он ба насиҳати фарзанд бахшида шудааст. Достони мазкур дар мавзӯи анъанавии адабиётамон «Лайлию Маҷнун»-ҳои Ҳаким Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ гуфта шуда бошад ҳам, дар баёни равиши воқеаҳо ва фуроварди достон ҷиҳатҳои хоси худро дорад, ки хонандаи закитабъ дар вақти мутолиа онро зиракона дарк менамояд. Камол Айнӣ менависад: «Дар достони Бадриддин Ҳилолӣ муҳимтарин симо шахсияти Лайлист. Лайлӣ дар тасвири ӯ духтари далеру қавиирода буда, дар масъалаҳои зиндагӣ на мувофиқи урфу одатҳои маҳдуд, балки аз рӯйи ақли солим амал мекунад ва барои муҳофизати ишқи самимӣ – матлаби олии худ чораҳои ҷиддӣ меандешад». Вай хостгории Ибни Саломро қатъан рад намуда, ишқи бовафои Маҷнунро қабул дорад. Навфал ба хотири хушбахтии Маҷнун Лайлиро ба ӯ мебахшад, ки мо ин хатти сужаро дар достонҳои ҳамноми пешин намебинем. Билохира падару модари симоҳои асосии достон бо ризояти тарафайн Лайлӣ ва Маҷнунро хонадор менамоянд. Аммо онҳо дар шаби тӯй шодимарг шуда, тарки ҷаҳони бедодгар мекунанд, ки ин саҳнаи мудҳишро ҳам мо дар достонҳои ҳамноми пешини он дучор намегардем. Яъне, Бадриддин Ҳилолӣ вобаста ба оҳанги баланди ишқ дар достон равиш ва гуфтори хоссаи худро доштааст. Он бо хусусиятҳои за-

бонӣ, сабкӣ ва истифодаи воситаҳои бадеӣ аз достонҳои пешин низ фарқ мекунад.

Адабиётшиноси эронӣ, яке аз мураттибони аввалини «Девон»-и Бадриддин Ҳилолӣ Саид Нафисӣ ба осори ӯ баҳои арзишманд дода навишта буд: «Ҳилолӣ қатъан яке аз беҳтарин шоирони ғазалсарои Эрон ва аз бузургтарин шуарои рӯзгори худ будааст. Аз ақсоми мухталифи шеър қатъан ғазалро беҳтар месуруд ва баёни бисёр латифу шӯрангез ва равону салис дорад. Пас аз он дар маснавӣ пас аз ақсоми дигар забардаст буда ва қасоиди вай чандон устодона нест».

Дигар ин ки алайҳи бештари шоирони маснависаро Бадриддин Ҳилолӣ маснавиҳояшро барои тамаллуққорӣ ва ё мувосо ба шоҳе, ҳокиме ё мансабдоре муҳр нагузоштаву тақдим накардааст. Вай васфи дурӯғинро барои худ ор дониста мегӯяд:

*Шодам, ки дар ин се баҳри асрор*
*Бар сангдилон наям гуҳарбор.*
*Ман нома ба номи кас накардам,*
*Инъоми касе ҳавас накардам.*
*Ҳайф аст, ки номаҳои номӣ*
*Гардад зи тамаъ хати ғуломӣ!*
*Афсӯс, ки фозилони олам*
*Бар сифла ниҳанд номи Ҳотам.*
*Сад ҳайф, ки шоирони фозил*
*Аллома кунанд васфи ҷоҳил!...*

Худи ҳамин абёт аз кулли осори Бадриддин Ҳилолӣ кофист бигӯем, ки шоир ба замонаи пурошӯб ва сифлапарвари он нафрати беандоза дошт. Ошкорбаёнӣ ва ҷасорати шоири исёнгар боис шуда, ки рақибон чашми дидани ӯро надоштанду ҳасудон ба сӯяш санг меандохтанд ва ҳокимон тарҳи аз байн бурданашро доштанду билохира онро амалӣ ҳам намудаанд. Вале осори зиқимати шоир ба ӯ умри бардавом дод, ки имрӯз ҳам вай

дар ҷомеаи мо зинда асту зиндагӣ дорад ва ахлоқи ҳамидаи хаёлан тасвиркардааш дар ҷомеаи мо амалӣ гардидааст.

Ниҳоят, арзишмандтарин хусусияти эҷодиёти Бадриддин Ҳилолӣ, дар баробари тараннуми ишқи пок, андешаҳояшро бо забони содаву равон ва ноби форсии дарии тоҷикӣ ҷаззобу латифу зебо баён кардани ӯст. Дар забони баёни мавсуф калимаву таркибу ибороти ғайр кам ба назар мерасад. Шоири сарояндаи ишқи заминӣ аз киняву ташбеҳоти мураккабу душворфаҳм ва ғ. худдорӣ намуда, ашъори дилписандашро ба дили мардум наздик эҷод кардааст. Ҳамин аст, ки аз замони эҷод то ба имрӯз ғазалҳои дилошӯби ӯро ҳофизон ба навои «Шашмақом» ҷӯр намуда месароянд ва шунавандагон аз онҳо лаззатҳои маънавӣ мебардоранд. То зиндагӣ баҷову барпост, ашъори ноби ошиқонаи Бадриддин Ҳилолӣ ғулғула бар дили ошиқон хоҳад андохт ва ононро ба роҳи ишқи ҳақиқӣ раҳнамоӣ хоҳад намуд.

***Алии Муҳаммадии Хуросонӣ,***
***адабиётшинос***

# ҒАЗАЛИЁТ

* * *

Маҳи ман, ба ҷилвагоҳе, ки туро шунудам он ҷо,
Ҷигарам зи ғусса хун шуд, ки чаро набудам он ҷо?

Гаҳи саҷда хоки роҳат ба сиришк мекунам гил,
Ғараз он, ки дер монад асари суҷудам он ҷо.

Ману хоки остонат, ки ҳамеша сурхрӯям,
Ба ҳамин қадар, ки рӯзе рухи зард судам он ҷо.

Ба тавофи кӯят оям ҳама шаб ба ёди рӯзе,
Ки ниёзмандии худ ба ту менамудам он ҷо.

Пас аз ин ҷафои хубон зи касе вафо наҷӯям,
Ки дигар касе намонда, ки наёзмудам он ҷо.

Ба сари раҳаш, Ҳилолӣ, зи ҳалоки ман киро ғам?
Чу тафовуте надорад адаму вуҷудам он ҷо.

* * *

Саъй кардам, ки шавад ёр зи ағёр ҷудо,
Он нашуд оқибату ман шудам аз ёр ҷудо.

Аз ман имрӯз ҷудо мешавад он ёри азиз,
Ҳамчу ҷоне ки шавад аз тани бемор ҷудо.

Гар ҷудо монам аз ӯ, хуни маро хоҳад рехт
Дили хунгашта ҷудо, дидаи хунбор ҷудо.

Зери девори сароят тани коҳидаи ман
Ҳамчу коҳест, ки афтода зи девор ҷудо.

Ман ки як бор ба васли ту расидам ҳама умр,
Кай тавонам, ки шавам аз ту ба якбор ҷудо?

Дӯстон, қимати суҳбат бишиносед, ки чарх
Дӯстонро зи ҳам андохта бисёр ҷудо.

Ғайр аз он маҳ, ки Ҳилолӣ ба висолаш нарасид,
Мо дар ин боғ надидем гул аз хор ҷудо.

* * *

Эй нури Худо дар назар аз рӯйи ту моро,
Бигзор, ки дар рӯйи ту бинем Худоро.

То накҳати ҷонбахши ту ҳамроҳи сабо шуд,
Хосийяти Исост дами боди саборо.

Ҳарчанд ки дар роҳи ту хубон ҳама хоканд,
Ҳайф аст, ки бар хок ниҳӣ он кафи поро.

Пеши ту дуо гуфтаму дашном шунидам,
Ҳаргиз асаре беҳтар аз ин нест дуоро.

Мехостам, осуда ба кунҷе бинишинам,
Болои ту ногоҳ барангехт балоро.

Он рӯз, ки таълими ту мекард муаллим,
Бар лавҳи ту match нанвишт магар ҳарфи вафоро?

Гар ёр кунад майли Ҳилолӣ, аҷабе нест,
Шоҳон, чӣ аҷаб, гар бинавозанд гадоро?

* * *

Ба чашми лутф агар бинӣ гирифторони расворо,
Ба мо ҳам гӯшаи чашме, ки расво кардаӣ моро.

Пас аз мурдан нахоҳам сояи тӯбӣ, вале хоҳам,
Ки рӯзе соя дар хокам фитад он сарвболоро.

Ҳазар кун аз дами сарди рақиб, эй навгули хандон,
Ки аз боди хазон офат расад гулҳои раъноро.

Дило, то метавон, имрӯз фурсатро ғанимат дон,
Ки дар олам намедонад касе аҳволи фардоро.

Зулоли Хизр бошад хоки поят, ҷойи он дорад,
Ки завқи хокбӯсӣ бар замин орад Масеҳоро.

Ҳилолиро чӣ ҳадди он, ки бар моҳи рухат бинад?
Ба ишқи нотамоми ӯ чӣ ҳоҷат рӯи зеборо?

* * *

Зи рӯи меҳр агар рӯзе бибинӣ як-ду шайдоро,
Ба мо ҳам гӯшаи чашме, ки шайдо кардаӣ моро.

Ба ҳар ҷо по ниҳӣ, он ҷо ниҳам сад бор чашми худ,
Чӣ бошад, оҳ, агар як бор бар чашмам ниҳӣ поро?

Маро гар дар таманнои ту ояд сад бало бар сар,
Зи сар берун нахоҳам кард ҳаргиз ин таманноро.

Чу дар бозори ҳусн аз як тараф пайдо шудӣ ногаҳ,
Харидорони Юсуф бартараф карданд савдоро.

Шунидам ин, ки фардо моҳи ман азми сафар дорад,
Бимирам кош имрӯзат, набинам рӯи фардоро.

Ҳилолиро ба як дидан ғуломи хештан кардӣ,
Аҷаб биноие кардӣ, бинозам чашми биноро.

* * *

Аз он танҳоии мулки ғарибӣ шуд ҳавас моро,
Ки рӯзе чанд нашносем мо касрову кас моро.

Зи дасти мо агар побӯси хубон барнамеояд,
Ҳамин давлат, ки хоки пои эшонем, бас моро.

Ба роҳи маҳмили ҷонон чунон бехуд наем имшаб,
Ки ҳуши рафта боз ояд ба фарёди ҷарас моро.

Ба оби чашми мо парварда шуд хору хаси кӯяш,
Вале гулҳои ҳасрат медамад з-он хору хас моро.

Гар аз дил ҳар нафас ин оҳи оламсӯз бархезад,
Касе дигар нахоҳад сохт бо худ ҳамнафас моро.

Зи дасти мо кашидӣ турраву сад ҷо гираҳ бастӣ,
Ки кӯтаҳ гардаду дигар набошад дастрас моро.

Ҳилолӣ, рӯзгоре шуд, ки дур аз гулшани рӯяш
Фалак дилтанг медорад чу мурғони қафас моро.

*   *   *

Гаҳ-гаҳам хонию гӯӣ, ки чӣ ҳол аст туро?
Ҳоли ман ҳоли сагон, ин чӣ суол аст туро?

Мекунам ёди туву меравам аз ҳол ба ҳол,
Ман ба ин ҳолу напурсӣ, ки чӣ ҳол аст туро?

Солҳо шуд, ки хаёли камарат мебандам,
Ҳаргизам ҳеч нагуфтӣ: Чӣ хаёл аст туро?

Эй гули боғи латофат, зи хазон эмин бош,
Ки ҳанӯз аввали наврӯзи ҷамол аст туро.

Васфи ҳусни ту чӣ гӯям, ки зи асбоби ҷамол
Ҳар чӣ бояд, ҳама дар ҳадди камол аст туро.

Навбати кавкабаи моҳи ман аст, эй хуршед,
Беш аз ин ҷилва макун, вақти завол аст туро.

Умр бигзашт, Ҳилолӣ, ба умеди даҳанаш,
Худ бигӯ, ин чӣ таманнои муҳол аст туро?

*   *   *

Тарки ёрӣ кардию ман ҳамчунон ёрам туро,
Душмани ҷонию аз ҷон дӯсттар дорам туро.

Гар ба сад хори ҷафо озурда созӣ хотирам,
Хотири нозук ба барги гул наёзорам туро.

Қасди ҷон кардӣ, ки яъне, даст кӯтаҳ кун зи ман,
Ҷон ба каф бигзораму аз даст нагзорам туро.

Гар бурун оранд ҷонамро зи хилватгоҳи дил,
Нест мумкин, ҷони ман, к-аз дил бурун орам туро.

Як-ду рӯзе сабр кун, эй ҷони барлабомада,
З-он ки хоҳам дар ҳузури дӯст биспорам туро.

Инчунин, к-аз савти мутриб базми айшам пурсадост,
Мушкил, огоҳӣ расад аз нолаи зорам туро.

Гуфтаӣ: Хоҳам Ҳилолиро ба коми душманон,
Ин сазои ман, ки бо худ дӯст медорам туро.

* * *

Ман кистам, то ҳар замон пеши назар бинам туро?
Гоҳе назар кун сӯи ман, то даргузар бинам туро.

Афтода бар хоки дарат, хуш он ки ой бар сарам,
Ту зери по бинию ман болои сар бинам туро.

Як бор бинам рӯйи ту, дилро чӣ сон таскин диҳам?
Таскин наёбад ҷони ман, сад бор агар бинам туро.

Аз диданат бехуд шудам, биншин ба болинам даме,
То чашми худ бикшояму бори дигар бинам туро.

Гуфтӣ, ки ҳар кас як назар бинад маро, ҷон медиҳад,
Ман ҳам ба ҷон дар хидматам, гар як назар бинам туро.

Сад бор оям сӯи ту, то ошно гардӣ ба ман,
Ҳар бор аз бори дигар бегонатар бинам туро.

То кай Ҳилолиро чунин з-ин моҳ медорӣ ҷудо?
Ё Раб, ки эй чархи фалак, зеру забар бинам туро!

*   *   *

Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро,
Хоҳам аз ҷон хуштаре бошад, ки он гӯям туро.

Ман чӣ гӯям, к-ончунон бошад, ки ҳадди ҳусни туст?
Ҳам ту худ фармо, ки чунӣ, то чунон гӯям туро.

Ҷони ман, бо он ки хос аз баҳри куштан омадӣ,
Соате биншин, ки умри ҷовидон гӯям туро.

То рақибонро набинам хушдил аз ғамҳои хеш,
Аз ту бинам ҷавру бо худ меҳрубон гӯям туро.

Баски мехоҳам, ки бошам бо ту дар гуфтушунид,
Як сухан гар бишнавам, сад достон гӯям туро.

Қиссаи душвори худ пеши ту гуфтан мушкил аст,
Мушкиле дорам, намедонам, чӣ сон гӯям туро?

Ҳар куҷо рафтӣ, Ҳилолӣ, оқибат расво шудӣ,
Ҷои он дорад, ки расвои ҷаҳон гӯям туро.

*   *   *

Ёри мо ҳаргиз наёзорад дили ағёрро,
Гул саросар оташ аст, аммо насӯзад хорро.

Дигар аз бетоқатӣ хоҳам гиребон чок зад,
Чанд пӯшам синаи решу дили афгорро?

Бар мани озурда раҳме кун, Худоро, эй табиб,
Марҳаме неҳ, к-аз дилам берун барад озорро.

Боғи ҳуснат тоза шуд аз дидаи гирёни ман,
Чашми ман оби дигар дод он гули рухсорро.

Рӯзи ҳаҷр аз хотирам андешаи васлат нарафт,
Орзуи сиҳҳат аз дил кай равад беморро?

Ҳоли худ гуфтӣ, бигӯ бисёру андак, ҳар чӣ ҳаст,
Сабри андакро бигӯям ё ғами бисёрро?

Дидани дидори ҷонон давлате бошад азим,
Аз Худо хоҳам, Ҳилолӣ, давлати дидорро.

* * *

Ман киям, бӯса занам соиди зебояшро?
Гар маро даст диҳад, бӯса занам пояшро.

Чашми нопок бар он чеҳра дареғ аст, дареғ,
Дидаи поки ман авлост тамошояшро.

Ноз меборад аз он сарви саҳӣ сар то по,
Ин чӣ ноз аст? Бинозам қаду болояшро.

Хоҳам аз ҷомаи ҷон хилъати он сарви равон,
То дар оғӯш кашам қомати раънояшро.

Ҷои ӯ дидаи хунбор шуд, эй ашк, бирав,
Ҳар дам аз хуни дил оғушта макун ҷояшро.

Ҳеч кас дил ба харидории ёре надиҳад,
Ки ба ҳам барназанад ҳусни ту савдояшро.

З-он ду лаб ҳаст таманнои Ҳилолӣ сухане,
Кош гӯӣ, ки бароранд таманнояшро.

* * *

Орзуманди туам, бинмой рӯи хешро,
В-арна аз ҷонам бурун кун орзуи хешро.

Ҷон дар он зулф аст, камтар шона кун, то нагсилӣ
Ҳам раги ҷони маро, ҳам тори мӯи хешро.

Хубрӯро хӯи бад лоиқ набошад, ҷони ман,
Ҳамчу рӯи хеш некӯ соз хӯи хешро.

Чун ба кӯят хок гаштам, поймолам сохтӣ,
Поя бар гардун расондӣ хоки кӯи хешро.

Он на шабнам буд резон вақти субҳ аз рӯи гул,
Гул зи шармат рехт бар хок оби рӯйи хешро.

Мурдаам, исодаме хоҳам, ки ёбам зиндагӣ,
Ҳамраҳи боди сабо бифрист бӯи хешро.

Борҳо гуфтам: Ҳилолӣ, тарки хубон кун, вале
Ҳеч таъсире надидам гуфтугӯи хешро.

* * *

Ёр чун дар ҷоми май бинад рухи гулфомро,
Акси рӯяш чашмаи хуршед созад ҷомро.

Ҷоми май бар дасти ман неҳ, номи нек аз ман маҷӯй,
Некномӣ худ чӣ кор ояд мани бадномро?

Соқиё, ҷому қадаҳро субҳу шом аз каф манеҳ,
К-инчунин хуршеду моҳе нест субҳу шомро.

Фитнаангез аст даврон, ҷоми май дар гардиш ор,
То набинам фитнаҳои гардиши айёмро.

Аз Худо хоҳад Ҳилолӣ дамбадам ҷоми нишот,
Ку ҳарифе, то ба соқӣ гӯяд ин пайғомро?

* * *

Як-ду рӯзе мегузорад ёри ман танҳо маро,
Ваҳ, ки ҳиҷрон мекушад имрӯз ё фардо маро!

Шаҳр дилгир аст, то оҳанги саҳро кард ёр,
Меравам, шояд ки бикшояд дил аз саҳро маро.

Ёр он ҷову ман ин ҷо, ваҳ, чӣ бошад, гар фалак
Ёрро ин ҷо расонад ё барад он ҷо маро?

Нола камтар кун, дило, пеши сагонаш баъд аз ин,
Чанд созӣ дар миёни мардумон расво маро?

Ғайри бадномӣ надорам суде аз савдои ишқ,
Мояи бозори расвоист ин савдо маро.

Мекушам гуфтӣ Ҳилолиро ба истиғнову ноз,
Оре, оре, мекушад он нозу истиғно маро.

* * *

Бе ту чандон ки меҳнат аст маро,
Бо ту чандон муҳаббат аст маро.

Мурдаму сӯи ман наменигарӣ,
Бинигар, к-ин чӣ ҳасрат аст маро!

Рух ниҳуфтӣ, вале ба дидаи дил
Дар ҷамоли ту ҳайрат аст маро.

Нисбати ман чӣ мекунӣ ба рақиб?
Бо рақибат чӣ нисбат аст маро?

Хор шуд бар дарат Ҳилолию гуфт:
Ин на хорист, иззат аст маро.

* * *

Шавқи дарун ба сӯи даре мекашад маро,
Ман худ намеравам, дигаре мекашад маро.

Бо он мадад, ки ҷазбаи ишқи қавӣ кунад,
Дигар ба ҷои пурхатаре мекашад маро.

Тухматкаши салоҳаму з-ин луъбатон мудом
Хотир ба лаъби ишвагаре мекашад маро.

Сад мили оташин ба гуноҳи нигоҳи гарм
Дар дида тезии назаре мекашад маро.

Хокам магар ба ҷониби худ мекашад, ки дил
Бехуд ба хоки раҳгузаре мекашад маро.

Ман, он қадар ки ҳаст тавон, пой мекашам,
Имдоди дӯст ҳам қадаре мекашад маро.

Аз бори ғам чу якшаба моҳе ба зери кӯҳ
Шакли ҳилолии камаре мекашад маро.

*   *   *

Гуфтугӯи ақл дар хотир фурӯ н-ояд маро,
Бандаи султони ишқам, то чӣ фармояд маро.

Баски кардам гиря пеши мардуму суде надошт,
Баъд аз ин бар гиряи худ ханда меояд маро.

Бастаи зулфи парирӯён шудан аз ақл нест,
Лек ман девонаам, занҷир мебояд маро.

Ваъдаи васли туам дод андаке таскини дил,
То рухи хубат набинам, дил наёсояд маро.

Ваҳ, ки хоҳад шуд, Ҳилолӣ, хонаи умрам хароб,
Ҷони ғамфарсуда чанд аз ғам бифарсояд маро?

*   *   *

Эй шаҳсавори ҳусн, сарафроз кун маро,
Эй ман сагат, ба сӯи худ овоз кун маро.

То бо ту роз гӯяму фориғ шавам даме,
Баҳри Худо, ки ҳамдаму ҳамроз кун маро.

Лутфи ту муъҷизест, ки бар мурда ҷон диҳад,
Лутфе намову зинда зи эъҷоз кун маро.

Чун кокули ту чанд тавон гашт бар сарат?
Теғе бигиру аз сари худ боз кун маро.

Соқӣ, ҳалокам аз ҳаваси пойбӯси ту,
Дар пойи хеш масти сарандоз кун маро.

Нозе бикун, ки бехабар афтам ба хоку хун,
Яъне ки нимкуштаи он ноз кун маро.

Ҷоно, ба ғамза сӯи Ҳилолӣ назар фикан
В-аз ҷон ҳалоки ғамзаи ғаммоз кун маро.

* * *

З-он пештар ки ақл шавад раҳнамун маро,
Ишқи ту раҳ намуд ба кӯи ҷунун маро.

Ҳам сина шуд пуроташу ҳам дида шуд пуроб,
Дар обу оташ аст даруну бурун маро.

Шӯхе ки буд мурдани ман коми ӯ, куҷост?
То бар муроди хеш бибинад кунун маро.

Хоки дарат зи қатли ман оғушта шуд ба хун,
Охир фиканд ишқи ту дар хоку хун маро.

Чашмат, ки сабру ҳуши Ҳилолӣ ба ғамза бурд,
Хоҳад фасона сохтан аз як фусун маро.

* * *

Ҳаст орзуи куштани он тундхӯ маро,
Гар ӯ накушт, мекушад ин орзу маро.

Ҷони ман аз ҷудоии он маҳ ба лаб расид,
Эй вой, агар фалак нарасонад ба ӯ маро.

Бо завқи ҷустуҷӯи ту осудахотирам,
Осудагӣ мабод аз ин ҷустуҷӯ маро.

Нанг аст ошиқони ҷаҳонро зи номи ман,
Ошиқ магӯй, ҳар чӣ тавонӣ, бигӯ маро.

Гуфтӣ, ки оби рӯи Ҳилолӣ сиришки ӯст,
Расвои халқ мекунад ин оби рӯ маро.

* * *

Зи сӯзи сина ҳар дам чанд пӯшам доғи ҳиҷронро?
Дигар тоқат надорам, чок хоҳам зад гиребонро.

Бизан як ханҷару аз дарди ҷон кандан халосам кун,
Чаро душвор бояд кард бар ман кори осонро?

Намехоҳам, ки хат болои он лаб соя андозад,
Ки бе зулмат сафои дигар аст он оби ҳайвонро.

Ба зулфат баста шуд дилҳои муштоқон, биҳамдиллаҳ,
Аҷаб ҷамъийяте рӯзӣ шуд ин ҷамъи парешонро.

Касе чун ҷон барад з-ин кофирони сангдил, ё Раб?
Ки дар як лаҳза мерезанд хуни сад мусулмонро.

Табибо, то ба кай бар захми пайконаш ниҳӣ марҳам?
Бирав, магзор дигар марҳаму бигзор пайконро!

Ҳилолӣ, дил манеҳ бар шеваи он шӯхи ошиққуш,
Сухан бишав, вагарна бар сари дил мекунӣ ҷонро.

*   *   *

Ниҳодӣ бар дилам доғи фироқу сӯхтӣ ҷонро,
Ба доғу дарди дурӣ чанд сӯзӣ дардмандонро?

Манеҳ з-ин бештар чун лола доғе бар дили хунин,
Ки аз дасти ту охир чок хоҳам зад гиребонро.

Шудам дар ҷустуҷӯи каъбаи васлат, надонистам,
Ки ҳамчун ман бувад саргашта бисёр ин биёбонро.

Агар чашми Хизир бар лаъли ҷонбахши ту афтодӣ,
Ба умри худ накардӣ ёд ҳаргиз оби ҳайвонро.

Хуш он бошад, ки дар ҳангоми васли ӯ супорам ҷон,
Маозаллоҳ аз он соат, ки бинам рӯи ҳиҷронро.

*   *   *

Ба рӯзи ғам сагаш хоҳам, ки пурсад хоксоронро,
Ки ёрон дар чунин рӯзе ба кор оянд ёронро.

Аҷаб хоре халид аз навгуле дар синаи решам,
Ки бурд аз хотири ман хор-хори гулъизоронро.

Зи ноз имрӯз бо ағёр хандон меравад он гул,
Дареғо, тоза хоҳад кард доғи дилфигоронро.

Ба сад уммед азми кӯи ӯ доранд муштоқон,
Худовандо, ба уммеде расон уммедворонро.

Ту, эй фориғ, ки азми боғ дорӣ, сӯи мо бигзар,
Ки дар хуни ҷигар чун лола бинӣ доғдоронро.

Агар ман булбулам, аммо ту он гулбарги хандонӣ,
Ки аз боғи ту бӯе бас бувад ҷун ман ҳазоронро.

Ҳилолӣ кист, к-он маҳ тавсан ангезад ба қатли ӯ?
Ба хуни инчунин сайде чӣ ҳоҷат шаҳсаворонро?

* * *

Ба чӣ нисбат кунам он сарвқади дилҷӯро?
Ҳар чӣ гӯям, беҳ аз он аст, чӣ гӯям ӯро?

Машнав, аз баҳри Худо, дар ҳақи ман қавли рақиб,
Ки накӯ нест шунидан хабари бадгӯро.

Он ки бадхӯи маро дод чунон рӯи накӯ,
Кошкӣ хӯи накӯ ҳам диҳад он бадхӯро.

Теғ бар ман чӣ занӣ? Ҳайф, ки ҳамчун ту касе
Баҳри озори касе ранҷа кунад бозуро.

Чашмат оҳуст, назар сӯи рақибон мафикан,
Панд бишнав, ба сагон ром макун оҳуро.

Баски дорам аламе бар дил аз озурдани ӯ,
Шаб ҳама шаб ба хасу хор ниҳам паҳлӯро.

Чун Ҳилолӣ сифати рӯи накӯ гӯяму бас,
Ки басе муътақидам ин сифати некӯро.

*    *    *

Гаҳ намак резад ба хум, гаҳ бишканад паймонаро,
Муҳтасиб то чанд дар шӯр оварад майхонаро?

Ҳар кучо шабҳо зи сӯзи хеш гуфтам шаммае,
Шамъро бигдохтам, оташ задам парвонаро.

Қиссаи пинҳони мо афсона шуд, ин ҳам хуш аст,
Пеши ӯ шояд рафиқе гӯяд ин афсонаро.

Ин ҳама бегонагӣ бо ошноён бас набуд,
К-ошнои хеш кардӣ мардуми бегонаро?

Аз Ҳилолӣ дигар, эй носиҳ, хирадмандӣ мачӯй,
Беш аз ин таклифи ҳушёрӣ макун девонаро.

*    *    *

Эй шӯх, макуш ошиқи хунинҷигареро,
Шӯхӣ макун, ангор, ки куштӣ дигареро.

Хоҳӣ, ки зи ҳар сӯ назаре сӯи ту бошад,
Зинҳор маранҷон дили соҳибназареро.

З-ин пири фалак ҳеч касе ёд надорад,
Эй тозаҷавон, ҳамчу ту зебописареро.

Рӯзе ки дари васл ба рӯям бикушоӣ,
Аз олами боло бикушоянд дареро.

Сар хок шуд аз саҷдаи он кофари бадкеш,
То чанд парастам зи Худо бехабареро?

Аз гӯшаи майхона бурун ой, Ҳилолӣ,
Шояд, ки бибинем бути ҷилвагареро.

* * *

Дидем зи ёрони вафодор басеро,
Лекин чу сагони ту надидем касеро.

Қатъи ҳавасу тарки ҳаво кун, ки дар ин роҳ
Чандон асаре нест ҳавову ҳавасеро.

Фарёд, ки фарёд кашидему надидем
Дар бодияи ишқи ту фарёдрасеро!

То аз лаби ширин магасон ком гарифтанд,
Гиранд беҳ аз хайли малоик магасеро.

Гар аз назар афтод рақибат, аҷабе нест,
Дар дидаи худ раҳ натавон дод хасеро.

Пеши сагаш ин оҳу фиғон чист, Ҳилолӣ?
Аз худ макун озурда чунин ҳамнафасеро.

* * *

Биҳамдиллаҳ, ки сиҳҳат дод Эзад подшоҳеро,
Баровард аз сари нав бар сипеҳри ҳусн моҳеро.

Маозаллоҳ, агар мекост як ҷав хирмани ҳуснаш,
Ба боди нестӣ медод ҳар барги гиёҳеро.

Чу по бардоштӣ, эй наргиси раъно, ба ғаммозӣ
Қадам оҳиста неҳ, дигар маранҷон хоки роҳеро.

Ба шукри он ки шоҳи маснади ҳуснӣ ба сад иззат,
Марон аз хоки роҳи худ ба хорӣ додхоҳеро.

Чу беморанд чашмони ту, хун кам метавон кардан,
Чаро ҳар лаҳза мерезанд хуни бегуноҳеро?

Саҳисарви риёзи ҳусн чун сарсабзу хуррам шуд,
Чӣ нуқсон, гар хазон пажмурда месозад гиёҳеро?

Ҳилолиро фидои он шаҳи хубон кун, эй гардун,
Чаро бетоб медорӣ маҳи анҷумсипоҳеро?

* * *

Биномезад, миёни мардумон он тундхӯ бо мо,
Чӣ хуш бошад, ки мо дар гӯшае бошему ӯ бо мо.

Зи бадхӯӣ ба мо ҷангу ба ағёр оштӣ дорад,
Чӣ дорад, ё Раб, ин бегонахӯи ҷангҷӯ бо мо?

Кунун худ аз накӯрӯӣ чӣ ба мо мекунад ҳар дам,
Ки гӯям, то чӣ хоҳад кард з-он хӯи накӯ бо мо.

Ба кӯят омадему орзуи мо нашуд ҳосил,
Зи кӯят меравем инак, ҳазорон орзу бо мо.

Агар паҳлӯи мо аз таънаи ағёр наншинӣ,
Чунин ҷое нишин боре, ки бошӣ рӯбарӯ бо мо.

Рақибо, гуфтугӯи ишқро ҳамдард мебояд,
Худоро, чун ту бедардӣ, макун ин гуфтугӯ бо мо!

Ҳилолӣ, дар раҳи ишқ аст аз ҳар сӯ ғами дигар,
Аҷаб роҳе, ки ғам рӯ кардааст аз чор сӯ бо мо.

*   *   *

Чанд нодида кунӣ, оҳ, чӣ дидӣ аз мо,
Нашнавӣ зории мо, ваҳ, чӣ шунидӣ аз мо?

Охир, эй оҳуи мушкин, чӣ хато рафт, ки ту
Бо ҳама унс гирифтию рамидӣ аз мо?

Ҳайф бошад, ки чу гул бар кафи ҳар хор ниҳӣ
Доманеро, ки ба сад ноз кашидӣ аз мо.

Коми ҷонрост ба бозори ғамат сад талхӣ,
Ки ба як ишваи ширин нахаридӣ аз мо.

Буд мақсуди ту озурдани мо, шукри Худо,
Ки ба мақсуди дили хеш расидӣ аз мо.

Инак ин ҷони ситамдида, ки мехост дилат,
Инак он дил, ки ба ҷон металабидӣ аз мо.

Мо ба меҳрат чу Ҳилолӣ дилу ҷонро бастем,
Ту ба шамшери ҷафо меҳр буридӣ аз мо.

*   *   *

Наметавон ба ҷафо қатъи дӯстдории мо,
Ки аз ҷафои ту беш аст бо ту ёрии мо.

Басе чу абри баҳорон гиристему ҳанӯз
Гуле наруст зи боғи умедвории мо.

Ба чашми чун ту азизе шудем хор, вале
Зи иззати дигарон беҳтар аст хории мо.

Ғубори кӯи ту моро зи чеҳра дур мабод,
Ки бо ту мекунад изҳори хоксории мо.

Зи ҳоли зори Ҳилолӣ шабе ки ёд кунам,
Фалак ба нола дарояд зи оҳу зории мо.

* * *

Ману бедории шабҳову шаб то рӯз «ё Раб»-ҳо,
Набинад ҳеч кас дар хоб, ё Раб, инчунин шабҳо!

Кушодӣ то лаби ширин ба дашноми дуогӯён,
Дуо мегӯяму дашном мехоҳам аз он лабҳо.

Худоро, ҷони ман, бар хоки муштоқон гузоре кун,
Ки дар хок аз таманнои ту шуд фарсуда қолабҳо.

Сияҳрӯзони ҳиҷронро чӣ ҳосил бе ту аз хубон,
Ки рӯзи тираро хуршед мебояд, на кавкабҳо.

Муаллим ғолибан имрӯз дарси ишқ мегӯяд,
Ки дар фарёд мебинем тифлонро ба мактабҳо.

Шавад гар аҳли мазҳабро хабар аз машраби риндон,
Бигардонанд мазҳабҳо, биёмӯзанд машрабҳо.

Ҳилолӣ бо қади чун ҳалқа бошад хоки майдонат,
Касе нашносад ӯро аз нишони наъли маркабҳо.

* * *

Ман ҳамчу гулзори Ирам, гул-гул туро рухсорҳо
В-аз орзуи ҳар гуле дар сина дорам хорҳо.

Гар бе ту бикшоям назар бар ҷониби гулзорҳо,
Аз хор дар чашмам фитад гулҳову аз гул хорҳо.

Дӣ хуб будӣ дар назар, имрӯз аз он ҳам хубтар,
Хубанд хубони дигар, аммо на ин микдорҳо.

Ту бо қади афрохта раҳ сӯи боғ андохта,
Сарв аз хиҷолат сохта ҷо дар паси деворҳо.

Мисри малоҳат ҷои ту, дар чор сӯ ғавои ту,
Ту Юсуфу савдои ту суди ҳама бозорҳо.

Сар дар раҳат бинҳодаам, дил дар ҳавоят додаам,
Ман тозакор афтодаам, кори ман аст ин корҳо.

Ҳар дам ба ҷустуҷӯи ту сад бор оям сӯи ту,
Ҳар бор пеши рӯи ту хоҳам, ки мирам борҳо.

Ман ҳамчу чанг аз арбада дар сина сад нохун зада,
Сад нолаи зор омада аз ҳар рагам чун торҳо.

Май нӯш бар тарфи чаман, наззора кун бар ёсуман,
То ман ба коми хештан бинам дар он рухсорҳо.

Эй маҳрами рози ниҳон, дар панди ман макшо забон,
К-аз ному номуси ҷаҳон дорад Ҳилолӣ орҳо.

*   *   *

Зи оби чашми ман гил шуд ба роҳи ишқ манзилҳо,
Надонам, то чӣ гулҳо бишкуфад охир аз ин гилҳо.

Шикастӣ аҳду бар дилҳои мискин сӯхтӣ доғе,
Зиҳӣ доғе, ки то рӯзи қиёмат монд бар дилҳо.

Ман аз хубон басе ғамҳои мушкил дидаам, лекин
Гами ҳиҷрон бувад мушкилтарини ҷумла мушкилҳо.

Сазад, гар бар сафи тобути мо гӯянд дар кӯяш:
Чаро к-аз манзили мақсуд барбастем маҳмилҳо?

Зи тӯфони сиришки худ ба гирдобе гирифторам,
Ки умри Нӯҳ агар ёбам, набинам рӯи соҳилҳо.

Чу он маҳ ёри ағёр аст, гирди ӯ магард, эй дил,
Чаро парвона бояд шуд барои шамъи маҳфилҳо?

Ҳилолӣ чун ҳарифи базми риндон шуд, бихон, мутриб:
«Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо».

*   *   *

Дило, завқе надорад давлати дунёву шодиҳо,
Хушо он дардмандиҳои ишқу номуродиҳо.

Ману Маҷнун ду мадҳушем, саргардон ба ҳар водӣ,
Бинин, к-охир ҷунун андохт моро дар чӣ водиҳо.

Дили ман ҷо гирифт аз эътиқоди пок дар кӯяш,
Бале, охир ба ҷое мекашад покэътиқодиҳо.

Чу умри худ надорам эътимоде бар вафои ту,
Чӣ умр аст ин, ки ман дорам бар ӯ хушэътимодиҳо?

Ба хуни дил саводи дидаро шустам, зиҳӣ ҳасрат,
Ки аз хаттат маро маҳрум кард ин бесаводиҳо.

Чу гум кардам дили худро, чӣ суд аз нолаву афғон?
Ки натвон ёфт ин гумгаштаро бо ин мунодиҳо.

Ҳилолӣ, дигарон аз васли ӯ шоданду ман ғамгин,
Хуш он рӯзе ки ман ҳам доштам з-ин гуна шодиҳо.

* * *

Гули рӯят арақ кард аз маи ноб,
Зи шабнам тоза шуд гулбарги сероб.

Ба ноз он чашмро аз хоб макшой,
Ҳамон беҳтар, ки бошад фитна дар хоб.

Таолаллаҳ, чӣ ҳусн аст ин, ки ҳар рӯз
Диҳад сарпанҷаи хуршедро тоб?

Зи по афтодам, охир, дасти ман гир,
Ҳамин гӯям: Маро дарёб, дарёб!

Чу дар сар майли абрӯи ту дорем,
Сари мо кай фуруд ояд ба меҳроб?

Баҳорон аз дари майхона магзар,
Аҷаб фаслест, ҷаҳди карда дарёб!

Ҳилолӣ, май ба рӯи моҳрӯён
Хуш ояд, хоса дар шабҳои маҳтоб.

* * *

Шаби ҳаҷр асту марги хеш хоҳам аз Худо имшаб,
Аҷал рӯзе чу сӯям хоҳад омад, гӯ: Биё имшаб.

Чунин дарде, ки ман дорам, нахоҳам зист то фардо.
Биё, биншин, ки ҷон хоҳам супурд имрӯз ё имшаб.

Дилу ҷоне ки буд, овора шуд дӯш аз ғами ҳиҷрон,
Дигар, ё Раб, ғами ҳиҷрон чӣ мехоҳад зи мо имшаб?

На сар шуд хоки даргоҳат, на по фарсуд дар роҳат,
Маро чун шамъ бояд сӯхт аз сар то ба по имшаб.

Шаб омад, боз дур афканд аз васлат Ҳилолиро,
Дареғо, шуд ҳилолу офтоб аз ҳам ҷудо имшаб.

* * *

Сар наметобам зи шамшери ҳабиб,
Ҳар чӣ ояд бар сари ман, ё насиб!

Дил ба дард омад мани бечораро,
Чораи дарди дилам кун, эй табиб!

Эй ки гӯӣ, чунию ҳоли ту чист?
Ман ғарибу ҳоли ман бошад ғариб.

То рақибат хаст, моро қадр нест,
Нест гардад, ё Раб, аз пешат рақиб!

Зор менолад Ҳилолӣ бе рухат,
Ончунон, к-аз ҳасрати гул андалеб.

* * *

Гар дуои дардмандон мустаҷоб аст, эй ҳабиб,
Аз Худо ҳаргиз паноҳам хост ҷуз марги рақиб.

Дарди беморию андӯҳи ғарибӣ мушкил аст,
Вои мискине, ки ҳам бемор бошад, ҳам ғариб!

Сар ба болинам зи дарди ҳаҷр наздик омадаст,
К-аз сари болини ман шарманда бархезад табиб.

Дигарон доранд ҳар як сад умед аз хони васл,
Ман зи дарди бенасибӣ чанд бошам бенасиб?

Эй сабо, ҷаҳде куну бикшо ниқоби ғунчаро,
То кай аз дидори гул маҳрум бошад андалеб?

З-он даҳон коми ман асту ҳаст пинҳон зери лаб,
Чашм медорам, ки коми ман барояд анқариб.

Чун Ҳилолӣ бе маҳи рӯят зи ҷон сер омадам,
Кас мабод аз кони васли моҳрӯён бенасиб!

* * *

Ман ба кӯят ошиқи зору дили ғамгин ғариб,
Чун зияд бечора ошиқ? Чун кунад мискин ғариб?

Пурсиши ҳоли ғарибон расму оин аст, лек
Ҳаст дар шаҳри шумо ин расму ин оин ғариб.

Дар хами зулфи каҷат дилҳо ғариб афтодаанд,
Зулфи ту шоми ғарибон асту мо чандин ғариб.

Вақти дашномам ба шаккарханда лаб бикшо, ки ҳаст
Дар миёни талх гуфтан хандаи ширин ғариб.

Сар зи болини ғарибе барнадорад то ба ҳашр,
Гар табибе чун ту ёбад бар сари болин ғариб.

Баски бошад шод ҳар кас бо рафиқон дар ватан,
Рӯ ба девори ғам орад хастаи ғамгин ғариб.

Бар сари кӯят Ҳилолӣ бас ғарибу бекас аст,
Охир,эй шоҳи ғарибон, лутф кун бар ин ғариб.

* * *

Эй шуда хӯи ту бо ман батар аз хӯи рақиб,
Рӯзам аз ҳаҷр сияҳ сохта чун рӯи рақиб.

Гуфта будӣ, ки саги мо зи рақиби ту беҳ аст,
Лек пеши ту беҳ аз мост саги кӯи рақиб.

Баски аз каъбаи кӯи ту маро монеъ шуд,
Гар ҳама қибла шавад, рӯ накунам сӯи рақиб.

Он ҳама чин, ки дар абрӯи рақибат дидам,
Кош, дар зулфи ту будӣ, на дар абрӯи рақиб.

То рақиб аз ту маро ваъдаи дашном овард,
Завқи ин мужда маро сохт дуогӯи рақиб.

Гар ба ҳар мӯи рақиб аз фалак ояд ситаме,
Он ҳама нест сазои сари як мӯи рақиб.

Ёр паҳлӯи рақиб асту ман аз рашк ҳалок,
Ғайр аз ин фоидае нест зи паҳлӯи рақиб.

Чун Ҳилолӣ агар аз пой фитодам, чӣ аҷаб?
Чӣ кунам? Нест маро қуввати бозуи рақиб.

* * *

Эй сари зулфи ту каманди ҳаёт,
Нест зи қадри ту умеди наҷот.

Оби ҳаётӣ туву хат бар лабат
Сабзаи тар бар лаби оби ҳаёт.

Шӯри ман аз хандаи ширини туст,
Реши диламро намак аст ин набот.

Хотири ошиқ зи ҷаҳон фориғ аст,
Маст надорад хабар аз коинот.

Тоза баротест хати сабзи ту,
Беҳ зи шаби қадр бувад ин барот.

Дод Ҳилолӣ ба вафои ту ҷон,
Ҷони дигар ёфт вале аз вафот.

* * *

Чист пироҳани он дилбари ширинҳаракот?
Ҳамчу сарчашмаи Хизр асту бадан оби ҳаёт.

Ин чӣ қаддасту чӣ рафтору чӣ ширин ҳаракот?
Гӯиё мавҷзанон мегузарад оби ҳаёт.

Гар ба ёди лаби ӯ захр диҳандам, ки бинӯш,
Талхии захр зи ҳар дар диҳадам завқи набот.

Ин чӣ моҳест, ки дар кулбаи торики ман аст?
Оби ҳайвон натавон ёфт чунин дар зулумот.

Баски аз нола дилам дӯш қиёмат мекард,
Арсаи кӯи туро сохт замини арасот.

Чанд гӯӣ зи сари ноз, ки ҷон деҳ ба вафо?
Ҷони ман, кори дигар нест маро ғайри вафот?

Раҳм бар ошиқи дарвеш надоранд бутон,
Ваҳ, ки дар мазҳаби ин сангдилон нест закот!

Монд бечора Ҳилолӣ ба каманди ту асир,
Ин муҳол аст, ки ӯро бувад имкони наҷот.

* * *

Ваҳ, чӣ умр аст ин, ки дар ҳаҷри ту бурдам оқибат,
Ҷони ширинро ба сад талхӣ супурдам оқибат.

Гар шикоят доштӣ аз нолаву дарди саре,
Рафтаму дарди сар аз кӯи ту бурдам оқибат.

Бар лаб омад ҷону дар дил ҳасрати теғат бимонд,
Ташналаб ҷон додаму обе нахурдам оқибат.

Баски омад чун қалам бар фарқи ман теғи ҷафо,
Номи худ аз тахтаи ҳастӣ сутурдам оқибат.

Гаштам аз хайли сагони ӯ биҳамдиллаҳ, ки ман
Дар ҳисоби мардумон худро шумурдам оқибат.

Эй ки мегӯӣ: Ҳилолӣ, ҳосили умри ту чист?
Солҳо ҷон кандам, аз ҳиҷрон бимурдам оқибат.

* * *

Дар офтоби рухаш оби бода тоб андохт,
Чӣ об буд, ки оташ дар офтоб андохт?

Ҳанӯз ҷилваи он ганҷи ҳусн пинҳон буд,
Ки ишқ фитна дар ин олами хароб андохт.

Қазо нигар, ки чу паймона сохт аз гили ман,
Маро ба ёди лабаш боз дар шароб андохт.

Фасонаи дигарон гӯш кард дар шаби васл,
Вале ба навбати ман хешро ба хоб андохт.

Биёву як нафас ороми ҷон шав аз раҳи лутф,
Ки орзуи ту ҷонро дар изтироб андохт.

Зи баҳри он, ки дил аз доми зулфи ӯ нараҳад,
Ба ҳар хаме гираҳ афкандy печу тоб андохт.

Надида буд Ҳилолӣ азоби дӯзахи ҳаҷр,
Балои ишқи ту ӯро дар ин азоб андохт.

* * *

Мо ошиқему бесарусомону майпараст,
Қониъ ба ҳар чӣ бошаду фориғ зи ҳар чӣ ҳаст.

Эй ринди ҷуръанӯш, туву меҳнати хумор,
Мову нишоти мастии ишқ аз маи аласт.

Дӣ он савори шӯх камар басту ҷилва кард,
Дар сурате, ки ҳар кӣ бидидаш, камар бибаст.

Ҳар кас ки дил ба дасти буте дод ҳамчу ман,
Санге гирифту шишаи номусро шикаст.

Дилҳо ки мебарӣ, ҳама помол мекунӣ,
Коре намекунӣ, ки диле оварӣ ба даст.

Чун абр дид ашки ман, аз шарм об шуд,
Чун барқ дид оҳи ман, аз инфиол ҷаст.

Охир чу раҳ наёфт Ҳилолӣ ба базми васл,
Маҳрум аз ҷамоли ту дар гӯшае нишаст.

* * *

Эй ки аз ёр нишон металабӣ, ёр куҷост?
Ҳама ёранд, вале ёри вафодор куҷост?

То напурсанд, ба хубон ғами дил натвон гуфт,
В-ар бипурсанд, бигӯ: Қуввати гуфтор куҷост?

Рафт он тозагулу монд ба дил хори ғамаш,
Гул куҷо ҷилвагару сарзаниши хор куҷост?

Сабр дар хонаи вайронаи дил ҳеч намонд,
Хоб дар дидаи ғамдидаи бемор куҷост?

Пор бар доғи дили сӯхта марҳам будӣ,
Ё Раб, имсол чӣ шуд, марҳамати пор куҷост?

Дар хароботи муғон ҳуш маҷӯед зи мо,
Ҳама мастем, дар ин майкада ҳушёр куҷост?

Беҳтар он аст, Ҳилолӣ, ки ниҳон монад роз,
Сирри худ фош макун, маҳрами асрор куҷост?

* * *

Эй ки мепурсӣ зи ман, к-он моҳро манзил куҷост,
Манзили ӯ дар дил аст, аммо надонам дил куҷост.

Ҷони пок аст он парирухсор аз сар то қадам
В-арна шакле инчунин дар нақши обу гил куҷост?

Носиҳо, ақл аз муқимони сари кӯяш махоҳ,
Мо ҳама девонаем, ин ҷо касе оқил куҷост?

Орзуи соқию пири муғон дорам басе,
Он ҷавони хубрӯ в-он муршиди комил куҷост?

Дар шаби васл аз фурӯғи моҳи гардун фориғам,
Инчунин моҳе ки ман дорам, дар он маҳфил куҷост?

Рӯзгоре шуд, ки аз фикри ҷаҳон дар меҳнатам,
Ё Раб, он рӯзе, ки будам аз ҷаҳон ғофил, куҷост?

Нест лаъли ӯ бурун аз чашми гавҳарбори ман,
Оре, оре, гавҳари мақсуд бар соҳил куҷост?

Чун Ҳилолӣ ҳосили мо дарди ишқ омад, бале,
Ишқбозонро ҳавои зуҳди беҳосил куҷост?

* * *

Рӯзи Наврӯз аст, сарви гулъизори ман куҷост?
Дар чаман ёрон ҳама ҷамъанд, ёри ман куҷост?

Мӯнисам ҷуз «оҳ»-у «ё Раб» нест шабҳо то ба рӯз,
Оҳу ё Раб, мӯниси шабҳои тори ман куҷост?

Гашта мардум ҳар яке имрӯз сайди чобуке,
Чобуки сайдафкани мардумшикори ман куҷост?

Нест як соат қарор ин ҷони беоромро,
Ё Раб, он ороми ҷони беқарори ман куҷост?

Сӯхт аз дарди ҷудоӣ дил ба уммеди висол,
Марҳами доғи дили уммедвори ман куҷост?

Рӯзгоре шуд, ки дур уфтодаам, охир, бипурс,
К-он сияҳрӯзи парешонрӯзгори ман куҷост?

Буд умре бар сари кӯят Ҳилолӣ хоки раҳ,
Рафт бар боду нагуфтӣ: Хоксори ман куҷост?

*   *   *

Эй боди субҳ, манзили ҷонони ман куҷост?
Ман мурдам, аз барои Худо, ҷони ман куҷост?

Шабҳои ҳаҷр ҳамчу мане кас ғариб нест,
Касро таҳаммули шаби ҳиҷрони ман куҷост?

Сар хок шуд бар он сари майдону ӯ нагуфт:
Гӯе ки буд дар хами мижгони ман, куҷост?

Хубон каманди ноз ба майдон фикандаанд,
Чобуксавори арсаи майдони ман куҷост?

То кай рақиб дастугиребон шавад ба ман?
Шӯхе, ки мегирифт гиребони ман, куҷост?

Хуш он ки чун ба сина зи пайкон нишон наёфт,
Тири дигар кашид, ки пайкони ман куҷост?

Аз нуҳ фалак гузашт, Ҳилолӣ, фиғони ман,
Бингар, ки ман куҷояму афғони ман куҷост!

*   *   *

Зи боғи умр аҷаб сарвқомате бархост,
Бигӯ, ки дар ҳама олам қиёмате бархост.

Саманди ишқ ба ҳар манзиле, ки ҷавлон кард,
Ғубори фитна зи гарди маломате бархост.

Муқими кӯи ту чун дар ҳарими Каъба нишаст,
Ба оҳи ҳасрату ашки надомате бархост.

Дилам ба роҳи маломат фитоду ин аҷаб аст,
Аҷабтар он ки зи кӯи саломате бархост.

Ба роҳи ишқ Ҳилолӣ фитода буд зи по,
Саманд макдами соҳибкаромате бархост.

* * *

Ҳар оташин гуле, ки ба атрофи хоки мост,
Аз оташи дилу ҷигари чок-чоки мост.

Доманкашон зи хоки шаҳидон гузаштаӣ,
Гарде ки домани ту гирифтаст, хоки мост.

Соқӣ, бирав, ки бодаи гулранг бе лабаш
Гар оби зиндагист, ки заҳри ҳалоки мост.

Пок аст ҳамчу домани гул чашми мо, вале
Домони ёр поктар аз чашми поки мост.

Деҳқони солхурда, ки поянда бод, гуфт:
Он аст оби Хизр, ки дар ҷӯи токи мост.

Дармони дил маҷӯй, Ҳилолӣ, ки дарди ишқ
Хос аз барои ҷону дили дардноки мост.

* * *

Акси он лабҳои майгун дар шароб афтодааст,
Ҳайрате дорам, ки чун оташ дар об афтодааст?

Зоҳир аст аз ҳалқаҳои зулфу моҳи оразат,
Дар миёни соя ҳар ҷо офтоб афтодааст.

Чун табиби ошиқонӣ, гаҳ-гаҳ ин дилхастаро
Пурсише мекун, ки бемору хароб афтодааст.

Булбул афғон мекунад ҳар лаҳза бар шохе дигар,
Ҷилваи гул дидаву дар изтироб афтодааст.

Чун Ҳилолиро ба хоки остонаш дид, гуфт:
Ин гадоро бин, ки бас оличаноб афтодааст.

* * *

Маҳ зи ҷаври фалак дуто шудааст,
Ё зи маҳ порае ҷудо шудааст.

Дил зи дастам шуду наёмад боз,
То ба дасти кӣ мубтало шудааст?

Зулфро беш аз ин ба бод мадеҳ,
Ки басе фитна дар ҳаво шудааст.

Нест гул дар чаман, ки бе рухи ту
Ғунчаро пираҳан қабо шудааст.

Бо Ҳилолӣ чӣ душманист туро?
Шеваи дӯстӣ куҷо шудааст?

* * *

Рафтаст азизи ману мактуб навиштаст,
Юсуф хабари хеш ба Яъқуб навиштаст.

Шуд номаи маҳбуб хати бандагии ман,
Ман бандаи он нома, ки маҳбуб навиштаст.

Гуфтаст: Бихонад саги он кӯй саломам,
Бингар, ки саломе ба чӣ услуб навиштаст.

Боз ин хати хубу рақами тоза балоест,
Ин тоза рақамро чӣ бало, хуб навиштаст!

Бар номасиёҳе талабад ояти раҳмат,
Мо толиби онем, ки матлуб навиштаст.

Бар сафҳаи рухсори ту он хатти диловез,
Ё Раб, қалами сунъ чӣ мағруб навиштаст.

Ёре ки ба ман нома навиштаст, Ҳилолӣ,
Исост, шифонома ба Айюб навиштаст.

* * *

Дорам шабе, ки дӯзах аз он шаб аломат аст,
Аз рӯи ман мапурс, ки он худ қиёмат аст.

Ё Раб, тараҳҳуме, ки зи санги ҷафои чарх
Мо дилшикастаему зи ҳар сӯ маломат аст.

Бар остони ишқ сари мо баланд шуд
В-ин сарбаландӣ аз қади он сарвқомат аст.

Рафтан зи кӯи ӯ кароме буд аз рақиб,
Ин ҳам ки рафту боз наёмад, каромат аст.

Собитқадам фитода Ҳилолӣ ба роҳи ишқ,
Ӯро дар ин тариқ аҷаб истиқомат аст.

*   *   *

Моҳи ман, ид асту шаҳреро назар бар рӯи туст,
Рӯи ту чун моҳи иду моҳи нав абрӯи туст.

Равшан он чашме, ки моҳи ид бар рӯи ту дид,
Шодии он кас, ки рӯзи ид дар паҳлӯи туст.

Меравад ҳар кас ба тавфи идгоҳ аз кӯи ту,
Ман зи кӯят чун равам, чун идгоҳам кӯи туст?

Дар сабоҳи ид агар машғули такбиранд халқ,
Бар забонам аз саҳар то шом гуфтугӯи туст.

Гар бияндозӣ хаданге аз камони абруят,
Бар дилу бар синаи ман миннати абрӯи туст.

Рӯзи иду моили хубон зи ҳар сӯ оламе,
Майли ман аз ҷумлаи хубони олам сӯи туст.

Ҳар касе ҳиндуи худро шод созад рӯзи ид,
Шод кун мискин Ҳилолиро, ки ӯ ҳиндуи туст.

*   *   *

Дилам ба синаи сӯзон мушавваш афтодаст,
Дил аз куҷо, ки дар ин хона оташ афтодаст.

Хушем бо ғами ишқат, ки вақти ӯ хуш бод,
Чӣ хуш ғамест, ки моро ба ӯ х(в)аш афтодааст.

Сафои бодаву рухсори сода ҳушам бурд,
Шаробу соқии мо ҳарду беғаш афтодаст.

Ба хатту хол рух оростию ҳайронам,
Ки ин саҳифа бағоят мунаққаш афтодаст.

Гаҳе ки бар сари ушшоқ ронд абраши ноз,
Кадом сар, ки на дар пои абраш афтодаст?

Ба расми туҳфа кашам накди умр дар пояш,
Вале чӣ суд, ки он сарв саркаш афтодаст.

Гирифт нури таҷаллӣ шаби Ҳилолиро,
Ки рӯи хуби ту дар ҷилва маҳваш афтодаст.

* * *

Ишқбозӣ чӣ бало фикри хатое будаст,
Ишқ худ ишқ набудаст, балое будаст.

Кош бинанд худобехаброн ҳусни туро,
То бидонанд, ки моро чӣ Худое будаст.

Дар диёре, ки гули рӯи туро парварданд,
Хуш баҳорею фараҳбахш ҳавое будаст.

Аҳд кардӣ, ки вафо пеша кунӣ, ҷаҳд бикун,
То бидонам, ки дар ин аҳд вафое будаст.

Боғи Фирдавс заминест, ки он ҷо рӯзе
Сарви гулпираҳане, тангқабое будаст.

Баъди мурдан ба сари турбати ман бинвисед,
К-«Ин аҷаб сӯхтаи бесарупое будаст».

Чораи дарди Ҳилолист балои ғами ишқ,
Ишқро дард магӯӣ, ки балое будаст.

* * *

Роҳи вафо пеш гир, к-он зи ҷафо хуштар аст,
Гарчи ҷафояш хуш аст, лек вафо хуштар аст.

Рӯи чу гулбарги ту аз ҳама гулҳо фузун,
Кӯи чу гулзори ту аз ҳама ҷо хуштар аст.

Ҳаҷри бутон нохуш аст, сарзаниши халқ низ,
Дидани рӯи рақиб аз ҳама нохуштар аст.

Бо рухаш, эй нақшбанд, даъвии сурат макун,
Санъати худро мабин, сунъи Худо хуштар аст.

Кош ба роҳат сарам суда шавад ҳамчу хок,
З-он ки чу ман ошиқе бесарупо хуштар аст.

Муҳтасиб, аз нуқлу май манъи Ҳилолӣ макун,
К-аз вараъу зуҳди ту шеваи мо хуштар аст.

* * *

Дилҳои мардумон ба нишоти ҷаҳон хуш аст,
Дар дил маро ғамест, ки хотир ба он хуш аст.

Чун нест хушдил аз тани зорам саги дараш,
Саг беҳтар аз касе, ки ба ин устухон хуш аст.

Хуш нест чашми мардуми бегона ҷои ёр,
Чун ёри ман парист, зи мардум ниҳон хуш аст.

Аз дард нола кардаму дармони ман накард,
Гӯё дилаш ба дарди мани нотавон хуш аст.

Султони мулки ҳастӣ бошад хаёли дӯст,
Ин салтанат ба кишвари мо ҷовидон хуш аст.

Носиҳ, иморати дили вайрони мо макун,
Бигзор, то хароб шавад, к-он чунон хуш аст.

Бар остони ёр Ҳилолӣ ниҳод сар,
Ӯро сари ниёз бар ин остон хуш аст.

* * *

Маро зи ишқи ту сад гуна меҳнату алам аст,
Ҳазор меҳнату бо меҳнате ҳазор ғам аст.

Агарчи бо мани мискин басе ҷафо кардӣ,
Зиёда соз ҷафоро, ки ин ҳанӯз кам аст.

Туӣ ҳаёти ману ман зи фурқатат бемор,
Биё, ки як-ду-се рӯзе ҳаёт муғтанам аст.

Биёву бар сари бемори худ даме биншин,
Марав, ки он чи таманнои туст, дамбадам аст.

Карам намудию бар ҷони ман ҷафо кардӣ,
Зи ҷониби ту маро ҳар чӣ мерасад, карам аст.

Ба зери пои ту афтоду хок шуд ошиқ,
Агарчи хок шуд, аммо ҳанӯз дар қадам аст.

Ҳилолӣ аз сари кӯят видоъ карду бирафт,
Ту зинда бош, ки ӯро азимати адам аст.

*  *  *

Ҷони ман, Аллаҳ, Аллаҳ, ин чӣ тан аст?
На тани туст, балки ҷони ман аст.

Ин ки гул дар арақ нишасту гудохт,
Ҳама аз инфиоли он бадан аст.

Сад сухан гуфтамат, бигӯ сухане,
К-ин ҳама аз барои як сухан аст.

Ҳаст дашноми талхи ту ширин,
Чун набошад, к-аз он лабу даҳан аст?!

Як шаб аз дар даро, ки моҳи рухат
Шамъи базму чароғи анҷуман аст.

Пеши рӯи ту шамъ дар фонус
Ҳаст он мурдае, ки дар кафан аст.

Куштию сӯхтӣ Ҳилолиро,
Ҳар чӣ кардӣ, ба ҷои хештан аст.

*  *  *

Ин ҳама лола, ки сар барзада аз хоки ман аст,
Пораҳои ҷигари сӯхтаи чоки ман аст.

Дарди ушшоқ зи дармони касе беҳ нашавад.
Хоса дарде, ки насиби дили ғамноки ман аст.

Устухонҳои ман аз хоки дараш бардоред,
Боғи Фирдавс чӣ ҷои хасу хошоки ман аст?

Ҳама касро ба ҷамолаш назаре ҳаст, вале
Лоиқи чеҳраи покаш назари поки ман аст.

Боғбон, чанд кунад пеши ман озодӣ сарв?
Сарви озод ғуломи бути чолоки ман аст.

Дӣ шунидам, ки яке хуни мусулмон мерехт,
Агар ин аст, ҳамон кофари бебоки ман аст.

Дӯстон, гар сари дармони Ҳилолӣ доред,
Шарбати заҳр биёред, ки тарёки ман аст.

*   *   *

Инчунин бераҳму сангиндил, ки ҷонони ман аст,
Кай дили ӯ сӯзад аз доғе, ки бар ҷони ман аст?

Носиҳо, беҳуда мегӯӣ, ки дил бардор аз ӯ,
Ман ба фармони дилам, кай дил ба фармони ман аст?

Дар илоҷи дарди ман кӯшиш мафармо, эй табиб,
З-он ки ҳар дарде ки аз ишқ аст, дармони ман аст.

Бедилонро нест ғайр аз ҷон супурдан мушкиле,
Он чи эшонрост мушкил, кори осони ман аст.

Ман кӣ бошам, то занам лофи ғуломӣ бар дараш?
Бандаи онам, ки давлатхоҳи султони ман аст.

Он ки бар домони чокам таъна мезад, гӯ: Бизан!
К-инчунин сад чоки дигар дар гиребони ман аст.

Ҳар чӣ мегӯяд Ҳилолӣ дар баёни зулфи ӯ,
Ҳасби ҳоли тираи бахти парешони ман аст.

* * *

Ба ҳар кӣ қиссаи дил гуфтаам, дилаш хун аст,
Ту ҳам мапурс зи ман, то нагӯямат чун аст.

Манам, ки дарди ман аз ҳеч бедиле кам нест,
Туӣ, ки нози ту аз ҳар чӣ гӯям, афзун аст.

Магӯ, ки хоби аҷал баст чашми мардумро,
Ки чашмбандии он наргиси пурафсун аст.

Ҳумои васли ту поянда бод бар сари ман,
Ки зери сояи ӯ толиъам ҳумоюн аст.

Кунун ки бо туам, эй кош душманони маро
Хабар диҳанд, ки Лайлӣ ба коми Маҷнун аст.

Табиб гӯ, ба илоҷи маризи ишқ макӯш,
Ки кори ӯ дигару ҳоли ӯ дигаргун аст.

Ҳилолӣ, аз даҳану қоматаш ҳикоят кун,
Ки ин аломати идроки табъи мавзун аст.

* * *

Нахли болои ту сар то ба қадам ширин аст,
Ин чӣ нахл аст, ки ҳам нозуку ҳам ширин аст?

Баски чун найшакарӣ нозуку ширину латиф,
Банд-банди ту зи сар то ба қадам ширин аст.

Гарчи дар аҳди ту ширинсуханон бисёранд,
Кас ба ширинсуханӣ мисли ту кам ширин аст.

Дами субҳ аст, биё, то қадаҳ аз каф нанишем,
Ки маи талх дар ин як-ду-се дам ширин аст.

То навиштаст Ҳилолӣ сухани лаъли лабат,
Чун наи қанд саропои қалам ширин аст.

* * *

Бархез, то ниҳем сари худ ба пои дӯст,
Ҷонро фидо кунем, ки сад ҷон фидои дӯст.

Дар дӯстӣ мулоҳизаи маргу зист нест,
Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.

Ҳошо, ки ғайри дӯст кунад ҷо ба чашми ман,
Дидан наметавон дигареро ба ҷои дӯст.

Аз дӯст ҳар ҷафо ки расад, ҷои миннат аст,
Зеро ки нест ҳеч вафо чун ҷафои дӯст.

Бо дӯст ошно шуда, бегонаам зи халқ,
То ошнои ман нашавад ошнои дӯст.

Дар ҳалқаи сагони дараш меравам, ки боз
Аҳбоб саф зананд ба гирди сарои дӯст.

Дасти дуо кушод Ҳилолӣ ба даргаҳат,
Яъне, ба даст нест маро ҷуз дуои дӯст.

*   *   *

Гуфтӣ: Бигӯ, ки дар чӣ хаёлию ҳол чист,
Моро хаёли туст, туро дар хаёл чист?

Ҷонам ба лаб расид, чӣ пурсӣ зи ҳоли ман?
Чун қуввати ҷавоб надорам, суол чист?

Безавқро зи лаззати теғат чӣ огаҳӣ?
Аз ҳалқи ташна пурс, ки оби зулол чист.

Гуфтам: Ҳамеша фикри висоли ту мекунам,
Дар ханда шуд, ки ин ҳама фикри муҳол чист?

Дардо, ки умр дар шаби ҳиҷрон гузашту ман
Огаҳ наям ҳанӯз, ки рӯзи висол чист.

Чун ҳал намешавад ба сухан мушкилоти ишқ,
Дар ҳайратам, ки фоидаи қилу қол чист.

Эй дам ба дам ба хуни Ҳилолӣ кашида теғ,
Мискин чӣ кард, мӯҷиби чандин малол чист?

*   *   *

Шишаи май дур аз он лабҳои майгун мегирист,
То дили худро даме холӣ кунад, хун мегирист.

Дӯш бар сӯзи дили ман гиряҳо мекард шамъ,
Чашми ман он гиряҳо медиду афзун мегирист.

Он на шабнам буд дар айёми Лайлӣ ҳар сабоҳ,
Осмон шаб то саҳар бар ҳоли Маҷнун мегирист.

Сел дар ҳомун, садо дар кӯҳ медонӣ чӣ буд?
Аз ғами ман кӯҳ менолиду ҳомун мегирист.

Чист домони сипеҳр имрӯз пурхун аз шафақ?
Ғолибан имшаб зи дарди ишқ гардун мегирист.

Бар рухи зардам бибин хатҳои ашки сурхро,
Ин нишониҳост, к-имшаб чашми ман хун мегирист.

Шаб, ки меҳондӣ Ҳилолирову мерондӣ ба ноз,
Дар дарун пеши ту меҳандиду берун мегирист.

* * *

Ин тозагул ки мерасад, аз бӯстони кист?
Нахли кадом гулшану сарви равони кист?

Боз ин ниҳоли тоза, ки сар мекашад ба ноз,
Сарви кашидақомати нозукмиёни кист?

Эй дил, зи тири абруи пурфитнааш манол,
Ту тирро бибину магӯ, к-аз камони кист.

Дашномҳо, ки аз ту расонданд қосидон,
Донистам аз адои сухан, к-аз забони кист.

Гар афкананд пеши сагат баъди куштанам,
Донад зи бӯи дард, ки ин устухони кист.

Афсона шуд ҳадиси ман, охир, шабе бипурс,
К-ин гуфтугӯ ки мегузарад, достони кист.

Аз оҳи гарм сӯхт Ҳилолию кас нагуфт:
Дуде ки бар фалак шуда, аз дудмони кист?

* * *

Ман бо ту якдилам, сухану қавли ман якест,
Ин аст қавли ман, ки шунидӣ, сухан якест.

Бигдохтам чунон, ки агар сар барам ба ҷайб,
Кас пай намебарад, ки дар ин пираҳан якест.

Хоҳам ба сад ҳазор забон васфи ӯ кунам,
Лекин муқассирам, ки забон дар даҳон якест.

Моҳи маро ба Зуҳра, ҳабибон, чӣ нисбат аст?
Эшон чу анҷуманду маҳи анҷуман якест.

Сад бор аз ту шавкати хубон шикаст ёфт,
Хусрав ҳазору хусрави лашкаршикан якест.

Бархостаст нақши дуӣ аз миёни мо,
Мо аз камоли ишқ ду ҷонему тан якест.

Дар даргаҳат рақибу Ҳилолӣ баробаранд,
Тӯтӣ дар ин диёр чаро бо заған якест?

* * *

Бе ту ҳар рӯз маро моҳею ҳар шаб солест,
Шаб чунин, рӯз чунон, оҳ, чӣ мушкил ҳолест!

Ҳаргизат нест бар аҳволи ғарибон раҳме,
Мо ғарибему ту бераҳм, ғариб аҳволест.

Гар фитад мардуми чашмам ба рухат, рӯй мапӯш,
Ту ҳамон гир, ки бар рӯи ту ин ҳам холест.

Бар лаби чашмаи нӯшини ту он сабзаи хат
Шаккаристони туро тӯтии фориғболест.

Меравӣ тунд, ки боз ояму зорат бикушам,
Ин на тундист, ки дар куштани ман иҳмолест.

Қуръаи бандагии хеш ба номам задаӣ,
Ин саодат аҷаб аст, ин чӣ муборак фолест?

Моҳи ман сӯи Ҳилолӣ назаре карду гузашт,
Кавкаби толиъи ӯро назари иқболест.

* * *

Дар дили бехаборон ҷуз ғами олам ғам нест,
Дар ғами ишқи ту моро хабар аз олам нест.

Хоки одам ки сириштанд, ғараз ишқи ту буд,
Ҳар кӣ хоки раҳи ишқи ту нашуд, одам нест.

Аз ҷунуни ману ҳусни ту сухан бисёр аст,
Қиссаи мову ту аз Лайлию Маҷнун кам нест.

Гар табибон зи паи доғи ту марҳам созанд,
Кай гузорем, ки он доғ кам аз марҳам нест.

Баски савдои ту дорам, ғами худ нест маро,
Гар аз ин пеш ғаме буд, кунун он ҳам нест.

Ман ки имрӯз ҳалоки дами ҷонбахши туам,
Дами Исо чӣ кунам, чун дами ӯ ин дам нест?

Ғунчаи хуррамӣ аз хоки Ҳилолӣ маталаб,
Ки сари равзаи ӯ ҷои дили хуррам нест.

*   *   *

Кадом ҷилва, ки дар сарви сарфарози ту нест?
Кадом фитна, ки дар ҷилваҳои нози ту нест?

Макун ба хоки дараш, эй рақиб, арзи ниёз,
Ки нозанини маро ҳоҷати ниёзи ту нест.

Дило, ба шоми фироқ аз балои ҳашр мапурс,
Ки рӯзи кӯтаҳи ӯ чун шаби дарози ту нест.

Зи саҷда пеши рухаш манъи мо макун, зоҳид,
Ниёзи аҳли муҳаббат кам аз ту намози ту нест.

Ба кӯи ишқ, Ҳилолӣ, насохтӣ коре,
Чӣ шуд, магар карами дӯст корсози ту нест?

*   *   *

Дигарам бастаи он зулфи сияҳ натвон дошт,
Ончунонам, ки ба занҷир нигаҳ натвон дошт.

Тоби хайлу сипаҳи зулфу рухе нест маро,
Рӯзу шаб маърака бо хайлу сипаҳ натвон дошт.

То кай он чоҳи зақанро нигарам бо лаби хушк?
Ин ҳама ташна маро бар лаби чаҳ натвон дошт.

Дида барбастаму навмед нишастам, чӣ кунам?
Беш аз он дида ба уммед ба раҳ натвон дошт.

Бо вуҷуди рухи ӯ дидани гул кай зебост?
Пеши хуршед назар ҷониби маҳ натвон дошт.

*  *  *

Дар маҷлис агар ӯ назаре бо дигаре дошт,
Донанд ҳарифон, ки дар он ҳамназаре дошт.

Ҳар дола, ки бо доғи дил аз хок баромад,
Дидам, ки зи савдои ту хуни ҷигаре дошт.

Имрӯз сари злфи ту ошуфта чаро буд?
Гӯё зи парешонии дилҳо хабаре дошт.

Фарёд, ки рафт аз сарам он сарв, ки умре
Ман хоки раҳаш будаму бар ман гузаре дошт.

Бо ҷому қадаҳ азми чаман кард чу наргис,
Ҳар кас ки дар ин рӯз ба каф симу заре дошт.

З-ин марҳала оҳанги адам кард Ҳилолӣ
Монанди ғарибе, ки ҳавои сафаре дошт.

*  *  *

Дил чӣ бошад, к-аз барои ёр аз он натвон гузашт?
Ёр агар ин аст, биллаҳ, метавон аз ҷон гузашт.

Аз хаёли он қади раъно гузаштан мушкил аст,
Рост мегӯям, бале, аз ростӣ натвон гузашт.

Ҷуз ба рӯзи васл умру зиндагӣ ҳайф аст, ҳайф,
Ҳайф аз он умре, ки бар ман дар шаби ҳиҷрон гузашт.

Ёр бигзашт аз ҳама хандону аз ман хашмнок,
Умр бар ман мушкилу бар дигарон осон гузашт.

Чун гузашт аз дил хадангаш, гӯ, биё, тири аҷал,
Ҳар чӣ ояд, бигзарад, чун ҳар чӣ омад, он гузашт.

Пеш аз ин гар ҷоми ишрат доштам, ҳоло чӣ суд?
Аз фалак даври дигар хоҳам, ки он даврон гузашт.

Халқ гӯяндам: Ҳилолӣ, дарди худро чора кун,
Кай тавонам чораи дарде, ки аз дармон гузашт?

* * *

Рӯзи ман шаб шуду он моҳ ба роҳе нагузашт,
Ин чӣ умрест, ки соле шуду моҳе нагузашт?

Завқи он ҷилва маро кушт, ки вай аз сари ноз
Омаду гоҳ гузашт аз ману гоҳе нагузашт.

Умр бигзашту ҳамон рӯзи сияҳ дар пеш аст,
Дар ҳама умр чунин рӯзи сиёҳе нагузашт.

Қиссаи шаҳри дилу лашкари андӯҳ мапурс,
Ки аз он арса ба ин зулм сипоҳе нагузашт.

Нагузашт он маҳу зор аст Ҳилолӣ ба раҳаш,
Ҳоли дарвеш хароб аст, ки шоҳе нагузашт.

* * *

Ё таманнои висоли ту маро хоҳад кушт,
Ё тамошои ҷамоли ту маро хоҳад кушт.

Боз дар ҷилваи ноз омадаӣ ҳамчу ниҳол,
Ҷилваи нози ниҳоли ту маро хоҳад кушт.

Рӯзи васл аст, ту дар куштани ман теғ макаш,
Ки шаби ҳаҷр хаёли ту маро хоҳад кушт.

Чанд пурсӣ, ки туро зор кушам ё накушам?
Ҷаҳд кун, в-арна хаёли ту маро хоҳад кушт.

Шоҳи ман, то ба кай ин саркашию ваҳшату ноз?
Ваҳ, ки ин ҷоҳу ҷалоли ту маро хоҳад кушт.

Гум шудӣ боз, Ҳилолӣ, ба хаёли даҳанаш,
Ин хаёлоти муҳоли ту маро хоҳад кушт.

*   *   *

Омад он сангиндилу сад рахна дар ҷон карду рафт,
Мулки ҷонро аз сипоҳи ғамза вайрон карду рафт.

Он ки дар зулфи парешонаш дили мо ҷамъ буд,
Ҷамъи моро ҳамчу зулфи худ парешон карду рафт.

Қолаби фарсудаи мо хок будӣ, кошкӣ,
Бар замин, к-он шаҳсавори шӯх ҷавлон карду рафт.

Гар дил аз дастам ба ғорат бурд, чандон бок нест,
Ғорати дил саҳл бошад, ғорати ҷон карду рафт.

Рафтию дил бурдию ҷони ман аз ғам сӯхтӣ,
Бозгард охир, ки чандин зулм натвон карду рафт.

Дил ба сӯяш рафту дар ҳиҷрон маро танҳо гузошт,
Кор бар ман мушкилу бар хеш осон карду рафт.

Дар дами рафтан Ҳилолӣ ҷон ба дасти дӯст дод,
Ним ҷоне дошт, он ҳам сарфи ҷонон карду рафт.

* * *

Дил ба уммеди карам додаму дидам ситамат,
Чӣ ситамҳо ки надидам ба умеди карамат.

Дорам он сар, ки ба хоки қадамат сар биниҳам,
Ғайр аз инам ҳавасе нест ба хоки қадамат.

Туӣ он подшаҳи мамлакати ҳусн, ки нест
Ҳишмату хайли бутон дархури хайлу ҳашамат.

Лутфи ту кам зи каму ҷаври ту беш аз беш аст,
Мекунам шукру надорам гила аз бешу камат.

Ошиқи дилшударо мавҷи ғам аз сар бигузашт,
Дасти ӯ гир, ки афтода ба дарёи ғамат.

Рақам аз мушк задӣ бар рухаш, эй котиби сунъ,
Офарин бар туву бар хомаи мушкинрақамат!

Дафтари шарҳи ғамат рафт, Ҳилолӣ, ҳама ҷо,
Гарчи сад раҳ бибуридем забони қаламат.

* * *

Дар кӯи ту омад ба сарам санги маломат,
Мушкил, ки аз ин кӯй барам ҷон ба саломат.

Натвон гила аз ҷавру ҷафое, ки ту кардӣ,
Ҷаври ту карам буду ҷафои ту кароммат.

Имрӯз дар ин шаҳр маро ҳоли ғариб аст,
Не рои сафар кардану не рӯи иқомат.

Шуд сели сиришкам сабаби таънаи мардум,
Тӯфони бало дораму дарёи маломат.

«Қад қомат»-у фарёди муаззин накунад гӯш,
Он кас ки ба фарёд бувад з-он қаду қомат.

Эй дил, ки ту имрӯз гирифтори фироқӣ,
Имрӯзи ту кам нест зи фардои қиёмат.

Бе рӯи ту якчанд агар зист Ҳилолӣ,
Ҷон медиҳад инак ба сад андӯҳу надомат.

* * *

Нодида мекунӣ, чу фитад дида бар манат,
Ҷонам фидои дидану нодида карданат.

Фардо ки реза-реза шавад тан ба зери хок,
Бархезаму чу зарра дароям зи равзанат.

Бо он ки рафт равшании чашмам аз ғамат,
Дорам ҳанӯз дӯсттар аз чашми равшанат.

Гар мекушӣ, намеравам аз сайдгоҳи ту,
Дасти ман асту ҳалқаи фитроки тавсанат.

Бар домани ту бодаи гулгун чакидааст,
Ё хуни мост, он ки гирифтаст доманат?

Мастию гардане чу сурохӣ кашидаӣ,
Хуш он ки дасти хеш дарорам ба гарданат.

Дигар туро чӣ бок, Ҳилолӣ, зи душманон?
К-он моҳ бо ту дӯст шуду мурд душманат.

*   *   *

Агар аз омаданам ранҷа нагардад хӯят,
Ҳар дам аз дида қадам созаму оям сӯят.

Гар бидонам, ки тавон бар сари кӯят будан,
То тавонам, наравам ҷои дигар аз кӯят.

Сари ман хоки раҳат бод, ки шояд рӯзе
Бар сарам соя кунад сарви қади дилҷӯят.

Ё маро зор бикуш, ё марав аз пеши назар,
Ки зи куштан батар аст, ин ки набинам рӯят.

Мекашам ҳар нафас аз хатту зи зулфат оҳе,
Оҳ, бингар, ки чиҳо мекашам аз ҳар мӯят.

Баъд аз ин лутф куну дар дили тангам бинишин,
То нишастан натавонад дигаре паҳлӯят.

Эй ба абрӯи ту моил ҳама кас чун маҳи ид,
Аз Ҳилолӣ чӣ аҷаб майли хами абрӯят?

*   *   *

Чӣ ғам, гар дар сарам шӯрест аз савдои гесӯят?
Сари сад ҳамчу ман бодо фидои ҳар сари мӯят,

Тани чун мӯйро хоҳам ба гесӯи ту пайвастан,
Бад-ин тақриб худро хоҳам афкандан ба паҳлӯят.

Ба рӯи хубат аз рӯзе ки хатти бандагӣ додам,
Зи ғамҳои ҷаҳон озодам, эй ман бандаи рӯят.

Ба даври лолаву гул чун ба гулгашти чаман рафтӣ,
Хиҷил шуд он як аз ранги туву он дигар аз бӯят.

Аз он рӯ бар сари кӯят қадам кардам зи фарқи сар,
Ки мехоҳам, нагардад поймоли ман сари кӯят.

Худоро, чун ба поят сар ниҳам, рух барматоб аз ман,
Ки майли саҷда дорам пеши меҳроби ду абрӯят.

Натарсам, гар ба хунрези Ҳилолӣ теғ бардорӣ,
Вале тарсам, ки озоре расад бар дасту бозуят.

* * *

Худоро, тунд сӯи ман мабин, чун бингарам сӯят,
Тағофул кун замоне, то бибинам як замон рӯят.

Зи хоки кӯи ман, гуфтӣ, бирав ё хок шав ин ҷо,
Чу охир хок хоҳам шуд, ману хоки сари кӯят.

Танам зор асту ҷон маҳзун, ҷигар пурдарду дил пурхун,
Тараҳҳум кун, ки дигар нест тоби тундӣ аз хӯят.

Ба сад теғи ситам куштӣ маро, узри ту чун хоҳам?
Карамҳо мекунӣ, сад офарин бар дасту бозуят!

Пас аз умре агар як лаҳза паҳлӯи ту биншинам,
Рақиб андар миён ояд, ки дур афтам зи паҳлӯят.

Миёнат як сари мӯй асту ҷон дар иштиёқи ӯ,
Биё, эй ҷони муштоқон фидои ҳар сари мӯят.

Ҳилолиро нагаштӣ гар суҷуд аз диданат мониъ,
Сараш дар саҷда будӣ то қиёмат пеши абрӯят.

* * *

Маро ба бода на боғу баҳор шуд боис,
Баҳору боғ чӣ бошад, ки ёр шуд боис.

Расида буд гул, он сарв ҳам ба боғ омад,
Биёр май, ки яке сад ҳазор шуд боис.

Набуд нолаи мурғи чаман зи ҷилваи гул,
Латофати рухи он гулъизор шуд боис.

Агар ба майкада рафтем, узри мо бипазир,
Ки бода хурдани моро хумор шуд боис.

Агар зи кӯи ту рафтем, ихтиёр набуд,
Фиғону нолаи беихтиёр шуд боис.

Гар аз ту як-ду-се рӯзе ҷудо шудем, маранҷ,
Ки гардиши фалаку рӯзгор шуд боис.

Қарор дар шикани зулфи ёр хоҳам кард,
Бад-ин қарор дили беқарор шуд боис.

Ба маҷлиси ту Ҳилолӣ кашид таъни рақиб,
Гули висоли ту бар захми хор шуд боис.

* * *

Муштоқи дардро ба мудово чӣ иҳтиёҷ?
Бемори ишқро ба Масеҳо чӣ иҳтиёҷ?

Чун ҷилвагоҳи сабзхатон шуд мақоми дил,
Моро дигар ба сабзаву саҳро чӣ иҳтиёҷ?

То кай ба ноз рафтану гуфтан, ки ҷон бидеҳ?
Ҷон медиҳам, биё, ба тақозо чӣ иҳтиёҷ?

Чун мо фараҳ зи сояи қасри ту ёфтем,
Моро ба файзи олами боло чӣ иҳтиёҷ?

Воиз, маломати ту ба бонги баланд чист?
Оҳиста бош, ин ҳама ғавғо чӣ иҳтиёҷ?

То чанд баҳри суду зиён дарди сар кашем?
Дорем як сар, ин ҳама савдо чӣ иҳтиёҷ?

Дур аз ту хӯ гирифта Ҳилолӣ ба кунҷи ғам,
Ӯро ба гашти боғу тамошо чӣ иҳтиёҷ?

* * *

Бад-ин ҳавас, ки даме сар ниҳам ба пои қадаҳ,
Ҳазор бор фузун хондаам дуои қадаҳ.

Манам, ки вақфи харобот кардаам сару зар,
Зар аз барои шаробу сар аз барои қадаҳ.

Бирез хуни ману хунбаҳо шароб биёр,
Бигир ҷавҳари ҷонам, бидеҳ баҳои қадаҳ.

Расид мавсими гашти чаман, биё, соқӣ,
Ки тоза шуд ҳаваси бодаву ҳавои қадаҳ.

Ба ёди лаъли ту то кай лаби қадаҳ бӯсам?
Хуш он ки бӯса бар он лаб занам ба ҷои қадаҳ.

Ҳилолӣ, аз қадаҳу май чӣ ҷои парҳез аст?
Биё, ки пири муғон мезанад салои қадаҳ.

*   *   *

Эй чашми ту шӯхтар зи ҳар шӯх,
Чашм аз ту надида шӯхтар шӯх.

Аз номи ду чашми худ чӣ пурсӣ?
Ин фитнагар асту он дигар шӯх.

Биллаҳ, ки назод модари даҳр
Монанди ту, нозанинписар, шӯх.

Мискин дили ошиқон шикастанд
Ин сангдилони симбар шӯх.

Тарки сари хеш кун, Ҳилолӣ,
К-ин тоифаанд сарбасар шӯх.

*   *   *

Хушо касе, ки дар ин олами харобобод
Асоси зулм фиканду бинои дод ниҳод.

Биё, биё, ки аз он рафтагон ба ёд орем,
Ки рафтаанду аз эшон касе наёрад ёд.

Макун иқомату бунёди хонумон мафикан,
Ки дасти ҳодиса хоҳад фикандаш аз бунёд.

Тавонгаре ки дари хайр бар фақирон баст,
Даре зи олами боло ба рӯи ӯ накушод.

Касе ки ёфт бар аҳволи зердастон даст,
Ба зулм агар наситонад, Худош хайр диҳод!

Санавбаро, ту чӣ дил бастаӣ ба ҳар шохе?
Чу сарв бош, ки аз бори дил шавӣ озод.

Чу хуш фитод Ҳилолӣ ба бандахонаи ишқ,
Бар ӯ ғуломии ин хонадон муборак бод!

* * *

Дӯш бо сад айш будӣ, ҳар шабат чун дӯш бод,
Гар чу хунам бо ҳарифон бода хурдӣ, нӯш бод!

Ҳар кӣ ҷуз коми ту ҷӯяд, бод, ё Раб, талхком,
Ҳар кӣ ҷуз номи ту гӯяд, то абад хомӯш бод!

Саркашонро аз рикобат бод тавқи бандагӣ,
Ҳалқаи наъли самандат чархро дар гӯш бод!

Мегузаштӣ бо либоси нозу мегуфтанд халқ:
Ин қабои ҳусн доим зевари он дӯш бод!

Гаҳ-гаҳе шабҳо дар оғӯши худат бинам ба хоб,
Дасти ман рӯзе ба бедорӣ дар он оғӯш бод!

То Ҳилолӣ лаъли майгуни ту дид, аз ҳуш рафт,
З-ин шароби лаъл то рӯзи абад мадҳуш бод!

* * *

Биё, биё, ки дилу ҷони ман фидои ту бод,
Саре ки бар тани ман ҳаст, хоки пои ту бод!

Дилам ба меҳри ту сад пора боду ҳар пора
Ҳазор зарраву ҳар зарра дар ҳавои ту бод!

Зи хона то бадар оию по ниҳӣ ба сарам,
Сарам фитода ба хоки дари сарои ту бод!

Туро ба бисмили ман гар ризост, бисмиллоҳ,
Биё, биё, ки қазо тобиъи ризои ту бод!

Муққасирам зи дуо дар ҷавоби дашномат,
Малоики ҳама афлок дар дуои ту бод!

Мабод он, ки рамад ҳаргиз аз балои ту дил,
Дар ин ҷаҳону дар он низ мубталои ту бод!

Ба даҳр хӯй гирифтам, даво намехоҳам,
Ҳамеша дар дили ман дарди бедавои ту бод!

Чӣ лутф буд, рақибо, ки рафтӣ аз кӯяш?
Бад-ин савоб ки кардӣ, биҳишт ҷои ту бод!

Агар Ҳилолии бечора дар ҳавои ту мурд,
Барои мурдани ӯ ғам махур, бақои ту бод!

*  *  *

Корам аз даст шуду дил зи ғамат зор афтод,
Фикри дил кун, ки маро дасту дил аз кор афтод.

Беҳтар он аст, ки чун гул нашавӣ ҳамдами хор,
Чанд рӯзе ки гули ҳусни ту бехор афтод.

Меравад хуни дил аз дида, вале дил чӣ кунад,
Ки маро ин ҳама аз дидаи хунбор афтод.

То абад пушт ба девори саломат наниҳад
Дардманде, ки дар он сояи девор афтод.

Гар ба роҳи ғамат афтод Ҳилолӣ, ғам нест,
Дар раҳи ишқ аз ин воқиа бисёр афтод.

*  *  *

Сояе, к-аз қаду болои ту бар мо афтад,
Беҳ зи нурест, ки аз олами боло афтад.

Ҳар куҷо дида бар он қомати раъно афтад,
Равад аз даст дили зору ҳамон ҷо афтад.

Ҳар кӣ дар кӯи ту рӯзе ба ҳавас пой ниҳод,
Оқибат ҳам ба сари кӯи ту аз по афтад.

Он ки афтад сари мо дар гузари ӯ ҳама рӯз,
Кош рӯзе гузари ӯ ба сари мо афтад.

Афтад аз гиря тани зори Ҳилолӣ ҳар сӯ,
Ҳамчу хошоки заифе, ки ба дарё афтад.

* * *

Гар зи рухсори ту як ламъа ба дарё афтад,
Об оташ шаваду шуъла ба саҳро афатад.

Баски аз қадди ту нолем ба овози баланд,
Ҳар нафас ғулғула дар олами боло афтад,

Рӯзи васл аст, ҳам имрӯз фидои ту шавам,
Кори имрӯз нашояд, ки ба фардо афтад.

Дорам уммед, ки чун теғ кашӣ дар дами қатл,
Ҳар кучо пои ту бошад, сарам он ҷо афтад.

Рафтӣ аз хона ба бозор ба сад ишваву ноз,
Оҳ, аз ин ноз дар ин шаҳр чӣ ғавғо афтад?!

Он ки андохт дар ин оташи сӯзон моро,
Дили мо буд, ки оташ ба дили мо афтад!

Дили мадҳуши Ҳилолӣ, ки зи по афтодаст,
Кош дар ҷилвагаҳи он бути раъно афтад.

* * *

Туро гаҳе ки назар бар мани хароб афтад,
Дилам зи бас ки тапад, дар ман изтироб афтад.

Дилам ба ёди лабат ҳар замон шавад бехуд,
Алалхусус замоне ки дар шароб афтад.

Ту чун шароб хурӣ бо рақиб хандазанон,
Зи хандаи ту намак дар дили кабоб афтад.

Зи бахри ҷилва чу хуршеди ман равад бар бом,
Ба хонаҳо ҳама аз равзан офтоб афтад.

Магӯ, ба дӯзахи ҳаҷр афкандам Ҳилолиро,
Раво мадор, ки бечора дар азоб афтад.

* * *

Чу аз доғи фироқат шуълаи ҳасрат ба ҷон афтад,
Чунон оҳе кашам аз дил, ки оташ дар ҷаҳон афтад.

Суҷуди остонат чун муяссар нест, мехоҳам,
Ки он ҷо кушта гардам, то сарам бар остон афтад.

Намонд аз сели ашки ман заминро як бино муҳкам,
Кунун тарсам, ки нуқсон дар бинои осмон афтад.

Ба роҳат чанд зору нотавон афтам? Хуш он рӯзе
Ки аз чашмат нигоҳе ҷониби ин нотавон афтад.

Тани зори маро ҳар дам рақиб озурда месозад,
Чунон бошад, бале, чун чашми саг бар устухон афтад.

Ҳилолӣ ончунон дар ошиқӣ расвои олам шуд,
Ки пеш аз ҳар сухан овозаи ӯ дар миён афтад.

* * *

Оби ҳаёти ҳуснат гулбарги тар надорад,
Таъми даҳони тангат тунги шакар надорад.

Эй дида, тез мангар дар рӯи нозуки ӯ,
К-аз ғояти латофат тоби назар надорад.

Дар ҳар гузар ки бошӣ, натвон гузаштан аз ӯ,
Оре, чу ҷонию кас аз ҷон гузар надорад.

Сагро ба хуни оҳу рухсат мадеҳ, ки мискин
Аз рашки чашми мастат хун дар ҷигар надорад.

Дар ишқи ту Ҳилолӣ аз тарки сар ба сар шуд,
Девона асту ошиқ, парвои сар надорад.

* * *

Рӯзи умрам чанд ё Раб, чун шаби ғам бигзарад?
Умри ман кам бод, то рӯзи чунин кам бигзарад.

Давлати васлат гузашту меҳнати ҳиҷрон расид,
Он гузашт, уммед медорам, ки ин ҳам бигзарад.

Нагзарад, гар солҳо бошам ба роҳаш мунтазир,
В-ар даме ғоиб шавам, ояд, ҳамон дам бигзарад.

Чун зи дарди ҳаҷр гирён бар сари роҳаш равам,
Гиряи ман бинаду хандону хуррам бигзарад.

Марҳаме неҳ бар дили афгори ман, баҳри Худо,
Пеш аз он рӯзе кори дил зи марҳам бигзарад.

Ҳар кӣ аз рӯи иродат по ниҳад дар роҳи ишқ,
Оламе пеш оядаш, к-аз ҳар ду олам бигзарад.

То кунун умри Ҳилолӣ дар ғами рӯят гузашт,
Умри боқимонда, ё Раб, ҳам дар ин ғам бигзарад.

*   *   *

Моҳи шаҳрошӯби ман ҳар гаҳ ба роҳе бигзарад,
Шаҳр пурғавғо шавад, чунон ки моҳе бигзарад.

Рӯзам аз ҳиҷрон сияҳ шуд, офтоби ман куҷост,
То ба сӯям дар чунин рӯзи сиёҳе бигзарад?

Чун ба раҳ мебинамаш, бехуд тазаллум мекунам,
Ҳамчу мазлуме, ки бар вай подшоҳе бигзарад.

Эй ки дар ишқи бутон лофи сабурӣ мезанӣ,
Сабр кун, то з-ин ҳикоят чанд гоҳе бигзарад.

Нагзарад, гар солҳо бошам ба роҳаш мунтазир,
В-ар даме ғоиб шавам, он дам чу моҳе бигзарад.

Бо вуҷуди он ки оташ зад маро дар ҷону дил,
Дил намехоҳад, ки сӯяш дуди оҳе бигзарад.

Соқиё, лабташна мурдам, кош бар ман бигзарӣ,
Ваҳ, чӣ бошад, оби ҳайвон бар гиёҳе бигзарад?

Дар сафи хубон ту дар ҷавлону халқе дар фиғон,
Ҳамчу он шоҳе, ки бо хайлу сипоҳе бигзарад.

Гуфт: Мехоҳам, ки аз пеши Ҳилолӣ бигзарам,
Оҳ, агар зулме чунин бар бегуноҳе бигзарад!

* * *

Шамъ дӯш аз нолаи ман гиряи бисёр кард,
Ғолибан сӯзи дили ман дар дили ӯ кор кард.

Ҳоли дил медонад он шӯху тағофул мекунад,
Ин сазои он ки сирри ишқро изҳор кард.

Нолаи ман ин ҳама з-он моҳи хушрафтор нест,
Ҳар чӣ бо ман кард, даври чархи каҷрафтор кард.

Ошиқон з-ин пеш доим иззате медоштанд,
Меҳнати ишқаш азизони ҷаҳонро хор кард.

Ишқ осон менамуд аввал ба уммеди висол,
Ноумедиҳои ҳиҷронаш чунин душвор кард.

Дар балои ишқ кай хонам дуои офият?
К-аз дуоҳои чунин мебояд истиғфор кард.

Филмасал, гар хок хоҳад шуд рақиби сангдил,
Хоҳад аз хокаш фалак роҳи маро девор кард.

Гоҳ-гоҳе гар Ҳилолиро бипурсӣ, дур нест,
З-он ки он бечораро ин орзу бемор кард.

* * *

Мискин табиб чораи дардам хаёл кард,
Бечораро бибин, чӣ хаёли муҳол кард.

Кай мерасад хаёли табибон ба дарди ман?
Дардам бад-он расид, ки натвон хаёл кард.

Дорад ҳазор тафриқа дил дар шаби фироқ,
Ку он фароғате, ки ба рӯзи висол кард?

Гул пеши оразӣ ту шуд аз инфиол сурх,
Он хандае ки кард, ҳам аз инфиол кард.

Сангиндиле, ки аспи ҷафо тохт бар сарам,
Мӯре заифро ба ситам поймол кард.

Султони вақт шуд зи гадоёни кӯи ишқ,
Дарвеш майли салтанати безавол кард.

Гуфтӣ: Кӣ ҳалқа сохт, Ҳилолӣ, қади туро?
Он кас ки абрувони туро чун ҳилол кард.

* * *

Наметавон ба ту шарҳи балои ҳиҷрон кард,
Фитодаам ба балое, ки шарҳ натавон кард.

Зи рӯзгор маро худ ҳамеша дарде буд,
Ғами ту омаду онро ҳазорчандон кард.

Балои ҳаҷри ту мушкил бувад, хуш он бедил,
Ки мурд пеши туву кор бар худ осон кард.

Хаёли куштани ман дошт, ваҳ, чӣ шуд, ё Раб,
Кадом сангдил он шӯхро пушаймон кард?

Ҷароҳати дили мо бар табиб зоҳир нест,
Ки тири ғамзаи ӯ ҳар чӣ кард, пинҳон кард.

Наёфт лаззати арбоби завқ бедарде,
Ки қадри дард надонисту фикри дармон кард.

Ҳилолӣ, аз дили маҷрӯҳи ман чӣ мепурсӣ?
Харобае ки ту дидӣ, фироқ вайрон кард.

*  *  *

Ман ошиқу девонаву мастам, чӣ тавон кард?
Майхораву маъшуқпарстам, чӣ тавон кард?

Гар соғари сирӯза кашидам, чӣ тавон гуфт,
В-ар тавбаи чилсола шикастам, чӣ тавон кард?

Гӯянд, ки риндию хароботию бадном,
Оре, ба Худо, ин ҳама ҳастам, чӣ тавон кард?

Ман растаам аз қайди хирад, ҳеч магӯед,
В-ар з-он ки аз ин қайд нарастам, чӣ тавон кард?

Бархостам аз савмиаи зуҳду саломат
Дар кӯи харобот нишастам, чӣ тавон кард?

Аҳдам ҳама бо пири муғон аст, Ҳилолӣ,
Гар бо дигаре аҳд набастам, чӣ тавон кард?

*  *  *

Ба ноз мераваду сӯи кас наменигарад,
Ҳазор оҳ кашам, як нафас наменигарад.

Гаҳе ба пас равам у гаҳ сари раҳаш гирам,
Вале чӣ фоида, чун пешу пас наменигарад?!

Чу ғамзааш раҳи дин зад, чӣ суд нолаи ҷон?
Ки роҳзан ба фиғони ҷарас наменигарад.

Касе ки дар ҳаваси рӯи моҳрухсорест,
Дар офтоб зи рӯи ҳавас наменигарад.

Дилам ба синаи садчок мушкил ояд боз,
Ки мурғи рафта ба сӯи қафас наменигарад.

Хатост пеши рухаш сӯи навхатон дидан,
Касе ба мавсими гул хору хас наменигарад.

Гузашту сӯи Ҳилолӣ надиду раҳм накард,
Чӣ толиъ аст, ки ҳаргиз ба кас наменигарад?!

* * *

Боғи айши ман ба ҷои гул ҳама хор оварад,
Оре, ин нахле ки ман дорам, ҳамин бор оварад.

Кӯҳ аз сели сиришкам дар садо ояд, бале,
Гиряи ман сангро дар нолаи зор оварад.

Оламе дар гиря аст аз нолаи ҷонсӯзи ман,
Навҳае, к-аз дард хезад, гиря бисёр оварад.

Гар дили озурдаро ҷуз доғи ӯ марҳам ниҳам,
Бар дил он марҳам шавад, доғе ки озор оварад.

Ҳар кӣ абрӯи ту диду моили меҳроб шуд,
Зуд бошад, к-аз хиҷолат рӯ ба девор оварад.

То зи хуршеди ҷамолат гарм шуд бозори ҳусн,
Ҳар дам ин девонаро савдо ба бозор оварад.

Пой бар фарқи Ҳилолӣ неҳ, ки баҳри мақдамат
Ҳар замон сад гавҳар аз чашми гуҳарбор оварад.

* * *

То кай он шӯх назар бар дигаре андозад?
Кошкӣ ҷониби мо ҳам назаре андозад.

Оҳ аз он ханҷари мижгон, ки ба ҳар чашм задан
Чокҳо дар дили хунинҷигаре андозад.

Бахти бад гар нарасонад хабари васли туро,
Боре аз марги рақибон хабаре андозад?

Эй хуш он ошиқи пурзавқ, ки аз ғояти шавқ
Даст дар гардани зарринкамаре андозад.

Саргарон аст, Ҳилолӣ, қадаҳи бода биёр,
То шавад масту ба пои ту саре андозад.

* * *

Ёр ҳарчанд, ки раънову саҳиқад бошад,
Гар ба ушшоқ накӯӣ бикунад, бад бошад.

Мақсади аҳли назар хоки дари туст, бале,
Чун ту мақсуд шавӣ, кӯи ту мақсад бошад.

Он ки дар ҳусн бувад яксади хубони ҷаҳон,
Ҳусни халқе агараш ҳаст, яке сад бошад.

Алифи қадди ту пеши ҳама мақбул афтод,
Ин на ҳарфест, ки бар вай қалами рад бошад.

Мӯи жӯлидаи ман бину вафо кун, в-арна
Сабза бинӣ, ки маро бар сари марқад бошад.

Гуфтамаш: Дил ба хами зулфи ту дар қайд бимонд,
Гуфт: Девона ҳамон беҳ, ки муқайяд бошад.

Ҳадди кас нест, Ҳилолӣ, ки шавад ҳамраҳи мо,
З-он ки ин марҳаларо меҳнати беҳад бошад.

* * *

Май хоҳаму кунҷе, ки ба ҷуз ёр набошад,
Ман бошаму ӯ бошаду ағёр набошад.

Он ҷо асари раҳмати ҷовид тавон ёфт,
К-он ҷо зи рақибони ту осор набошад.

Ҳар ҷо ки ҳабибест, ба паҳлӯш рақибест,
Дар боғи ҷаҳон як гули бехор набошад.

Бар ман ки гирифтори туям, раҳм мафармо,
Раҳм аст бар он кас, ки гирифтор набошад.

Мо хонахаробему надорем паноҳе,
Вайронаи моро дару девор набошад.

Тақсири вафо расми рақиб аст, аҷаб нест,
Ҳаргиз саги девона вафодор набошад.

Бе ёр ба олам натавон буд, Ҳилолӣ,
Олам ба чӣ кор ояд, агар ёр набошад?

* * *

Шаби ҳиҷрон расиду меҳнати бисёр пайдо шуд,
Биё, эй бахт, коре кун, ки моро кор пайдо шуд.

Ба кунҷи офият мехостам, к-аз фитна бигрезам,
Балои ишқ ногаҳ аз дару девор пайдо шуд.

Ҷигар хун аст, аз он ин гиряи хунин падид омад,
Дилам зор аст, аз он ин нолаҳои зор пайдо шуд.

Намехоҳам, ки хуршеди ҷамолаш ҷилвагар гардад
Дар он манзил, ки рӯзе сояи ағёр пайдо шуд.

Азизонро зи савдои касе ошуфта мебинам,
Магар он Юсуфи гумгашта дар бозор пайдо шуд?

Табибо, ҳар киро бемории ҳиҷрон фиканд аз по,
Аҷал пеш аз ту бар болини он бемор пайдо шуд.

Ба сӯяш бигзар, эй боди сабо в-аз ман бигӯ он ҷо,
Ки дар ҳаҷрат Ҳилолиро бало бисёр пайдо шуд.

* * *

Афрӯхт рангат аз маю дилҳо кабоб шуд,
Рӯи ту моҳ буд, кунун офтоб шуд.

Гуфтам ба даври ишқи ту созам сарои айш,
Ғамхонае ки доштам, он ҳам хароб шуд.

Ин оҳи гарм бе сабабе нест дамбадам,
Ё сина сӯхт, ё дили сӯзон кабоб шуд.

Носиҳ забон кушод, ки таскин диҳад маро,
Номи ту бурду мӯҷиби сад изтироб шуд.

Хуноби дида ин ҳама донӣ, ки аз куҷост?
Хуне ки буд дар дили ғамдида, об шуд.

Ҳар ҷо ки ҳаст рӯи ту, дар пеши чашми мост,
Кас дар миёни мо натавонад ҳиҷоб шуд.

Фориғ нишаста буд Ҳилолӣ ба кӯи зуҳд,
Ногаҳ лаби ту диду хароби шароб шуд.

* * *

То аз фурӯғи рӯи ту гул комёб шуд,
Чун субҳ доғи синаи ман офтоб шуд.

Аз ҳусни нимранги ту, эй соқии баҳор,
Наззора сайрмасти гули офтоб шуд.

Чун киштии шикаста, ки аз об пур шавад,
Моро дили шикаста пур аз хуни ноб шуд.

* * *

Бар сари болин табиб аз нолаи ман зор шуд,
Аз барои сиҳҳати ман омаду бемор шуд.

Дӯш дар кунҷи ғам аз фарёди дил хобам набурд,
Балки аз афғони ман ҳамсоя ҳам бедор шуд.

Сабр мекардам, ки дарди ишқи хубон кам шавад,
Лек аз доруи талх андӯҳи ман бисёр шуд.

Муддаъӣ гӯё барои куштани мо бас набуд,
К-он маҳи номеҳрубон ҳам рафту бо ӯ ёр шуд.

Ҳар киро савдои зулфи он парӣ девона кард,
Хонумон барҳам заду расвои ҳар бозор шуд.

Ман сагат, эй турки оҳучашм, бурқаъ боз кун,
К-аз барои дидани рӯи ту чашмам чор шуд.

Баски омад бар сари кӯят Ҳилолӣ, ҳамчу ашк
Аз назар уфтоду дар чашми азизат хор шуд.

* * *

Гар бурун меояд он бераҳм, зорам мекушад,
В-ар намеояд, ба дарди интизорам мекушад.

Гар, маозаллаҳ, набошад давлати дидори ӯ,
Меҳнати ҳиҷрон ба андак рӯзгорам мекушад.

Эй ки гӯӣ бар сари он кӯй хоҳӣ кушта шуд,
Розиям биллаҳ, агар донам, ки ёрам мекушад.

Ҳар гаҳ имсолаш итоболуда мебинам ба худ,
Ёди он мискиннавозиҳои порам мекушад.

Чун бурун ояд кулаҳкаҷкарда, доманбарзада,
Дидани ҷавлони он чобуксаворам мекушад.

Соқиё, имшаб ки мастам, лутф кун, хунам бирез,
В-арна чун фардо шавад, ранҷи хуморам мекушад.

Зери бори ғам, Ҳилолӣ, кори ман ҷон кандан аст,
Ваҳ, ки охир меҳнати ин кору борам мекушад.

*   *   *

З-он дил ба ҷониби саги кӯи ту мекашад,
К-ӯ доманам гарифта, ба сӯи ту мекашад.

Донӣ, чаро ба доманат овехта дилам?
Худро ба ин баҳона ба кӯи ту мекашад.

Соҳибдиле, ки ёфт сари риштаи мурод,
Сарриштааш ба ҳалқаи мӯи ту мекашад.

Фориғ зи бӯи ғолияи ҷаъди сунбулам,
Хотир ба ҷаъди ғолиябӯи ту мекашад.

Эй турки маст, ин ҳама санги ҷафо мазан
Бар дилшикастае, ки сабӯи ту мекашад.

Бар ошиқон балост ҷафои туву дилам
Чандин бало зи тундии хӯи ту мекашад.

Дур аз рухат кашид Ҳилолӣ ҳазор оҳ,
Оҳ, ин чиҳост, к-аз ғами рӯи ту мекашад?

*   *   *

Боз ишқ омаду кори дил аз ӯ мушкил шуд,
Ҳар чӣ тадбири хирад буд, ҳама ботил шуд.

Хостам ишқи бутон кам шавад, афзун гардид,
Гуфтам, осон шавад ин кор, басе мушкил шуд.

Пои ҳар кас, ки ба сарманзили ишқи ту расид,
Охируламр сараш хоки ҳамон манзил шуд.

Ашк чун рози дилам гуфт, фитод аз назарам,
Бо вуҷуде ки ба сад хуни ҷигар ҳосил шуд.

Он саҳисарв, ки майли дили мо ҷониби ӯст,
Ё Раб, аз баҳри чӣ сӯи дигарон моил шуд?

Ғам набуд он, ки маро дӣ ба тағофул мекушт,
Ғам аз он аст, ки имрӯз чаро ғофил шуд?

Шаби васли ту Ҳилолӣ қадаҳ аз даст надод,
Магар аз ҷоми лабат бехуду лояъқил шуд?

Аҳли айшанд, Ҳилолӣ, ҳама риндон, лекин
З-он миён гӯшаи андӯҳ маро манзил шуд.

* * *

Агар савдои ишқ ин аст, ман девона хоҳам шуд,
Чӣ ҷои ошно, к-аз хеш ҳам бегона хоҳам шуд.

Дамидӣ як фусун в-аз даст бурдӣ сабру ҳуши ман,
Худоро, тарки афсун кун, ки ман афсона хоҳам шуд.

Ғами ишқи туро чун ганҷ дар дил кардаам пинҳон,
Ба ин ганҷи ниҳонӣ сокини вайрона хоҳам шуд.

Шабе к-аз рӯи оташнок маҷлисро барафрӯзӣ,
Ту шамъи ҷамъ хоҳӣ гашту ман парвона хоҳам шуд.

Маро кунҷи салоҳу хирқаи тақво намезебад,
Гиребончоку расво ҷониби майхона хоҳам шуд.

Ба даври он лаби майгун маҷӯ паймони зуҳд аз ман,
Сари паймон надорам, бар сари паймона хоҳам шуд.

Ҳилолӣ, ман на он риндам, ки аз мастӣ шавам бехуд,
Агар бехуд шавам, з-он наргиси мастона хоҳам шуд.

* * *

Аз ҳоли дилу дида мапурсед, ки чун шуд,
Хун шуд дилу аз раҳгузари дида бурун шуд.

Мо бехабарон чун хабар аз хеш надорем,
Ҳоли дили овора чӣ донем, ки чун шуд.

Дил хун шуду аз даст ҳанӯзаш нагузорӣ,
Бигзор, Худоро, ки дил аз дасти ту хун шуд.

То боди сабо дар шикани зулфи ту раҳ ёфт,
Баҳри дили мо силсилаҷунбони ҷунун шуд.

Кардем ба уммеди вафо сабр, валекин
Ҳарчанд ки кардем, ҷафои ту фузун шуд.

Ҳар қасри умеде, ки барафрохта будем,
Аз сели фироқи ту ба якбор нигун шуд.

Дар ишқи ту гӯянд, бишуд кори Ҳилолӣ,
Коре ки муроди дили ӯ буд, кунун шуд.

*  *  *

То силсилаи зулфи ту занҷири ҷунун шуд,
Вобастагии ин дили девона фузун шуд.

Шарманда шуд аз акси ҷамолат маҳу хуршед,
В-аз орази гулранги ту дил ғунчаи хун шуд.

Хун шуд дили ман дамбадам аз фурқати дилбар,
З-он рӯ зи раҳи дидаи хунбор бурун шуд.

Он ҷо ки саборо гузаре нест, кӣ гӯяд
Ҳоли дили ин хаста ба дилдор, ки чун шуд?

Ҳарчанд қадат рост, Ҳилолӣ, чу алиф буд,
Аз бори ғами дӯст ба якбор чу нун шуд.

*  *  *

Гул шукуфту шавқи он гулчеҳра аз сар тоза шуд,
Вои ҷони ман, ки бар дил доғи дигар тоза шуд.

Гирди он рухсори гулгун хатти зангорӣ дамид,
Ҳамчу атрофи чаман, к-аз сабзаи тар тоза шуд.

Омад аз кӯят насиме, ғунчаи дилҳо шукуфт,
Гулшани ҷон з-он насими рӯҳпарвар тоза шуд.

То гузаштӣ ҳамчу оби Хизр бар тарфи чаман,
Ҳар хасу хошок чун сарву санавбар тоза шуд.

Тавсанат бори дигар по бар рухи зардам ниҳод,
Давлати ман бин, ки бозам сиккаи зар тоза шуд.

Захмҳои тири мижгон сар ба сар оварда буд,
Чун намак пошидӣ аз лабҳо, саросар тоза шуд.

Тоза шуд ҷони Ҳилолӣ, то ба хуни ошиқон
Расми хунрезӣ аз он шӯхи ситамгар тоза шуд.

* * *

Ғами бутон махур, эй дил, ки зор хоҳӣ шуд,
Агар азизи ҷаҳонӣ ту, хор хоҳӣ шуд.

Агар чу ман ҳаваси зулфи ёр хоҳӣ кард,
Зи ошиқони сияҳрӯзгор хоҳӣ шуд.

Ту аз тариқаи ёрӣ ҳамеша фориғу ман
Нишастаам ба умеде, ки ёр хоҳӣ шуд.

Чу дар вафои туам, бар дилам ҷафо манисанд,
Ки пеши аҳли вафо шармсор хоҳӣ шуд.

Кунун ба ҳусни ту кас нест аз ҳазор яке,
Ту худ ҳанӯз яке аз ҳазор хоҳӣ шуд.

Зи фикри кори ҷаҳон бори ғам ба сина манеҳ,
Вагарна дар сари ин кору бор хоҳӣ шуд.

Ҳилолӣ, аз паи он шаҳсавор тунд марав,
Ки норасида ба гардаш ғубор хоҳӣ шуд.

* * *

Нест арақ, ки дар раҳат аз ҳаракот мечакад,
Ҳар қадаме, ки менихӣ, оби ҳаёт мечакад.

Чанд ба ҳар сияҳдиле бодаи ноб мекашӣ?
Ҳайф, ки оби зиндагӣ дар зулумот мечакад.

Баски лаби ту чошнӣ рехта дар мазоқи ҷон,
Гиряи талх гар кунам, оби набот мечакад.

Ашки Ҳилолӣ аз мижа гирди ҳарими он ҳарам
Ҳамчу сиришки орифон дар Арафот мечакад.

* * *

Оҳу сад оҳ, ки он маҳ зи сафар дер омад,
Шамъи хуршеди ҷамолаш ба назар дер омад.

Гуфт: Сӯи ту ба қосид бифиристам хабаре,
Ваҳ, ки қосид нафиристоду хабар дер омад.

Ту мададгор шав, эй Хизр, ки он оби ҳаёт
Сӯи ин сӯхтаи ташнаҷигар дер омад.

Навбаҳори чамани айш бадал шуд ба хазон,
З-он ки он шохи гули тозаву тар дер омад.

Мурдам аз шавқи ҳамоғӯшии он сарв, дареғ,
К-он ниҳоли чамани ҳусн ба бар дер омад.

Эй фалак, партави хуршеди ҷаҳонтоб куҷост,
К-имшаб аз ғусса бимурдему саҳар дер омад?!

Ёр то рафт, Ҳилолӣ, ман аз ин ғам мурдам,
Ки чаро умри мани хаста ба сар дер омад.

*   *   *

Рӯзи ҳиҷрони ту, ё Раб, зи куҷо пеш омад?
Ин чӣ рӯзест, ки пеши мани дарвеш омад?

Он балое, ки зи андешаи он мемурдам,
Оқибат пеши мани оқибатандеш омад.

Бо қади ҳамчу xаданг аз дили ман берун ой,
Ки маро тири бало бар ҷигари реш омад.

Чашм бар ҳам мазану ҳар тараф аз ноз мабин,
Ки ба реши дилам аз ҳар мижа сад неш омад.

Ҳоли худро чу ба ҳоли дигарон санҷидам,
Камтарин дарди ман аз дарди ҳама беш омад.

Рӯз бигзашт, Ҳилолӣ, шаби ҳиҷрон бирасид,
Ваҳ, чӣ рӯзи сияҳ аст, ин ки маро пеш омад?

*   *   *

Дилам пеши лабат бо ҷони ширин дар фиғон омад,
Худоро, чораи дил кун, ки ин мискин ба ҷон омад.

Биё, эй сарв, гулзори ҷавониро ғанимат дон,
Ки хоҳад навбаҳори ҳуснро рӯзе хазон омад.

Ба базми дигарон доманкашон то кай тавон рафтан?
Ба сӯи ошиқон ҳам гоҳ-гоҳе метавон омад.

Ҳаёте ёфтам аз ваъдаи қатлаш, биҳамдиллоҳ,
Ки моро ҳар чӣ дар дил буд, ӯро бар забон омад.

Сари зулфат зи боло бар замин афтоду хушҳолам,
Ки баҳри хоксорон ояте аз осмон омад.

Малулам аз ғами даврон, сабук дӯше кун, эй соқӣ,
Бибар ин кӯҳи меҳнатро, ки бар дилҳо гарон омад.

Каманди зулфи Лайлӣ мекашад аз завқ Маҷнунро,
Ки аз шаҳри адам бехуд ба саҳрои ҷаҳон омад.

Ба уммеде, ки дар пои сагонат ҷон барафшонад,
Ҳилолӣ накди ҷон дар остин бар остон омад.

* * *

Нагсилад риштаи ҷони ман аз он сарви баланд,
Ин чӣ нахлест, ки дорад ба раги ҷон пайванд?

Оҳ аз он чашм, ки чун сӯи ман афканд нигоҳ,
Чокҳо бар дилам аз ханҷари мижгон афканд.

Гар диҳам ҷон ба вафояш, announcementнаписандад ҳаргиз,
Оҳ аз он шӯхи ҷафопешаи душворписанд!

Гар нагирад зи сари лутфу карам дасти маро,
Дасти кӯтоҳи ману домани он сарви баланд!

Манам аз чашми ту қониъ ба нигоҳе гоҳе
В-аз таманнои миёнат ба хаёле хурсанд.

Сад раҳам бинию нодида кунӣ, оҳ зи ту!
Ҳоли ман дидану ин гуна тағофул то чанд?

Меҳри рухсори ту чун зарра парешонам сохт,
Шавқи холи ту маро сӯхт бар оташ чу сипанд.

Шаби ҳаҷри ту Ҳилолӣ зи хароши дили хеш
Чок зад сина ба навъе, ки дил аз худ барканд.

* * *

Ё Раб, ғами моро кӣ ба арзи ту расонад?
К-он ҷо ки туӣ, бод расидан натавонад.

Хокам чу барад бод, парешон шавам аз ғам,
К-аз ман ба ту ногоҳ ғуборе бирасонад.

Мушкил ғаму дардест, ки дарду ғами моро
Беғам накунад бовару бедард надонад.

Хунинҷигаре, к-аз ғами ҳиҷрони ту гиряд,
Аз дида ба ҳар чашм задан хун бичаконад.

Олам ҳама ғам дону ғами ӯ махур, эй дил,
Май хур, ки туро аз ғами олам бираҳонад.

Мардум лаби ҷӯ сарв нишонанду дили мо
Хоҳад, ки туро бинаду дар дида нишонад.

Ман бандаам, аз баҳри чӣ меронӣ аз ин дар?
Кас бандаи худро зи дари хеш наронад.

Хоҳад, ки шавад кушта ба теғи ту Ҳилолӣ,
Некӯ ҳавасе дорад, агар зинда бимонад.

*   *   *

Оразат ҳаст биҳиште, ки аён сохтаанд,
Қоматат оби ҳаёте, ки равон сохтаанд.

Ин чӣ гулзори ҷамол аст, ки бар қомати ту
Аз суман оразу аз ғунча даҳон сохтаанд.

Лабат оё чӣ шакар рехт, ки гуфтори туро
Ҳама ширинсуханон вирди забон сохтаанд?

Бар гули рӯи ту он сабзаи тар донӣ чист?
Фитнаҳое, ки ниҳон буд, аён сохтаанд.

Бар гумоне даҳанат сохтаанд аҳли яқин,
Чун яқин нест зарурат, ба гумон сохтаанд.

Макун, эй дил, ҳаваси гӯшаи он чашм, битарс
З-он балоҳо, ки дар он гӯша ниҳон сохтаанд.

Гар маро ному нишон нест, Ҳилолӣ, чӣ аҷаб?
Ошиқонро ҳама беномунишон сохтаанд.

*   *   *

Ҷони ман, баҳри ту аз ҷон бадане сохтаанд,
Бар вай аз риштаи ҷон пираҳане сохтаанд.

Бар гулат сабзаи анбаршикане сохтаанд,
Аз гулу сабза аҷоиб чамане сохтаанд.

Тани симини ту нозук, дили сангини ту сахт,
Булъаҷаб сангдилу симтане сохтаанд.

Аллаҳ, Аллаҳ, чӣ тавон гуфт руху зулфи туро?
Гӯиё аз гулу сунбул чамане сохтаанд.

Хуш биханд, эй гули бустони латофат, ки туро
Бар гул аз ғунчаи хандон даҳане сохтаанд.

Ман кӣ бошам, ки ту гӯӣ сухани ҳамчу мане?
Мардум аз баҳри дили ман сухане сохтаанд.

Меканам кӯҳи ғам аз ҳасрати шириндаҳанон,
Аз ман ин сангдилон Кӯҳкане сохтаанд.

Баъд аз ин рози Ҳилолӣ натавон дошт ниҳон,
Ки ба ҳар хилват аз он анҷумане сохтаанд.

* * *

Аҷаб, ки расми вафо ҳаргиз он парӣ донад,
Парӣ куҷо равиши одамигарӣ донад?

Дилам ба шиква рабуд аввалу надонистам,
Ки охир ин ҳама шӯхию дилбарӣ донад.

Ба ошиқон ситами дӯст айни маслиҳат аст,
Ки шоҳ маслиҳати кори лашкарӣ донад.

Ҳадиси лаъли худ аз чашми дурфишонам пурс,
Ки қадри гавҳари сероб гавҳарӣ донад.

Ба ноз гуфт: Ҳилолӣ камина бандаи мост.
Зиҳӣ саодат, агар бандапарварӣ донад.

* * *

Ҷаҳону ҳар чӣ дар ӯ ҳаст, пойдор намонад,
Биёр бода, ки олам ба як қарор намонад.

Ғанимате шумар, эй гул, навои ишрати булбул,
Ки баргрези хазон ояду баҳор намонад.

Ту масти бодаи нозӣ, вале маноз, ки охир
Зи мастие ки ту дорӣ, ба ҷуз хумор намонад,

Басе намонд, ки хокат зи тундбоди фироқат
Равон бигардаду з-он гард ҳам ғубор намонад.

Ба рӯзи ҳаҷр, Ҳилолӣ зи рӯзгор чӣ нолӣ?
Муайян аст, ки ин рӯзу рӯзгор намонад.

* * *

Дилам рафту ҷони ҳазин ҳам намонад,
Зи умр андаке монду ин ҳам намонад.

Сарам хоки он дар шуду зуд бошад,
Ки гардаш ба рӯи замин ҳам намонад.

Нишаста ба хун мардуми чашм донам,
Ки дар хона мардумнишин ҳам намонад.

Чӣ ҳар дам ба ноз афганӣ чин бар абрӯ?
Маноз, эй бути Чин, ки чин ҳам намонад.

Гар афтодаи хоксоре бимирад,
Саҳиқомати нозанин ҳам намонад.

Ҳилолӣ, агар нест ҳолат чу аввал,
Махур ғам, ки охир чунин ҳам намонад.

*   *   *

Пеш аз рӯзе, ки хоки қолабам гил сохтанд,
Баҳри султони хаёлат кишвари дил сохтанд.

Сад ҳазорон офарин бар килки наққошони сунъ,
К-аз гилу об инчунин шаклу шамоил сохтанд.

Хубрӯёнро ҷафо доданду истиғнову ноз,
Бар гирифторон бағоят кор мушкил сохтанд.

Кори мо ин буд, к-аз хубон нигаҳ дорем дил,
Оқибат моро зи кори хеш ғофил сохтанд.

Оҳ аз ин ҳасрат, ки ҳар ҷо хостам бинам рухаш,
Пеши чашми ман ҳазорон парда ҳоил сохтанд.

Ҳар куҷо рафтанд хубон, беҳ шуд аз боғи биҳишт,
Хоса он ҷое, ки рӯзе чанд манзил сохтанд.

Метапам, не зиндаву не мурда, бар хоки дараш,
Ҳамчу он мурғе, ки ӯро нимбисмил сохтанд.

Манзари айши Ҳилолӣ аз фалак бигзашта буд,
Хайли андӯҳи ту бо хокаш муқобил сохтанд.

*   *   *

Баски халқе сухани ошиқии ман карданд,
Дӯстро бо мани дилсӯхта душман карданд.

Сӯхтам з-оташи ин чарбзабонон чун шамъ,
Сӯзи пинҳони маро бар ҳама равшан карданд.

Баъд аз ин дасти ману домани ин сангдилон,
Ки ба оҳанги ҷафо санг ба доман карданд.

Ба ризо кӯш, Ҳилолию зи қисмат махурӯш,
Ҳар киро ҳар чӣ насиб аст, муайян карданд.

*   *   *

Ошиқон, ҳарчанд муштоқи ҷамоли дилбаранд,
Дилбарон бар ошиқон аз ошиқон ошиқтаранд.

Ишқ менозад ба ҳусну ҳусн менозад ба ишқ,
Оре, оре, ин ду маънӣ ошиқи якдигаранд.

Дар гулистон гар ба пойи булбулон хоре халад,
Наварӯсони чаман сад ҷома бар тан медаранд.

Ҷони ширин бо лабат омехт гӯё дар азал,
Гавҳари ҷони ману лаъли ту аз як гавҳаранд.

Эй рақиб, аз манъи мо бигзар, ки ҷонбозони ишқ
Аз сари ҷон бигзаранд, аммо зи ҷонон нагзаранд.

Мурдаму раҳме надидам з-ин бутони сангдил,
Ман намедонам мусулмонанд, ё худ кофаранд?

Бо тани лоғар, Ҳилолӣ, аз ғами хубон манол,
Тан агар бигдохт, боке нест, ҷон мепарваранд.

*  *  *

Ринди лабташна чаро ҷоми шаробе назанад?
Чун касе бар ҷигари сӯхта обе назанад.

Ҳар кӣ хоҳад, ки даме ҷом кашад ҳамчу ҳубоб,
Хаймаи ишқ чаро бар сари обе назанад?

Шаҳр вайрон кунам аз ашки худ, эй ганҷи мурод,
То дам аз ишқи ту ҳар хонахаробе назанад.

Бо ҳама мушкфишонӣ натавонад сунбул,
Ки хами зулфи туро бинаду тобе назанад.

Ёр бадхӯст, Ҳилолӣ, тамаъи хом макун,
Боҳазар бош, ки шамшери итобе назанад.

*  *  *

Чу турки ман ҳаваси маҷлиси шароб кунад,
Ҳазор ошиқи дилхастаро кабоб кунад.

Хароб чун нашавам аз карашмаҳои касе,
Ки дар карашмаи аввал ҷаҳон хароб кунад?

Шудам зи ҳасрати ӯ дар ниқоби хоку ҳанӯз
Ба хоки ман чу расад, рӯй дар ниқоб кунад.

Чӣ толиъ аст, ки ногоҳ бар сарам рӯзе
Агар фариштаи раҳмат расад, азоб кунад?

Тапидани дили ман рӯзи ҳаҷр донӣ чист?
Барои дидани рӯи ту изтироб кунад.

Зи хоб чашм кушоию фитна ангезӣ,
Ту офатӣ, нагузорӣ, ки фитна хоб кунад.

Намуд ваъдаи дидору дидамаш дар хоб,
Нагӯямаш, ки мабодо ба он ҳисоб кунад,

Чу соя рӯи Ҳилолӣ ба хок яксон бод,
Агар зи сояи ту рӯ ба офтоб кунад.

* * *

Ҳаргиз он шӯх ба мо ғайри нигоҳе накунад,
Он ҳам аз ноз кунад гоҳею гоҳе накунад.

Ман равам бар сари роҳаш ба умеди назаре,
Оҳ, агар бигзарад он шӯху нигоҳе накунад!

Ин ҳама нола, ки ман мекунам аз дарди фироқ,
Ҳеч мотамзадаи хонасиёҳе накунад.

Ҳосили ишқ ҳамин аст, к-асири ғами ӯ
Дил ба моле надиҳад, майл ба ҷоҳе накунад.

Зоҳидо, гар ҳаваси бодаву шоҳид гунаҳ аст,
Банда ҳаргиз натавонад, ки гуноҳе накунад.

Сӯи ҳар кас, ки бад-ин шаклу шамоил гузарӣ,
Кай тавонад, ки туро бинаду оҳе накунад?

Чун Ҳилолӣ шарафе ёфтам аз бандагият,
Кас чаро бандагии ҳамчу ту шоҳе накунад?

*   *   *

Гар касе ошиқи рухсори ту бошад, чӣ кунад?
Толиби давлати дидори ту бошад, чӣ кунад?

Шӯхию бехабар аз дарди гирифтории дил
Дардманде ки гирифтори ту бошад, чӣ кунад?

Чӣ ғам аз синаи решу дили афгор маро,
Синареше ки дилафгори ту бошад, чӣ кунад?

Қасди ҷону дили ёрон бувад андешаи ту,
Бедиле к-аз дилу ҷон ёри ту бошад, чӣ кунад?

Эй табиби дили бемор, бигӯ баҳри Худо,
К-он ҷигархаста ки бемори ту бошад, чӣ кунад?

Гӯш бар гуфтаи аҳбоб тавон кард, вале
Ҳар киро гӯш ба гуфтори ту бошад, чӣ кунад?

Мекунад бе ту Ҳилолӣ ҳама шаб нолаи зор,
Нотавоне ки дилаш зори ту бошад, чӣ кунад?

*   *   *

Хубрӯён чун ба шӯхӣ қасди мурғи дил кунанд,
Аввалаш созанд сайду охираш бисмил кунанд.

Ё Раб, ин сангиндилонро шеваи раҳме бидеҳ,
То муроди ошиқи бечораро ҳосил кунанд.

Чун ту сарве барнахезад гарчи дар боғи биҳишт,
Хоки одамро ба оби зиндагонӣ гил кунанд.

Пеши мо бар рӯйи ҷонон парда медорад рақиб,
Кошкӣ он пардаро бар рӯи ӯ ҳоил кунанд.

Фитна аст он чашму ӯро хоби масте лоиқ аст,
Мардуми бадмастро он беҳ, ки лояъқил кунанд.

Гар ба умре гӯяд аз ман бо рақибон як сухан,
Сад сухан гӯянду аз ёди манаш ғофил кунанд.

Он маҳ аз рӯйи карам, сӯи Ҳилолӣ моил аст,
Оҳ, агар ағёр сӯи дигараш моил кунанд!

* * *

Чу лола синаи ман кош пора-пора кунанд,
Ба доғҳои дарун як ба як назора кунанд.

Ба пеши ёр диламро чу ғунча бишкофанд,
Ба ӯ ҷароҳати пинҳонам ошкора кунанд.

Зи сели дида харобам, зи сӯзи сина кабоб,
Миёни оташу обам, зи ман канора кунанд.

Зи ашку чеҳраи зардам агар наянд огоҳ,
Шабе тафаҳҳуси он аз маҳу ситора кунанд.

Бар остони вафо сар ниҳодаам умре,
Ки дар ҳисоби сагонаш маро шумора кунанд.

Зи теғи таъна ба якбор нимкушта шудам,
Наузубиллаҳ, агар таъни ман дубора кунанд.

Дили ҳазини Ҳилолӣ зи дарди ҳиҷрон сӯхт,
Барои дарди дили ӯ ба лутф чора кунанд?

*   *   *

Ҷои он аст, ки шоҳон зи ту шарманда шаванд,
Салтанатро бигузоранду туро банда шаванд.

Гар ба хоки қадамат саҷда муяссар гардад,
Сарфарозони ҷаҳон ҷумла сарафканда шаванд.

Бар сари хоки шаҳидон агар уфтад гузарат,
Куштаву мурда ҳама аз қадамат зинда шаванд.

Ҷамъи хубон ҳама чун кавкабу хуршед туӣ,
Ту бурун ой, ки ин ҷумла пароканда шаванд.

Ҳеч завқе беҳ аз ин нест, ки аз ғояти шавқ
Чашми ман гиряду лабҳои ту дар ханда шаванд.

Гар ту он талъати фаррух бинамоӣ рӯзе,
Тирарӯзон ҳама бо толиъи фархунда шаванд.

Агар ин аст, Ҳилолӣ, шарафи пояи ишқ,
Ҳама кас толиби ин давлати поянда шаванд.

*   *   *

Дуде, ки дӯш бар сари кӯят баланд буд,
Ғофил машав, ки оҳи мани дардманд буд.

Аз мо шумори хайли шаҳидони худ мапурс,
Он хайли бешумор кӣ донад, ки чанд буд?

Бастам ба турраи ту дилу растам аз ғамат,
Оре, илоҷи ошиқи бечора банд буд.

Як зарра монда буд зи ман дар шаби фироқ,
Он зарра ҳам бар оташи ҳиҷрон сипанд буд.

Ҷон бо сагони дӯст Ҳилолӣ супурду рафт,
Ин шева гар писанд в-агар announcementписанд буд.

* * *

Шириндаҳано, ин ҳама ширин натавон буд,
Шире, ки ту хурдӣ, магар аз решаи ҷон буд?

Ин ҳусн чӣ ҳусн аст, ки аз парда аён сохт
Нақше, ки паси пардаи тақдир ниҳон буд?

Танҳо на ман аз воқиаи ишқ харобам,
Маҷнун ҳам аз ин воқиа расвои ҷаҳон буд.

Имрӯз нашуд ному нишони дили ман гум,
То буд дили гумшуда, беномунишон буд.

Дӣ буд гумон, к-аз ғамат имрӯз бимирам,
Имрӯз яқин аст маро, ҳар чӣ гумон буд.

Ҳар тири ҷафое, ки ду абрӯи ту афканд,
Бас коргар омад, ки ба зӯри ду камон буд.

Худро хасу хошоки дарат гуфт Ҳилолӣ,
Таҳқиқ намудем, басе камтар аз он буд.

* * *

Дӣ ба роҳам дидану он гоҳ нодидан чӣ буд?
Рӯй гардонидану аз роҳ гардидан чӣ буд?

Гар на дар дил доштӣ, к-аз рашк гирям зор-зор,
Пеши ман рух дар рухи ағёр хандидан чӣ буд?

Хостӣ, к-аз соғари ҳасрат хурам хуни ҷигар,
В-арна дар базми рақибон ҷуръа нӯшидан чӣ буд?

Ман намедонам, ки ин хашми туро тақриб чист?
Худ бигӯ охир, ки бетақриб ранҷидан чӣ буд?

Дӯш дар кӯят ба беморӣ фикандам хешро,
То нагӯяндам, ки шаб то рӯз нолидан чӣ буд?

Хонаи ағёрро пурсиду ман мурдам зи рашк,
Дӯстон, пурсед аз ӯ, к-ин хона пурсидан чӣ буд?

Бе маҳи рӯяш, Ҳилолӣ, зор гаштӣ оқибат,
Бо чунин номеҳрубоне меҳр варзидан чӣ буд?

* * *

Бо ман аввал он ҳама расми вафодорӣ чӣ буд?
Баъд аз он бе мӯҷибе чандин ҷафокорӣ чӣ буд?

Марҳамат бигзоштӣ, теғи ҷафо бардоштӣ,
Он муҳаббатҳо куҷо шуд, ин ситамкорӣ чӣ буд?

Мардуми чашмам зи озорат ба хун оғушта шуд,
Нури чашми ман, бигӯ, к-ин мардумозорӣ чӣ буд?

Ман намегӯям, ки чандин душманӣ охир чарост?
Лек мепурсам,ки аввал он ҳама ёрӣ чӣ буд?

З-он ду гесӯ, гар Худо қайди гирифторон нахост,
Ин ҳама тартиби асбоби гирифторӣ чӣ буд?

Гар набуд, эй шӯх, оҳанги дилозорӣ туро,
Бечиҳат бо ошиқон оҳанги безорӣ чӣ буд?

Сӯйи худ хондӣ Ҳилолирову рондӣ оқибат,
Иззати ӯро бадал кардан ба ин хорӣ чӣ буд?

* * *

Кокул зи чӣ бигзоштаӣ то камари худ?
Магзор балоҳои чунинро ба сари худ.

Рафтори туро гар малак аз Арш бибинад,
Ояд ба замин, фарш кунад болу пари худ.

Чашми ту ниҳон як назар аз лутф бияндохт,
Моро зи чӣ андохтаӣ аз назари худ?

Дирӯз зи ҳоли ҳама олам хабарам буд,
Имрӯз чунонам, ки надонам хабари худ.

Дар ишқи ту аз ман асаре беш намондаст,
Наздик шуд он дам, ки наёбам асари худ.

Ман кушта шавам беҳ, ки ҷудо афтам аз он дар,
Зорам бикушу дур маяфкан зи дари худ.

Дур аз ту чӣ гӯям, ба чӣ ҳол аст Ҳилолӣ?
Дармонда ба дарди дили хунинҷигари худ.

*   *   *

Ёр агар марҳами доғи дили маҳзун нашавад,
Бо чунин доғ дилам хун нашавад, чун нашавад?

Ҷуз дили сахти ту хун шуд ҳама дилҳо зи ғамам,
Дил магар санг бувад, к-аз ғами ман хун нашавад?

Ин ки бо мо ситамат кам нашавад, боке нест,
Кӯшиши мо ҳама ин аст, ки афзун нашавад.

Гар ба сарманзили Лайлӣ гузарӣ ҷилвакунон,
Нест мумкин, ки туро бинаду маҷнун нашавад.

Баски дар нолаам аз гардиши гардун ҳама шаб,
Ҳеч шаб нест, дусад нола ба гардун нашавад.

Гуфтаӣ хуни ту резам, чӣ саодат беҳ аз ин?
Нияти хайри ту, ё Раб, ки дигаргун нашавад.

Воизо, тарки Ҳилолӣ куну афсона махон,
Куштаи ишқи бутон зинда ба афсун нашавад.

*   *   *

Лаъли ҷонбахшат, ки ёд аз оби ҳайвон медиҳад,
Зиндаро ҷон меситонад, мурдаро ҷон медиҳад.

Дур бодо чашми бад, к-имрӯз дар майдони ҳусн
Шаҳсавори ман саманди ноз ҷавлон медиҳад.

Ё Раб, андар соғари даврон шароби васл нест,
Ё ба даври мо ҳама хуноби ҳиҷрон медиҳад?

Дил магар побастаи зулфи ту шуд, к-аз ҳоли ӯ
Бод меояд, хабарҳои парешон медиҳад?

Нест дарди ишқи хубонро ба дармон эҳтиёҷ,
Гар табиб ин дард бинад, тарки дармон медиҳад.

Мӯҷиби ин гиряҳои талх медонӣ, ки чист?
Ишваи ширин, ки он лабҳои хандон медиҳад.

Эй аҷал, сӯйи Ҳилолӣ баҳри ҷон бурдан маё,
З-он ки ошиқ гоҳи мурдан ҷон ба ҷонон медиҳад.

* * *

Ҳар гаҳ он қассоб ханҷар бар гӯлӯи ман ниҳад,
Мениҳам сар бар замин, то по ба рӯи ман ниҳад.

Он ки ҳар сӯ куштае сар мениҳад бар пои ӯ,
Куштаи онам, ки рӯзе по ба сӯи ман ниҳад.

Хӯи ӯ тунд аст бо ман, гӯ, Рақиби сангдил,
То барорад теғу пеши тундхӯи ман ниҳад.

Розҳо дар сина дорам, гӯшае хоҳам, ки ёр
Соате гӯши ризо бар гуфтугӯи ман ниҳад.

Дафъи савдои сари зулфи ту натвонад ҳаким,
Гар дусад занҷир бар ҳар тори мӯи ман ниҳад.

Гарди ғамро гар ба оби дида биншонам даме,
Боз бархезад, қадам дар ҷустуҷӯи ман ниҳад.

Бӯйи мушк ояд зи авроқи Ҳилолӣ солҳо,
Гар даме пеши ғизоли мушкбӯи ман ниҳад.

* * *

Моҳи ман, зулфат шаби қадр асту рӯят рӯзи ид,
Дар сари моҳе шабу рӯзе ба ин хубӣ кӣ дид?

Сарви ман бархост, аз қаддаш қиёмат шуд падид,
Ғайри он қомат ки ман дидам, қиёматро кӣ дид?

Он занахдонро, ки пур карданд з-оби зиндагӣ,
Бар кафам неҳ, к-аз камоли тозагӣ хоҳад чакид.

Чун дар оғӯшат гирифтам, қолаби ман ҷон гирифт,
Ғолибан ҷонофарин ҷисми ту аз ҷон офарид.

Чун кафи поят ниҳодӣ бар дилам, ором ёфт,
Даст аз ӯ гар боздорӣ, ҳамчунон хоҳад тапид.

Чунки бигзаштӣ ту, ашки ман равон шуд аз паят,
Азми побӯси ту дорад, ҳар куҷо хоҳад расид.

Мекашам бори ғам аз ҳиҷрону ин кӯҳи балост,
Ман надонам, к-ин балоро то ба кай хоҳам кашид.

Ваҳ, чӣ пеш омад, Ҳилолӣ, к-он ғизоли мушкбӯй
Ногаҳон аз ман рамиду бо рафиқон орамид?

* * *

Ҷуз бандагиям коре аз даст намеояд,
Ман бандаи фармонам, то дӯст чӣ фармояд?

Ту умри ману васлат осоиши умри ман,
Ё Раб, ки рақиби ту аз умр наёсояд!

Эй гул, ту ба ҳусни худ мағрур машав чандин,
К-ин хубии даҳрӯза бисёр намепояд.

То чанд ҷафокорӣ, шӯхию дилафгорӣ?
Ҷое ки вафо бошад, инҳо ба чӣ кор ояд?

Дар ишқ Ҳилолиро инкор кунанд, аммо
Ин кор чу пеш ояд, инкор намешояд.

* * *

З-он пештар, ки ҷонон ногаҳ зи дар дарояд,
Аз шодии висолаш, тарсам, ки ҷон барояд.

Носиҳ ба сабр моро бисёр хонд, лекин
Мо ошиқему аз мо ин кор камтар ояд.

Эй турки шӯх, боре дар сар чӣ фитна дорӣ?
К-аз шӯхии ту ҳар дам сад фитна бар сар ояд.

Ҷуз акси худ, ки бинӣ з-ойина гоҳ-гоҳе,
Мисли ту дигаре ку, то дар баробар ояд?

Гуфтӣ, ки бо ту ёрам. Оҳ, ин дурӯғ гуфтӣ
В-ар з-он ки рост бошад, кай аз ту бовар ояд?

Бар гирди шамъи рӯят парвона шуд Ҳилолӣ,
Як бор гар биронӣ, сад бори дигар ояд.

* * *

Агар на аз гули наврусте бӯи ёр ояд,
Ҳавои боғу тамошои гул чӣ кор ояд?

Баҳор мерасад, оҳанги боғ кун з-он пеш,
Ки рафта бошию бори дигар баҳор ояд.

Зи бода сархушии худ замон-замон нав кун,
Чунон макун, ки равад мастию хумор ояд.

Фитод киштии умрам ба мавҷхези фироқ,
Умед нест, к-аз ин варта бар канор ояд.

Ҳазор ошиқи дилхаста хоки роҳи ту бод,
Вале мабод, ки бар доманат ғубор ояд!

Ҷудо зи лаъли ту ҳар қатрае зи оби ҳаёт
Маро ба дида чу пайкони обдор ояд.

Чу бор нест бар ин остон Ҳилолиро,
Аз ин чӣ суд, ки рӯзе ҳазор бор ояд?

* * *

Чӣ ҳосил, гар ҳазорон гул дамад ё сад баҳор ояд?
Маро чун бо ту кор афтодааст, инҳо чӣ кор ояд?

Диламро боғу бустон хуш намеояд, магар вақте
Ки ҷоме дар миён оранду сарве дар канор ояд.

Чу сӯи зулфи хубон рафт, сӯи мо наёяд дил,
В-агар ояд, сияҳрӯзу парешонрӯзгор ояд.

Намеоям бурун аз бими расвоӣ, ки метарсам,
Маро дар пеши мардум гиряи беихтиёр ояд.

Пас аз умре, агар он тифли бадхӯ бигзарад сӯям,
Намегирад қароре, то дили ман дар қарор ояд.

Фузун аз доғи навмедӣ балое нест ошиқро,
Мабодо, к-ин бало пеши мани уммедвор ояд.

Ҳилолӣ, чун ту дарвешию он маҳ хусрави хубон,
Туро аз ишқи ӯ фахр асту ӯро аз ту ор ояд.

* * *

Агар чун ту сарве зи ҷое барояд,
Шавад растахезу балое барояд.

Худоро, лаби худ ба дашном бикшо,
Ки аз ҳар забоне дуое барояд.

Ту султони ҳуснию олам гадоят,
Чунон кун, ки кори гадое барояд.

Чӣ кам гардад, охир, зи ҷоҳу ҷалолат,
Агар ҳоҷати бенавое барояд?

Мазан тири ҷавру ҳазар кун зи оҳе,
Ки аз синаи мубталое барояд.

Маро мекушад интизори қудумат,
Чӣ бошад, ки овози пое барояд?

Ҳилолӣ аз ин шаб халосӣ надорад,
Магар офтобе зи ҷое барояд.

* * *

Дило, гар ошиқӣ, биншин, ки ҷононат бурун ояд,
Бар он дар мунтазир мебош, то ҷонат бурун ояд.

Агар сад сол об аз гиря бар оташ занад чашмам,
Ҳанӯз аз синаи ман сӯзи ҳиҷронат бурун ояд.

Зи тоби оташи май, чун арақ резад гули рӯят,
Зулоли раҳмат аз чоҳи занахдонат бурун ояд.

Чӣ бинам офтоберо, ки аз ҷайби фалак сар зад?
Хуш он моҳе, ки ҳар субҳ аз гиребонат бурун ояд.

Савори хоки майдони туам, оҳиста ҷавлон кун,
Намехоҳам, ки гарде ҳам зи майдонат бурун ояд.

Ҳилолӣ, хостӣ, к-аз заъфи тан афғон кунӣ, аммо
Ту он қувват куҷо дорӣ, ки афғонат бурун ояд?

* * *

Ғаме к-аз дарди ишқат бар дили ношод меояд,
Агар бо кӯҳ гӯям, санг дар фарёд меояд.

Дилам рӯзе ки тарҳи ишқ меандохт, донистам,
Ки гар созам бинои сабр, бебунёд меояд.

Намедонам, чӣ бераҳмист он султони хубонро
Ки ҳар гаҳ дод хоҳам, бар сари бедод меояд.

Рақибо, гар туро андешаи мо нест, маъзурӣ,
Куҷо бедардро аз дардмандон ёд меояд?

Туфайли бандагон ман ҳам қабул афтодаам, гӯё
Ки аз ҳар ҷониб овози муборакбод меояд.

Аҷаб хоки фараҳнок аст кӯи майфурӯшонро,
Ки ҳар кас меравад ғамгин, ҳамон дам шод меояд.

Чӣ нисбат бо рақиби сангдил мискин Ҳилолиро?
Намеояд зи Хусрав, ончи аз Фарҳод меояд.

* * *

Дами охир, ки маро умр ба сар меояд,
Гар ту ой ба сарам, умри дигар меояд.

Гар нагӯям, ҷигар аз дарди ту хун мебандад,
В-ар бигӯям, зи дарун хуни ҷигар меояд.

Манам он кӯҳи ғаму дард, ки селоби сиришк
Ҳар дам аз домани ман то ба камар меояд.

Чун кунам аз ту фаромӯш, ки рӯзе сад бор
Ҷилваи ҳусни ту дар пеши назар меояд?!

Дар қафои сипари сина ба ҷон аст дилам,
Ки чаро тири ту аввал ба сипар меояд?

Сабза наврусга бувад хуб, вале хубтар аст
Сабзаи хатти ту, ҳарчанд ки бармеояд.

Шаб зи фарёди Ҳилолӣ сагат афғон бардошт,
К-ин чӣ ғавғост, ки шаб то ба саҳар меояд?

* * *

Маҳи ман бо рақибони ҷафоандеш меояд,
Зи ғавғое, ки метарсидам, инак пеш меояд.

Чӣ чашм аст ин, ки ҳар гаҳ ҷониби ман тез мебинӣ?
Зи мижгони ту бар реши дилам сад неш меояд.

Ба он лабҳои ширин, ваҳ, чӣ шӯрангез механдӣ,
Ки аз завқаш намак бар синаҳои реш меояд.

Ҷамолатро ба мизони назар ҳарчанд месанҷам,
Ба чашми ман рухат аз ҷумла хубон беш меояд.

Маро ин захмҳо бар сина аз дасти худ аст, оре
Касеро ҳар чӣ пеш ояд, зи дасти хеш меояд.

Ҳилолӣ, рӯзи васл омад, макун андешаи дурӣ,
Ки ин андешаҳо аз ақли дурандеш меояд.

* * *

Маро чун дигарон ёди гулу гулшан намеояд,
Ба ғайр аз ошиқӣ кори дигар аз ман намеояд.

Ҳавас дорам, ки дӯзам чоки дил аз тори гесӯяш,
Вале чандин гираҳ дорад, ки дар сӯзан намеояд.

Тааҷҷуб чист, гар ман дар висолаш фориғам аз гул?
Касеро пеши Юсуф ёди пироҳан намеояд.

Мунаввар шуд ба ташрифи қудумаш хонаи чашмам,
Бале, ҷуз мардумӣ аз дидаи равшан намеояд.

Ту бадхӯӣ, ки дорӣ қасди ҷони ошиқон, в-арна
Касеро аз барои ошиқӣ куштан намеояд.

Ҳилолӣ ашк меборад, бар ӯ доманкашон магзар,
Тааллул чист, чун гарде бар он доман намеояд?

* * *

Ҳар дам аз чашми ту дилро назаре мебояд,
Сад назар диду ҳанӯзаш дигаре мебояд.

Он қадар саркашию ноз ки бояд, дорӣ,
Шеваи меҳру вафо ҳам қадаре мебояд.

Ҳар чӣ дар олами хубист, аз он хубтарӣ,
Натавон гуфт, к-аз он хубтаре мебояд.

Ба умеди назаре дар гузарат хок шудем,
Аз ту бар мо назарею гузаре мебояд.

Гуфтӣ: Аз васл хабар ёфтаӣ, хушдил бош!
Хабаре ҳаст, валекин асаре мебояд.

Ба қадам тай нашавад роҳи биёбони фироқ,
Қатъи ин марҳаларо болу паре мебояд.

Дар раҳи ишқ, Ҳилолӣ, хабар аз хеш мапурс,
Ки дар ин роҳ зи худ бехабаре мебояд.

* * *

Охир аз ғайб даре бар рухи мо бикшояд,
Дигарон гар накушоянд, Худо бикшояд.

Дилбарон, кори ман аз ҷаври шумо мушкил шуд,
Магар ин кор ҳам аз лутфи шумо бикшояд?

Бар дил аз ҳеч тараф боди нишоте навазад,
Ё Раб, ин ғунчаи пажмурда куҷо бикшояд?

Накушояд дили мо, то накушоӣ хами зулф,
Зулфи худро бикушо, то дили мо бикшояд.

Бошад осоиши он симтан осоиши ҷон,
Ҷон биёсояд, агар банди қабо бикшояд.

То ба дашноми Ҳилолӣ бикушоӣ лаби хеш,
Ҳар саҳар гирякунон дасти дуо бикшояд.

* * *

Эй касоне, ки ба хоки қадамаш ҷо доред,
Гоҳ-гоҳ аз мани маҳрумшуда ёд оред.

То кай аз ҳасрати ӯ хезаму бар хок афтам?
Вақти он аст, ки аз хок маро бардоред.

Гар зи наздик нахоҳед, ки бинам рӯяш,
Боре аз дур ба наззораи ӯ бигзоред.

Бешуморанд сафи ҷамъи ғуломон дар пеш,
Бандаро дар сафи он ҷамъ яке бишморед.

Гирди он кӯй сагонанд басе, баҳри Худо,
Ки маро низ дар он кӯй саге пиндоред.

Баъди мурдан сари ман дар сари кӯяш фиканед,
В-ар тавонед, ба хоки қадамаш биспоред.

То кай, эй сангдилон, марги Ҳилолӣ талабед?
Мурд бечора, шумо низ ҳамин ангоред.

* * *

Он камарбастану ханҷарзаданашро нигаред,
Тарфи доман ба миён барзаданашро нигаред.

Хилъати ҳусну камар, таркаши нозаш бинед,
Иқди дастор ба сар барзаданашро нигаред.

Ҷониби гиряи ман чун нигарад аз сари ноз,
Ханда бар ҷониби дигар заданашро нигаред.

Шӯхи ман маст шуду соғари май зад ба сарам,
Шӯхию мастию соғарзаданашро нигаред.

Ногаҳ он шӯх дарун омаду сар зад ҳамаро,
Маст дар маҷлиси мо сарзаданашро нигаред.

Чун бад-он қомати раъно кунад оҳанги чаман,
Таъна бар сарву санавбар заданашро нигаред.

Мункири оҳи ҷаҳонсӯзи Ҳилолӣ машавед,
Ҳар дам оташ ба ҷаҳон дарзаданашро нигаред.

* * *

Дил ба дард омаду ин дард ба дармон нарасид,
Сар дар ин кор шуду кор ба сомон нарасид.

Он ҷафопеша, ки бар нолаи ман раҳм накард,
Кофире буд, ба фарёди мусулмон нарасид.

Кас бари он шаҳи хубон ғами ман арз накард,
Ваҳ, ки дарди дили дарвеш ба султон нарасид!

Ваҳ, ки то гашт сарам бар сари майдони ту хок,
Баъд аз он пои ту як рӯз ба майдон нарасид,

Ту чӣ донӣ, ки чӣ ҳол аст маро дар раҳи ишқ?
Чун туро гарде аз ин роҳ ба домон нарасид.

Оқибат даст ба домони рақиби ту задам,
Чӣ кунам? Дасти ман ӯро ба гиребон нарасид.

Умрҳо хост Ҳилолӣ, ки ба хубон бирасад,
Мурд бечораву як рӯз бад-эшон нарасид.

* * *

Баҳри дарди дили мо аз ту давое нарасид,
Саъйи бисёр намудем, ба ҷое нарасид.

Мо асирон ба ту ҳаргиз нанамудем вафо,
Ки ҳамон лаҳза ба мо аз ту ҷафое нарасид.

Қоматам чанг шуду лутфи ту нанвохт маро,
Бенавое зи ту ҳаргиз ба навое нарасид.

Бо чунин қомату боло нарасидӣ ба касе,
К-аз ту бар синаи ӯ тири балое нарасид.

Дида, гӯ: Об бидеҳ гулшани уммеди маро,
К-аз гули ин чаманам бӯи вафое нарасид.

Ҳолате нест дар он кас, ки ба ҷону дили ӯ
Фитнаи ҷилвагари ишванамое нарасид.

Гар Ҳилолӣ ба висолат нарасад, нест аҷаб,
Ҳеҷ гаҳ мансаби шоҳӣ ба гадое нарасид.

*   *   *

Гар дилам з-ин гуна оҳи дамбадам хоҳад кашид,
Оташи пинҳони ман охир алам хоҳад кашид.

Зери кӯҳи ғам тани фарсуда коҳе беш нест,
Барги коҳе чанд, ё Раб, кӯҳи ғам хоҳад кашид?

Танг шуд бар ошиқи бехонумон шаҳри вуҷуд,
Баъд аз ин худро ба саҳрои адам хоҳад кашид.

Нам кашад аз оби чашмам хоки ҳар сарманзиле,
Ашк агар ин аст, боми чарх нам хоҳад кашид.

Ҳарфи бедоде, ки берун ояд аз килки қазо,
Даври чарх онро ба номи ман рақам хоҳад кашид.

Ҷуръанӯши базми риндонро башорат деҳ, ки ӯ
Солҳо оби ҳаёт аз ҷоми Ҷам хоҳад кашид.

Чун Ҳилолӣ хок гаштам бар умеди мақдамаш,
Ваҳ, чӣ донистам, ки аз хокам қадам хоҳад кашид.

*   *   *

Ваҳ, ки савдои ту охир сар ба шайдоӣ кашид,
Қиссаи ишқи ниҳони мо ба расвоӣ кашид.

Охир, эй ҷон, рӯзе аз ҳоли дили зорам бипурс,
То бигӯям, ончи дар шабҳои танҳоӣ кашид.

Мекашанд аз доғи савдоят хирадмандони шаҳр,
Ончи Маҷнуни биёбонгарди саҳроӣ кашид.

Ҳоли мову фитнаи чашми ту медонад, ки чист,
Ҳар кӣ рӯзе ғорати туркони яғмоӣ кашид.

Бандаи он саври озодам, ки бар рухсори гул
Холи раъноӣ ниҳоду хатти зебоӣ кашид.

Тоқати ҳиҷрон надорад нозпарварди висол,
Доғу дарди ишқро натвон ба раъноӣ кашид.

Сабр фармудан Ҳилолиро мафармо, эй табиб,
З-он ки натвон беш аз ин ранҷи шикебоӣ кашид.

* * *

Эй бутони сангдил, то чанд истиғно кунед?
Мо худ аз фикри шумо мурдем, фикри мо кунед!

Ҷони маҳзун дар танам имрӯзу фардо беш нест,
Фикри имрӯзи ману андешаи фардо кунед.

Мурдам аз ин ғусса, мехоҳам, ки ёр огаҳ шавад,
Эй рақибон, бар сари тобути ман ғавғо кунед.

Чанд бо ағёр пардозед, эй симинбарон,
Гоҳ-гоҳе ҳам ба ҳоли ошиқон парво кунед.

Мекунад савдои зулфаш рӯзи мискинон сиёҳ,
Эй сияҳрӯзони мискин, тарки ин савдо кунед.

Баски махмурам, гаронӣ мекунад дастори ман,
Майфурӯшон, аз сари ман ин балоро во кунед!

Ошиқиҳои Ҳилолӣ сар ба шайдоӣ кашид,
Дӯстон, фикре ба ҳоли ошиқи шайдо кунед.

* * *

Ман намехоҳам, ки дар кӯяш маро бисмил кунед,
Ҳайф бошад, к-ончунон хоке ба хунам гил кунед.

Чун нахоҳам зист дур аз рӯйи ӯ, баҳри Худо,
Теғ бардореду пеши ӯ маро бисмил кунед.

Баҳри қатлам ранҷа медоред дасти нозукаш,
Ҳам ба дасти худ маро қурбони он қотил кунед.

Чун ба азми хок бардоред тобути маро,
Ҳар қадам сад ҷо ба гирди кӯи ӯ манзил кунед.

То рухаш ман бинаму ҷуз ман набинад дигаре,
Пеши рӯяш пардаи чашми маро ҳоил кунед.

Дил дар он кӯясту ман бедил, Худоро, баъд аз ин
Бигзаред аз фикри дил, фикри мани бедил кунед.

Эй ҳарифоне, ки ҷо дар базми он маҳ кардаед,
То Ҳилолӣ ҳам дарояд, рухсате ҳосил кунед.

* * *

Дӯстон, имшаб давои ҷони маҳзунам кунед,
Бар сарам афсонае хонеду афсунам кунед.

Нест андӯҳи маро бо дарди Маҷнун нисбате,
Мешавам девона, гар нисбат бар Маҷнунам кунед.

Лолагун шуд хирқаи садчокам аз хуноби ашк,
Шарҳи ин сурат ба шӯхи ҷомагулгунам кунед.

Шаҳсавори ман ба саҳро рафтаву ман мондаам,
З-ин гуноҳ аз шаҳр мехоҳам, ки берунам кунед.

Васфи қаддашро ба мизони хирад санҷидаам,
Офарин бар эътидоли табъи мавзунам кунед.

Чашми пурхунам бибинеду мапурсед аз дилам,
Ҳолати дилро қиёс аз чашми пурхунам кунед.

Чун Ҳилолӣ дӯш бар хоки дараш ҷо кардаам,
Шояд, ар имрӯз ҷо бар авҷи гардунам кунед.

* * *

Менависам сухан аз оташи дил бар коғаз,
Ҷои он аст, агар шуъла занад дар коғаз.

Чун қалам сӯхтӣ аз оташи дил номаи ман,
Агар аз оби ду чашмам нашудӣ тар коғаз.

Сухани лаъли ту хоҳем, ки дар зар гирем,
Кош созанд дигар аз вараќи зар коғаз.

Хатти мушкин вараќи рӯи туро бинаду бас,
Қобили ояти раҳмат набувад ҳар коғаз.

Шарҳи бемеҳрии он моҳ ба поён нарасад,
Филмасал гар шавад афлок саросар коғаз.

То Ҳилолӣ сифати моҳи ҷамоли ту навишт,
Гашт чун сафҳаи хуршед мунаввар коғаз.

*   *   *

Ғам нест, гар зи доғи ту месӯзадам ҷигар,
Дорӣ ҳазор сӯхта, ман ҳам яке дигар.

Ё Раб, чӣ кам шавад зи ту, эй подшоҳи ҳусн,
Гар сӯи ман ба гӯшаи чашме кунӣ назар?

Дар кӯи ту саромади аҳли вафо манам,
Аз чашми илтифот вафои маро нигар.

То кай дар орзуи ту гардем кӯбакӯй?
То кай ба ҷустуҷӯи ту гардем дарбадар?

Ҷон меканему ёр зи мо бехабар ҳанӯз,
Хоҳем мурдан аз ғами ту, то шавад хабар.

Дар гӯшаи ғам аст Ҳилолӣ ба сад ниёз,
Гоҳе зи чашми лутф бар ин гӯша барнигар.

*   *   *

Ҷон хоҳам аз Худо, на яке, балки сад ҳазор,
То сад ҳазор бор бимирам барои ёр.

Ман зораму ту зор, дило, як нафас биё,
То ҳар ду дар фироқ бинолем зор-зор.

Азбаски рехт гиряи хун дар канори ман,
Пур шуд аз ин канор ҷаҳон то ба он канор.

Дар рӯзгори ҳаҷри ту рӯзам сиёҳ шуд,
Бар рӯзи ман бибин, ки чиҳо кард рӯзгор!

Чун дил асири туст, зи кӯи худаш марон,
Дилдорие куну дили моро нигоҳ дор.

Коми ман аз даҳони ту як ҳарф беш нест,
Баҳри Худо, ки лаб бикушо, коми ман барор.

Чун хок шуд Ҳилолии мискин ба роҳи ту,
Хокаш ба гард рафту шуд он гард ҳам ғубор.

*  *  *

Эй ба хубӣ аз ҳама хубони олам хубтар,
Шеваи ҳусну ҷамолат ҳар як аз ҳам хубтар.

Одамӣ гар Юсуфи Миср аст, монанди ту нест,
Эй ту аз маҷмӯи фарзандони олам хубтар.

Рангат аз май ҳолате дорад, ки аз гул хуштар аст,
В-он арақ бар орази покат зи шабнам хубтар.

Хубтар шуд рӯйи гулгунат ба даври хатти сабз,
Оре, оре, боғ бошад сабзу хуррам хубтар.

Мулки ҷон таслими султони хаёлаш шуд, ки ҳаст
Кишвари мо бар чунин шоҳи мусаллам хубтар.

Коса-коса бо сагонат мехурам хуни ҷигар,
З-он ки май хуб асту бо ёрони ҳамдам хубтар.

Ташналаб бӯсад Ҳилолӣ хоки он дар, з-он ки ҳаст
Хоки пои поки он кӯ з-оби Замзам хубтар.

*   *   *

Эй қоматат зи сарви саҳӣ сарфарозтар,
Лаълат зи ҳар чӣ шарҳ диҳам, дилнавозтар.

Аз баҳри он ки бо ту шабе оварам ба рӯз,
Хоҳам шабе зи рӯзи қиёмат дарозтар.

Ҷон аз таби фироқи ту дар як нафас гудохт,
Ҳаргиз табе набуд аз ин ҷонгудозтар.

Ман дар раҳат ниҳода ба ёрӣ сари ниёз,
Ту ҳар замон зи ёрии ман бениёзтар.

Дарбохтем дунйию уқбӣ ба ишқи пок,
Дар кӯи ишқ нест зи мо покбозтар.

Дардо, ки боз кори Ҳилолӣ зи даст рафт,
Кораш бисоз, эй зи ҳама корсозтар.

*   *   *

То зи хати анбарин ҳусни ту шуд бештар,
Ошиқи рӯи туам бештар аз пештар.

Эй ба ту майли дилам ҳар нафасе бештар,
Хубии ту ҳар замон бештар аз пештар.

Пурсиш агар мекунӣ ошиқи дарвешро,
Аз ҳама ошиқтарам в-аз ҳама дарвештар.

Бо ғами Айюб нест ранҷи маро нисбате,
Сабрам аз ӯ камтар аст, дардам аз ӯ бештар.

Ишқи ту андешаро сӯхт, ки расво шудам,
В-арна кас аз ман набуд оқибатандештар.

Кеши бутон кофарист, мазҳаби эшон ситам,
В-он бути бадкеши ман аз ҳама бадкештар.

Ғамзазанон омадӣ сӯи Ҳилолӣ ба ноз,
Синаи ӯ реш буд, оҳ, ки шуд рештар!

* * *

Ҷома гулгун, рӯи оташнок аз гул поктар,
Ҷома оташноку рӯ аз ҷома оташноктар.

То чу гул нозук танашро дидам аз ҷайби қабо,
Синаи ман чок шуд чун домани ман чоктар.

Ҳайф бошад он, ки дӯзам дида бар домони ӯ,
З-он ки бошад доманаш аз дидаи ман поктар.

Илтимоси қатли худ кардам, равон бархостӣ,
Аллаҳ, Аллаҳ, барнахезад сарв аз ин чолоктар.

Сад мусулмон аз ту дар фарёду бокат ҳеч нест,
Ин чӣ бебокист, эй аз кофарон бебоктар?

Гуфтаӣ: Аз баҳри побӯсам, Ҳилолӣ, хок шав,
Ман худ аввал хок будам, гаштам акнун хоктар.

* * *

Ҳар рӯз дар кӯяш равам, пайдо кунам ёри дигар,
Ӯро баҳона созаму он ҷо равам бори дигар.

Корам ҳамин ишқ асту ман ҳайрони кори хештан,
Эй кош, будӣ ҳам маро ҷуз ошиқӣ кори дигар.

Ман кистам, то хуш зиям дар сояи девори ӯ?
Бигзор, к-аз ғам ҷон диҳам дар зери девори дигар.

Берун марав, ҷавлон макун в-аз ноз қасди ҷон макун,
Ангор, мурд аз ҳар тараф сад ошиқи зори дигар.

Дар ишқи мижгони санам саҳронавардиҳо кунам,
Дорам ба по хоре аҷаб, дар пои дил хори дигар.

Гар дошт рӯзе пеш аз ин бозори Юсуф равнақе,
Дорад матоъи ҳусни ту имрӯз бозори дигар.

Ғайр аз Ҳилолӣ, моҳи ман, дорӣ вафодорон басе,
Аммо надорӣ ҳамчу ӯ ёри вафодори дигар.

* * *

Ваҳ, ки бозам фалак андохт ба ғавғои дигар,
Ман ба ҷои дигар афтодаму дил ҷои дигар.

Як-ду рӯзи дигар аз лутф ба болини ман ой,
Ки ман имрӯзи дигар дораму фардои дигар.

Ғолибан талхии ҷон кандани ман хост табиб,
Ки ба ҷуз сабр нафармуд мудовои дигар.

По ниҳам пеш, ки наздики ту оям, лекин
Аз таҳайюр натавонам, ки ниҳам пои дигар.

Бо ман он кард ба якбор тамошои рухат,
Ки маро ёд наёяд зи тамошои дигар.

Агар ин аст парешонии зарроти вуҷуд,
Кош ҳар зарра шавад хок ба саҳрои дигар.

Пеш аз ин дошт Ҳилолӣ сари савдои касе,
Дид чун зулфи ту, афтод ба савдои дигар.

* * *

Ҳошалиллаҳ, к-аз рухат чашм афканам сӯи дигар,
Хуш намеояд ба ҷуз рӯи туам рӯи дигар.

Тозагулҳои чаман хушрангу хушбӯянд, лек
Гулрухи мо ранги дигар дораду бӯи дигар.

Зинати он рӯи неку хол бас, хат гӯ, мабош,
Ҳусни ӯро дарнамебояд сари мӯи дигар.

Куштан омад хӯи он бераҳму з-онам бок нест,
Бок аз он дорам, ки гирад ғайр аз ин хӯи дигар.

Рӯзи маҳшар, к-аз ҷафои некувон ноланд халқ,
Бошад он бадхӯйро ҳар сӯ дуогӯи дигар.

Ҳар киро хоки сари кӯи ту домангир шуд,
Кай ба домонаш расад гарди сари кӯи дигар?

Дӣ чу бо он зулфу рух сӯи Ҳилолӣ омадӣ,
Рафт орому қарораш ҳар яке сӯи дигар.

*   *   *

Бо рухи зард омадам сӯи дарат, эй сарви ноз,
Яъне овардам ба хоки даргаҳат рӯйи ниёз.

Давлати ҳусну ҷавонӣ як-ду рӯзе беш нест,
Дар ниёзи мо нигар, чандин ба ҳусни худ маноз!

Умр бигзашту шаби торики ҳаҷр охир нашуд,
Ё шабам кӯтоҳ мебояст, ё умрам дароз.

Тоби беморӣ надорам беш аз инҳо, эй фалак,
Ё насими рӯҳпарвар, ё самуми ҷонгудоз!

Мардуми чашми Ҳилолӣ пок мебозад назар,
Рӯ матоб, эй нозанин, аз мардумони покбоз.

*   *   *

Бирав, эй наргиси раъно, ту ба ин чашм маноз,
Нозро чашми сияҳ бояду мижгони дароз.

Аз гулу лола чӣ ҳосил? Ману он сарв, ки ҳаст
Ҳама шӯхию карашма, ҳама ҳусну ҳама ноз.

Оташинрӯи ман ороиши базм аст имшаб,
Бирав, эй шамъ, ту дар гӯшаи ҳиҷлат бигудоз!

Эй хуш он дам, ки ту аз ноз суи ман ой,
Хезаму бар кафи пои ту ниҳам рӯи ниёз.

Эй ки меҳмони манӣ, соғару мутриб маталаб,
Ҳам ба ин сӯзи дилу нолаи ҷонсӯз бисоз.

Ту гули рӯи заминию маҳи авҷи фалак,
Ҳама ҳайрони ҷамолат зи нишебу зи фароз.

Эй маҳи ҳусн, ба аҳволи Ҳилолӣ назаре,
Ки манам бандаи мискин, ту шаҳи банданавоз.

* * *

Қади ту умри дароз асту сарви гулшани ноз,
Биёву соя фикан бар сарам чу умри дароз.

Зи гиря бе ту маро баста буд роҳи назар,
Ту омадию назар мекунам ба рӯи ту боз,

Чароғи ишрати ман мурду бар ту зоҳир нест,
Биё, ки пеши ту равшан кунам ба сӯзу гудоз.

Зи осмону замин фориғем дар раҳи ишқ,
Дар ин сафар чӣ тафовут кунад нишебу фароз?

Ба рӯи зарди Ҳилолӣ зи рӯи ноз мабин,
Ки аз ҷаҳон ба ту овардааст рӯи ниёз.

* * *

Ёри ман ваҳ, ки маро ёр надонад ҳаргиз,
Қадри ёрони вафодор надонад ҳаргиз.

Хуш табиб аст масеҳодаму ҷонбахш, вале
Чораи ошиқи бемор надонад ҳаргиз.

Дардманде, ки чу ман талхии ҳиҷрон начашид,
Лаззати шарбати дидор надонад ҳаргиз.

Мо куҷо қадри ту донем, ки як мӯи туро
Ҳеч кас қимату микдор надонад ҳаргиз.

То рухат ҳаст, касе кай тарафи гул бинад?
Магар он кас, ки гул аз хор надонад ҳаргиз.

Дарди худ бо ту чӣ гӯям, ки дили нозуки ту
Ҳоли дилҳои гирифтор надонад ҳаргиз.

Аз Ҳилолӣ маталаб ҳуш, ки он масти хароб
Шеваи мардами ҳушёр надонад ҳаргиз.

* * *

Аз он чӣ суд, ки Наврӯз шуд ҷаҳонафрӯз?
Ки бе ту рӯзу шаби мо баробар аст имрӯз.

Агар ба қасди дилам сӯи теғ даст барӣ,
Ба пои хештан ояд, чу мурғи дастомӯз

Дилам ба завқи шакархандаи ту пурхун шуд,
Куҷост ғамзаи хунрезу новаки дилдӯз?

Ба дафъи лашкари ғам сад сипаҳ барангезам,
Вале чӣ суд, ки бахтам намешавад пирӯз?

Ба гиря гуфтамаш: Эй маҳ, ба ошиқон месоз,
Ба ханда гуфт: Ҳилолӣ, ба доғи мо месӯз!

*   *   *

Бархез, табибо, ки дилозурдаам имрӯз,
Бигзор маро, к-аз ғами ӯ мурдаам имрӯз.

Чун барги хазон чеҳраи ман зард шуд аз ғам,
Ку он гули сероб, ки пажмурдаам имрӯз?!

Чун гӯшаи домони ман аз хун шуда рангин,
Ҳар гӯша, ки домони худ афшурдаам имрӯз.

Имрӯз маро чун фалак овард ба афғон,
Ман низ фиғонро ба фалак бурдаам имрӯз.

Эй қиблаи мақсуд, зи ман рӯй магардон,
К-аз ҳар ду ҷаҳон рӯ ба ту овардаам имрӯз.

Бигзор, Ҳилолӣ, ки ба сад дард бинолам,
К-аз ҷаври фалак тири ҷафо хурдаам имрӯз.

*   *   *

Умр рафту аз ту моро сад парешонӣ ҳанӯз,
Ваҳ,чӣ умр аст ин ки ҳоли мо намедонӣ ҳанӯз?

Як назар дидем дидорат в-аз он умре гузашт,
Дидаҳо бар ҳам намеояд зи ҳайронӣ ҳанӯз.

Чист чандин илтифоти ошкоро бо рақиб?
Ҷониби мо як назар нокарда пинҳонӣ ҳанӯз.

Дар сафи тоат нишастам, рӯи дил сӯи бутон,
Кофирӣ сад бор беҳтар з-ин мусулмонӣ ҳанӯз.

Пеш аз ин рӯзе Ҳилолӣ тарки хубон карда буд,
Мекунад худро маломат аз пушаймонӣ ҳанӯз.

* * *

Ид шуд, ҳар гӯша халқе моҳи нав дорад ҳавас,
Гӯшаи абрӯ намудӣ, моҳи мо ин асту бас.

Ҳаст фардо иду ҳар кас моҳи нав дорад ҳавас,
Иди мо рӯи туву моҳи нав абрӯи ту бас.

Меравӣ хандону мегӯӣ: Муборак бод ид!
Ҳамчу иди мо муборак нест иди ҳеч кас.

Дар ғамат гар ҷон ба душворӣ диҳам, маъзур дор,
З-он ки дил танг асту осон барнамеояд нафас.

Ёр рафт, эй дил, чӣ суд аз нолаи шабгири ту?
Соҳиби маҳмил фароғат дорад аз бонги ҷарас.

Нола мекардам, саги кӯяш ба фарёдам расид,
Ман саги кӯе, к-аз он ҷо ояд ин фарёдрас.

Пеши рухсори ту дил дар сина дорад изтироб,
Ҳамчу он мурғе, ки бошад мавсими гул дар қафас.

Гар дилу ҷони Ҳилолӣ з-оташи ғам сӯхт, сӯхт,
Бар сари кӯи ту гӯ, ҳаргиз мабош ин хору хас.

* * *

Кори ман аз ҷумлаи олам ҳамин ишқ асту бас,
Оламе дорам, ки дар олам надорад ҳеч кас.

Подшоҳи аҳли дардам бар сари майдони ишқ,
Ман миёни фитнаву хайли бало аз пешу пас.

Дасти уммедам зи домони висолаш кӯтаҳ аст,
Ваҳ, ки ҷое рафтаам, к-он ҷо надорам дастрас!

Дар ҷаҳон чизе, ки дорам аз саводи ишқи ӯ,
Як дилу чандин таманно, як сару чандин ҳавас.

Орзу дорам, ки пешат ҷон диҳам, баҳри Худо,
Як нафас биншин, ки боқӣ нест ғайр аз як нафас.

Инчунин барқе, ки аз наъли самандат меҷаҳад,
Бар сари роҳи ту хоҳам сӯхтан чун хору хас.

Зор менолад Ҳилолӣ бе ту дар кунҷи фироқ,
Ҳамчу он булбул, ки менолад ба зиндони қафас.

* * *

Ком аз он лаб мушкилу моро ғами ком асту бас,
Кори нокомон ҳамон андешаи хом асту бас.

Бо ҳама кас з-он лаби ҷонбахш мегӯӣ сухан,
Ончи аз лаълат насиби мост, дашном асту бас,

Ҳар саҳисарве либоси нозро шоиста нест,
Ин қабо бар қадди он сарви гуландом асту бас.

Масти ишқам рӯзу шаб, нохурда май, нодида ком,
Халқ пиндоранд, мастӣ аз маю ҷом асту бас.

Нанг меояд, Ҳилолӣ, халқро аз номи ман,
Гӯиё нанги ҳама олам дар ин ном асту бас.

* * *

Ёри ман бо дигарон ёр шуд, афсӯс, афсӯс,
Рафту ҳамсуҳбати ағёр шуд, афсӯс, афсӯс!

Солҳо аҳди вафо баст, вале охири кор
Аҳд бишкасту ҷафокор шуд, афсӯс, афсӯс!

Он ки чун рӯз шаби айшам аз ӯ равшан буд,
Рафту рӯзам чу шаби тор шуд, афсӯс, афсӯс!

Он ки ҳам роҳати ҷон буду ҳам осоиши дил,
Қасди ҷон карду дилозор шуд афсӯс, афсӯс!

Гуфтам, эй дил, ба каманди сари зулфаш наравӣ,
Оқибат рафту гирифтор шуд, афсӯс, афсӯс!

Он ҳама гавҳари дониш, ки ба чанг овардам,
Ногаҳ аз даст ба якбор шуд, афсӯс, афсӯс!

Муддате дошт Ҳилолӣ зи бутон иззати васл,
Иззате дошт, вале хор шуд, афсӯс, афсӯс!

* * *

Зоҳид ба кунҷи савмиа май нӯшу маст бош,
Яъне ки дӯзахӣ шудӣ, оташпараст бош.

Эй сарв, эътидоли қадаш нест чун туро,
Хоҳӣ баланд ҷилва намо, хоҳ паст бош.

Дар хун нишастаем, ба хунрез бармахез,
Биншин дамею ҳамдами аҳли нишаст бош.

Эй дил, саре зи олами озодагӣ барор,
Яъне ба қайди ишқи касе пойбаст бош.

Макшо забони таъна, Ҳилолӣ, ба айби кас,
Моро чӣ кор? Гӯ, дигаре ҳар чӣ ҳаст, бош!

* * *

Дардмандам, гар маро дармон набошад, гӯ, мабош,
Дардмандони туро гар ҷон набошад, гӯ, мабош

Гар ғарибе бар сари кӯят бимирад, гӯ, бимир
В-ар гадое бар дари султон набошад, гӯ, мабош.

Чанд рӯзе бо ҷамолат ишқи пинҳон бохтам,
Баъд аз ин ин қисса гар пинҳон набошад, гӯ, мабош.

Ошиқи девонаам, сомони кор аз ман маҷӯй,
Ошиқи девонаро сомон набошад, гӯ, мабош.

Дар бутон дил бастаам, дигар маро бо дин чӣ кор?
Бутпарастам, гар маро имон набошад, гӯ, мабош.

Гар Ҳилолӣ аз сари кӯят ба зорӣ рафт, рафт,
Инчунин хоре дар ин бустон набошад, гӯ, мабош!

* * *

Оҳ аз он шӯх, ки то сар нашавад хоки дараш,
Бар сари ошиқи бечора наяфтад гузараш.

Эй ки аз ошиқи худ дер хабар мепурсӣ,
Зуд бошад, ки бипурсию наёбӣ хабараш.

Оҳи сард аз дили пурдард кашидам саҳаре,
Ғофилон ном ниҳоданд насими саҳараш.

Ман ки рашк оядам аз холи сияҳ бар лаби ӯ,
Чун писандам, ки нишинад магасе бар шакараш?

Ҳамчу Фарҳод ба ҳар кӯҳ ки бурдам ғами хеш,
Зери он бори гаронсанг шикастам камараш.

Зоҳид аз ишқи бутон хост маро тавба диҳад,
Муддаъӣ бин, ки Худо ақл надод ин қадараш.

Гар дилам зор шуд аз ишқи бутон, ғам махуред,
Бигузоред, ки мехоҳам аз ин зортараш.

Лола бар хоки шаҳиди ту ҷигаргӯшаи мост,
Ки баровардa ба доғи дили хунинҷигараш.

Манзари чашми Ҳилолӣ ватанаш бод, ки ҳаст
Майли ҳамсуҳбатии мардуми соҳибназараш.

*  *  *

Оҳ аз он моҳи мусофир, ки наёмад хабараш,
Ӯ сафар кардаву мо дар хатарем аз сафараш.

Рафтаму гирякунон рӯзи видоъаш дидам,
Эй хуш он рӯз, ки боз ояду бинам дигараш.

Дер меояду ҷон мунтазири мақдами ӯст,
Мурдам аз ишқ, Худоё, бирасон зудтараш.

Мепарад мурғи ҳаво ҷониби ӯ фориғбол,
Кош мебуд мани дилшударо болу параш!

Гарчи имрӯз маро кушту наёмад ба сарам,
Кош фардо ба сари хоки ман афтад гузараш!

Дар фироқат зи Ҳилолӣ асаре беш намонд,
Зуд бошад, ки биёию наёбӣ асараш.

*  *  *

Он ки аз оби ҳаёт озурда мегардад танаш,
Кай тавон дидан ба рӯзи ҷанг ғарқи оҳанаш?

Он ки бар дӯшаш гаронӣ мекунад ҷайби қабо,
Чун раво дорад касе бори зиреҳ бар гарданаш?

Чун набошад дар қабои оҳанин он симтан,
Эй хуш он рӯзе, ки бинам дар таҳи пироҳанаш.

Он тани пок аз латофат ҳаст чун оби ҳаёт,
Ғолибан мавҷи ҳамон об аст шакли ҷавшанаш,

Ҳайф бошад захми тири ӯ ба чашми душманон,
Чашмзахми дӯстон бодо насиби душманаш!

Наъл бар шакли ҳилолӣ пойи асбаш бӯса зад,
Кошкӣ будӣ Ҳилолӣ низ наъли тавсанаш.

* * *

Забони ӯ, ки надидам зи тангии даҳанаш,
Умед ҳаст, ки бинам ба коми хештанаш.

Чӣ нозукист таолаллаҳ, он саҳиқадро,
Ки аз гулу суман озурда мешавад баданаш.

Ҳазор тозагул аз бӯстон дамид, вале
Яке зи рӯи латофат намерасад ба танаш,

Созад, ки ҷомаи ҷонро қабо кунад аз шавқ
Ҳазор Юсуфи мисрӣ ба бӯйи пираҳанаш,

Таборакаллаҳ аз ин сабзае, ки тоза дамид
Ба домани симану бар канори ёсаманаш.

Бародарон, ба саги кӯи ёр агар бирасед,
Таҳийяте бирасонед аз забони манаш.

Ҳилолӣ аз лаби ҷонон аҷаб ҳадисе гуфт,
Ки тоза шуд ҳама ҷонҳо зи лаззати суханаш.

*   *   *

Гар гузар афтад чу боди субҳ бар хоки манаш,
Ҳамчу гард аз хок бархезам, бигирам доманаш.

Дар ҳавояш гар равад зарроти хоки ман ба бод,
Аз ҳаводорӣ дароям зарравор аз равзанаш.

Он парирӯро чӣ лоиқ кулбаи торики дил?
Мардуми чашм аст, биншонам ба чашми равшанаш.

Гар шабе лутфи танаш бар пираҳан зоҳир шавад,
Аз хушӣ дигар нагунҷад дар қабо пироҳанаш.

Аз латофат дам мазан, эй дил, ба он нозукбадан,
З-он ки гар дам мезанӣ, озурда мегардад танаш.

То ба гардан ғарқи хунам, дида бар роҳи умед,
Гар ба хунрезам наёяд, хуни ман дар гарданаш.

Хок шуд мискин Ҳилолӣ дар раҳи он шаҳсавор,
То лагадкӯби ҷафо гардад чу наъли тавсанаш.

*   *   *

Рӯзе ки бар лаб ояд ҷонам дар орзуяш,
Ҷонро бад-ӯ супорам, танро ба хоки кӯяш.

Чун аз висоли он гул дидам, ки нест ранге,
Охир ба сад зарурат қониъ шудам ба бӯяш,

Хуршеди рӯи ӯро нисбат ба моҳ кардам,
З-ин кори номуносиб шармандаам зи рӯяш.

Мискин дил аз маломат овораи ҷаҳон шуд,
Эй бод, агар бибинӣ, аз мо салом гӯяш.

Деҳқон зи ҷӯи токам сероб сохт, ё Раб,
Аз оби зиндагонӣ холӣ мабод ҷӯяш!

Аз ҷустуҷӯи васлаш манъам макун, Ҳилолӣ,
Гирам, ки ҳам наёбам, шодам ба ҷустуҷӯяш.

* * *

Кори ман фарёду афғон аст дур аз ёри хеш,
Мардумон дар кори ман ҳайрону ман дар кори хеш.

Эй табиби дардмандон, ин тағофул то ба кай?
Гоҳ-гоҳе метавон пурсидан аз бемори хеш.

Гирди кӯят беш аз ин ушшоқи мискинро масӯз,
Дуди дилҳоро нигаҳ кун бар дару девори хеш.

Чанд баҳри қатли ман озурда созӣ хешро?
Раҳм фармо, бигзар аз қатли ману озори хеш,

То Ҳилолиро ба сӯзи ишқ пайдо шуд саре,
Мегузорад ҳамчу шамъ аз оҳи оташбори хеш.

*   *   *

Эй шоҳи ҳусн, ҷавр макун бар гадои хеш,
Мо бандаи туем, битарс аз Худои хеш.

Хоҳанд ошиқон ду мурод аз Худои хеш-
Ҳаҷр аз барои ғайру висол аз барои хеш.

Гар дил зи кӯи дӯст наёмад, аҷаб мадор,
Ҷое нарафтааст, ки ояд ба ҷои хеш.

Эй ман гадои кӯи ту, гар нест раҳмате,
Боре назар дареғ мадор аз гадои хеш.

Сад бор ошно шудаӣ бо ману ҳанӯз
Бегонавор мегузарӣ з-ошнои хеш.

Зоҳид, бирав, ки ҳаст маро бо бутони шаҳр
Он ҳолате, ки нест туро бо Худои хеш.

Ҳайф аст бар ҷафо, ки ба ағёр макунӣ,
Баҳри Худо, ки ҳайф макун бар ҷафои хеш.

Қадри ҷафои туст фузун аз вафои мо,
Пеши ҷафои ту хиҷилам аз вафои хеш.

Гум шуд дилам, ба оҳу фиғон дигараш маҷӯй,
Пайдо масоз дарди саре аз барои хеш.

Чун хоки пои туст Ҳилолӣ ба сад ниёз,
Эй сарви ноз, сар макаш аз хоки пои хеш.

*   *   *

Эй қаҷӣ омӯхта пайваста аз абрӯи хеш,
Ростӣ ҳам ёд гир аз қомати дилҷӯи хеш.

Каъбаи мо кӯи туст, аз кӯи худ моро марон,
Қиблаи мо рӯи туст, аз мо магардон рӯи хеш.

Сар ба болини фароғат ҳар касе шаб то ба рӯз,
Мову ғамҳои туву сар бар сари зонуи хеш.

Шаб чу бар хоки дарат паҳлӯ ниҳодам, гуфт дил:
Ман зи паҳлӯи ту дар айшам, ту аз паҳлӯи хеш.

Чун Ҳилолиро фалак саргашта медорад чунин,
Беҷиҳат менолад аз моҳи ҳилолабрӯи хеш.

*   *   *

Мурдаму худро зи ғамҳои ҷаҳон кардам халос,
Оламеро ҳам зи фарёду фиғон кардам халос.

Дар ғами ишқи ҷавоне мешунидам панди пир,
Хештанро аз ғами пиру ҷавон кардам халос.

Хуш замоне даст дод аз олами мастӣ маро,
К-аз ду олам хешро дар як замон кардам халос.

Бар сари бозор рамзе гуфтам аз савдои ишқ,
Мардумонро аз ғами суду зиён кардам халос.

Гуфтамаш: Охир, Ҳилолиро зи ҳиҷрон сӯхтӣ,
Гуфт: Ӯро аз балои ҷовидон кардам халос.

*   *   *

Вой, ки ҷонам нашуд аз ғами ҳиҷрон халос,
Кош аҷал даррасад, то шавам аз ҷон халос.

Ҷумла асири туанд, вах, чӣ аҷаб кофирӣ,
К-аз ғами ишқи ту нест, ҳеҷ мусулмон халос.

Бастаи зулфи туем, растани мо мушкил аст.
Ҳар кӣ гирифтори туст, кай шавад осон халос?

Ошиқи маҳруми ту бори сафар басту рафт,
Шукр, ки якборагӣ гашт зи ҳирмон халос.

Ҷоми ту, эй майфурӯш, бе маи роҳат мабод,
З-он ки ба даври туам аз ғами даврон халос.

Кош, ба соҳил кашад рахти ман аз мавҷи ғам,
Он ки шуд аз лутфи ӯ Нӯҳ зи тӯфон халос.

Мурд Ҳилолию буд ошиқи хубон ҳанӯз,
Вой, ки мискин нагашт ҳаргиз аз эшон халос!

*   *   *

Ошиқонро на гулу боғу баҳор аст ғараз,
Ҳама саҳл аст, ҳамин суҳбати ёр аст ғараз.

Ғараз он аст, ки фориғ шавам аз кори ҷаҳон,
В-арна аз гӯшаи майхона чӣ кор аст ғараз?

Ҷони ман, беҷиҳат ин тундию бадхӯӣ чист,
Гар на озори дили ошиқи зор аст ғараз?

Офати дидаи мардум зи ғубор аст, вале
Дидаро аз сари кӯи ту ғубор аст ғараз.

Ҳаваси дидани гул нест, Ҳилолӣ, моро,
З-ин чаман ҷилваи он лолаъизор аст ғараз.

* * *

Гар ман зи шавқи хеш нависам ба ёр хат,
Як ҳарф аз он адо нашавад дар ҳазор хат.

Хуш сафҳаест рӯи ту, ё Раб, ки то абад
Ҳаргиз бар он варақ нанишонад ғубор хат.

Моро ба даври ҳусни ту бо навхатон чӣ кор?
То рӯи сода ҳаст, наёяд ба кор хат.

Хат гӯ, мабош гирди рухат, ваҳ, чӣ ҳоҷат аст
Маҷмӯаи ҷамоли туро бар канор хат?

Аз хатти рӯзгор макаш сар, ки оқибат
Бар дафтари ҳаёт кашад рӯзгор хат.

З-ин пеш ҳусни хатти бутон муътабар набуд,
Дар даври орази ту гирифт эътибор хат.

Қосид, ба ғайр чанд барӣ хатти ёрро?
Як бор ҳам ба номи Ҳилолӣ биёр хат.

*   *   *

Тарки ёрӣ кардӣ, аз васли ту ёронро чӣ ҳаз?
Душмани аҳбоб гаштӣ, дӯстдоронро чӣ ҳаз?

Чун надорад ваъдаи васли ту имкони вафо,
Ғайри доғи интизор уммедворонро чӣ ҳаз?

Чашми ман к-аз гиря нобиност, чун бинад рухат?
Аз тамошои чаман абри баҳоронро чӣ ҳаз?

Дарди бедармони хубон чун намегирад қарор,
Дардмандонро чӣ ҳосил, беқароронро чӣ ҳаз?

Он савор аз хоки мо то кай барангезад ғубор?
Аз ғубор ангехтан, ё Раб, саворонро чӣ ҳаз?

Медиҳад хоки раҳаш хосийяти оби ҳаёт,
В-арна з-ин гарди мазаллат хоксоронро чӣ ҳаз?

Ё Раб, аз қатли Ҳилолӣ чист мақсуди бутон?
Аз ҳалоки андалебон гулъизорон чӣ ҳаз?

*   *   *

Мо ки аз сӯзи ту дар гиряи зорем чу шамъ,
Хабар аз сӯхтани хеш надорем чу шамъ.

Пеши теғи ту сар аз тан бигузорем, вале
Шуълаи шавқи ту аз сар нагузорем чу шамъ.

Тоби ҳангомаи ағёр надорем, ки мо
Куштаву сӯхтаи хилвати ёрем чу шамъ.

Ҳаст чун оташи мо бар ҳама олам равшан,
Сӯзи худро ба забон баҳри чӣ орем чу шамъ?

Эй насими саҳар, аз субҳи висолаш хабаре,
То ҳама хандазанон ҷон бисупорем чу шамъ.

Мо ки дорем дилу дида пур аз оташу об,
Чун насӯзему чаро ашк наборем чу шамъ?

Сӯхт сад бор, Ҳилолӣ, ҷигари мо шаби ҳаҷр,
Мо ҷигарсӯхтаи ин шаби торем чу шамъ.

* * *

Маҳвашон дар назари каҷназаронанд, дареғ,
Анҷуми анҷумани бебасаронанд, дареғ!

Аз гирифтории аҳбоб надоранд хабар,
Хубрӯёни ҷаҳон бехабаронанд, дареғ!

Гулъизорон, ки намуданд рух аз пардаи ноз,
Чун сабо ҳамнафаси пардадаронанд, дареғ!

Чашми мо пурдурулаъл аст, вале симбарон
Чашм бар лаълу дури бадгуҳаронанд, дареғ!

Мо нахоҳем ба ҷуз хайли бутон ёри дигар,
Лек ин тоифа ёри дигаронанд, дареғ!

Ҳамчу умр аз сафи ушшоқ равон мегузарӣ,
Ошиқон умр чунин мегузаронанд, дареғ!

Тоза шуд доғи Ҳилолӣ зи ғами лоларухон,
Ҳама доғи дили хунинҷигаронанд, дареғ!

* * *

Хубон агарчи ҳар тарафе мекашанд саф,
Ту дар миёни ҷони манӣ, ҷумла бартараф.

Ҳоло ба пойбӯси хаёлат мушаррафам,
Гар давлати висоли ту ёбам, зиҳӣ шараф!

Дур аз ту навбаҳори ҷавонӣ ба бод рафт,
Умри чунон азиз чаро шуд чунин талаф?

Чашмат маро нишонаи пайкони ғамза сохт,
Ваҳ, чун кунам, ки тири балоро шудам ҳадаф!

Аз дида тифли ашк ҷудо шуд, дареғ аз ӯ,
Оҳ, он дури ятим кучо рафт аз ин садаф?

Раҳ мезананду арбада оҳанг мекунанд,
Бо мо бибин, ки дар чӣ мақоманд чангу даф.

Кӯтаҳ мабод дасти Ҳилолӣ зи доманат,
Кас домани висоли туро чун диҳад зи каф?

* * *

Ваҳ, ки рафт он шӯху бар мо кард бедод аз фироқ,
Аз фироқи ӯ ба фарёдем, фарёд аз фироқ!

Ёр бо ағёру мо маҳрум, кай бошад раво
Душманон шод аз висолу дӯст ношод аз фироқ?

Дар фироқат ҳолам аз ҳар мушкиле мушкилтар аст,
Ҳеч касро инчунин мушкил наяфтод аз фироқ.

Он ки рӯзамро сияҳ кард аз фироқат ҳамчу шаб,
Рӯзи ӯ чун рӯзгори ман сияҳ бод аз фироқ!

Дар баҳор аз накҳати гул бӯи васлат ёфтам,
Ваҳ, ки меояд хазону медиҳад ёд аз фироқ.

Доду фарёди Ҳилолӣ гуфтаӣ, аз дасти кист?
Ин тағофул чист? Фарёд аз туву дод аз фироқ!

* * *

Нест ғам, гар шуд гиребони ман аз ғам чок-чок,
Синаам чок аст, аз чоки гиребон худ чӣ бок?

Мекашӣ бар ғайр теғу мекушӣ аз ғайратам,
Аз ҳалоки дигарон бигзар, ки хоҳам шуд ҳалок.

Нест ҷонро бо тани поки ту аслан нисбате,
Ин тани поки ту сад раҳ поктар аз ҷони пок.

Хоки Одамро аз он гил кард устоди азал,
То чунин нозукниҳоле бардамад з-он обу хок.

Эй ки аз мо фориғӣ, гӯё намедонӣ, ки мо
Дардмандонему оҳи мо бағоят дарднок.

Майпарастонро зи май ҳар дам ҳаёте дигар аст,
Оби ҳайвон рехт гӯё боғбон дар ҷӯи ток.

Гар Ҳилолӣ чанд рӯзе дар либоси зуҳд буд,
Боз дар кӯи харобот аст масту ҷомачок.

*   *   *

Эй ту сарви чамани ҳусну гули боғи ҷамол,
Ҷилваи ҳусну ҷамолат ҳама дар ҳадди камол.

Бо чунин ҳусн туро моҳи фалак чун гӯям?
Офтобӣ, ба ту, ё Раб, нарасад ҳеч завол!

Котибони қалами сунъ, ки мушкинрақаманд,
Сафҳаи рӯи ту оростаанд аз хату хол.

Бо ту хоҳам, ки сабо ҳоли маро арза диҳад,
Лекин он ҷо ки туӣ, боди саборо чӣ маҷол?

Бе ту ҳар шаб манаму гӯшаи танҳоии хеш,
Пой дар домани ғам, сар ба гиребони малол.

Ваҳ, чӣ фархунда шабе бошаду хуррам рӯзе?
Ки фироқи ту мубаддал шуда бошад ба висол.

Рӯй дар рӯи ту орам, ҳама вақт, аз ҳама сӯ,
Чашм бар чашми ту бошам, ҳама ҷо, дар ҳама ҳол.

Бо ту аз ҳар тарафе сад сухан орам ба миён,
Ҳар ҷавобе ки диҳӣ, боз дароям ба суол.

Гуфтугӯ чанд, Ҳилолӣ? Дигар афсона махон,
Ту куҷо, васл куҷо? Ин чӣ хаёлест муҳол?

*   *   *

Зоҳир накунам пеши рақибон алами дил,
Бо мардуми беғам натавон гуфт ғами дил.

Ҷо кун ба дилу дида, ки ғайр аз ту нашояд
Султони саропардаи чашму ҳарами дил.

Эй сабр, куҷоӣ, ки зи ҳад мегузарад боз
Бар дил ситами он маҳу бар ман ситами дил!

Пои дилам афгор шуд аз хори раҳи ишқ,
Эй кош, дар ин раҳ нарасидӣ қадами дил!

Дар ишқи ту расвои ҷаҳон аст Ҳилолӣ
Гаҳ аз ғами бисёру гаҳ аз сабри ками дил.

* * *

На рафиқе, ки бувад дар паи ғамхории дил,
На табибе, ки кунад чораи бемории дил.

Дили бемори маро ҳар кӣ гирифтори ту хост,
Ё Раб, озод нагардад зи гирифтории дил!

Тоқати зории дил нест дигар, баҳри Худо,
Гӯш кун гуфти маро, гӯш макун зории дил.

Чанд хонӣ дигаронро ба шаробу ба кабоб?
Ҳоли хун хурдани ман бину ҷигархории дил.

Ҷон ба кӯи ту шуду нолакунон бозомад,
Ки дар он кӯй нагунҷид зи бисёрии дил.

Дил ба роҳи ғамат афтод, Худоро, мададе,
Ки дар ин роҳ савоб аст мададгории дил.

Дар вафои ту чунонам, ки агар хок шавам,
Ояд аз турбати ман бӯи вафодории дил.

Бар дили зори Ҳилолӣ накунад ғайри ҷафо,
Оҳ, то чанд тавон кард ҷафокории дил?

* * *

Омад баҳору хушдилам аз рангу бӯи гул,
Он беҳ, ки май кашам ду-се рӯзе ба рӯи гул.

Гул дидам, орзуи касе дар дилам фитод,
К-аз диданаш касе накунад орзуи гул.

Ин дам, ки бӯи дилкаши гул медиҳад насим,
Бас дилкаш аст гашти гулистон ба бӯи гул.

Хуш он, ки ёр бошаду ман дар ҳарими боғ,
Ман сӯи ту назар фиканам, ӯ ба сӯи гул.

Дид он ду рух Ҳилолию осудадил нишаст
Аз ҷустуҷӯи лолаву аз гуфтугӯи гул.

* * *

Эй дар дилам зи оташи ишқи ту сад алам,
Ҳар як алам нишонаи чандин ҳазор ғам.

Васли ту зуд рафту фироқи ту дер монд,
Фарёд аз ин уқубати бисёру умри кам!

Донӣ, кадом рӯз адам шуд вуҷуди мо?
Рӯзе ки ошиқӣ ба вуҷуд омад аз адам.

Гӯянд, дарди ишқ ба дармон намерасад,
Ман чун зиям, ки ошиқаму дардманд ҳам?!

Моему ним ҷонею ҳар дам ҳазор оҳ,
Инак ба бод меравад он низ дам ба дам.

Чун оби зиндагист қадам то ба фарқи сар,
Хоҳам даруни ҷон кунамат фарқ то қадам.

Эй подшоҳи ҳусн, Ҳилолӣ гадои туст,
Хоҳам, ки сӯи ӯ гузарӣ аз раҳи карам.

* * *

Нест ҳадди он, ки гӯям: Бандаи рӯи туам,
Дигаре гар банда бошад, ман саги кӯи туам.

Чашми шӯхат новакандоз асту абрӯят камон,
Куштаи чашми туву қурбони абрӯи туам.

Бар умеди он, ки як дашном рӯзе бишнавам,
Солҳо шуд, ҷони ман, к-аз ҷон дуогӯи туам.

Гарчи, эй бадхӯи ман, хӯи ту ошиқ куштан аст,
Тарки хӯи худ макун, ман куштаи хӯи туам.

Гар дили ман сидраву тӯбӣ наҷӯяд, дур нест,
З-он ки ман дар орзуи сарви дилҷӯи туам.

Чанд гӯӣ, пой дар доман кашу ин сӯ маё?
По кашидан чун тавон, чун дил кашад сӯи туам?!

Ранҷа кардӣ соиду хуни Ҳилолӣ рехтӣ,
То қиёмат шармсори дасту бозуи туам.

* * *

Аҷаб шикастадилу зору нотавон шудаам,
Чунон ки ҳаҷри ту мехост, ончунон шудаам.

Ту офтобию ман зарра, тарки меҳр макун,
Ки дар ҳавои туам, гар бар осмон шудаам.

Ба гуфтугӯи ту афсона гаштаам ҳама ҷо,
Ба ҷустуҷӯи ту овораи ҷаҳон шудаам.

Худойро, дигар, эй бод, сӯи ман магузар,
Ки ман ба кӯи касе хоки остон шудаам.

Чӣ гӯям аз тани бемору кунҷи меҳнати хеш?
Ба тангнои лаҳад мушти устухон шудаам.

Дилам зи шодии олам гирифтааст, вале
Ғаме ки аз ту расидаст, шодмон шудаам.

Аз он шудаст, Ҳилолӣ, дилам шикоф-шикоф,
Ки новаки ғаму андӯҳро нишон шудаам.

*   *   *

Рӯзе ки дар фироқи ҷамоли ту будаам,
Гирён дар иштиёқи висоли ту будаам.

Ҳар сӯ ки рафтаам, ба ҳавои ту рафтаам,
Ҳар ҷо ки будаам, ба хаёли ту будаам.

Ҳар гаҳ шакарлабе ба касе кард гуфтугӯ,
Дар ҳасрати ҷавобу суоли ту будаам.

Ҷое ки доғ бар вароқи лола дидаам,
Он ҷо ба ёди оразу холи ту будаам.

Чун кардаам назораи қадди баланди сарв,
Дар орзуи тозаниҳоли ту будаам.

Алқисса, рух намо, ки ҳилолисифат басе
Муштоқи офтоби ҷамоли ту будаам.

*   *   *

Зи сӯзи сина кабобам, зи сели дида харобам,
Ту шамъи базми касонию ман дар оташу обам.

Маро уқубати ҳаҷри ту беҳтар аз ҳама шодист,
Ту роҳати дигарон шав, ки ман барои азобам.

Ба дигарон манишину ба ҷони ман мазан оташ,
Маро масӯз, ки ман худ бар оташи ту кабобам.

Агар барои ҳалоки ман аст нозу итобат,
Биёву қатл кун, эдун, ки мустаҳиққи итобам.

Суоли бӯса намудам, вале ту лаб накушудӣ,
Сухан ба арз расиду дар интизори ҷавобам.

Ба гирди рӯи ту парвонаам, ки шамъи муродӣ,
Агар ту рӯй битобӣ, ман аз ту рӯй натобам.

Ба қадри хоки раҳ аз ман касе ҳисоб нагирад,
Ба кӯи дӯст, Ҳилолӣ, бибин, ки дар чӣ ҳисобам.

* * *

Ба ёри бевафо умре вафо кардам, надонистам,
Ба уммеди вафо бар худ ҷафо кардам, надонистам,

Дилозоре, ки ҳаргиз дида бар мардум наяндозад,
Ба сони мардумаш дар дида ҷо кардам, надонистам.

Агар гуфтам, ки дорад ёри ман оини дилҷӯӣ,
Маозаллаҳ, ғалат кардам, хато кардам, надонистам.

Балои ҷони ман он шӯху ман афтода дар кӯяш,
Дареғо, хона дар кӯйи бало кардам, надонистам.

Ба ҳар бегона бошад хӯи ӯ аз ошно беҳтар,
Ба он бегона худро ошно кардам, надонистам.

Гирифтам он сари зулфу кашидам сад гирифторӣ,
Ба дасти хеш худро мубтало кардам, надонистам.

Ҳилолӣ, пеши он маҳ шармсорам з-ин шикоятҳо,
Дар ин маънӣ бағоят моҷаро кардам, надонистам.

* * *

Ҳар шаб ба сари кӯи ту аз пой дарафтам,
В-аз шавқи ту оҳе занаму бехабар афтам.

Гар бори ғам ин аст, ки ман мекашам аз ту,
Биллаҳ, ки агар кӯҳ шавам, аз камар афтам.

Хоҳам бизанӣ тиру ба теғам бинавозӣ,
То дар дами куштан ба ту наздиктар афтам.

Минбаъд бар онам, ки ба бӯи сари зулфат
Бархезаму дунболи насими саҳар афтам.

Эй шайх, ба меҳроб маро саҷда мафармо,
Бигзор, Худоро, ки бар он хок дарафтам.

Гумроҳии ман бин, ки дар ин марҳала ҳар рӯз
Аз водии мақсуд ба ҷои дигар афтам.

Селоби сиришк аз мижа бикшой, Ҳилолӣ,
Мапсанд, ки оғушта ба хуни ҷигар афтам.

* * *

Ба роҳат бинаму аз беходӣ бар раҳгузар ғалтам,
Бар ҳар ҷо по ниҳӣ, аз шавқи побӯсат ба сар ғалтам.

Ба ҳар паҳлӯ ки меафтам ба паҳлӯи сагат шабҳо,
Намехоҳам, к-аз он паҳлӯ ба паҳлӯи дигар ғалтам.

Бад-он дар вақти бисмил аз ту мехоҳам чунон захме,
Ки умре нимбисмил бошаму бар хоки дар ғалтам.

Ба уммеде, ки рӯзе бар сарам ояд саги кӯят,
Дар он кӯ ҳар шабе то рӯз дар хуни ҷигар ғалтам.

Чунон зору заифам дар ҳавои сарвбалое,
Ки ҳамчун хору хошок аз дами боди саҳар ғалтам.

Намехоҳам, ки аз базми висоли ӯ равам берун,
Карам кун, соқиё, ҷоме, ки он ҷо бехабар ғалтам.

Ҳилолӣ, чун маро дар кӯи он маҳ нотавон бинӣ,
Бигир аз дастаму бигзор, то бори дигар ғалтам.

* * *

Агар чун хок помолам кунӣ, хоки дарат гардам,
В-агар чун гард бар бодам диҳӣ, гирди сарат гардам.

Кашӣ ханҷар, ки месозам ба дасти хеш қурбонат,
Чӣ лутф аст ин, ки ман қурбони дасту ханҷарат гардам!

Ту моҳи кишвари ҳуснию шоҳи лашкари хубон,
Гадои кишварат бошам, асири лашкарат гардам.

Пас аз мурдан чу дар парвоз ояд мурғи ҷони ман,
Чу мурғони ҳарам бар гирди қасру манзарат гардам.

Магасворам ба талхӣ чанд ронӣ? Сӯи хешам хон,
Ки бар гирди лаби ширини ҳамчун шаккарат гардам.

Ҳилолиро ба ҳушёрӣ чӣ ҷои таън, эй соқӣ?
Бигардон соғари май, то ҳалоки соғарат гардам.

*   *   *

Ба сад уммед ҳар дам гирди он девору дар гардам,
Басе уммедворам, оҳ, агар навмед баргардам.

Чӣ ҳусн аст ин, ки аз як диданат девона гардидам,
Биё, то бори дигар бинаму девонатар гардам.

Чу он маҳ фитна шуд дар шаҳр, ман ҳам оқибат рӯзе
Шавам овораву ҳар дам ба саҳрои дигар гардам.

Худоро, инчунин зуд аз сари болини ман магзар,
Даме биншин, ки бархезам, туро бар гирди сар гардам.

Зи ҳар дар к-омадам дар кӯи ту, ҳамчун сагам рондӣ,
Саги кӯи туам, то чанд, ё Раб, дарбадар гардам?

Хабар мапурсам аз ҷонон, вале ногаҳ агар рӯзе
Аз ӯ кас як хабар гӯяд, ман аз худ бехабар гардам.

Ҳилолӣ, чун сипаҳ ангехт ишқи он камонабрӯ,
Ба майдон ояму тири маломатро сипар гардам.

*   *   *

Ид аст, бурун ой, ки ҳайрони ту гардам,
Қурбони худам соз, ки қурбони ту гардам.

Хокам ба раҳат, ҷилвакунон рахш барангез,
То хезаму гирди сари майдони ту гардам.

Ҷамъийяти осудадилон аз дили ҷамъ аст,
Ҷамъийяти ман он, ки парешони ту гардам.

З-ин гуна ки аз шодии васлат хабарам нест,
Мушкил, ки халос аз ғами ҳиҷрони ту гардам.

Ман оҷизам аз хидмати меҳмони хаёлат,
Ин худ чӣ хаёл аст, ки меҳмони ту гардам?

То ёфтам аз шодии васли ту ҳаёте,
Тарсам, ки ҳалок аз ғами ҳиҷрони ту гардам.

Бар хоки дарат ман киву ташрифи ғуломӣ?
Эй кош, тавонам саги дарбони ту гардам.

Гуфтӣ, ки ба ҷон бандаи мо бош, Ҳилолӣ,
То ҷон бувадам, бандаи фармони ту гардам.

* * *

Зи пири майкада умре дар илтимос шудам,
Ки хоки даргаҳи дайри фалакасос шудам.

Ғами маро ба ғами дигарон қиёс макун,
Ки ман нишонаи ғамҳои беқиёс шудам.

Маро зи ҳусни ту сунъи Худой зоҳир шуд,
Туро шинохтам, он гаҳ худошинос шудам.

Сипоси ид бувад поси нуқлу бодаву ҷом,
Ҳазор шукр, ки машғули ин сипос шудам.

Палоси фақр, Ҳилолӣ, либоси фахри ман аст,
Ман аз барои тафохур дар ин либос шудам.

*   *   *

Кошкӣ хоки ҳарими ҳарамат мебудам,
Мехиромидию ман дар қадамат мебудам.

Бе ғами ишқи ту сад ҳайф, зи умре ки гузашт,
Пеш аз ин кош гирифтори ғамат мебудам.

Гар ба пурсидани ман лутф намефармудӣ,
Ҳамчунон куштаи теғи дудамат мебудам.

Гар ба сарриштаи мақсуд расидӣ дастам,
Даст дар силсилаи хамбахамат мебудам.

Гар маро ҳашмати кавнайн муяссар мешуд,
Ҳамчунон бандаи хайлу ҳашамат мебудам.

Чун маризе, ки дилаш моили сиҳҳат бошад,
Умрҳо толиби дарду аламат мебудам,

То ту як раҳ ба карам сӯи Ҳилолӣ гузарӣ,
Солҳо чашм ба роҳи карамат мебудам.

*   *   *

Ду рӯз шуд, ки зи дарди фироқ беморам,
Аз ин дурӯза ҳаёте ки ҳаст, безорам.

Чу лола синаи ман чок шуд, биёву бибин,
Ки аз ту бар дили пурхун чӣ доғҳо дорам.

Маро зи гиря макун манъ, соате бигзор,
Ки зор-зор бигирям, ки ошиқи зорам.

Расид ҷон ба лабу нест ғайр аз ин ҳавасам,
Ки ояму ба сагони дари ту биспорам,

Халосии ман аз он қайди зулф мумкин нест,
Ки дар каманди балои сияҳ гирифторам.

Ба ҷилвагоҳи бутон меравам, сиришкфишон,
Ба боғи сангдилон тухми меҳр мекорам,

Ҳилолӣ, аз ғами ёр аст рӯзи ман шаби тор,
Чӣ шуд, ки субҳ шавад як нафас шаби торам?

* * *

Ман на онам, ки дили хеш мушавваш дорам,
Ҳар куҷо нохушие ҳаст, ба ӯ х(в)аш дорам.

Гар сагони сари он кӯй кабобе талабанд,
Пора созам дили пурхуну бар оташ дорам.

Чӣ балоҳо, ки дили зорам аз он маҳ накашид,
Аллаҳ, Алаҳ, чӣ дили зори балокаш дорам.

То туро сафҳаи дил сода шуд аз нақши вафо,
Вароқи чеҳра ба хуноб мунаққаш дорам.

Аз ман имрӯз, Ҳилолӣ, маталаб хотири ҷамъ,
Ки дил ошуфтаи он зулфи мушавваш дорам.

* * *

Ёр омаду ман тоқати дидор надорам,
Аз худ гилае дораму аз ёр надорам.

Шодам, ки ғами ёр зи худ бехабарам кард,
Боре хабар аз таънаи ағёр надорам.

Гуфтам, чу биёӣ, ғами худ бо ту кунам шарҳ,
Аммо чӣ кунам? Тоқати гуфтор надорам.

Лутфи ту бувад андаку андӯҳи ту бисёр,
Ман худ гилаи андаку бисёр надорам.

Гӯ, халқ бидонанд, ки ман риндаму расво,
Аз риндию бадномии худ ор надорам.

Беқайдаму аз кори ҷаҳон фориғи мутлақ,
Кас бо ману ман ҳам ба касе кор надорам.

Ҳоли мани дилхаста хароб аст, Ҳилолӣ,
Озурда диле дораму ғамхор надорам.

* * *

Умр рафтасту кунун офати ҷоне дорам,
Гаштаам пир, вале ишқи ҷавоне дорам.

Чорасози дилу ҷони ҳама беморонӣ,
Чорае соз, ки ман ҳам дилу ҷоне дорам.

Кош, чун лола дили танги маро бишкофӣ,
То бидонӣ, ки чӣ сон доғи ниҳоне дорам.

Дар ҳама халқ яқин шуд, ки вафо нест туро,
Лек ман аз тамаъи хеш гумоне дорам.

Бандаам хондию доғам чу сагон бинҳодӣ,
З-ин сабаб дар ҳама ҷо ному нишоне дорам.

Мулки ишқи ту ҷаҳонест, ки поёнаш нест,
Ман дар ин мулкаму ғавғои ҷаҳоне дорам.

Ҷони ман, шарҳи аламҳои Ҳилолӣ бишунав,
Ки дар ин воқиа ҷонсӯз баёне дорам.

* * *

Ҳар замон бар сафи хубон ба тамошо гузарам,
Чун расам пеши ту, натвонам аз он ҷо гузарам.

Дорам он сар, ки ба савдои ту бозам сари хеш,
Сар чӣ кор ояд, агар з-ин сару савдо гузарам?

З-он хати сабзу лаби лаъл гузаштан натавон,
Гар ба сад мартаба аз Хизру Масеҳо гузарам.

Ҳамнишино, қадаме чанд ба ман ҳамраҳ шав,
Ки бараш тоқати он нест, ки танҳо гузарам.

Қасри мақсуд баланд аст, Худоё, сабабе,
Ки аз ин марҳала бар олами боло гузарам.

Риштаи меҳри ту гар даст диҳад, ҳамчу Масеҳ
По ба гардан ниҳаму аз сари дунё гузарам.

Ман ки имрӯз, Ҳилолӣ, хушам аз давлати ишқ,
Беҳтар он аст, к-аз андешаи фардо гузарам.

* * *

Хоҳам, ки ба зери қадамат зор бимирам,
Ҳарчанд кунӣ зинда, дигар бор бимирам.

Донам, ки чаро хуни маро зуд нарезӣ,
Хоҳӣ, ки ба ҷонкандани бисёр бимирам.

Ман тоқати нодидани рӯи ту надорам,
Мапсанд, ки дар ҳасрати дидор бимирам.

Хуршеди ҳаётам ба лаби бом расидаст,
Он беҳ, ки дар он соям девор бимирам.

Гуфтӣ, ки зи рашки ту ҳалоканд рақибон,
Ман низ бар онам, ки аз ин ор бимирам.

Чун ёр ба сарвақти ман афтод, Ҳилолӣ,
Вақт аст, агар дар қадами ёр бимирам.

* * *

Ба хоки ман гузаре кун, чу дар вафои ту мирам,
Ки зинда гардаму бори дигар барои ту мирам.

Ниҳодам аз сари худ як ба як ҳавову ҳавасро,
Ҳамин бувад ҳаваси ман, ки дар ҳавои ту мирам.

Дил аз ҷафои ту хун шуд, раво мадор, ки умре
Дам аз вафо занаму охир аз ҷафои ту мирам.

Туӣ, ки ҷони ҷаҳоне физояд аз лаби лаълат,
Манам, ки ҳар нафас аз лаъли ҷонфизои ту мирам.

Ба ҳоли маргаму сӯи ту омадан натавонам,
Ту бар сарам қадаме неҳ, ки зери пои ту мирам.

Рав, эй рақиб, зи кӯяш, ки тарки ҷон натавонӣ,
Ту ҷои хеш ба ман деҳ, ки ман ба ҷои ту мирам.

Маро ба хорӣ аз ин дар марон ба сони Ҳилолӣ,
Гузор, то чу сагон бар дари сарои ту мирам.

* * *

Пас аз умре ки худро бар сари кӯи ту андозам,
Зи бими ғайр натвонам назар сӯи ту андозам.

Пас аз чанде ки ногаҳ давлати васл иттифоқ уфтад,
Чӣ бошад, гар тавонам, дида бар рӯи ту андозам?

Набинам моҳи навро дар хами тоқи фалак ҳаргиз,
Агар рӯзе назар бар тоқи абрӯи ту андозам.

Ту меоию ман аз шавқ мехоҳам, ки ҳар соат
Сари худро ба пои сарви дилҷӯи ту андозам.

Рақиби сангдил з-ин сон ки ҷо карда ба паҳлӯят,
Мани бедил чӣ сон худро ба паҳлӯи ту андозам?

Диле к-аз дасти ман шуд, оҳ, агар рӯзе ба даст ояд,
Кабобе созаму пеши саги кӯи ту андозам.

Ҳилолиро дили девона дар қайди ҷунун авло,
Иҷозат деҳ, ки бозаш дар хами мӯи ту андозам.

* * *

Магӯ афсонаи Маҷнун, чу ман дар анҷуман бошам.
Аз ӯ боре чаро гӯяд касе, ҷое ки ман бошам?

Касе афсонаи дарди маро ҷуз ман намедонад,
Аз он доим мани девона бо худ дар сухан бошам.

Рав, эй зоҳид, ки ман коре надорам ғайри май хурдан,
Маро бигзор, то машғули кори хештан бошам.

Ҷудо з-он сарвқад, гар ҷониби бустон равам рӯзе,
Ба ёди қадди ӯ дар сояи сарви чаман бошам.

Чӣ сон розе кунам пинҳон, ки аз сад парда зоҳир шуд,
Магар вақте ниҳон монад, ки дар зери кафан бошам.

Маро ҷон кӯҳи андӯҳ асту ман ҷон меканам, оре,
Туро чун лаъли ширин аст, ман ҳам Кӯҳкан бошам.

Ҳилолӣ, чун намепурсад маро ёрею ғамхоре,
Мани мискин ғарибам, гарчи доим дар ватан бошам.

* * *

Агар хонӣ дарунам, бандаи ин хонадон бошам,
В-агар ронӣ бурунам, чун сагон бар остон бошам.

Надонам бандаи рӯи ту бошам, ё саги кӯят,
Ба ҳар навъе ки мехоҳӣ, бигӯ, то ончунон бошам.

Чӣ саг бошам, ки оям, устухоне хоҳам аз кӯят?
Вале хоҳам, ки аз баҳри сагонат устухон бошам.

Чу аз шавқи ту як шаб хоб дар чашмам намеояд,
Иҷозат деҳ, ки шабҳо гирди кӯят посбон бошам.

Ғами ҳаҷри ту дорам, як замон аз васл шодам кун,
Чӣ бошад, ғам барояд, ман замоне шодмон бошам?

Қабои ҳусн пӯшидӣ, саманди ноз зин кардӣ,
Бинеҳ по дар рикоб, эй умр, то ман дар инон бошам.

Маро гуфтӣ: Ҳилолӣ, дар ҷаҳон расво шудӣ охир,
Ман он беҳтар, ки дар ишқи ту расвои ҷаҳон бошам.

* * *

Чу бахт нест, ки шоистаи висоли ту бошам,
Ба сабр кӯшаму хурсанд бо хаёли ту бошам.

Ба ишва зулф кушудӣ, ба чеҳра хол фузудӣ,
Асири зулфи ту гардам, ғуломи холи ту бошам.

Камоли фазл ба таҳсили ошиқист, хуш он дам,
Ки дар мутолааи сафҳаи ҷамоли ту бошам,

Чу поймоли ту гаштам, сарам баланд шуд, оре,
Чӣ сарбаландӣ аз ин беҳ, ки поймоли ту бошам?

Хамида бод қади ман зи ғусса ҳамчу Ҳилолӣ,
Агар на моили абрӯи чун ҳилоли ту бошам.

*  *  *

То умр бувад, дар ҳаваси рӯи ту бошам
В-ар хок шавам, хоки сари кӯи ту бошам.

Фардои қиёмат наравам ҷониби тӯбо,
Дар сояи сарви қади дилҷӯи ту бошам.

Хуш он, ки забон аз пайи дашном барорӣ,
Ман даст баровардa, дуогӯи ту бошам.

Паҳлӯи ту пайваста нишинанд рақибон,
То ман натавонам, ки ба паҳлӯи ту бошам.

Аз ғамзаи ту кост тани ман, ки чу мӯе
Ман мӯй шавам, дар хами гесӯи ту бошам

Ҳар гаҳ ки ту аз ноз барӣ даст ба чавгон,
Хоҳам ҳама тан сар шаваму гӯи ту бошам.

Эй шохи гули тоза, манам булбули ин боғ,
Маъзурам, агар шефтаи рӯи ту бошам.

Рӯзе ки фалак ном маро хонд Ҳилолӣ,
Мехост, ки ман моили абрӯи ту бошам.

*  *  *

Маро чӣ заҳра, ки гӯям: Ғуломи рӯи ту бошам,
Саги ғулому ғуломи сагони кӯи ту бошам.

Агар ба сӯи ту гоҳе кунам зи дур нигоҳе,
Ҳанӯз барҳазар аз нозукии хӯи ту бошам.

Чу сирри ишқи ту гуфтан миёни халқ нашояд,
Ба гӯшае бинишинам, ба гуфтугӯи ту бошам.

Зиҳӣ хуҷаста замоне, ки баъди марги рақибон
Нишаста бо дили осуда, рӯбарӯи ту бошам.

Ту он бутӣ, ки мани бутпараст ҳамчу Ҳилолӣ
Ба ҳар куҷо ки равам, рӯи дил ба сӯи ту бошам.

* * *

Ёр гуфт: Аз мо бикун қатъи назар. Гуфтам ба чашм!
Гуфт: Қатъан ҳам мабин сӯи дигар. Гуфтам ба чашм!

Гуфт ёр: Аз ғайри мо пӯшон назар. Гуфтам: Ба чашм!
В-он гаҳе дуздида дар мо менигар. Гуфтам: Ба чашм:

Гуфт: Бо мо дӯстӣ мекун ба дил. Гуфтам: Ба ҷон,
Гуфт: Роҳи ишқи мо мерав ба сар. Гуфтам: Ба чашм!

Гуфт: Бо чашмат бигӯ, то дар миёни мардумон
Сӯи мо ҳар дам наяндозад назар. Гуфтам: Ба чашм!

Гуфт: Агар бо мо сухан дорӣ, ба чашми дил бигӯ,
То нагардад гӯши мардум бохабар. Гуфтам: Ба чашм.

Гуфт: Агар хоҳӣ ғубори фитна биншинад зи роҳ,
Барфишон обе ба хоки раҳгузар. Гуфтам: Ба чашм!

Гуфт: Хоҳад гар дилат з-ин лаъли майгун хандае,
Гиряҳо мекун ба сад хуни ҷигар. Гуфтам: Ба чашм!

Гуфт: Ҷои ман куҷо лоиқ бувад? Гуфтам: Ба дил!
Гуфт: Мехоҳам ҷуз ин ҷои дигар. Гуфтам: Ба чашм.

Гуфт: Агар гардӣ шабе аз рӯи чун моҳам ҷудо,
То саҳаргоҳон ситора мешумар. Гуфтам: Ба чашм!

Гуфт: Агар дорад, Ҳилолӣ, чашми гирёнат ғубор,
Куҳли биноӣ бикаш з-ин хоки дар. Гуфтам: Ба чашм!

* * *

Ман кӣ бошам, ки майи лаъл ба он моҳ кашам?
Бигузоред, ки ҳасрат хураму оҳ кашам.

Баски дарёфт маро лаззати хунхории ишқ,
Дил нахоҳад, ки дигар бодаи дилхоҳ кашам.

То кунад сӯи ман аз роҳи тараҳҳум назаре,
Ҳар замон хезаму худро ба сари роҳ кашам.

Мирам аз ғусса, ки ногоҳ ба он моҳ расад
Оҳи сарде, ки мани сӯхта ногоҳ кашам.

Чанд дарду аламаш бар дили пурдард ниҳам?
Чанд кӯҳи ситамаш бо тани чун коҳ кашам?

Пеши он хусрави хубон чӣ кашам новаки оҳ?
Чист ин туҳфа, ки ман дар назари шоҳ кашам?

Моҳи ман рафт, Ҳилолӣ, ки наёмад моҳе,
То ба кай меҳнати сирӯза аз ин моҳ кашам?

*  *  *

Чун қомати он сарви саҳӣ кард ҳалокам,
Сарве бинишонед равон бар сари хокам.

Рафтию дилам чок шуд аз дасти ту, дилбар,
Боз ову қадам ранҷа намо дар дили чокам.

Гуфтӣ, ки ҳалокат кунам аз нозу карашма,
Биншин, ки ман аз дасти ту имрӯз ҳалокам.

Шодем ба хоки қадамат ҳамчу Ҳилолӣ,
Неҳ бар сари гӯрам қадам аз ноз, ки хокам.

*  *  *

Мушкил, ки равад доғат ҳаргиз зи дили чокам,
То лола магар рӯзе сар барзанад аз хокам.

Ҳар рӯз ба хунрезам оию рақиб аз пай,
З-он воқиа хушҳолам, з-ин восита ғамнокам.

Эй турки шикорафкан, шамшер макаш бар ман,
Ё он ки пас аз куштан барбанд ба фитрокам.

Ин дида ки ман дорам, олуда ба хун авло,
З-он рӯ ки намедонӣ, қадри назари покам.

То чанд Ҳилолиро дар оташи ғам сӯзӣ?
Ман одамиям, ё Раб, ё худ хасу хошокам?!

*   *   *

Гар ба хокам гузарад Юсуфи гулпираҳанам,
Бӯи пироҳани Юсуф шунаванд аз кафанам.

Ба фироқи ту гирифтортарам рӯз ба рӯз,
Кас ба ин рӯз гирифтор мабодо, ки манам!

Кӯҳи ғам гаштаму ҳар лаҳза канам синаи хеш,
Турфа ҳолест, ки ҳам кӯҳаму ҳам кӯҳканам.

Лаб бибастам зи сухан, эй гули хандон, ки мабод
Мардумон бӯи ту ёбанд зи ранги суханам.

Ҳар касе дар чамане ҳамнафаси симтане,
Ману кунҷи ғаму дар сина ҳамон симтанам.

Накунам ёди баҳору наравам сӯи чаман,
Чӣ кунам? Дил накушояд зи баҳору чаманам.

Гар дилам рафт, Ҳилолӣ, гила аз дӯст хатост,
Дил чӣ бошад, ки агар ҷон биравад, дам назанам.

*   *   *

Ҳар шабе гӯям, ки фардо тарки ин савдо кунам,
Боз чун фардо шавад, имрӯзро фардо кунам.

Чун маро савдоят аз рӯзи нахустин дарсиришт,
Пас, ҳамон беҳтар, ки охир сар дар ин савдо кунам.

Эй хушо, к-аз бехудиҳо сар ниҳам бар пои ӯ,
Баъд аз он аз шарм натвонам, ки сар боло кунам.

Эй ки мегӯӣ, дили гумгаштаи худро биҷӯй,
Ман ки худ гумгаштаам, ӯро куҷо пайдо кунам?

Баски хорам, аз сагонат шарм меояд маро,
Чанд худро дар миёни мардумон расво кунам?

Ман киям, то аз ғуломони ту гӯям хешро?
Ман чӣ саг бошам, ки дар хайли сагонат ҷо кунам?

Ошиқи мастам, Ҳилолӣ, маҷлиси риндон куҷост,
То дилу ҷонро фидои соқии зебо кунам?

* * *

Худро нишони новаки бадхӯи худ кунам,
Рӯяш бад-ин баҳона магар сӯи худ кунам.

Ҳар мӯи ман ҳазор забон бод дар ғамаш,
То ман ҳикоят аз ғами як мӯи худ кунам.

То дар ҳарими кӯи ту паҳлӯ ниҳодаам,
Ҳар дам ҳазор айш зи паҳлӯи худ кунам.

Шабҳо, ки саргарон шавам аз соғари фироқ,
Болини худ ҳам аз сари зонуи худ кунам.

Оинавор хок шудам аз ғубори ғайр,
Бошад, ки рӯи ӯ тарафи рӯи худ кунам.

Имшаб зи васфи ғайр, Ҳилолӣ, хамӯш бош,
То ман сухан зи моҳи сухангӯи худ кунам.

* * *

Бо ту хоҳам шарҳи ғамҳои дили маҳзун кунам,
Лек аз хӯи ту метарсам, надонам, чун кунам.

Чанд дорам дар фироқат ҳолати назъи равон?
Кошкӣ якборагӣ ҷонро зи тан берун кунам.

Ман ба ин дил бас намеоям, надонам, чора чист?
То ба чанд афсона гӯям, то ба кай афсун кунам?

Гар ба домони фалак резам, Ҳилолӣ, ашки худ,
Ранги зарди моҳро ҳамчун шафақ гулгун кунам.

* * *

Дилро зи чоки сина тавонам бурун кунам,
Ғамро зи дил бурун натавон кард, чун кунам?

Хоҳам зи дил бурун кунам ин дардро, вале
Дар ҷон дарун шавад, агар аз дил бурун кунам.

Ҳар меҳнати ту мӯҷиби чандин муҳаббат аст,
Меҳнат зиёда кун, ки муҳаббат фузун кунам,

Дил ҷониби ту омаду хун кардамаш зи рашк,
Аз ман аҷаб мадор, ки аз рашк хун кунам.

Аз рашки хуни ғайр, ки бар доманат расад,
Ҳар дам зи гиря домани худ лолагун кунам.

Корам шабе ки бе ту ба девонагӣ кашад,
Афсонаи ту гӯяму худро фусун кунам.

Девона шуд Ҳилолию занҷираш орзуст,
Гесӯи ӯ куҷост, ки рафъи ҷунун кунам?!

*   *   *

Оҳам шуниду ранҷа шуд он моҳ, чун кунам?
Дигар намонд ҷои нафас, оҳ, чун кунам?

Тифл асту шӯху бехабар аз дарди ошиқӣ,
Ӯро зи ҳоли хештан огоҳ чун кунам?

Хоҳам гаҳе ба хотири ӯ бигзарам, вале
Сангиндил аст, дар дили ӯ роҳ чун кунам?

Дар пойи ӯ бимурдаму қадрам нашуд баланд,
Ё Раб, зи дасти ҳиммати кӯтоҳ чун кунам?

Эй бахт, ман куҷову таманнои васли ӯ?
Дарвешаму гадо, ҳаваси шоҳ чун кунам?

Гуфтӣ: Чарост пираҳанат чок ҳамчу гул?
Бӯи ту дод боди саҳаргоҳ, чун кунам?

Гӯянд: Нола чист, Ҳилолӣ? Хамӯш бош!
Бо кӯҳи дарду меҳнати ҷонкоҳ чун кунам?

*   *   *

Эй ту ороми дилу ҷон, аз ту дурӣ чун кунам?
Гар фитад дурӣ, маозаллаҳ, сабурӣ чун кунам?

Аз ту дурӣ бе зарурат нест мумкин, оҳ, агар
Қиссае пеш ояду афтад заруре, чун кунам?

Меҳнати ҳиҷрон кашам, ё талхии ҳиҷрон чашам?
Як тани бемору чандин беҳузурӣ, чун кунам?

Дур аз ӯ, ҷонам ба лаб, рӯзам ба шаб наздик шуд,
Аллаҳ, Аллаҳ, чун кунам аз дасти дурӣ, чун кунам?

Ман, ки дилтангам, Ҳилолӣ, бе рухи гулранги дӯст,
Хушдилӣ аз дидани гулҳои сурӣ чун кунам?

* * *

Гар ҷафое рафт аз ҷонон, ҷудоӣ чун кунам?
Ман саги он остонам, бевафоӣ чун кунам!

Баъди умре ошно гаштӣ ба сад хуни ҷигар,
Боз агар бегона гардӣ, ошноӣ чун кунам?

Рафтию дар меҳнати ҷон канданам андохтӣ,
Гар биёӣ, зинда монам в-ар наёӣ чун кунам?

Зоҳидо, аз нуқлу май беҳуда манъам мекунӣ,
Ман ки риндӣ карда бошам, порсоӣ чун кунам?

Гуфтаӣ: То кай Ҳилолӣ зор нолад ҳамчу уд?
Чун гирифторам ба чанги бенавоӣ, чун кунам?

* * *

Ҷони ман, ҷону дили хеш нисори ту кунам,
Буду нобуд ҳама дар сари кори ту кунам.

То дигар дур наяфтад зи рухат мардуми чашм,
Хоҳамаш барканаму холи узори ту кунам.

Ҳамчу саг бо ту саросемаам, эй турфа ғизол,
Меравам дар ҳаваси он, ки шикори ту кунам.

Эй гули тоза, ки дер омадаӣ пеши назар,
Зуд магзар, ки тамошои баҳори ту кунам.

Моҳи ман, сӯи Ҳилолӣ бигузар аз сари меҳр,
Сурмаи дидаи гирён зи ғубори ту кунам.

* * *

Баҳор мерасад, аммо баҳорро чӣ кунам?
Чу нест гулрухи ман, лолазорро чӣ кунам?

Ба ихтиёр тавонам, ки роз накшоям,
Фиғону нолаи беихтиёрро чӣ кунам?

Агарчи рӯи ту хуршедвор ҷилванамост,
Сиёҳрӯии шабҳои торро чӣ кунам?

Қарори ошиқи бедил ба сабр бошаду бас,
Чу сабр нест, дили беқарорро чӣ кунам?

Гирифтам ин, ки шаб аз май даме биёсоям,
Алассабоҳ балои хуморро чӣ кунам?

Ҳилолӣ, ин ҳама ғамро тавон кашид, вале
Ғами ғарибию ҳиҷрони ёрро чӣ кунам?

*   *   *

Дилам ба орзуи ҷон намерасад, чӣ кунам?
Ба ҷон расиду ба ҷонон намерасад, чӣ кунам?

Мани заиф бар онам, ки пираҳан бидарам,
Чу дасти ман ба гиребон намерасад, чӣ кунам?

Висоли ёр муҳолу ман аз фироқ малул,
Чу ин намераваду он намерасад, чӣ кунам?

Агарчи шоҳи бутон шуд зи рӯи ҳусн, вале
Ба доди ҳеч мусулмон намерасад, чӣ кунам?

Магӯ, ки чанд ҳикоят кунӣ зи қиссаи ҳаҷр?
Чу ин фасона ба поён намерасад, чӣ кунам?

Ҳазор нома навиштам мани гадо, лекин
Яке ба ҳазрати султон намерасад, чӣ кунам?

Ҳадиси шавқи Ҳилолӣ, ки ҳасби ҳоли ман аст,
Ба гӯши он маҳи тобон намерасад, чӣ кунам?

*   *   *

Дӯстон, ошиқаму ошиқи зорам, чӣ кунам?
Чора сабр аст, вале сабр надорам, чӣ кунам?

Рехт хуни ҷигар аз гӯшаи чашмам ба канор,
В-он ҷигаргӯша наёмад ба канорам, чӣ кунам?

Чанд гӯӣ, ки бирав, доманам аз каф бигузор?
Вой, агар доманат аз каф бигзорам, чӣ кунам?

Дардмандон ҳама аз сабр қароре гиранд,
Чун ман аз дарди ту бесабруқарорам, чӣ кунам?

Гар чу мурғони хазондида малулам, чӣ аҷаб?
Гул намебинаму озурдаи хорам, чӣ кунам?

Халқ гӯянд: Ҳилолӣ, чӣ кунӣ гиряи зор?
Гиря рӯ медиҳаду ошиқи зорам, чӣ кунам?

* * *

Ёр бераҳму ман аз дард ба ҷонам, чӣ кунам?
Ман чунин, ёр чунон, оҳ, надонам, чӣ кунам!

Меравам гирякунон, наъразанон, синаканон,
Масту девонаву расвои ҷаҳонам, чӣ кунам?

Бе ту имрӯз ба сад ҳасрату ғам зистаам,
Оҳ, агар рӯзи дигар зинда бимонам, чӣ кунам?

Бе таҳаммул натавон чораи ишқи ту, вале
Мани бечора таҳаммул натавонам, чӣ кунам?

Чанд гӯӣ ки, Ҳилолӣ, дигар аз дард манол,
Ман аз ин дард ба фарёду фиғонам, чӣ кунам?

* * *

Дилам зи даст шуд, аз дасти дил чӣ чора кунам?
Агар ба дасти ман афтад, ҳазор пора кунам.

Хуш аст базми ту, лекин куҷост тоқати он,
Ки дар миёни рақибон туро назора кунам?

Магӯ, канора кун аз ман, ки ҷон зи каф наниҳӣ,
Ту дар миёнаи ҷонӣ, чӣ сон канора кунам?

Агарчи сангдилӣ, аз ман ин муносиб нест,
Ки нисбати дили сахтат ба санги хора кунам.

Ҳилолӣ, аз рухи ҷонон ба моҳ натвон дид,
Зи офтоб чаро рӯй дар ситора кунам?

* * *

Он ки аз дарди дили худ ба фиғон аст, манам
В-он ки аз зиндагии хеш ба ҷон аст, манам.

Он ки ҳар рӯз дил аз меҳри бутон бардорад,
Чун шавад рӯзи дигар, боз ҳамон аст, манам.

Он ки дар ҳусн кунун шуҳраи шаҳр аст, туӣ
В-он ки дар ишқи ту расвои ҷаҳон аст, манам.

Он ки дар савмиа чил сол шаб овард ба рӯз,
В-ин замон муътакифи дайри муғон аст, манам.

Дар ғамат гарчи ба як бор парешон шуд дил,
Он ки сад бор парешонтар аз он аст, манам.

Ошиқони ҳама номею нишоне доранд,
Он ки дар ишқи ту беномунишон аст, манам.

Оқибат ҳамчу Ҳилолӣ шудам афсонаи даҳр,
Он ки ҳар ҷо суханаш вирди забон аст, манам.

*    *    *

Кадом субҳи саодат бувад муборак аз инам,
Ки дар баробарат оям сабоҳ, рӯи ту бинам?

Зиҳӣ мурод, ки ошиқ ҳалоки рӯи ту гардад,
Муроди ман ҳама ин аст, ман ҳалоки ҳаминам.

Гаҳе ки сар биниҳам бар замин ба пеши сагонат,
Чунон хушам, ки магар подшоҳи рӯи заминам.

Рав, эй сабо, ту куҷо омадӣ, ки аз сари он кӯ
Нишони пои сагаш мерасад ба нақши ҷабинам,

Агар табиб ниҳад гӯш бар шикофи дили ман,
Ҳанӯз бишнавад аз заъф нолаҳои ҳазинам.

Карам намудию гуфтӣ: Гадои мост Ҳилолӣ,
Бале, ту шоҳи бутонию ман гадои каминам.

*    *    *

Чӣ ҳол аст ин, ки ҳар гаҳ дар ҷамолат як назар бинам,
Шавам беҳушу натвонам, ки як бори дигар бинам.

Зи ҳаҷрат тиратар шуд рӯзам аз шаб, лек мехоҳам,
Ки ҳар рӯзе туро аз рӯзи дигар хубтар бинам.

Ту масти бодаи нозию ҳоли ман намедонӣ,
Намедонам, туро то чанд аз худ бехабар бинам.

Шаби ғам дида бастам, то набинам бе ту оламро,
Чӣ бошад, гар кушоям чашму ин шабро саҳар бинам?

Чунин к-аз меҳнату хорӣ фитодам дар нигунсорӣ,
Бинои умри худро дам ба дам зеру забар бинам.

Фиғон, к-аз гардиши гардун набинам ҳаргиз он маҳро,
В-агар бинам пас аз умре, чу умраш даргузар бинам.

Ҳилолӣ, гар бибинам осмонро зери пои худ,
Чунон набвад, ки хоки остонаш зери сар бинам.

* * *

То кай ба дарат ояму дидор набинам?
Сад бор туро ҷӯяму як бор набинам?

Гӯё ҳарами кӯи ту Каъбасту дар он ҷо
Ҳарчанд равам, ҷуз дару девор набинам.

Донӣ, ки маро базмгаҳи айш кадом аст?
Ҷое ки туро бинаму ағёр набинам.

Ё Раб, чӣ шавад, гар мани бедил ба ҳама умр
Як бор туро бар сари бозор набинам?

Имрӯз дар ин шаҳр диле нест, ки ӯро
Дар доми балои ту гирифтор набинам.

Ӯ мераваду ҷамъи рақибон зи қафояш,
То шеваи он қомату рафтор набинам.

Хуршеди латофат рухи ёр аст, Ҳилолӣ,
Он рӯз мабодо, ки рухи ёр набинам!

* * *

Аз паи он дилбари ширинушамоил меравам,
Дил паи ӯ рафту ман ҳам аз паи дил меравам.

Меравам наздики он қассобу гӯ: Хунам бирез,
Ман ҳалоки қатли хешам, сӯи қотил меравам.

Гар занад теғ, аз сари кӯяш нахоҳам рафт, лек
Чанд гоме ҳамчу мурғи нимбисмил меравам.

Чун ба кӯи ӯ равам, тарсам, рақибон пай баранд,
З-он ки ман дар гиряи худ пойдаргил меравам.

Эй ки мегӯӣ, бирав, таҳсили дарси ишқ кун,
Меравам, аммо паи таҳсили ҳосил меравам.

Водии дарду бало дар ишқ ҳар як манзил аст,
Кардаам азми сафар, манзил ба манзил меравам.

Меравам сӯяш ба истиқболу хушҳолам, ки боз
Мерасад иқболу ман ҳам дар муқобил меравам.

Дар раҳи ишқ, эй Ҳилолӣ, аз ман огоҳӣ маҷӯ,
З-он ки ман ин роҳро бисёр ғофил меравам.

* * *

Ид шуд, бихром, то мадҳушу ҳайронат шавам,
Ханҷари ошиқкушӣ баркаш, ки қурбонат шавам.

Қатли ошиқро муносиб нест шамшери аҷал,
Сӯи ман бин, то ҳалоки тири мижгонат шавам.

Шуд тани хокӣ ғубору бар сари роҳат нишаст,
Азми ҷавлон кун, ки хезам, хоки майдонат шавам.

Ҷилвае бинмову ҷавлон деҳ саманди нозро,
То хароби ҷилваву мадҳуши ҷавлонат шавам.

Муддате шуд, сарфарози базми васлат будаам,
Баъд аз ин магзор, то помоли ҳиҷронат шавам.

Гӯшаи чашме, ки дилро ҷамъ созам андаке,
То ба кай ошуфтаи зулфи парешонат шавам?

Чун Ҳилолӣ санги тифлон мехурам дар кӯи ту,
Ман саги кӯям, чӣ ҳадди он ки меҳмонат шавам?

* * *

Ҷилваҳои қади дилҷӯи туро банда шавам.
Нозукиҳои гули рӯи туро банда шавам.

Бандаро бо сари ҳар мӯи ту меҳри дигар аст,
Бар сарат гардаму ҳар мӯи туро банда шавам.

Ғайр аз ин чора надорам паи дахли кӯят,
Ки ғуломони сари кӯи туро банда шавам.

Камтарин бандаи ҳиндуи туро банда басест,
Бандаи бандаи ҳиндуи туро банда шавам.

Ту агар банда навозию вафо хӯй кунӣ,
Ман ҳам аз рӯи вафо хӯи туро банда шавам.

Бандагонему гадоён, ба дуо хостаем,
Ки гадоёни дуогӯи туро банда шавам,

Моҳи ид аст, Ҳилолӣ хами абрӯй куҷост?
Чун Ҳилолӣ хами абрӯи туро банда шавам.

* * *

Ман саги ёраму он нест, ки бегона шавам,
Лек метарсам аз он рӯз, ки девона шавам.

Эй фалак, шамъи шабафрӯзи маро сӯи ман ор,
То ба гирди сари ӯ гардаму парвона шавам.

Ман ҳамон рӯз, ки афсуни ту дидам, гуфтам,
Ки ба бедории шабҳои ғам афсона шавам.

Аз дари хонақаҳу мадраса корам накушуд,
Баъд аз ин хокнишини дари майхона шавам.

Дар сарам ҳаст, ки чун хок шавад қолаби ман,
Ба ҳавои лаби майгуни ту паймона шавам.

Наргиси масти туро хоби сабӯҳ ин ҳама чист?
Хез, то куштаи он наргиси мастона шавам.

Бе маҳи хеш, Ҳилолӣ, чӣ кунам оламро?
Ганҷ чун нест, чаро сокини вайрона шавам?

*  *  *

Чунон аз по фиканд имрӯзам он рафтору қомат ҳам,
Ки фардо барнахезам, балки фардои қиёмат ҳам.

Рақибонро аз он лаб оби Хизр асту дами Исо,
Маро пайваста оҳи ҳасрату ашки надомат ҳам.

Агар ман мурдам аз санги маломат бар сари кӯяш,
Сагони кӯи ӯро зинда мехоҳам, саломат ҳам.

Ҷудо з-он маҳ ба мурдан орзу мебудам, эй ҳиҷрон,
Рабудӣ нақди ҷон аз ман, карам кардӣ, каромат ҳам.

Балои ишқу андӯҳи ғарибӣ, ин чӣ ҳол аст ин?
Ки не рои сафар дорам, на ёрои мақомат ҳам.

Саломат бош, эй носиҳ, маломат кун Ҳилолиро,
Ки дар роҳи саломат ҳастаму кӯи маломат ҳам.

*  *  *

Эй ки аз хубон муроди мо туӣ, мақсуд ҳам,
Чун туе ҳаргиз набудасту нахоҳад буд ҳам.

То ба савдои ту афтодем дар бозори ишқ,
Аз зиёни ҳар ду олам фориғем, аз суд ҳам.

Баски бахти бад маро саргашта дорад чун фалак,
Аз фалак ношодаму аз бахт нохушнуд ҳам.

Гарди роҳаш гар ба рӯям чун нахоҳад кард ишқ,
Чашми ман гирён чаро шуд, чеҳра гардолуд ҳам?

Охир, эй ороми ҷонҳо, раҳмате фармо, ки ман
Синаи маҷрӯҳ дорам, ҷони ғамфарсуд ҳам.

Сӯзи худро чун ниҳон дорам, к-аз он рухсору зулф
Дар дил афтод оташу аз ҷон баромад дуд ҳам.

Чун дили зори Ҳилолӣ бе ту афғон баркашид,
Чанг бар дарди дилаш дар нола омад, уд ҳам.

*   *   *

Нақди ҷонро дар баҳои зулфи ҷонон медиҳам,
Ошиқам в-аз баҳри савдои чунин ҷон медиҳам.

Эй ки аз ҳоли мани ошуфта мепурсӣ, мапурс,
К-аз парешонӣ хабарҳои парешон медиҳам.

Пеши он лаб зор мемирам, зиҳӣ ҳасрат, ки ман
Ташналаб ҷон бар канори оби ҳайвон медиҳам.

Инчунин к-аз чашми ман ҳар гӯша меборад сиришк,
Оқибат аз гиря мардумро ба тӯфон медиҳам.

Дур аз ӯ ҳиҷрон агар қасди ҳалоки ман кунад,
Умри худ мебахшаму ҷонро ба ҳиҷрон медиҳам.

Ҳар кӣ рӯзе дил ба хубон дод, охир ҷон диҳад,
Вои ҷони ман, ки охир дил ба эшон медиҳам!

Дар ғами ҳиҷрон, Ҳилолӣ, аз фиғон манъам макун,
З-он ки ман таскини дарди худ ба афғон медиҳам.

* * *

Хуррам он рӯз, к-аз ин меҳнату ғам бозраҳам,
Ба муроди дил аз ин дарду алам бозраҳам.

Рафт Маҷнуну аз ин доғи ҷигарсӯз бираст,
Меравам, то мани дилсӯхта ҳам бозраҳам.

Нест имкони халосӣ зи ту дар мулки вуҷуд,
Магар аз қайди ту дар кӯи адам бозраҳам.

Аз ту бар ман ситаму ҷавр хилофи карам аст,
Караме кун, ки аз ин ҷавру ситам бозраҳам.

Ҷон зи ғам сӯхт, Ҳилолӣ, қадаҳи бода куҷост?
То аз ин сӯзи дарун як-ду-се дам бозраҳам.

* * *

Биҳамдиллаҳ, ки ҷон бар бод рафту хок шуд тан ҳам,
Зи панди дӯст фориғ гаштаму аз таъни душман ҳам.

Дило, сабре куну з-ин сон марав ҳар дам ба кӯи ӯ,
К-аз ин бетоқатӣ охир ту расво мешавӣ, ман ҳам.

Аз ин ғайрат, ки ногаҳ сояи ӯ бар замин афтад,
Намехоҳам, ки шаб маҳтоб бошад, рӯз равшан ҳам.

Шудам девонаву тифлон кашандам доман аз ҳар сӯ,
Гиребонам зи дасти ошиқӣ чок асту доман ҳам.

Чӣ гӯям дарди худ бо Кӯҳкан, дарде ки ман дорам,
На тоби гуфтанаш дорам, на ёрои шунидан ҳам.

Шикастӣ дар дилам хорею мегӯӣ бурун орам,
Бад-ин тақриб мехоҳӣ, ки монад захму сӯзан ҳам.

Дилу ҷони Ҳилолӣ пеши пайконат сипар бодо,
Ки абрӯят камондор асту чашмат новакафкан ҳам.

* * *

Хароби як назар аз чашми нимхоби туем,
Ба ҳоли мо назаре кун, ки мо хароби туем.

Суоли мо ба ту аз ҳад гузашт, лаб бикшо,
Ки солҳост, ки дар ҳасрати ҷавоби туем.

Чӣ ҳадди он, ки тавонем ҳамъинони ту шуд?
Ҳамин саодати мо бас, ки дар рикоби туем.

Итоби ту кушаду нози ту ҳалок кунад,
Ҳалоки нози туву куштаи итоби туем.

Аҷаб набошад, агар аз лабат ба ком расем,
Ки масти бодаи нозию мо кабоби туем.

Зи меҳри рӯйи ту дорем доғҳо бар дил,
Ситорасӯхта аз тоби офтоби туем.

Ману Ҳилолӣ аз ин дар ба ҳеч ҷо наравем,
Чаро ки ҳамчу сагон бастаи таноби туем.

* * *

Ҳар хубие, ки аз ҳама хубон шунидаем,
Имрӯз дар шамоили хуби ту дидаем.

Мушкил ҳикоятест, ки аз моҷарои ишқ
Ҳарфе нагуфтаему суханҳо шунидаем.

Моро ба роҳи ишқи ту орому хоб нест,
Аз бехудист, гар нафасе орамидаем.

Ҳар кас гирифт коми дил аз меваи нишот,
Мо худ зи боғи ишқ гуле ҳам начидаем.

Риндему майкашему ҳамин аст кори мо,
Умре сабӯи маҷлиси риндон кашидаем.

Ҷое расидаем, ки аз худ гузаштаем,
Аз худ гузаштему ба ҷое расидаем.

Ҳаргиз ба ҷониби маҳи нав рост нангарем,
К-аз шавқи абруят чу Ҳилолӣ хамидаем.

* * *

Рӯзи ид аст, сари роҳгузоре гирем,
Моҳрӯе ба каф орему каноре гирем.

Шоҳидон даст ба хуни дили мо карда нигор,
Мо дар ин ғам, ки куҷо дасти нигоре гирем.

Гард хоҳем шуду домани он ёр гирифт,
То ба ин шева магар домани ёре гирем.

Беқорорему ба манзилгаҳи васл омадаем,
Оҳ, агар чарх нахоҳад, ки қароре гирем!

Мо ба ҷон сайди саворони камонабрӯем.
Кушта гардем, ки фитроки саворе гирем.

Ошиқонему зи кори ҳама олам фориғ,
Мо на онем, ки ҳаргиз паи коре гирем.

Ид шуд, хез, Ҳилолӣ, ки ба ишратгаҳи боғ
Ҷоми гулгун зи кафи лолаъизоре гирем.

* * *

Зиҳӣ саодат, агар хоки он ҳарам бошем,
Ба ҳар тараф ки ниҳӣ пой, дар қадам бошем.

Макӯш ин ҳама дар эҳтирому иззати мо,
Ки мо ба хории ишқи ту муҳтарам бошем.

Марав, ки охири айёми умр наздик аст,
Биё, ки як-ду-се рӯзи дигар баҳам бошем.

Ғарибу мулки вуҷудему андаке мондаст,
Ки боз сокини сарманзили адам бошем.

Рақибро ба ҷаноби ту қадр беш аз мост,
Саги туем, чаро аз рақиб кам бошем?

Ҳарифи базмгаҳи айшро вафое нест,
Рафиқи мо ғами ёр аст, ёри ғам бошем.

На ҳадди мост, Ҳилолӣ, умеди лутф аз дӯст,
Ғанимат аст, агар қобили ситам бошем.

* * *

Хез, то имрӯз бо ҳам соғари саҳбо кашем,
Хешро доманкашон то домани саҳро кашем.

Боғу бустон дилкаш асту кӯҳу саҳро ҳам хуш аст,
Ҳар куҷо гӯӣ, бисоти айшро он ҷо кашем.

Кас чаро аз дасти дунё соғари меҳнат кашад?
Соғаре гирему даст аз меҳнати дунё кашем.

Соқиё, майхона дарёест, пур з-оби ҳаёт,
Ҷаҳд кун, то киштии худро дар он дарё кашем.

Нозанинон саркашу мо дар мақоми иҳтиёҷ,
Ҷои он дорад, к-аз эшон нозу истиғно кашем.

Чун зи ҳоли зори худ пеши ту натвон дам задан,
Гӯшае гирему оҳе аз дили шайдо кашем,

Эй рақиби сангдил, з-ин хашму кин бигзар, ки мо
Нози раъноӣ зи ёри нозуки раъно кашем.

Фикри хубон кун, Ҳилолӣ, фикри дигар то ба кай?
Худ чаро бар лавҳи хотир нақши нозебо кашем?

* * *

Эй саги он сари кӯ, мову ту ёрони ҳамем,
Хоки поем, ба ҳар ҷо ки равӣ, дар қадамем.

Ёри мо нест ситамкору ҷафопеша, вале
Мо зи бахти бади худ қобили ҷавру ситамем.

Ҳеч кас нест, ки ӯро ба ҷаҳон нест ғаме,
Мо ки бе қайди ҳаётем, гирифтори ғамем.

Бешу кам ҳар чӣ ба мо мерасад аз ғайб, накӯст,
Ту мапиндор, ки мо дар талаби бешу камем.

Омадем аз адам, аз мо агарат ҳаст малол,
Боз моро бинигар, сокини кӯи адамем.

Аз дари хеш марон ҳамчу Ҳилолӣ моро,
Ҳурмате дор, ки мо сокини байтулҳарамем.

* * *

Навбаҳор аст, биё, то қадаҳе нӯш кунем,
Бошад ин меҳнати айём фаромӯш кунем.

Соқиё, ҳушу хирад тафриқаи хотири мост,
Бода пеш ор, ки тарки хираду ҳуш кунем.

Ҳадди мо нест, ки пеши ту бигӯем сухан,
Ҳам ту бо мо сухане гӯй, ки мо гӯш кунем.

Борҳо ғам ба ту гуфтем, зи мо нашнидӣ,
Баъд аз ин маслиҳат он аст, ки хомӯш кунем.

Ҳеч ногуфта ба ҷонем зи неши ситамат,
Вой, агар з-он лаби ширин тамаъи нӯш кунем!

Мо кӣ бошем, ки моро диҳад оғӯши ту даст?
Бо хаёли ту магар даст дар оғӯш кунем.

Ёр чун соқии базм аст, Ҳилолӣ, бархез,
То ба як ҷуръа туро волиҳу мадҳуш кунем.

*   *   *

Шоми ид он беҳ, ки манзил бар сари роҳе кунем,
Халқ маҳ ҷӯянду мо наззораи моҳе кунем.

Пеши болои баландат фориғем аз ёди сарв,
Ғояти пастӣ бувад, гар фикри кӯтоҳе кунем.

Бе хиёлат кай тавон қатъи биёбони фироқ?
Раҳ хатарнок аст, аввал фикри ҳамроҳе кунем.

Хӯйи ӯ бас нозуку мо беқарор аз дарди дил,
Пеши ӯ ногаҳ мабодо нолаву оҳе кунем!

Дар раҳи ҷонон, Ҳилолӣ, расми ҷонбозӣ хуш аст,
Аз сари ҷон бигзарему кори дилхоҳе кунем.

*   *   *

Эй гул, аз шакли ту бо нозу хиромат гӯям,
Ҳар чӣ гӯям, ҳама дорӣ, зи кадомат гӯям?

Ту парӣ ё малакӣ, ё маҳи авҷи фалакӣ,
Ҳайратам сӯхт, надонам, ба чӣ номат гӯям.

Қад барафрохтию сарви баландат гуфтам,
Рух барафрӯз, ки то моҳи тамомат гӯям.

Кай тавонам, ки кунам пеши ту оғоз калом,
Ман ки ҳаргиз натавонам, ки саломат гӯям.

Дар мақоме, ки дам аз афсари Ҷамшед зананд,
Банда аз хоки кафи пои ғуломат гӯям.

Посбон соз бад-ин давлати бедор маро,
То ғами худ ҳама шаб бо дару бомат гӯям.

Соқиё, ҷом ба каф ҳуши Ҳилолӣ бурдӣ,
Ё Раб, аз ҷоми лабат, ё лаби ҷомат гӯям?

* * *

Ё Раб, ғами бераҳмии ҷонон ба кай гӯям?
Ҷонам ғами ӯ сӯхт, ғами ҷон ба кӣ гӯям?

Не ёру на ғамхору на кас маҳрами асрор,
Ранҷурию маҳҷурию ҳирмон ба кӣ гӯям?

Ошуфта шуд аз қиссаи ман хотири ҷамъе,
Дигар чӣ кунам? Ҳоли парешон ба кӣ гӯям?

Гӯянд табибон, ки бигӯ дарди худ, аммо
Дарде ки гузаштаст зи дармон, ба кӣ гӯям?

Дарде ки маро сохта расво, ҳама донанд,
Доғе ки маро сохта пинҳон, ба кӣ гӯям?

Андӯҳи ту ногуфтаву дарди ту ниҳон беҳ,
Ин пеши кӣ зоҳир кунаму он ба кӣ гӯям?

Халқе ҳама бо ҳам сухани васли ту гӯянд,
Ман бакасам, афсонаи ҳиҷрон ба кӣ гӯям?

Даври тараб, афсӯс, ки бигзашт, Ҳилолӣ,
Даври дигар омад, ғами даврон ба кӣ гӯям?

*   *   *

Сохт гадои даргаҳат марҳамати илоҳиям,
Балки гадоии ту шуд мӯҷиби подшоҳиям.

Банда ғуломи он дарам, ваҳ, чӣ кунам, ки мекунад
Турки сафедрӯи ман нанг зи рӯсиёҳиям.

Сояд агар ба фарқи ман гӯшаи наъли маркабат,
Рост ба моҳи ту расад рифъати кաҷкулоҳиям.

Гар ту ба ҷурми ошиқӣ қасди ҳалоки ман кунӣ,
Мӯҷиби сад гунаҳ шавад даъвии бегуноҳиям.

Мастаму пеши муҳтасиб даъвии зуҳд кардаам,
Қозии шаръ беш аз ин кай шунавад гувоҳиям?

Фориғам аз шаҳу сипаҳ, лек ба кишвари бутон
Ҳаст сипоҳие, ки ман куштаи он сипоҳиям.

Чанд Ҳилолӣ аз вафо ояду ронӣ аз ҷафо?
Ваҳ, чӣ кунам, ки ман туро хоҳаму ту нахоҳиям?

*   *   *

Эй моҳи ману шоҳи сипоҳи ҳама хубон,
Хубон ҳама шоҳанду ту моҳи ҳама хубон.

Он ҷо ки ту бар маснади иззат бинишинӣ,
Бар бод равад ҳашмату ҷоҳи ҳама хубон.

Аз ҳасрати он чашм, ки бе сурма сиёҳ аст,
Хун меравад аз чашми сиёҳи ҳама хубон.

Сӯям назаре кун, ки басе хубтар афтад
З-он чашм нигоҳе зи нигоҳи ҳама хубон.

Хубон чу саросар ҳама дар роҳи ту хоканд,
Хок аст сарам бар сари роҳи ҳама хубон.

Теғ аз кафи хубон гунаҳе нест в-агар ҳаст,
Бар гардани ман бод гуноҳи ҳама хубон!

Пурсид, ки он зуҳраҷабин кист, Ҳилолӣ?
Хуршеди ҳама оламу моҳи ҳама хубон.

* * *

Ман гирифтору ту дар банди ризои дигарон,
Ман зи дарди ту ҳалоку ту давои дигарон.

Ганҷи ҳусни дигаронро чӣ кунам бе рухи ту?
Ман барои ту харобам, ту барои дигарон.

Хилвати васли ту ҷои дигарон аст, дареғ,
Кош будам мани дилхаста ба ҷойи дигарон!

Пеш аз ин буд ҳавои дигарон дар сари ман,
Хоки кӯят зи сарам бурд ҳавои дигарон.

По зи сар кардаму сӯи ту ҳанӯзам раҳ нест,
Ваҳ, ки орад сари ман рашк ба пои дигарон!

Гуфтӣ, имрӯз балои дигарон хоҳам шуд,
Рӯзии ман шавад, эй кош, балои дигарон!

Дили ғамгини Ҳилолӣ ба ҷафои ту хуш аст,
Эй ҷафоҳои ту хуштар зи вафои дигарон.

* * *

Эй паричеҳраи ман, чанд нишинӣ ба касон?
Домани чун ту гуле ҳайф, ки гиранд хасон.

Моҳи ман, чанд ба ағёр кунӣ ҳамнафасӣ?
Тира шуд оинаи лутфи ту з-ин ҳамнафасон.

Пеши ҳар сифла ба ширинсуханӣ лаб макушо,
Шаккаристони ту ҳайф аст ба коми магасон.

Такя бар ишқи ҷавонони ҳаваснок макун,
Ки ба ғайр аз ҳавасе нест дар ин булҳавасон.

Сӯхт бечора Ҳилолӣ зи ҷафоҳои рақиб,
Чорааш васли ҳабиб аст, Худоё, бирасон!

* * *

Субҳи уммед ҳамон асту рухи ёр ҳамон,
Тори он турраи шабрангу шаби тор ҳамон.

Нест чун ҳеч тафовут зи рақибон бо ман,
Пеши ту ёр ҳамон бошаду ағёр ҳамон.

Тай шуд афсонаи ҳар ошиқу маъшуқ, ки буд,
Қиссаи мову ту дар кӯчаву бозор ҳамон.

Ҳамраҳи ғайр чу бошӣ, дилам озурда макун,
Ҷони ман, бас бувад озори дили зор ҳамон.

Гӯям, эй шӯх, ба девор ғами дил пас аз ин,
Бо ту гуфтан чу ҳамон асту ба девор ҳамон.

Дилу дин бохт Ҳилолӣ ба таманнои вафо,
В-он ҷафоҷӯй ба ӯ бар сари озор ҳамон.

* * *

Дар қабои арғавонӣ қадди он сарви равон
Ҳаст чун нозукниҳоле аз дарахти арғавон.

Ошиқам ҷое, валекин ӯ куҷову ман куҷо?
Ман куҳанпири гадо, ӯ подшоҳи навҷавон.

Рӯи некӯ дидаму аз таъни бадгӯ сӯхтам,
Кас мабинад, ончи ман дидам зи рӯи некувон.

Баски хайли ошиқон рафтанд аз шаҳри вуҷуд,
Роҳи саҳрои адам шуд корвон дар корвон.

Лаҳза-лаҳза диданат сӯи рақибон то ба кай?
Гоҳ-гоҳе ҷониби мо ҳам нигоҳе метавон.

Эй ки бар қавли ту дорад моҳи ман самъи қабул,
Бишнав аз ман ҳасби холе чанду ӯро бишнавон.

Аз Ҳилолӣ гар саги кӯи ту хоҳад туъмае,
Пораҳои дил ба хуноби ҷигар созад равон.

* * *

Мушкил ғамест ишқ, ки гуфтан наметавон
В-ин мушкили дигар, ки ниҳуфтан наметавон.

Ғамҳои ошиқон ҳама гуфтанд пеши ёр,
Моро аҷаб ғамест, ки гуфтан наметавон.

Дандон ба қасди лаъли лабаш тез чун кунам?
К-он лаъл гаҳварест, ки суфтан наметавон.

Хун баста ғунчавор дили танг аз фироқ,
Дилтангам ончунон, ки шукуфтан наметавон.

Дар хун нишаст чашми Ҳилолӣ, ки аз раҳат
Гарде ба домани мижа руфтан наметавон.

* * *

Манам чун ғунча дар хуноб з-он гулбарги тар пинҳон,
Дилам садпораву ҳар пора дар хуни ҷигар пинҳон.

Тамошои рухаш дар дида хобе буд, пиндорӣ,
Ки ман то чашм во кардам, шуд аз пеши назар пинҳон.

Табибо, доғҳои синаро сад бор марҳам неҳ,
Ки дорам дар таҳи ҳар доғ сад доғи дигар пинҳон.

Хати сабзе, ки хоҳад руст аз он лаб, чист, медонӣ?
Барои куштани ман заҳр дорад дар шакар пинҳон.

Магӯ, то зинда бошӣ, ишқро аз халқ пинҳон кун,
Ки рози ошиқӣ ҳаргиз намонад ин қадар пинҳон.

На танҳо ошкоро доғи ишқат сӯхт ҷони ман,
Балои ишқ ҷонсӯз аст, агар пайдову гар пинҳон.

Ҳилолиро чӣ суд аз ишқ пинҳон доштан дар дил?
Чу дар олам нахоҳад монд охир ин хабар пинҳон.

* * *

Ҷон ба ҳасрат натавон бе рухи ҷонон додан,
Хоҳамаш додану ҳайрон шудану ҷон додан.

Ду ҷаҳон дар ивази як сари мӯи ту кам аст,
Дилу ҷон худ чӣ матоъест, ки натвон додан?

Ҷуръае бахш аз он лаб, ки савобест азим
Ташнаро об зи сарчашмаи ҳайвон додан.

Хол агар нест рухи хуби туро, з-он сабаб аст,
Ки ба мӯре натавон мулки Сулаймон додан.

То кай афсонаи худ пеши хаёлат гӯям?
Дарди сар ин ҳама хуш нест ба меҳмон додан.

Бе ту ҳиҷрон ба сарам гар аҷал орад рӯзе,
Метавон ҷони худ аз ишқ ба ҳиҷрон додан.

Гар чунин мавҷ занад ашки Ҳилолӣ ҳар дам,
Хонумонро ҳама хоҳем ба тӯфон додан.

* * *

Агар барои ту мурдан, чӣ бок аз он мурдан?
Ҳазор бор барои ту метавон мурдан.

Ба рӯзи васл ту донӣ, ки чист ҳолати мо?
Нафас-нафас ба ту дидан, замон-замон мурдан.

Замони ишқу ҷавонист, марги ман маталаб,
Ки мушкил аст ба сад орзу ҷавон мурдан.

Бар остони ту ҷон медиҳам, чӣ беҳтар аз ин?
Саодат аст бар он хоки остон мурдан.

Худойро, ки дигар ногаҳон бурун махиром,
В-агарна пеши ту хоҳем ногаҳон мурдан.

Туву гирифтани тиру камон ба қасди шикор,
Ману зи дидани он тиру он камон мурдан.

Ба хоки пойи ту мурдан ҳаёти аҳли дил аст,
Ҳазор ҷони Ҳилолӣ фидои он мурдан!

* * *

Хатти райҳонаш рақам бар настаран хоҳад задан,
Сунбули тар панҷа бар рӯи суман хоҳад задан.

Сарви нози ман, ки сӯи боғ шуд доманкашон,
Таъмҳо бар нозанинони чаман хоҳад задан.

Гар Ҳилолӣ ногаҳон дар кунҷи ғам оҳе кашид,
Оташе дар хонумони хештан хоҳад задан.

*   *   *

Эй муаллим, хотири ғамдидаи ман шод кун,
Банда гардам, як замон он сарвро озод кун.

Аз гадои хеш фориғ магзар, эй султони ҳусн,
Ё бидеҳ доди мани дарвеш, ё бедод кун,

Хоҳ пайғоме фиристу хоҳ дашноме бидеҳ,
Аз фаромӯшон ба ҳар навъе ки хоҳӣ, ёд кун.

Дил на садчок аст, охир, марҳами лутфе бинеҳ,
Раҳмате фармову ин вайронаро обод кун.

Эй дил, ин хун хурдани пинҳон маро девона кард,
Тоби хомӯшӣ надорам, баъд аз ин фарёд кун,

Носиҳо, ман ошиқам, ин пандро додан чӣ суд?
Гар тавонӣ, тарки ин савдои модарзод кун.

Бар сари кӯяш, Ҳилолӣ, сабрро бунёд нест,
Чун дар ин кӯ омадӣ, кори дигар бунёд кун.

*   *   *

Иди Қурбон шуд, биё, ошиқкушӣ бунёд кун,
Дардмандонро ба дарди нав муборакбод кун.

Гуфтаӣ: Дар дини мо расми фаромӯшӣ хатост,
Чун кунӣ аз мо фаромӯш, ин суханро ёд кун.

Бо ман оғози такаллум кардию бехуд шудам,
То аз аввал бишнавам, бори дигар бунёд кун.

Зинҳор, эй дил, чу он султони хубон даррасад,
Ҳоли моро арза деҳ, гар нашнавад, фарёд кун.

Эй фалак, з-он сангҳо к-аз нақши Ширин канда шуд,
Гар тавонӣ, зеби рӯи турбати Фарҳод кун.

Тарки ҷон гуфтему бедодат ҳанӯз охир нашуд,
Охир, эй султони хубон, тарки ин бедод кун.

Эй парипайкар, Ҳилолӣ аз ғамат девона шуд,
Гар навозиш мекунӣ ӯро, ба санге шод кун.

* * *

Гулбаргро зи сояи сунбул ниқоб кун,
Дар зери соя тарбияти офтоб кун.

Доман мачин, зи хона бурун ою ҳар қадам
Мулке ба бод бардеҳу шаҳре хароб кун.

Воиз, ба лутфи дӯст чу уммеди раҳмат аст,
Бисёр дарди сар мадеҳу кам азоб кун!

Олист фаҳми ёр, Ҳилолӣ, ба васфи ӯ,
Симобкуштаро кафане аз ниқоб кун.

* * *

Эй дил, ба кӯи ӯ марав, аз бехудӣ ғавғо макун,
Худрову моро беш аз ин дар ошиқӣ расво макун.

Эй ашки сурху гармрав, бар чеҳраам зоҳир машав,
Обе ки пинҳон хурдаам, дар рӯи ман пайдо макун.

То чанд нозу саркашӣ? Охир, ба ҷон омад дилам!
Бар ошиқи мискини худ з-ин беш истиғно макун.

Ман ҳозиру ту бо касон ҳар ҳар дам намоӣ ишвае,
Инҳо макун, в-ар мекунӣ дар пеши чашми мо макун.

То чанд ҳар дам ғунчасон хандӣ ба рӯи ину он?
Чун шохи гул беш аз ҳаё сар пеши кас боло макун.

Бо абруи чун моҳи нав ҳуши Ҳилолиро мабар,
Моҳи ҳилолабрӯйи ман, ақли маро шайдо макун.

* * *

Аз рашк сӯхтам, ба рақибон сухан макун,
Гар мекунӣ, барои Худо, пеши ман макун.

Дар орзуи як суханам ҷон ба лаб расид,
Ҷоно, туро кӣ гуфт, ки бо мо сухан макун?

Ҳар ҷо ки шамъи ҷамъ шудӣ, сӯхтам зи рашк,
Баҳри Худо, ки рӯй ба ҳар анҷуман макун.

Ошиқ манам, ҳикояти Фарҳод то ба кай?
Ҷон канданам бибин, сухани Кӯҳкан макун.

То чанд баҳри қатли ман озурда мешавӣ?
Сулҳ аст бар ман ин ҳама, бар хештан макун.

Эй к-аз диёри ақл фитодӣ ба мулки ишқ,
Ҳоли ғарибн мо нигар, ин ҷо ватан макун.

Гуфт, аз лабат Ҳилолию қадри шакар шикаст,
Номаш ба ғайри тӯтии шаккаршикан макун.

* * *

Бархезу ба сарвақти асирон гузаре кун,
Чашме бикушо, сӯи ғарибон назаре кун.

Эй гиря, биё, дар ғами ҳаҷраш мададе кун,
В-эй нола, бирав, дар дили сахташ асаре кун.

Чун оина ҳар лаҳза ба ҳар кас манамо рӯй,
Зинҳор, ки аз оҳи дили мо ҳазаре кун.

Хун шуд ҷигари халқ, ба дилҳо мазан оташ.
Андеша зи дуди дили хунинҷигаре кун.

Аз баҳри гирифтории мо зулф маёрой,
Мо бастаи домем, ту фикри дигаре кун.

Эй хоҷа, машав сокини бутхонаи сурат,
Берун раву дар олами маънӣ сафаре кун.

Ман бехабарам, гар хабарам нест, Ҳилолӣ,
Аз бехабариҳои ман ӯро хабаре кун.

* * *

Наззора кун дар оина худро, ҳабиби ман,
Аммо ба шарти он ки нагардӣ рақиби ман.

Ман аз ватан ҷудову дили ман зи ман ҷудо,
Огоҳ нест ёр зи ҳоли ғариби ман.

З-ин сон ки дарди ишқи туам сохт нотавон,
Мушкил зиям, агар ту набошӣ табиби ман.

То кай хурам ғаму пайи таскини дарди хеш
Гӯям ба худ, ки дар азал ин шуд насиби ман?

Озурда шуд Ҳилолию он гул нагуфт ҳеч:
То кай ҷафои хор кашад андалеби ман?

* * *

Аз фироқи он парӣ ҳар дам фузун шуд дарди ман,
Сохт охир дарди дилро ашку ранги зарди ман.

То ба кай аз ишқи ӯ ҷавру ҷафо хоҳам кашид?
Эй рақибон, сӯхт дигар ҷони ғампарварди ман.

Гарчи дур аз остони дӯст гаштам хоки роҳ,
Кош, рӯзе бод дар кӯяш расонад гарди ман.

Оташи ишқи ту дар ҷони мани шайдо фитод,
Шуд мадад бо оташи ишқи ту оҳи сарди ман.

Чун Ҳилолӣ дар ғами ишқи бутони сангдил
Меҳнату андӯҳи хубон бурд хобу х(в)арди ман.

* * *

Гар ҷудо созӣ ба теғи ҷавр банд аз банди ман,
Аз ту қатъан нагсилад сарриштаи пайванди ман.

Талхкомам, з-он лаби ширин карам кун хандае,
Чист чандин заҳри чашм, эй шӯхи шаккарханди ман?

Ғамзаи хунхораатро гар сари ошиққушист,
Ошиқи дигар нахоҳӣ ёфтан монанди ман.

Имшаб аз бахти сияҳ дар кунҷи торики ғамам,
Як замон толиъ шав, эй моҳи саодатманди ман.

Носиҳо, чун ишқбозон аз насиҳат фориғанд.
Панд бишнав, умри худ зоиъ макун дар панди ман,

Кардаӣ аҳди вафо, ман хурдаам савганди меҳр,
Бишканад аҳди ту, аммо нашканад савганди ман.

Чун Ҳилолӣ бо маҳи рӯят дилам хурсанд буд,
Оҳ аз ин ғамҳо, ки омад бар дили хурсанди ман!

* * *

Ба хоки пои ту, эй сарви нозпарвари ман,
Ки ҷуз ҳавои висоли ту нест дар сари ман!

Ба роҳи ишқи ту хокам, тариқи ман ин аст,
Дар ин тариқ набошад касе баробари ман.

Ғами ту дар дили тангам нишасту мунфаилам,
Ки нест лоиқи ту кулбаи муҳаққари ман.

Зи ҷилваи суману сарв дил наёсояд,
Куҷост сарви саҳиқомати суманбари ман?

Зи турки масти ман, эй зоҳидон, канора кунед,
Ки нест ҳеч мусулмон ҳарифи кофари ман.

Ҳазар кунед, рақибон, зи сели мижгонам,
Ки дардмандаму хун мечакад зи ҳанҷари ман.

Итоб карду ҷафо низ мекунад, ҳайҳот,
Ҳанӯз то чӣ кунад толиъи ситамгари ман?

Ҳилолӣ, аз маи ишрат маро насибе нест,
Магар ба хуни ҷигар пур кунанд соғари ман.

* * *

Пушту пуноҳи ман буд девори дилбари ман,
Аз гиря бар сар афтод, эй хок бар сари ман.

Лайлӣ куҷову ҳуснат, Маҷнун куҷову ишқам?
На он муқобили ту, на ин баробари ман.

Ман монда дастбарсар аз нолаи дили хеш,
Дил монда пойдаргил аз дидаи тари ман.

Хобам чӣ гуна ояд, к-аз чашми дил ҳама шаб
Бошад дар обу оташ болину бистари ман?

Тоби ҷафо надорам, эй вой, агар аз ин пас
Тарки ситам нагирад турки ситамгари ман!

Эй бод, агар бибинӣ хубони сарвқадро,
Арзи ниёзи ман кун бо нозпарвари ман.

Ҷуз кунҷи ғам, Ҳилолӣ, ҷои дигар надорам,
Ман подшоҳи ишқам, ин аст кишвари ман.

* * *

Дил хун шуд аз умеду нашуд ёр ёри ман,
Эй вой бар ману дили уммедвори ман!

Эй сели ашк, хоки вуҷудам ба бод деҳ,
То бар дили касе нанишинад ғубори ман.

Аз ҷаври рӯзгор чӣ гӯям, ки дар фироқ
Ҳам рӯзи ман сиёҳ шуду ҳам рӯзгори ман.

З-ин пеш сабр буд диламро, қарор низ,
Ё Раб, куҷо шуд он ҳама сабру қарори ман?

Наздик шуд, ки хонаи умрам шавад хароб,
Раҳме бикун, вагарна хароб аст кори ман.

Гуфтӣ, бирав, Ҳилолию сабр ихтиёр кун,
Ваҳ, чун кунам, ки нест ба даст ихтиёри ман?!

* * *

Дар кӯи бутон нест касе зортар аз ман,
Дил пеши азизони ҷаҳон хортар аз ман.

Гуфтӣ, ки маро ёри вафодор басе ҳаст,
Ҳастанд, вале нест вафодортар аз ман.

Гар толиби онӣ, ки ба ёре бинишинӣ,
Биншин, ки туро нест касе ёртар аз ман.

Чун ғунча агар синаи тангам бишикофӣ,
Донӣ, ки набудаст дилафгортар аз ман.

Халқи ду ҷаҳон аст гирифтори ту, лекин
Дар ҳарду ҷаҳон нест гирифтортар аз ман.

Ҷуз ман дигареро саги он кӯй махонед,
К-ин мартабаро нест сазовортар аз ман.

Имрӯз, агар ишқ гуноҳ аст, Ҳилолӣ,
Фардо натавон ёфт гунаҳкортар аз ман.

* * *

На раҳм дар дили ёру на сабр дар дили ман,
Аҷал куҷост, ки бас мушкил аст мушкили ман.

Зи маҳвашон тамаъи меҳр кардаам, ҳайҳот!
Зиҳӣ хаёли каҷу орзуи ботили ман!

Зи манзиле ки манам, раҳ ба айш натвон бурд,
Ки раҳгузори ғам афтодааст манзили ман.

Ба доғи лоларухон чун бурун равам з-ин боғ,
Гули дигар надамад ғайри лола аз гили ман.

Магӯ, ки дар дили ту занг баста пайконам,
Ки тухми меҳру вафо сабз гашт дар дили ман.

Ҳама матоъи ҷаҳонро ба ними ҷав нахарам,
К-аз ин муомила беҳосилист ҳосили ман.

Ба дасти дӯст, Ҳилолӣ, маро зи қатл чӣ бок?
Агар ҳалок шавам, ҷон фидои қотили ман!

* * *

То ба кай тунд шавӣ баҳри ҷафои дили ман?
Чанд рӯзе ба вафо кӯш барои дили ман.

Гар ту медоштӣ ин оташи пинҳон, ки мараст,
Дили бераҳми ту месӯхт, чӣ ҷои дили ман?

Ҳошалиллаҳ, ки дилам тарки ту гӯяд ба ҷафо,
К-аз ҷафоҳои ту беш аст вафои дили ман.

З-он ду гесӯи диловез чӣ имкони гурез?
Ки ду занҷир ниҳоданд ба пои дили ман.

Ҳар табибе, ки хабар дошт зи бемории ишқ,
Ғайри васли ту нафармуд давои дили ман.

Дил гирифтори балоест, Ҳилолӣ, ки мапурс,
Кас гирифтор мабодо ба балои дили ман!

* * *

Эй қадат нозукниҳоли ҷӯйбори чашми ман,
Лутф кун, бархезу биншин бар канори ман.

Чашми мардумро ғубор аз гард мебошад, вале
Мебарад гарди сари кӯят ғубори чашми ман.

Ашки ман ҳар кас ки дид, аз кори чашмам даст шуст,
Гӯшаи чашме гирифт аз дасти кори чашми ман.

Қатраи хун буд, к-аз дил дошт чашмам ёдгор,
Бар канор афтод акнун ёдгори чашми ман.

Гар ба рӯйи ман, Ҳилолӣ, сели ашк омад, чӣ шуд?
То чиҳо ояд ҳанӯз аз раҳгузори чашми ман?

* * *

Фидои он саги кӯ бод ҷони нотавони ман,
Ки баъд аз марг дар кӯйи ту орад устухони ман.

Чу дорӣ азми рафтан, бо ту натвон дарди дил гуфтан,
Ки вақти рафтани ҷон асту мегирад забони ман.

Ман аз бемеҳрии он моҳ мурдам, кай бувад, ё Раб,
Ки бо ман меҳрубон гардад маҳи номеҳрубони ман?

Забони ёр ширин асту коми ман ба сад талхӣ,
Зиҳӣ лаззат, агар бошад забонаш дар даҳони ман!

Гумон дорам, ки бо ман иттифоқе ҳаст он маҳро,
Чӣ бошад оҳ, агар рӯзе яқин гардад гумони ман!

Таби ҳиҷрон ба навбат меситонад ҷони муштоқон,
Гар ин навбат ба ҷони ман расад, эй вои ҷони ман.

Ҳилолӣ, шуълаҳои барқи оҳам рафт бар гардун,
Малакро бар фалак дил сӯхт аз оҳу фиғони ман.

*   *   *

Гуфтиям: Чун зинда монӣ дар ғами ҳиҷрони ман?
Хостам марги худ, аммо барнаёмад ҷони ман.

Дарди ман ишқ асту дармонаш ба ғайр аз сабр нест,
Чун кунам, к-аз дард мушкилтар бувад дармони ман.

Ман худ аз ҷон бандаам фармони ишқатро, вале
То чӣ фармояд маро ин бахти нофармони ман?

Шаммае ногуфта аз сӯзи дилам, шаҳре бисӯхт,
Оҳ, агар зоҳир шавад ин оташи пинҳони ман.

Ваҳ, чӣ рӯи оташин аст он ки гоҳи диданаш
Шуълаҳо пиндорам афтодаст дар мижгони ман.

Баски ман мадҳушу ҳайронам зи чашми масти ӯ,
Ҳар киро чашмест, мебояд шудан ҳайрони ман.

Чун Ҳилолӣ гӯшаи чашме гадоӣ мекунам,
Гаҳ-гаҳе сӯи гадои худ нигар, султони ман.

*   *   *

Хуш он ки дар ҳама рӯи замин ту бошию ман,
Ба ҷуз ману ту набошад, ҳамин ту бошию ман.

Баҳор мерасад, оё бувад, ки дар чамане
Нишаста пои гулу ёсуман ту бошию ман?

Шудӣ ба боғ, ки он ҷо хуш аст маҷлиси май,
Бале, хуш аст, агар ҳамнишин ту бошию ман.

Махон ба ҷилвагаҳи нози худ рақибонро,
Ҳамин бас аст, ки эй нозанин, ту бошию ман.

Хуш аст ҳамсафарӣ бо ту, хоса он вақте
Ки гар ба Рум равам ё ба Чин, ту бошию ман.

Баҳор омаду кушт ин ҳавас зи шавқ маро,
Ки бар канори гулу ёсуман ту бошию ман,

Магӯ, ки умри Ҳилолӣ гузашт бо дигарон,
Аз ин чӣ бок, агар баъд аз ин ту бошию ман?!

* * *

Гаҳе лутф асту гоҳе қаҳр кори дилрабои ман,
Вале лутф аз барои дигарон, қаҳр аз барои ман.

Ба хубон то вафо кардам, ҷафо дидам, биҳамдиллоҳ,
Ки тақриби ҷафои хубрӯён шуд вафои ман.

Дуои хешро шоистаи иҳсон намедонам,
Хушам, гар лоиқи дашном ҳам бошад дуои ман.

Ба дарди ишқ хӯ кардам, надорам тоби бедорӣ,
Табибо, тарки дармон кун, ки дард омад давои ман.

Балои ман шуд ин боло, Худоро, пеши ман биншин,
Намехоҳам, ки пеши дигарон ояд балои ман.

Зи ашки худ ба хун оғуштаам, сӯи ту чун оям,
Ки бар хоки дарат ҷо нест поконро, чӣ ҷои ман?

Ҳилолӣ, баъд аз ин хоҳам қадам аз фарқи сар созам,
Ки дар роҳаш сари ман рашкҳо дорад ба пои ман.

* * *

Баҳри хунрези дилам турки камонабрӯи ман
Рост чун тир омаду биншаст дар паҳлӯи ман.

Шаб дили гумгашта меҷустам ба гирди кӯи ӯ,
Гуфт: Эй бедил, чӣ меҷӯӣ ба гирди кӯи ман?

Пешу пас то чанд дар рӯи рақибон бингарӣ?
Рӯи эшонро мабин, шарме бидор аз рӯи ман!

Аз ту ин қайде, ки ман дорам, халосӣ мушкил аст,
К-аз хами зулфи ту занҷирест бар ҳар мӯи ман.

Чашмат аз мастӣ фитад ҳар гӯшае, дар ҳайратам,
З-ин ки ҳаргиз гӯшаи чашмат наяфтад сӯи ман.

Чини абрӯи ту натвонам кашидан беш аз ин,
К-аз камонат оҷиз омад қуввати бозуи ман.

Бо ту чун гӯяд Ҳилолӣ: Зулму бадхӯӣ макун,
Ҳар чӣ мехоҳӣ, бикун, эй золими бадхӯи ман!

* * *

Шаҳиди ишқаму аз хоки ман хун дода нам берун
В-аз он нам лолаи хунин баровварда алам берун.

Гар аз тавфи ҳарими Каъбаи кӯят хабар ёбад,
Зи шавқи он парад рӯҳ аз тани мурғи ҳарам берун.

Дар обу оташам, аз дидаву дил дам ба дам бе ту,
Марав баҳри Худо, аз дидаву дил дам ба дам берун.

Дил аҳволи парешонии худ бинвисад аз зулфат,
Ки сӯзад коғазу дуд ояд аз нӯги қалам берун.

Зи тири оҳ медӯзад Ҳилолӣ чокҳои дил,
Ки н-ояд аз дили садпораи ӯ дарду ғам берун.

* * *

Мусулмонон, маро ҷон хоҳад омад аз алам берун,
Ки меояд ҳилолабрӯи ман аз хона кам берун.

Бар он дар интизорӣ мебарам, бо он ки медонам,
Ки шоҳон баҳри дарвешон наёянд аз ҳарам берун.

Маро ин дам ту хоҳӣ кушт, ё ҳиҷрон дами дигар,
Ба ҳар тақдир ҷонам хоҳад омад дам ба дам берун.

Зи баҳри гиря пинҳонӣ дар аз ағёр барбастам,
Вале девор дод аз ҷониби ҳамсоя нам берун,

На ашк аст ин, ки мавҷ ангехт хуноби дил аз чашмам,
На оҳ аст ин, ки ҷон аз хонаи тан зад алам берун.

Агар аҳли адам донанд меҳнатҳои ишқатро,
Зи бими ошиқӣ ҳаргиз наёянд аз адам берун.

Ҳилолӣ, гар расӣ рӯзе ба тарфи каъбаи кӯяш,
Қадам аз сар кун он ҷову манеҳ дигар қадам берун.

* * *

Мурдам аз дарду нагуфтӣ дардманди мост ин,
Дардмандонро намепурсӣ, чӣ истиғност ин?

Сояи болои он сарв аз сари ман кам мабод,
З-он ки бар ман раҳмате аз олами болост ин.

Хостам, к-он сарв рӯзе дар канор ояд, вале
Бо каҷиҳои фалак ҳаргиз наёяд рост ин.

Ҷои дил дар сина буду ҷои тират дар дилам,
Он зи ҷо рафтаст, аммо ҳамчунон барҷост ин.

Ашки гулгуни маро бар чеҳра ҳар кас дид, гуфт,
К-аз ғами гулчеҳрае ошуфтаву шайдост ин.

Гуфтамаш: Фардост бо ман ваъдаи васли ту. Гуфт:
Дил ба фардои қиёмат неҳ, ки он фардост ин.

Бар сари кӯяш, Ҳилолӣ, дарди ишқи хешро
Беш аз ин пинҳон макун, к-аз чеҳраат пайдост ин.

* * *

Дило, з-он лаб зулоли Хизр мехоҳӣ, хаёл аст ин,
Зи оташ об меҷӯӣ, таманнои муҳол аст ин.

Касон гӯянд, ҳар ҷӯяндае ёбанда мебошад,
Туро меҷӯяму ҳаргиз намеёбам, чӣ ҳол аст ин?

Қадатро не алиф мехонаму не сарв мегӯям,
Баланду паст чун гӯям, ки дур аз эътидол аст ин.

Ба ҳичронаш дами обе, ки мегардад насиби ман,
Ҷудо з-он лаб ҳаромам бод, агар гӯям, ҳалол аст ин!

Ба доми ғам, Ҳилолӣ, баски зору нотавон гаштӣ,
Касе ногоҳ агар бинад туро, гӯяд: Ҳилол аст ин.

* * *

Охир, эй ороми ҷон, сӯи дилафгоре бибин,
Аз ҷафокорӣ ҳазар кун, дар вафодорӣ бибин.

То ба кай фориғ нишинӣ, лаҳзае берун хиром,
Бар сари он кӯй ҳар сӯ ошиқи зоре бибин.

Як-ду рӯзе ҷилва кун дар шаҳру аз савдои хеш
Ҳар тараф девонаи дигар ба бозоре бибин.

Сӯи ман бину ба дашноме мушарраф кун маро,
Гар бад-ин ташриф лоиқ нестам, боре бибин.

Чанд бинӣ лолаву сарви саҳӣ, эй боғбон?
Дар саҳиқадде назар кун, лоларухсоре бибин.

Эй ки меҳоҳӣ нишонам, бар сари кӯяш биё,
Устухонфарсудае дар пои деворе бибин.

Дидану пурсиданаш моро муҳол аст, эй рақиб,
Ҳам ту бисёре бипурс аз мову бисёре бибин.

Зоҳидо, дар хирқаи пашмин мусулмонам махоҳ,
Дар таҳи ҳар мӯ аз ин пашмина зунноре бибин.

Чанд беморӣ кашад мискин Ҳилолӣ дар ғамат?
Эй табиби дардмандон, сӯи беморе бибин!

*   *   *

Ману тахайюли ҳуснат, чӣ ёр беҳтар аз ин?
Ба ғайри ишқ чӣ варзам, чӣ кор беҳтар аз ин?

Ба рӯзгор шудӣ ёри ман, биҳамдиллоҳ,
Дигар чӣ кор кунад рӯзгор беҳтар аз ин?

Ба ғамза оҳуи чашмат шикори мардум кард,
Кӣ дид оҳуи мардумшикор беҳтар аз ин?

Зи ҷуръаи карамат бештар фишон бар ман,
Ту абри раҳматӣ, охир, бибор беҳтар аз ин.

Таборакаллаҳ аз ин сабзаву гуле ки турост,
Набудаасту набошад баҳор беҳтар аз ин.

Ту масти ҷоми ғурурӣ ҳамеша, эй зоҳид,
Мабош ғарра, ки ранҷи хумор беҳтар аз ин.

Бирон саманд, ки дар чобукию ҷилвагарӣ
Наёмадаст ба майдон савор беҳтар аз ин.

Зи даври чарх, Ҳилолӣ, ба доғи дил хуш бош,
Талаб зи кавкаби толиъ мадор беҳтар аз ин.

*   *   *

Рӯзи Наврӯз асту моро маҷлисафрӯзе чунин,
Солҳо шуд, к-аз Худо мехостам рӯзе чунин.

Аз ҷафокорӣ ниҳодӣ гӯш бар қавли рақиб,
То чиҳо омӯхтӣ боз аз бадомӯзе чунин.

Ҳар шабе дар кунҷи ғам гирёну сӯзонам чу шамъ,
Ғарқи обу оташам бо гиряву сӯзе чунин.

Пеши тири ғамзааш бурдам дили садчокро,
Чун нигаҳ дорам дил аз пайкони дилдӯзе чунин?

Аз фурӯғи оразат рӯзи Ҳилолӣ равшан аст,
Ваҳ, кӣ дорад офтоби оламафрӯзе чунин?

* * *

Ошиқам кардию гуфтӣ бо рақиби тундхӯ,
Ошиқи рӯи туам, бо ҳар кӣ мехоҳӣ, бигӯ.

Ҷони ман, дилҷӯии ағёр кардан то ба кай?
Гоҳ-гоҳе ҳам дили саргаштаи моро биҷӯ.

Эй табиб, аз баҳри дарди мо ғами дармон махур,
З-он ки мо бо дарди бедармони ӯ кардем хӯ.

Ҳамчу мӯе шуд танам, гӯ, аз миён бардор ишқ,
Баъд аз ин мӯе нагунҷад дар миёни мову ӯ.

Рафт он оби ҳаёт аз ҷӯйбори чашми ман,
Кай бувад, ё Раб, ки оби рафта боз ояд ба ҷӯ?

Сурати даъвои гул маънӣ надорад бо рухат.
Чун надорад сурату маънӣ, чӣ суд аз рагу бӯ?

Бар сари кӯяш Ҳилолӣ, рух ба хун шустан чӣ суд?
Сӯи теғи обдораш бину даст аз ҷон бишӯ.

*   *   *

Хуш бошад, агар бошам дар тарафи чаман бо ӯ,
Ман бошаму ӯ бошад, ӯ бошаду ман бо ӯ.

Барҳам задани чашмаш ҷон мебарад аз мардум,
Кай зинда тавон будан як чашм задан бо ӯ?

Бо ӯ чу пас аз умре хоҳам сухане гӯям,
Ҳаргиз нашавад пайдо тақриби сухан бо ӯ.

Ҷонам бари ҷонон аст, ман худ тани беҷонам,
Оре, зи куҷо бошад ҷон дар тану тан бо ӯ?

То аҳд шикаст он маҳ, бигдохт Ҳилолиро,
Дидӣ, ки чӣ кард охир он аҳдшикан бо ӯ?

*   *   *

Надорам қудрати изҳори дарди хештан бо ӯ,
Маро ин дард кушт, оё кӣ гӯяд дарди ман бо ӯ?

Ҳавас дорам, ки ояд бар сари болини ман, то ман
Васийятро баҳона созаму гӯям сухан бо ӯ.

Маҳи ман Юсуфи Миср асту халқе ошиқи рӯяш,
Чу Яъқубу Зулайхо ҳар тараф сад марду зан бо ӯ.

Танам чун риштае шуд з-он қабогулгуну хушҳолам,
Ки боре метавон гунҷид дар як пираҳан бо ӯ.

Ману кунҷи ғаму рӯзи сиёҳу хуни дил хурдан,
Киям, то май хурам шабҳо дар атрофи чаман бо ӯ?

Ба тан дар суҳбати халқам, ба ҷон дар хидмати ҷонон,
Аҷоиб хилвате дорам, миёни анҷуман бо ӯ.

Ҳилолӣ, аз камоли шеър дорад мансаби шоҳӣ,
Ки шӯри Хусрав асту нозукиҳои Ҳасан бо ӯ.

* * *

Чунон баланд нашуд сарви нозпарвари ӯ,
Ки сарви ноз тавонад шудан баробари ӯ.

Зи навбаҳори рухаш офати хазон дур аст,
Ҳанӯз тозадамида-ст сабзаи тари ӯ.

Бинозам он мижаи шӯхро, ки дар дами қатл
Чунон накард, ки ҳоҷат шавад ба ханҷари ӯ.

Рақиб кист, ки ӯро саги дараш хонам?
Агар биронад аз он кӯй, ман саги дари ӯ.

Ба ним ҷуръа, ки дар базмаш иттифоқ афтад,
Фароғат аст маро аз биҳишту Кавсари ӯ.

Чу гуфтаҳои Ҳилолӣ ба васфи тозагулест,
Зи барги лолаву насрин кунед дафтари ӯ.

* * *

Он ки рафт имрӯзу сад дил меравад дунболи ӯ,
Кош, фардо ҷон бурун ояд ба истиқболи ӯ.

Баски ҳамчун соя хоҳам хешро помоли ӯ,
Ҳар куҷо ӯ меравад, ман меравам дунболи ӯ.

Ваҳ, чӣ хуш ҷо кардааст он холи мишкин бар рухаш,
Кош будӣ мардуми чашмам ба ҷои холи ӯ.

Ҳар шабе бар остони базми он маҳ сар ниҳам,
То чу маст аз дар бурун ояд, шавам помоли ӯ.

Фоли васле мезадам, ногоҳ он маҳ рух намуд,
Оҳ, эй ман бандаи рӯи муборакфоли ӯ.

Он ниҳоли сояпарвар сӯям истиқбол кард,
Бар сарам поянда бодо сояи иқболи ӯ!

Кори дил ишқи ту шуд, кораш ҳамин боду мабод
Ғайри номи ин амал дар номаи аъмоли ӯ.

Бар сари кӯяш Ҳилолӣ аз рақибон камтар аст,
Ваҳ, ки аҳволи сагон ҳам беҳтар аст аз ҳоли ӯ.

* * *

Хокам ба раҳи пайки ҳарими ҳарами ӯ,
Бошад, ки ба ҷое бирасам дар қадами ӯ.

Бар доғи дилам марҳами роҳат магузоред,
То кам нашавад роҳати дарду аламӣ ӯ.

З-ин гуна ки бар ман ситами дӯст хуш ояд,
Хуш нест, ки бар ғайри ман ояд ситами ӯ.

Месӯзаму ин оҳи ҷигарсӯз далел аст,
К-аз ҷону дилам дуд баровард ғами ӯ.

Дорем умеди карам аз ёр, валекин
Дидем ситамҳо зи умеди карами ӯ

Аз теғи ту сад кушта шавад зинда ба як дам,
Гӯё дами ҷонпарвари Исост дами ӯ.

Гуфтам, ки Ҳилолӣ зи ғамат сӯи адам рафт,
Гуфто: Чӣ тафовут зи вуҷуду одами ӯ?

* * *

Чанд гирад ҷоми май ком аз лаби майгуни ӯ?
Соқиё, бигзор, то бар хок резам хуни ӯ.

Қиссаи Лайлию Маҷнун пой то сар хондаам,
Ҳам ту аз Лайлӣ фузунӣ, ҳам ман аз Маҷнуни ӯ.

Меҳри он маҳро ба ҷон хоҳам, ки бас лоиқ фитод
Ишқи рӯзафзуни ман бо ҳусни рӯзафзуни ӯ.

Доғҳо дорам ба дил чун лолаву натвон ниҳуфт,
К-он ҳама доғи дарун пайдост аз беруни ӯ.

Дарди мо чун ҳусни ӯ ҳар рӯз агар афзун шавад,
Зуд хоҳад кушт моро ҳусни рӯзафзуни ӯ.

Аз фусунгар нест чун бехобии моро илоҷ,
Пеши мо афсона беҳтар бошад аз афсуни ӯ.

Номаи қатлам навишту сохт унвонаш ба хун,
То ҳам аз унвон шавам огоҳ бар мазмуни ӯ.

Сарв мегӯяд Ҳилолӣ қадри мавзуни туро,
Дар иборат кӯтаҳ омад табъи номавзуни ӯ.

* * *

Хоҳам фикандан хешро пеши қади раънои ӯ
То бар сари ман по ниҳад ё сар ниҳам бар пои ӯ.

Сарви қадаш навхоста, моҳи рухаш нокоста,
Хуш сурате ороста ҳусни ҷаҳонорои ӯ.

Гар дар раҳаш афтад касе, камтар намояд аз хасе,
Аз иҳтиёҷи мо басе беш аст истиғнои ӯ.

То дил ба ҷон н-ояд маро, аз дида гӯ, дар дил даро,
Мардумнишин аст он саро, он ҷо нахоҳам ҷои ӯ.

Ғам нест, ҷони ман, агар доғам ниҳодӣ бар ҷигар,
Эй кош, сад доғи дигар мебуд бар болои ӯ.

Гуфтам: Ҳилолӣ дам ба дам ҷон медиҳад. Гуфто: Чӣ ғам?
Гуфтам: Ба сӯяш неҳ қадам. Гуфто: Киро парвои ӯ?

* * *

Рӯзам аз бими рақибон нест раҳ дар кӯи ӯ,
Шаб равам, лекин чӣ ҳосил, чун набинам рӯи ӯ?

Ӯ ба қатлам шоду ман ғамгин, ки гоҳи куштанам
Ногаҳ озоре бибинад соиду бозуи ӯ.

Дорад он абрӯкамон пайваста бар абрӯ гиреҳ,
Аз гиреҳ гӯӣ ба ҳам пайваста шуд абрӯи ӯ.

Ман ки дар паҳлӯи ӯ худро намехоҳам зи рашк,
Дигареро чун тавонам дид дар паҳлӯи ӯ?

Гарчи бас дурам, вале ҳар ҷо ки манзил мекунам,
Менишинам рӯ ба кӯи ёру хотир сӯи ӯ.

Мо чу аз ҳар сӯ ба хоки кӯяш овардем рӯ,
Баъд аз ин рӯи ниёзи мову хоки кӯи ӯ.

То Ҳилолиро фироқат чанги базми дард сохт,
Нолаи дигар бурун меояд аз ҳар мӯи ӯ.

* * *

Чанд сӯзӣ доғҳо бар даст? Оҳ аз дасти ту,
Гоҳ аз доғи ту менолему гоҳ аз дасти ту.

То туро бар даст зоҳир шуд сиёҳиҳои доғ,
Рӯзгори дардмандон шуд сиёҳ аз дасти ту.

Ту ниҳода доғҳо бар даст чун гулдастае,
Ман ба худ печида чун шохи гиёҳ аз дасти ту.

Мурдам аз доғу дигар чун хору хошокам масӯз,
То насӯзад хирмани ман ҳамчу коҳ аз дасти ту.

Ин чӣ бедод аст, к-аз ҳар ҷониб, эй султони ҳусн,
Дод меҳоҳад чу ман сад додхоҳ аз дасти ту?

Ҳеч донӣ, чист ин доғи сияҳ бар рӯи моҳ?
Оrази худро сияҳ кардаст моҳ аз дасти ту.

Беш аз ин доғи навмедӣ Ҳилолиро масӯз,
Чанд сӯзад дардманди бегуноҳ аз дасти ту?

* * *

Чанд пинҳон кунам афсонаи ҳиҷрон аз ту?
Ҳоли ман бар ҳама пайдост, чӣ пинҳон аз ту?

Шамъи ҷамъию ҳама сӯхтаи васли туанд,
Ганҷи ҳуснию ҷаҳоне ҳама вайрон аз ту.

Боре, эй кофири бераҳм, чӣ дар дил дорӣ?
Ки наёсуд дили ҳеч мусулмон аз ту.

Ҷайби гулпираҳанон чок шуд аз дасти ғамат,
Варна будӣ ҳамаро сар ба гиребон аз ту.

Нест ин ғунчаи хандон, ки шукуфтаст ба боғ,
Дили хунинҷигарон аст парешон аз ту.

Ғунча дар боғ зи боди саҳар ошуфта набуд,
Балки садпора диле дошт парешон аз ту.

Толиби васли туро меҳнати ҳиҷрон шарт аст,
То муяссар нашавад коми дил осон аз ту.

Он парӣ базм биёрост, Ҳилолӣ, бархез,
Ҷоми Ҷам гир, ки шуд мулки Сулаймон аз ту.

* * *

Мани бедил ба умри худ надидам як нигоҳ аз ту,
Намедонам, чӣ умр аст ин, дареғу дарду оҳ аз ту.

Ҳамон рӯзе ки гаштӣ подшоҳи ҳусн, донистам,
Ки доди худ нахоҳад ёфт ҳаргиз додхоҳ аз ту.

Макуш ҳар бегунаҳро, з-он битарс охир,
ки дар маҳшар
Талаб доранд фардо хуни чандин бегуноҳ аз ту.

Ту шоҳи мулки ҳуснӣ, ман гадои даргаҳи ишқам,
Мақоми бандагӣ аз ман, сарири иззу ҷоҳ аз ту.

Зи ҳаҷрат ҳар шабе солею ҳар рӯзам бувад моҳе,
Касе донад, ки дур афтода бошад солу моҳ аз ту.

Ба рағми хеш то бо ғайр дидам ёри дамсозат,
Гаҳе аз ғайр менолам, гаҳе аз хешу гоҳ аз ту.

Ҳилолӣ бе ту дар шабҳои ҳиҷрон кист, медонӣ?
Сияҳбахте, ки рӯзи равшани ӯ шуд сиёҳ аз ту.

* * *

Лайлию Маҷнун агар мебуд дар даврони ту,
Ин яке ҳайрони ман мегашту он ҳайрони ту.

Домани худро бикаш имрӯз аз дасти рақиб,
В-арна чун фардо шавад, дасти ману домони ту!

Захми пайкони туро марҳам чаро бояд ниҳод,
Гар касе марҳам ниҳад, боре ҳам аз пайкони ту?

Кай зи майдони ту бархезам, ки баъд аз куштанам
Гарди ман ҳам барнахоҳад хост аз майдони ту.

Меҳнати рӯзи қиёмат бар ман осон бигзарад
З-ин уқубатҳо ки дидам дар шаби ҳиҷрони ту.

Эй ки аз нози итоболуда мекуштӣ маро,
Вой, агар зоҳир намешуд хандаи пинҳони ту!

Дар ғами ҳиҷрон, Ҳилолӣ, сабр кун, тадбир чист?
Ҳеҷ тадбире надорад дарди бедармони ту.

* * *

Намекашем сар аз остони хонаи ту,
Куҷо равем, сари мову остонаи ту.

Туро баҳона чӣ ҳоҷат барои куштани ман?
Макун, макун, ки маро мекушад баҳонаи ту.

Тараҳҳуме бикун, эй подшоҳи кишвари ҳусн,
Ки ғайри зулму ситам нест дар замонаи ту.

Аз он саманди ту бармеҷаҳад гаҳи ҷавлон,
Ки ракс мекунад аз завқи тозиёнаи ту.

Сафед гашт маро устухону хушҳолам
Бад-он умед, ки рӯзе шавад нишонаи ту.

Шаб аз фасона ба рӯз оваранду ин аҷаб аст,
Ки рӯзи худ ба шаб орам ман аз фасонаи ту.

Ҳилолӣ, аз ғами ҷонсӯзи ишқ, оҳ макаш,
Ки сӯхт ҷони ман аз оҳи ошиқонаи ту.

*   *   *

Эй бевафо, чӣ чора кунам бо ҷафои ту?
То кай ҷафо кунам ба умеди вафои ту?

Чун мубталои ишқи туро нест чорае,
Бечора ошиқе, ки шавад мубталои ту.

Мехоҳам аз Худо ба дуо сад ҳазор ҷон,
То сад ҳазор бор бимирам барои ту.

Ман кистам, ки баҳри ту ҷонро фидо кунам?
Эй сад ҳазор ҷони муқаддас фидои ту!

То дидаам, ки банди қабо чуст кардаӣ,
Бар дил чӣ бандҳост маро аз қабои ту.

Эй сарв, агарчи дур шудӣ аз канори ман,
Ҳаққо, ки дар миёнаи ҷон аст ҷои ту.

Рӯзе ки умри хеш Ҳилолӣ диҳад ба бод,
Мехоҳад аз Худо, ки шавад хоки пои ту.

*   *   *

Биё, то нақди ҷонро барфишонам дар ҳавои ту,
Бинеҳ по бар сарам, то сар ниҳам бар хоки пои ту.

Маозаллаҳ, маро дар додани ҷон нест тақсире,
На як ҷон, балки гар сад ҷон бувад, созам фидои ту.

Маро то мубтало кардӣ, асири сад бало кардӣ,
Ки ё Раб, ҳеч кас ҳаргиз нагардад мубталои ту!

Ту, эй нозукдил, охир бо ҷафо озурда мегардӣ,
Мабодо он, ки бошад оҳи сарде дар қафои ту!

Аз он лаб ҷон мадеҳ касрову гар хоҳӣ, ки ҷон бахшӣ,
Маро боре, ки ман ҷон додаам умре барои ту.

Макун изҳори шукр аз шеваи меҳру вафои ман,
Ки онҳо нест ҳаргиз дархури ҷавру ҷафои ту.

Ҳилолиро ба шамшери тағофул бегунаҳ куштӣ,
Гуноҳи худ намедонад, ту донию Худои ту.

* * *

Созам қадам зи дидаву оям ба сӯи ту,
То ҳар қадам ба дида кашам хоки кӯи ту.

Рӯи ту хубу хӯи ту бад, оҳ чун кунам?
Эй кош, ҳамчу рӯи ту мебуд хӯи ту!

Манмо ҷамоли хеш ба ҳар каҷназар, ки нест
Чашми бадон муносиби рӯи накӯи ту.

Ҷону дил орзуи висоли ту кардаанд,
Ман низ карда бо дилу ҷон орзуи ту.

Чун ман ҳалоки рӯи туам, рух зи ман матоб,
Бигзор, то ҳалок шавам пеши рӯи ту.

Эй дил, зи дида гиряи шодӣ тамаъ мадор,
К-ин оби рафта бознаёяд ба ҷӯи ту.

Соқӣ, марон зи маҷлиси хешам, ки хӯ гирифт
Дастам ба ҷоми бодаву чашмам ба рӯи ту.

Гуфтӣ: Кунам Ҳилолии девонаро илоҷ,
Эй ман ғуломи силсилаи мушкбӯи ту.

Аз лутф гуфтаӣ, ки Ҳилолӣ ғуломи мост,
Эй ман ғуломи лутфи чунин гуфтугӯи ту.

* * *

Мурдам аз ин алам, ки намурдам барои ту,
Эй хок бар сарам, ки нашуд хоки пои ту!

Гар ихтиёри марг ба дастам диҳад қазо,
Рӯзе ҳазор бор бимирам барои ту.

Ғам нест, гар зи меҳри ту дил пора-пора шуд,
Эй кош зарра-зарра шавад дар ҳавои ту!

Гӯям дуову умри абад хоҳам аз Худо,
То умри хеш сарф кунам дар дуои ту.

Дар орзуи он ки ба ман ошно шавӣ
Омехтам, ба ҳар кӣ бувад ошнои ту.

Ҷои ту дар ҳарими висол аст, эй рақиб,
Эй кош, будаме мани бедил ба ҷои ту!

Аз подшоҳии ҳама офоқ хуштар аст
Ин салтанат, ки гашт Ҳилолӣ гадои ту.

* * *

Мо зи як ҷониб, рақиб як тараф дар кӯи ту,
Рӯй бо мо кун, ки чашми ӯ набинад рӯи ту.

Дидаи ноаҳлу рӯе инчунин ҳайф аст, ҳайф,
Чашми бад, ё Раб, наяфтад бар рухи некӯи ту!

Баъд аз ин сар аз сари зону нахоҳам баргирифт,
То набинам ғайрро з-ин беш ҳамзонуи ту.

Мекунӣ бедоду мегӯӣ, ки ин хӯи ман аст,
Ин чӣ хӯю ин чӣ бедодист, дод аз хӯи ту!

Чун наёмезӣ ба ман, дар кӯи худ зорам макуш,
Хуни ман боре наёмезад ба хоки кӯи ту.

Мо чу аз ҳар сӯ ба хоки кӯят овардем рӯ,
Баъд аз ин рӯи ниёзи мову хоки кӯи ту!

Хоки раҳ гаштам, гар оби дида бигзорад маро,
Ҳамраҳи боди сабо бархезам, оям сӯи ту.

Ҳамчу моҳи нав Ҳилолӣ хам нагаштӣ шоми ғам,
Гар набудӣ моили тоқи хами абрӯи ту.

* * *

Сина маҷрӯҳ асту аз ҳар ҷонибе сад ғам дар ӯ,
Бо чунин ғамҳо куҷо бошад дили хуррам дар ӯ?

Дар даҳони ғунча аз лаъли ту оби ҳасрат аст,
Ин ки пиндоранд мардум қатраи шабнам дар ӯ.

Солҳо ҳайрони ӯ будам, касе огаҳ нашуд,
З-он ки ҳайронанд чун ман ҷумлаи олам дар ӯ.

Ошиқонро он сари кӯ аз ҳама олам беҳ аст,
В-он сагон ҳам беҳтар аз хайли банӣ Одам дар ӯ.

То Ҳилолиро шумурдӣ аз сагони камтарин,
Ҳеч кас дигар намебинад ба чашми кам дар ӯ.

* * *

Омадаӣ ба манзилам, эй маҳи нозанин, фурӯ,
Моҳ магар зи осмон омада бар замин фурӯ?

Нест арақ зи тоби май вақти сабӯҳ бар рухат,
Рехта шабнами саҳар бар гули оташин фурӯ.

Чанд ба хашм бигзарӣ тавсани ноз зери рон?
Ваҳ, ки даме наёмадӣ аз сари хашму кин фурӯ!

Чун ту ба ноз дасти худ рақскунон фишондаӣ,
Рехта сад ҳазор ҷон ошиқ аз остин фурӯ.

Баски зи ғусса хуни ман, ҷӯшкунон ба сар равад,
Дар таб агар арақ кунам, хун чакад аз ҷабин фурӯ.

Хурд Ҳилолӣ аз кафат силии ранҷу оҳу ғам,
Бар сари кас наёмада раҳмате инчунин фурӯ.

*   *   *

Боз, эй савори шӯх, куҷо меравӣ? Марав,
Оҳ, ин чӣ рафтан аст, чаро меравӣ? Марав.

Ҳар дам зи рафтани ту балои дил асту дин,
Эй кофири бало, чӣ бало меравӣ? Марав.

Чин бар ҷабин фиканда, бурун рафтанат хатост,
Эй турки Чин, ба роҳи хато меравӣ, марав.

Бар азми гашт хурраму хандон шудӣ савор,
Эй гул, ки ҳамчу боди сабо меравӣ, марав.

Дил рафтаасту аз паи ӯ тунд меравӣ,
Бо он ки аз паи дили мо меравӣ, марав.

Гуфтӣ: Бурун равам, ки Ҳилолӣ шавад ҳалок,
Ӯ худ ҳалок шуд, ту куҷо меравӣ? Марав.

*   *   *

Ин чӣ чашм аст, ки бехобам аз ӯ,
В-ин чӣ зулф аст, ки бетобам аз ӯ?

Ин чӣ абрӯст, ки бо пушти дуто
Сокини гӯшаи меҳробам аз ӯ?

Ин чӣ мижгони дароз аст, ки ман
Куштаи ханҷари қассобам аз ӯ.

Ин чӣ тоб аст, Ҳилолӣ, ки фитод,
Шуъла дар хирмани асбобам аз ӯ?

*   *   *

Ёр видоъ мекунад, тоби видоъи ёр ку,
Ваъдаи васл медиҳад, тоқати интизор ку?

Нисбати рӯи хуби ӯ бо маҳу меҳр чун кунам?
Орази меҳру моҳро турраи мушкбор ку?

Ёри наву баҳори нав боиси маҷлис асту май,
Соғари лолагун куҷо, соқии гулъизор ку?

Табъи Ҳилолӣ аз ҷаҳон сӯи адам кашад, вале
Рафт ба боди нестӣ, хуштар аз ин диёр ку?

*   *   *

Бар сари роҳи ту будам, ки расидӣ ногоҳ,
Ҷилвае кардию он ҷилва маро бурд зи роҳ.

Гар ба сарҳалқаи тасбеҳи малак боз расӣ,
Қудсиён наъра бароранд, ки субҳоналлоҳ.

Гар ба манзилгаҳи васлат нарасам, маъзурам,
Раҳ дароз асту маро умр бағоят кӯтоҳ.

Гиряе кардаму аз гиря дилам таскин ёфт,
Оҳ, агар гиря намебуд, чӣ мекардам? Оҳ!

Сад шаби ҳаҷр гузашту маҳи ман пайдо нест,
Турфа умре, ки ба сад сол надидам як моҳ.

Умрҳо давлати васлат ба дуо хостаам,
Мо ғуломони қадимему ба ҷон давлатхоҳ.

Аз суҷуди дари ӯ манъи Ҳилолӣ мекунед,
Ки сари хеш ниҳодаст ба уммеди кулоҳ.

* * *

Ҳар кас ки нест куштаи ишқат, ҳалок беҳ,
Ҳар кас ки нест хоки раҳат, зери хок беҳ.

Гар ҷони пок дар раҳи ту хок шуд, чӣ бок?
Биллаҳ, ки хоки роҳи ту аз ҷони пок беҳ.

Бо сӯзи ӯ бисоз, ки ишқ аст корсоз,
В-аз дарди ӯ манол, ки дил дарднок беҳ.

Бар чокҳои сина манеҳ марҳам, эй табиб,
Мо ошиқему синаи мо чок-чок беҳ.

Ғам нест, гар Ҳилолии бедил ҳалок шуд,
Ҷоно, ту зинда бош, ки ӯ худ ҳалок беҳ!

* * *

Чашми ӯ май хурдаву худро хароб андохта,
То набинад сӯи ман, худро ба хоб андохта.

Чист, донӣ, пардаҳои гунча бар рухсори гул?
Ҷилваи ҳусни ту ӯро дар ҳиҷоб андохта.

Чун нагардад умри ман кӯтаҳ, ки он зулфи дароз
Риштаи ҷони маро дар печутоб андохта.

Ё Раб, он зулф аст бар рӯи ту ё худ боғбон
Сунбули тар чидаву бар офтоб андохта?

Бо вуҷуди он ки моро тоби дидори ту нест,
Гаҳ-гаҳе ой бурун, он ҳам ниқоб андохта,

Гар ба кӯят ҳар дам оям, бигзарам, айбам макун,
Шавқи дидори туам дар изтироб андохта.

Бе ту дар гулшан Ҳилолӣ нест хуррам, балки ӯ
Дӯзахе дидасту худро дар азоб андохта.

* * *

Булбул ба боғу ҷуғд ба вайрона сохта,
Ҳар кас ба қадри ҳиммати худ хона сохта.

Бозам фусуни чашми ту афсона сохта,
Ақл аз сарам рабудаву девона сохта.

Ё Раб, чаро шудаст рақиб ошнои ту
В-аз ман туро зи баҳри чӣ бегона сохта?

Аз мо шунав ҳикояти мо, пеш аз он ки халқ
Гӯянд бо ту, як ба як афсона сохта.

Паймонае биёру ба мо деҳ, ки баъд аз ин
Даврон зи хоки мову ту паймона сохта.

Хурсанд шуд Ҳилолии мискин ба холи ӯ,
Аз мазраъи ҷаҳон ба ҳамин дона сохта.

*   *   *

Моем ҷо ба гӯшаи майхона сохта,
Худро ҳарифи соғару паймона сохта.

Он кас ки тоб дода ба ҳам турраи туро,
Занҷир баҳри ошиқи девона сохта.

Дил нест ин, ки дар тани афсурдаи ман аст,
Девонаест, ҷой ба вайрона сохта.

Дил хонаи Худост, чӣ созам, ки кофаре
Он хонаро гирифтаву бутхона сохта.

Эй шамъ, партаве ба Ҳилолӣ фикан, ки ӯ
Худро ба сӯзи ишқи ту парвона сохта.

*   *   *

Он соя нест, доим дунболи ӯ фитода,
Чун ман сиёҳбахте сар дар пояш ниҳода.

Ҳар дам зи ҷаври хубон дар ҳайратам, ки Эзад
Онро ки дода ҳусне, меҳре чаро надода?

Бо ҷамъи ишқбозон танҳо маро чӣ нисбат?
Он ҷумла камтар аз ман, ман аз ҳама зиёда.

То номи ман барояд дар ҳалқаи сагонат,
Тавқи саги ту бодо дар гарданам қилода.

Гар майли бода дорӣ, эй турки маст, бо ман,
Дар даст ҳар чӣ дорам, бодо фидои бода!

Чашмони худ ба рӯям аз марҳамат кушодӣ,
Дарҳои раҳмати туст бар рӯи ман кушода.

Ё сар ниҳад ба поят, ё ҷон диҳад Ҳилолӣ,
Инак, зи сар гузашта, миннат ба ҷон ниҳода.

* * *

Ҷони ман, гоҳе сухан кун з-он лабу коме бидеҳ,
В-ар сухан бо ошиқон ҳайф аст, дашноме бидеҳ.

Чун дил аз дасти ту беором шуд, баҳри Худо,
Бар дилам дасте ниҳу як лаҳза ороме бидеҳ.

Мекунам пеши ту арзи ҳоли бесомони дил,
Гар тавонӣ, қиссаи ӯро саранҷоме бидеҳ.

Соқиё, аз оташи дил шуъла дар ҷонам фитод,
То занам обе дар оташ, лутф кун, ҷоме бидеҳ.

То туро фориғ шавад хотир зи сахтиҳои даҳр,
Чанд рӯзе дил ба дасти нозукандоме бидеҳ.

Ҷони ман дар ҳасрати он соиди симин бисӯхт,
Чанд сӯзӣ бедилонро? Ваъдаи коме бидеҳ.

Носиҳо, панди ту аз таъни Ҳилолӣ то ба кай?
Эй накӯноми ду олам, тарки бадноме бидеҳ.

* * *

Кист он сарви равон, к-аз ноз доман барзада,
Ҷома гулгун кардаву оташ ба олам барзада?

Карда ҳар шаб з-оташи ҳасрат дили моро кабоб,
Бо ҳарифони дигар то субҳдам соғар зада.

Васфи қадди нозукаш гар рост мепурсӣ зи ман,
Сарви озодест, к-аз боғи латофат сар зада.

Хоб чун ояд, ки шабҳо бар дили мо то саҳар
Ҳар замон занҷири зулфаш ҳалқаи дигар зада.

Хатти ӯ бар барги насрин гарди мушк омехта,
Холи ӯ бар сафҳаи гул нуқта аз анбар зада.

Чашми хунрезаш, ки дорад ҳар тараф мижгони тез,
Ҳаст қассобе, ки бар даври миён ханҷар зада.

Талхам ояд бар лаби ширини ӯ номи рақиб,
З-он ки баҳри куштанам заҳрест дар шаккар зада.

Бод гӯё бе гули рӯяш чу ман девона шуд,
В-арна худро аз чӣ рӯ бар хоку хокистар зада?

То Ҳилолӣ кард рӯи зарди худ фарши раҳаш,
Тавсани ӯ гоҳи ҷавлон наълҳо бар зар зада.

* * *

Бар бистари ҳалокам, бемору зор монда,
Корам зи даст рафта, дастам зи кор монда.

Рафтаст васли ҷонон, мондаст ҷон ба зорӣ,
Эй кошкӣ, намондӣ ин ҷони зормонда!

Ман кистам? Ғарибе, аз васл бенасибе,
Ҳиҷрони ёр дида, дур аз диёр монда.

Дар дил зи гулъизоре будаст хор-хоре,
Он дил намонда, аммо он хор-хор монда.

Бо он ки дар ҳавояш хокам ба гард рафта,
Ӯро ҳанӯз аз ман бар дил ғубор монда.

Ҳар ҷо ки ман ба роҳе худро ба ӯ расонам,
Ӯ низ даргузашта, ман шармсор монда.

Ваҳ, чун кунам, Ҳилолӣ, к-он моҳ бо рақибон
Фориғ нишаставу ман дар интизор монда!

* * *

Эй ҳамчу парӣ аз мани девона рамида,
Сад бор маро дидаву гӯё ки надида.

Дарёб, ки мотамзадае рӯзи фироқат
Ҳам чеҳра харошидаву ҳам ҷома дарида.

Эй вой бар он ошиқи маҳрум, ки ҳаргиз
На бо ту сухан гуфтаву на аз ту шунида.

Он дил ки на ғам хурдию на оҳ кашидӣ,
Дар дасти ғамат, оҳ, чӣ гӯям, чӣ кашида?

Ин ашки ҷигаргун, аҷабе нест, ки имрӯз
Хори ғами ӯ дар ҷигари реш халида.

Озурда шуд аз чашми ман имшаб кафи поят,
Дардо, ки кафи пои туро чашм расида!

Бар рӯи ту ин қатраи хун чист, Ҳилолӣ?
Гӯё ки дил аз ғусса ба рӯи ту давида.

* * *

Ба хун нишаст дилам, хори ғам халида-халида,
Ба сел дод маро хуни дил чакида-чакида.

Ба роҳи ишқ фитодам ба по давида-давида,
Ба ҷавр хӯй гирифтам ситам кашида-кашида.

Ту нури чашми манӣ, ҷо даруни дидаи ман кун,
Ки дида-дида аламҳо туро надида-надида.

Ғизоли ваҳшии ман ҳаст аз рақиб гурезон,
Бале, ки меравад оҳу зи саг давида-давида.

Хаёли чашми ту карду зи хеш рафт Ҳилолӣ,
Ба ранги оҳуи ваҳшӣ зи худ рамида-рамида.

*   *   *

Дардо, ки боз моро дарде аҷаб расида,
Ҳам дил зи даст рафта, ҳам ҷон ба лаб расида.

Он моҳрӯ ки бо ман шабҳо ба рӯз кардӣ,
Рафтасту дар фироқаш рӯзам ба шаб расида.

Кай бошад, он ки бинам аз давлати висолаш
Андӯҳу дард рафта, айшу тараб расида?

Мушкил, ки дар қиёмат бинанд аҳли дӯзах,
Онҳо ки бар ту аз ман аз тобу таб расида.

Ғайр аз талаб, Ҳилолӣ, коре макун дар ин раҳ,
Ҳар кас расида ҷое, баъд аз талаб расида.

*   *   *

Ҳаттат, ки рақам бар вараќи лола кашида,
Бар гирди гул аз анбари тар ҳола кашида.

Солест шаби ҳаҷри туву ошиқи мискин
Ҳар рӯз зи ту меҳнати садсола кашида.

З-он лаб ки газидӣ зи сари ноз ба дандон,
Чун барги гул озурдагии жола кашида.

Дунболи дилам теғ кашад чашми ту ҳар дам,
Фарёд аз он наргиси дунболакашида!

Дар базми ғамат бо дили пурдард Ҳилолӣ
Ҳар лаҳза ба қонуни дигар нола кашида.

* * *

Ба куҷо равам зи дардат, чӣ даво кунам, чӣ чора?
Ки ҳазорбора хун шуд ҷигари ҳазорпора.

Манаму зи ишқ дарде, ки агар ба кӯҳ гӯям,
Ба Худо, ки нарм гардад дили сахти санги хора.

Ба ду дида кай тавонам, ки рухи ту сер бинам?
Ду ҳазор дида хоҳам, ки туро кунам назора.

Маҳи ман, зи ҷамъи хубон ба касе туро чӣ нисбат?
Ту зиёдаӣ зи моҳу дигарон кам аз ситора.

Зи барои куштани ман чу бас аст чашми шӯхат,
Зи чӣ мекашанд ханҷар мижаҳо зи ҳар канора?

Чу ғанимат аст хубӣ, ба карашма ҷилвае кун,
Ки ба олами ҷавонӣ нарасад касе дубора,

Дили хастаи Ҳилолӣ, чу бисӯхтӣ, ҳазар кун,
Ки мабод аз оташи ӯ бирасад ба ту шарора!

* * *

Туро, ки ҷони манӣ, сохт нотавон рӯза,
Надонам, аз чӣ сабаб шуд балои ҷон рӯза.

Закоти ҳусн бинеҳ сӯи мову рӯза манеҳ,
Ки ин закот басе беҳтар аст аз он рӯза.

Забону коми туро рӯза беҳаловат сохт,
Надошт шарме аз он кому он забон рӯза?!

Зи баски бар дару бом офтоби талъати туст,
Ба хонаи ту кушодан наметавон рӯза.

Расид даври гулу рӯза дар миён омад,
Кучқост ид, ки бархезад аз миён рӯза?

Дар интизори шаби иду нури мачлиси ёр
Сиёҳ гашт ба чашми ҳама чаҳон рӯза.

Зи моҳи рӯза, Ҳилолӣ, фиғон макун ҳама рӯз,
Хамӯш бош, ки зад муҳр бар даҳон рӯза.

* * *

Гар нест ҷоми гулгун, хуш нест даври лола,
Бе май чӣ нашъа хезад аз дидани пиёла?

Ман Нӯҳи рӯзгорам, аз гиря ғарқи тӯфон,
Ку ҳамдаме, ки гӯям дарди ҳазорсола?

То кай ба нозу шӯхӣ лабро газӣ ба дандон?
Гулбарги нозукатро озурда сохт жола.

Қатли рақиби худро бо ман ҳавола кардӣ,
Аз дасти ман чӣ ояд? Ҳам бо Худо ҳавола!

Бар сафҳаи дили ман зикри май асту шоҳид,
Аҳди муҳаббат омад мазмуни ин пиёла.

Ғамдидае, ки хонад шарҳи ғами Ҳилолӣ,
Аз хуни дидаи худ рангин кунад рисола.

* * *

То чанд баҳри куштани мо ҷавру кин ҳама?
Мо кушта мешавем, чӣ ҳоҷат ба ин ҳама?

Раҳме, ки аз ҷафои ту рафтанд ошиқон
Дилхаставу шикаставу андӯҳгин ҳама.

Ту қиблаи муродию хубон зи инфиол
Доранд пеши рӯи ту сар бар замин ҳама.

Як бор ҳам ба ҷониби мо бин зи рӯи лутф,
Якборагӣ ба сӯи рақибон мабин ҳама.

Рухсора барфурӯзу ба гашти чаман хиром,
То хоки раҳ шаванд гулу ёсуман ҳама.

Гар бигзарӣ ба ноз чу Лайлӣ ба тарфи дашт,
Маҷнун шаванд мардуми саҳронишин ҳама.

Чун дар раҳат Ҳилолии саргашта хок шуд,
Карданд сокинони фалак офарин ҳама.

* * *

З-ин пеш лутф буду кунун ҷавру кин ҳама,
Аввал чӣ буд он ҳама, охир чӣ ин ҳама?

Хубон, зи аҳли дард шуморо чӣ огоҳӣ?
Эшон ниёзманду шумо нозанин ҳама.

Ғамҳои дӯст андаку бисёр, ҳар чӣ ҳаст,
Бодо насиби ин дили андӯҳгин ҳама.

Эй дида, аз ғубори раҳаш тӯтиё маҷӯй,
К-аз гиряи ту гил шуда рӯи замин ҳама.

Гар ногаҳон ба сӯи Ҳилолӣ қадам ниҳӣ,
Созад нисори мақдами ту ақлу дин ҳама.

* * *

Бо ту ҳар соат маро арзу ниёз аст ин ҳама
Ман намедонам, туро бо ман чӣ ноз аст ин ҳама.

Хандаат ҷон асту лаб ҷонбахшу хаттат ҷонфизо,
Мояи ҷамъийяту умри дароз аст ин ҳама,.

Хоб аз чашму дилам аз дасту даст аз кор рафт,
Аз фусуни он ду чашми сеҳрсоз аст ин ҳама.

Гулшани кӯи туро аз ҷониби ҷаннат дарест,
Лек бар мо баставу бар ғайб боз аст ин ҳама.

Аз суҷуди остонат чеҳраам пургард шуд,
Гард чун гӯям, ки нури он намоз аст ин ҳама.

Завқи новакҳои дилдӯзаш маро дар дил нишаст,
К-аз навозишҳои ёри дилнавоз аст ин ҳама.

Шарҳи ғамҳои Ҳилолӣ гӯш кардан мушкил аст,
Мустамиъро нуктаҳои ҷонгудоз аст ин ҳама.

*   *   *

Дӯш паймонатиҳӣ омадам аз майхона,
Кошкӣ пур шавад имрӯз маро паймона!

Баъди мурдан, агар аз қолаби ман хишт зананд,
Ояму боз шавам хишти дари майхона.

Хостам, к-ин дили савдозада оқил гардад,
Ваҳ, ки оқил нашуду сохт маро девона!

Офтобию рухат шамъи ҷаҳонафрӯз аст,
Ҳама зарроти ҷаҳон гирди сарат парвона.

Метапад мурғи дилам бар сари он донаи дил,
Чӣ кунам, хирмани умр аст ҳамин як дона.

Ошноӣ зи ҷафоҳои ту маҳрумам сохт,
Эй хуш он рӯз, ки будем зи ҳам бегона.

Қиссаи хеш ба аҳбоб чӣ гӯям ҳар шаб?
Ин шаб он нест, ки кӯтаҳ шавад аз афсона.

Дӯш дар кулбаи вайрони Ҳилолӣ будем,
Ҳоли девона хароб аст дар ин вайрона.

*   *   *

Бечиҳат бо мо чаро оҳанги ғавғо кардаӣ?
Ғолибан имрӯз қасди куштани мо кардаӣ?

Гоҳ чун ширу шакар, гоҳе чу обу оташӣ,
Ман намедонам, чӣ хӯяст, ин ки пайдо кардаӣ.

Гар Масеҳо мурдаеро зинда мекард аз дуо,
Ту ба як дашном кори сад Масеҳо кардаӣ.

Дида ҷои туст, биншин, аз назар ғоиб машав,
Мардумӣ кун, чун миёни мардумон ҷо кардаӣ.

Дӯш мегуфтам, ки меҳмони Ҳилолӣ бош, гуфт:
Дидани хуршедро дар шаб таманно кардаӣ.

* * *

Эй ки ба хуни мардумон чашм сиёҳ кардаӣ,
Кушта шудаст оламе, то ту нигоҳ кардаӣ.

Даст ба рух ниҳодаӣ баҳри ҳиҷоб аз ҳаё,
Панҷаи офтобро бурқаъи моҳ кардаӣ.

Подшаҳию мулки дил ҳаст хароби зулми ту,
З-он ки болову фитнаро хайлу сипоҳ кардаӣ.

Охири умр бар рухам доғи ҷафо кашидаӣ,
Пири сафедмӯйро номасиёҳ кардаӣ.

Дӯш, Ҳилолӣ, ин ҳама барқ набуд бар фалак,
Боз магар зи сӯзи дил нолаву оҳ кардаӣ?

* * *

Кашидаӣ маю болои манзар омадаӣ,
Ту офтобию имрӯз хуш баромадаӣ.

Чу гул ба рӯи араққарда мерасӣ аз роҳ,
Биё, биё, ки аҷаб тозаву тар омадаӣ.

Биё, ки хезаму аз шавқ дар барат гирам,
Ки нахли боғи ҷаҳонию дар бар омадаӣ.

Саромаданд ба хубӣ ҳама бутон, лекин
Ту нури чашмию аз ҷумла бар сар омадаӣ.

Чӣ лутф, омадану рафтанат хуш аст, эй ёр,
Ки рафтаию зи ҳар бор хуштар омадаӣ.

Ба хандаи шакарину иборати ширин
Ҳазор бор беҳ аз ширу шаккар омадаӣ.

Зи партави ту Ҳилолӣ кунун расад ба камол,
Ки офтобию хуш дар баробар омадаӣ.

* * *

Эй он ки дар насиҳати мо лаб кушудаӣ,
Маълум мешавад, ки ту ошиқ набудаӣ.

Ҳар таънае, ки бар дили озурда кардаӣ,
Бар захми мо ҷароҳати дигар фузудаӣ.

Гуфтӣ: Агар дили ту рабудам, ба сабр кӯш,
Сабре ки буд пештар, аз дил рабудаӣ.

Гуфтам: Шунидаам зи лабат носазои хеш,
Гуфто: Сазост, ҳар чӣ аз он лаб шунудаӣ.

Эй дил, вафо маҷӯй, ки хубони шаҳрро
Мо озмудаему ту ҳам озмудаӣ.

Шодам, ки бандаро саги худ гуфтаӣ зи лутф,
Эй ман сагат, ки бандаи худро ситудаӣ.

Ҷавре ки аз ту дид Ҳилолӣ, ба он хуш аст,
Он ҷавр нест, балки тараҳҳум намудаӣ.

* * *

Имшаб ту боз чашму чароғи кӣ будаӣ?
Ҷонам бисӯхт, марҳами доғи кӣ будаӣ?

Эй боғи навшукуфта, куҷо рафтаӣ чу абр?
Эй сарви наврасида, ба боғи кӣ будаӣ?

Ман чун чароғ чашм ба роҳи ту доштам,
Эй нури ҳар ду дида, чароғи кӣ будаӣ?

Дорам ҳазор тафриқа дар гӯшаи фироқ,
К-аз фориғони базми фароғи кӣ будаӣ?

Эй гул, ки ҷон зи бӯи хушат тоза мешавад,
Мурдам зи рашк, атри димоғи кӣ будаӣ?

Боз ин ғубори чист, Ҳилолӣ, ба рӯи ту?
Дар кӯи маҳвашон ба суроғи кӣ будаӣ?

* * *

Чун гӯямат, ки дар дили вайрони ман дарой,
Бишкоф синаи ману дар ҷони ман дарой.

Ҳар шаб манам фитода зи ҳиҷрон ба гӯшае,
Охир, шабе ба гӯшаи ҳиҷрони ман дарой.

Рафтӣ ба базми айши рақибон ҳазор бор,
Як бор ҳам ба кулбаи аҳзони ман дарой.

Гуфтам: Дар оби дида чаро дарнаёмадӣ?
Эй нури ҳар ду дида, ба фармони ман дарой.

Дар кунҷи ғам ба дидаи гирён нишастаам,
Эй боғи навшукуфтаи хандони ман, дарой.

Рӯзе агар ба лутф наёӣ ба сӯи ман,
Боре шабе ба хоби парешони ман дарой!

Ҳайрон нишастаам чу Ҳилолӣ дар интизор,
Эй маҳ, биё, ба дидаи ҳайрони ман дарой.

* * *

Маст бо рухсори оташнок берун тохтӣ,
Ҷилвае кардию оташ дар ҷаҳон андохтӣ.

Чун намепардохтӣ охир ба фикри кори мо,
Кошкӣ аввал ба ҳоли мо намепардохтӣ.

Бенаво гаштам ба кӯят чун гадоён солҳо,
Ваҳ, ки якборам ба санге чун сагон нанвохтӣ!

Эй дили дарвеш, бо хубон назарбозӣ макун,
К-андар ин бозича накди дину дил пардохтӣ.

Баски кардӣ нола, эй дил бар сари бозору кӯй,
Ҳам маро, ҳам хешро расвои олам сохтӣ.

Баҳри хунрези Ҳилолӣ теғи худ кардӣ алам,
Дар фани ошиқкушӣ охир алам афрохтӣ.

* * *

Ман нагӯям, ки вафо ёри маро боястӣ,
Андаке сабр дили зори маро боястӣ.

З-ин ҳама хоб ки бахти сияҳи ман дорад,
Андаке дидаи бедори маро боястӣ.

Ҳар кучо шеваи дилҷӯию иҳсон дидам,
Ғайратам кушт, ки дилдори маро боястӣ.

Завқи пайкони туро сайд надонист, дареғ,
Захми он синаи афгори маро боястӣ.

Лутфи хубони дигар нест илоҷи дили ман,
Ин сифат ёри ситамгори маро боястӣ.

Дар ҷаҳон қоидаи меҳру вафо нест, вале
Ёри бераҳму ҷафокори маро боястӣ.

Васфи он рӯи чу маҳ пеши Ҳилолӣ гуфтам,
Гуфт: Ин шамъ шаби тори маро боястӣ.

* * *

Зи ман бегона шуд, бегона бо ағёр боястӣ,
Чаро бе дигарон ёр аст? Бо ман ёр боястӣ.

Дар он кӯ рафтаму аз доманаш маҳрум баргаштам,
Биҳиште ончунонро давлати дидор боястӣ,

Чӣ ноз аст ин, ки ҳаргиз дар ниёзи мо намебинӣ?!
Зи хоби ноз чашмат андаке бедор боястӣ.

Ба ҷурми он ки дар даври ҷамоли рӯи гул дидам,
Ба ҷои ҳар мижа дар чашми ман сад хор боястӣ.

Ҷафоҳои маро, гуфтӣ, чӣ миқдор орзу дорӣ?
Ба миқдоре, ки худ гуфтӣ, ба ин миқдор боястӣ.

Ба сад ҳасрат Ҳилолӣ мурду ёр аз дарди ӯ фориғ,
Табиби дардмандонро ғами бемор боястӣ.

* * *

Моҳи ман, рӯи ту хуб асту чунин боястӣ,
Лек хӯят қадаре беҳтар аз ин боястӣ.

Ҳайф бошад, ки расад хок ба он домани пок,
Осмон вақти хироми ту замин боястӣ.

Чин дар абрӯи ту дар суҳбати аҳбоб хатост,
Пеши ағёр дар абрӯи ту чин боястӣ.

То магар ёфтамӣ даст бар он хотами лаъл,
Ҳама офоқ маро зери нигин боястӣ.

Зуд бархост зи ҳар гӯша балои хати ту,
Ин бало то ба абад гӯшанишин боястӣ.

Бе ту хушдил шудам аз омадани ғам, ки маро
Ҳама асбоби аҷал буд, ҳамин боястӣ,

Шаби ҳаҷр аст, Ҳилолӣ, зи маҳу меҳр чӣ суд?
Имшаб он моҳрухи зуҳраҷабин боястӣ.

*   *   *

Эй зи баҳор тозатар, тозабаҳори кистӣ?
Ваҳ, чӣ нигори турфаӣ, турфанигори кистӣ?

Ҳаст рухи ту моҳи нав, кавкабаи ту шоҳи ҳусн,
Моҳи кадом кишварӣ, шоҳи диёри кистӣ?

Лолаву сарви ин чаман мунфаиланд пеши ту,
Сарви кадом гулшанӣ, лолаъизори кистӣ?

Хастаи ранҷи фурқатам, куштаи дарди ҳайратам,
Ман ба миёни меҳнатам, ту ба канори кистӣ?

Чист, Ҳилолӣ, ин ҳама меҳнату дарди ошиқӣ?
Ҳоли ту зор шуд, бигӯ, ошиқи зори кистӣ?

*   *   *

Гуфтӣ: Бигӯ, ки бандаи фармони кистӣ?
Мо бандаи туем, ту султони кистӣ?

Ҷон медиҳад зи баҳри ту халқе ба ҳар тараф,
Оё аз ин миёна ту ҷонони кистӣ?

Эй ганҷи ҳусн, бо ту чӣ ҳоҷат баёни шавқ?
Ҳам худ бигӯ, ки дар дили вайрони кистӣ?

Мебинамат, ки бар сари нозу карашмаӣ,
То боз дар камини дилу ҷони кистӣ?

Мо аз ғамат ҳалоку ту бо ғайр ҳамнафас,
Бингар, куҷост дарду ту дармони кистӣ?

Дур аз рухи ту рӯзи Ҳилолӣ сиёҳ шуд,
То худ ту офтоби дурахшони кистӣ?

*   *   *

Бар ман, эй шӯх ситамҳо кардӣ,
Боракаллаҳ, ки карамҳо кардӣ!

Кошкӣ ҳоли ман аз ман пурсӣ,
То бигӯям, чӣ ситамҳо кардӣ.

Ман ба роҳат қадам аз сар кардам,
Ту сарам хоки қадамҳо кардӣ.

Соқиё, вақти ту хуш бод мудом,
Ки ба ман чораи ғамҳо кардӣ.

Гарчи куштӣ чу Ҳилолӣ моро,
Фориғ аз ҷумла аламҳо кардӣ.

*   *   *

Рафтӣ, эй моҳ, ки аз меҳр вафо мекардӣ,
Кош мебудию сад гуна ҷафо мекардӣ.

Аз ту рӯзе ки ба сад дард ҷудо мегаштам,
Кошкӣ банди ман аз банд ҷудо мекардӣ.

Корам аз чора гузаштаст, табибо, бархез,
Пеш аз ин дард маро кош даво мекардӣ.

Ё Раб, он рӯз куҷо шуд, ки ту аз гӯшаи чашм
Гоҳ-гоҳе назаре ҷониби мо мекардӣ.

Шоҳи хубонию фикри мани дарвешат нест,
Ваҳ, чӣ мебуд, ки парвои гадо мекардӣ?

Чун туро тоқати озор набудаст, эй дил,
Майли хубони дилозор чаро мекардӣ?

Эй хуш он рӯз, Ҳилолӣ, ки ба хилватгаҳи ноз
Ёр дашноми ту мегуфту дуо мекардӣ.

* * *

Эй шаҳсавори ҳусн, ба майдон хуш омадӣ,
Аз ҷилваҳои ноз хиромон хуш омадӣ.

Хоҳам чу мӯр бӯса занам пои тавсанат,
Гӯям, ки эй сафири Сулаймон, хуш омадӣ.

Эй ман ғуломи сарви қади хушхироми ту,
К-имрӯз ҳамчу сарви хиромон хуш омадӣ.

Як бор агар ба хоки Ҳилолӣ қадам ниҳӣ,
Гӯяд ҳазор бор, ки эй ҷон, хуш омадӣ!

* * *

Дӯшина куҷо рафтию меҳмони кӣ будӣ?
Дил бе ту ба ҷон буд, ту ҷонони кӣ будӣ?

Ин ғусса маро кушт, ки ғамхори кӣ гаштӣ?
В-ин дард маро сӯхт, ки дармони кӣ будӣ?

Бо холи сияҳ мардуми чашми кӣ шудӣ боз?
Бо рӯи чу маҳ шамъи шабистони кӣ будӣ?

Эй давлати бедор, ба паҳлӯи кӣ хуфтӣ?
В-эй бахти гурезанда, ба фармони кӣ будӣ?

Шӯре ба дили сӯхта афтод, бифармо,
Имшаб намаки синаи бирёни кӣ будӣ?

Ман бо дили ошуфта чӣ донам, ки ту имшаб
Ҷамъийяти аҳволи парешони кӣ будӣ.

Дур аз ту сияҳ буд шаби тори Ҳилолӣ,
Эй моҳ, ту хуршеди дурахшони кӣ будӣ?

* * *

Эй мусулмонон, гирифторам ба дасти кофаре,
Шӯхчашме, тезхашме, золиме, ғоратгаре.

Бо асирону ғарибон саркаше ҳардамкуше,
Бо ҳарифони дигар маъшуқи ошиқпарваре.

Аз рухи гулранги ӯ ҳар сӯ баҳори хурраме,
В-аз даҳони танги ӯ ҳар гӯша тунги шаккаре,

Чист, донӣ саф ба саф мижгони тираш ҳар тараф?
Новакандозон сипоҳе, найзадорон лашкаре.

Дар бари симин диле дорӣ ба сахтӣ ҳамчу санг,
Ваҳ, кӣ дорад инчунин сангиндиле, симинбаре?

Бандагонаш тоҷдорананду гирди кӯи ӯ
Ҳар қадам тоҷи саре афтода бар хоки даре.

Тоби зулми ӯ надорам, Аллаҳ, Аллаҳ, чун кунам?
Ман гадои бекасе, ӯ подшоҳи кишваре.

Эй ки мегӯӣ, Ҳилолӣ, сар нахоҳӣ бохтан?
Бош, то фардо миёни хоку хун бинӣ саре.

* * *

Чанд пурсам хабари васлу наёбам асаре?
Магар ин бахт ба хоб асту надорад хабаре?

Чанд аз дида ба рӯят нигарам пеши рақиб?
Гӯшае хоҳаму аз рӯи фароғат назаре.

Дигарон мониъи унсанд, хуш он хилвати васл,
Ки ҳамин мову ту бошему набошад дигаре.

Меваи айш нахурдем зи нахли қади ту,
Ин чӣ умрест, ки аз умр нахурдем баре?

Саҳар аз зулфи ту бӯе ба ман овард насим,
Чӣ фараҳбахш насиме, чӣ муборак саҳаре!

Кӯҳ пурсим шуд аз абр, биё, то бикашем
Соғари лаъл зи сарпанҷаи зарринкамаре.

Талх шуд коми Ҳилолӣ ба тамannои лабат,
То ба кай заҳр тавон хурд ба ёди шакаре?

* * *

Ман бандаи камину ту султони кишварӣ,
Рӯзе ба чашми лутф бар ин банда бингарӣ?

Ҷону дил аст сурату ҷисми латифи ту,
Рӯҳи муҷассамию ҳаёти мусавварӣ.

Гуфтӣ: Ҳалок шав, ки ба сӯи ту бингарам,
Инак, ҳалок мешавам, эй кош, бингарӣ!

Дар ҳар гузар ки бошаму бинӣ маро зи дур,
Наздики ман расию набинию бигзарӣ.

Юсуф ба ҳусн аз ҳама хубон накӯтар аст,
Аммо, азизи ман, ту аз он ҳам накӯтарӣ.

Эй дил, ки по ба кӯи маломат ниҳодаӣ,
Бовар макун, ки сар ба саломат бурун барӣ.

Дорӣ назар ба ҳоли ҳама аз раҳи карам,
Аммо назар ба ҳоли Ҳилолӣ ситамгарӣ.

*   *   *

Зи дурӣ то ба кай моро чунин маҳҷур медорӣ?
В-агар наздик меоям, ту худро дур медорӣ.

Табиби ман туӣ, аммо маро бемор мехоҳӣ,
Давои ман туӣ, аммо маро ранҷур медорӣ.

Ба нури худ шабе равшан накардӣ маҷлиси моро,
Чароғи ошноиро чаро бенур медорӣ?

Магар кайфияти ранҷи хумор, эй ҷон, намедонӣ,
Ки моро бе шароби лаъли худ махмур медорӣ?!

Ба дастури сагон з-ин остонам чанд меронӣ?
Чӣ расм аст ин, ки ошиқро бад-он дастур медорӣ?

Ба базми васл ҳозир мекунӣ арбоби ҳашматро,
Ҳамин мискин Ҳилолиро зи худ маҳҷур медорӣ.

*   *   *

Ту дар майдону ман чун гӯй дар завқи сарандозӣ,
Ту шавқи гӯйбозӣ дорию ман шавқи сарбозӣ.

Сари худро ба хок афкандаам дар пеши чавгонат,
Ки шояд гӯй пиндорию рӯзе бар сарам тозӣ.

Ту дар хоби сабӯҳ, эй моҳу ман дар интизори он,
Ки чашм аз хоб бикшоию дар ҳоли ман андозӣ.

Ҳама бо ёр месозанд, то сӯзад дили ғайре,
Ту месӯзӣ дили ёрону бо ағёр месозӣ.

Шаби ҳиҷрон задӣ бар риштаҳои ҷони ман оташ,
Маро чун шамъ то кай дар фироқи хеш бигдозӣ?

Ҳилолӣ бо қади хамгашта менолад дар ин ҳасрат,
Ки рӯзе дар канораш гирию чун чанг бинвозӣ.

* * *

Дило, рафт он, ки васли дилситоне доштам рӯзе,
Нашояд зинда буд акнун, ки ҷоне доштам рӯзе.

Зи ман пурсед шарҳи қиссаи Яъқубу Юсуфро,
Ки пири ишқаму ишқи ҷавоне доштам рӯзе.

Зи ҷаврат ин замон афсонае дорам, хуш он ҳолат,
Ки аз лутфи ту ҳар ҷо достоне доштам рӯзе.

Худоро, чорае кун пеш аз он рӯзе ки баъд аз ман
Ба сад афсӯс гӯӣ: Нотавоне доштам рӯзе.

Чӣ бар ман таънаи бехонумонӣ мезанӣ, носиҳ?
Мани бехонумон ҳам хонумоне доштам рӯзе.

Даҳан пургуфтугӯи шавқу натвон дам задан бо ӯ,
Маро, ё Раб, чӣ шуд? Ман худ забоне доштам рӯзе.

Ҳилолӣ, мерасад оҳам ба моҳи осмон шабҳо,
Ба ёди он ки моҳи меҳрубоне доштам рӯзе.

* * *

Шаби фироқ зи субҳам хабар чӣ мепурсӣ?
Чу рӯзи ман сияҳ аст, аз саҳар чӣ мепурсӣ?

Расид ҷон ба лаб, эй ёри меҳрубон, бархез,
Гузашт кор зи пурсиш, дигар чӣ мепурсӣ?

Мапурс, к-аз ғами ҳиҷрон чӣ бар сари ту расид?
Маро ки нест сар, аз дарди сар чӣ мепурсӣ?

Зи воқиоти раҳи ишқ ҷумла бохабарам,
Дар ин тариқ зи ман пурс, ҳар чӣ мепурсӣ.

Ба кӯи дӯст, Ҳилолӣ, зи роҳи Каъба мапурс,
Ту сокини ҳарамӣ, аз сафар чӣ мепурсӣ?

* * *

Дидаам аз ту балое, ки надидаст касе,
Балки з-ин гуна ҷафо ҳам нашунидаст касе.

Ҳар касе меҳнати ишқи ту кашидаст, вале
Ончи ман аз ту кашидам, накашидаст касе.

Лаззати чошнии васли ту ман донаму бас,
Ки чу ман заҳри фироқат начашидаст касе.

Дар раҳи ишқ зи манзилгаҳи мақсуд мапурс,
К-он мақомест, ки он ҷо нарасидаст касе.

Пеши ман шарҳ макун ошиқии Маҷнунро,
Ки чу ман ошиқи девона надидаст касе.

Турфа боғест гулистони ҷаҳон, лек чӣ суд,
Ки гули ишрат аз ин боғ начидаст касе?

Дилу ҷон дод Ҳилолию ғами ишқ харид,
Гарчи ғамро ба дилу ҷон нахаридаст касе.

* * *

То кай ба кунҷи сабр ҷигар хун кунад касе?
Имкони сабр нест, дигар чун кунад касе?

Ҷонро агар ба меҳри ту аз дил бурун кунад,
Аз ҷон чӣ гуна меҳри ту берун кунад касе?

Ё Раб, чӣ ҳолат аст, ки рӯзе ҳазор бор
Ҳар лаҳза орзуи ту афзун кунад касе?

Хун мекунӣ, яке ба тараҳҳум нигоҳ кун,
То баҳри як нигоҳи ту сад хун кунад касе.

Ҳайронам аз ҷунуни Ҳилолию таъни халқ,
Яъне, чаро маломати Маҷнун кунад касе?

* * *

Чанд аз балои ҳаҷр ҷигар хун кунад касе?
Ишқ асту сад ҳазор бало чун кунад касе?

Гар мушкил аст, қиссаи худро баён кунам,
Мушкил, ки ёд қиссаи Маҷнун кунад касе.

Ҳаргиз ба дида хоб наёяд шаби фироқ,
Гар сад фасона гӯяду афсун кунад касе.

Бо ҳар кӣ ҳаст, дарди диле арз мекунам,
Бошад, ки чораи дили маҳзун кунад касе.

Имшаб, ки гирди кӯи ту гаштан муяссар аст,
Шояд, ки ноз бар сари гардун кунад касе.

Носиҳ, мабош дар паи тағйири ҳоли мо,
Ин нест ҳолате, ки дигаргун кунад касе.

Сайди ҳумои васл, Ҳилолӣ, на кори мост,
Ин корҳо зи бахти ҳумоюн кунад касе.

* * *

Баски ҷонҳо ҳама шуд сарфи ту, ҷонони касе,
Ҷон агар нест в-агар ҳаст, туӣ ҷони касе.

Бар сари банда ситамҳои ту аз ҳад бигузашт,
Шармсорам зи карамҳои ту, султони касе.

Чок шуд ҷайби ман, эй ҳаҷр, зи дасти ситамат,
Нарасад дасти ту, ё Раб, ба гиребони касе.

Ҳоли шабҳои маро бехабаре кай донад,
Ки шабе рӯз накардаст ба ҳиҷрони касе?

Гар ҷудо мондам аз он моҳ, маломат макунед,
Чӣ кунам? Чархи фалак нест ба фармони касе.

Ҳавасам ҳаст, ки домони ту гирам, лекин
Бекасонро нарасад даст ба домони касе.

Аз фиғонҳои Ҳилолӣ хабаре нест туро,
Ваҳ, ки ҳаргиз накунӣ гӯш ба афғони касе!

* * *

Зиҳӣ шароби лабат мояи тарабнокӣ,
Намуда наргиси мастат ҳазор бебокӣ.

Гузар ба домани покат накарда боди сабо,
Куҷо шукуфт гуле дар чаман бад-ин покӣ?

Ба як карашма ки кардӣ, ҳазор дил бурдӣ,
Таборакаллаҳ аз ин чобукую чолокӣ!

Нишастаам ба раҳат чун ғубору метарсам,
Ки ногаҳон бикашӣ доман аз мани хокӣ.

Ҷавоби талх шунидан зи лаъли майгунат
Чу талхии майи ноб оварад фараҳнокӣ.

Тани заифи Ҳилолӣ ба ҳеч лоиқ нест,
Ҷуз ин ки бар сари оташ ниҳӣ ба хошокӣ.

* * *

Охир, эй шӯх, дил аз ҷаври ту ғамгин то кай,
В-ин ҷафоҳои ту бар ошиқи мискин то кай?

Гиряи талх маро кушт, бигӯ бахри Худо,
Ки туро бо дигарон хандаи ширин то кай?

Бесабаб чашми туро хашм ба мардум то чанд,
Бечиҳат гӯшаи абрӯи туро чин то кай?

Рафтанат шеваву дер омаданат оин аст,
Омадурафт ба ин шеваву оин то кай?

Ту сари ноз баровнарда ба шӯхӣ ҳама рӯз,
Мо зи дардат сари андӯҳ ба болин то кай?

Гоҳ аз дӯст ғаме, гоҳ зи душман аламе,
Ғами он чанд кашему алами ин то кай?

Хашму кини ту дилу ҷони Ҳилолиро сӯхт,
Оҳ, то чанд бувад хашми туву кин то кай?

* * *

Ҷони ман дар фурқати ҷонон барояд кошкӣ,
Ҳам аҷал чун умр моро бар сар ояд кошкӣ.

Орзу дорам, ки бинам сунбули тар бар гулаш,
Зудтар ин орзуи ман барояд кошкӣ.

Чанд бо он шакли шаҳрошӯб ояд хашмнок?
Чанд рӯзе ҳам ба шакли дигар ояд кошкӣ.

Боғи хубиро набошад чун вафо ҳаргиз баре,
Он ниҳоли ҳусн рӯзе дар бар ояд кошкӣ.

Ваҳ, чӣ гуфтам? Ҳар ғаме к-аз ҷаври хубон мумкин аст,
Он ҳама бар синаи ғампарвар ояд кошкӣ.

Дарди дил кам кун, Ҳилолӣ, аз ҳаданги маҳвашон,
Бар дил аз бедодашон сад ханҷар ояд кошкӣ!

*    *    *

Ёр дур аз суҳбати ағёр будӣ кошкӣ,
Гаҳ-гаҳе бо ошиқи худ ёр будӣ кошкӣ.

Чун тавон гуфтан, ки ҷаврат кош будӣ андаке?
Андаке буд, ин қадар бисёр будӣ кошкӣ.

Зарраро филҷумла қадре ҳаст пеши офтоб,
Қадри ман пешат ҳамон миқдор будӣ кошкӣ.

Ҳар гул аз рӯи ту ёдам доду оташ зад ба дил,
Ин ҳама гулҳо ки дидам, хор будӣ кошкӣ.

Ёр дӯш омад ба болини ману ман бехабар,
Бахти хоболуди ман бедор будӣ кошкӣ.

Дӣ ба деворе фикандӣ соя, ман мурдам зи рашк,
Қолаби ман хоки он девор будӣ кошкӣ.

Рафтию дарди Ҳилолӣ ҳамчунон ногуфта монд,
Ошиқонро қуввати гуфтор будӣ кошкӣ!

* * *

Бо ту аз аввал набудӣ ошноӣ кошкӣ,
Ё набудӣ охир ин доғи ҷудоӣ кошкӣ.

Дур аз он ин шавкати шоҳӣ чӣ кор ояд маро?
Даст додӣ бар сари кӯят гадоӣ кошкӣ.

Ҳолиё з-ин бахти бесомон барошуфтан чӣ суд?
Ҳам аз аввал кардаме бахтозмоӣ кошкӣ.

Меравам гуфтӣ, рақибо, чанд рӯзе аз дараш,
Ваҳ, чӣ некӯ меравӣ, ҳаргиз наёӣ кошкӣ.

Эй ки дил бурдию ҷонро дар бало бигзоштӣ,
Чун зи мо дил бурдаӣ, ҷон ҳам рабоӣ кошкӣ!

Кори ман аз бевафоиҳои хубон мушкил аст,
Хубрӯёнро набудӣ бевафоӣ кошкӣ.

Рӯзгоре шуд, ки дар ҳаҷрат Ҳилолӣ бенавост,
Бигзарад ин рӯзгори бенавоӣ кошкӣ!

* * *

Эй гулистони ҷамолат дар камоли хуррамӣ,
Олам аз нози ту пур шуд, нозанини оламӣ.

Хирмани одам чу баҳри донае бар бод шуд,
Чун кунад бо донаи холи ту мискин одамӣ?

Мурдаи садсоларо дар як нафас ҷон медиҳӣ,
Бо ту кай бошад Масеҳоро маҷоли ҳамдамӣ?

Синаро гуфтам, ки беғам шав! Дили ғамнок гуфт:
Бо ғамаш ҷое ки ман бошам, чӣ ҷои беғамӣ?

Гар Ҳилолӣ аз дарат маҳрум шуд, тадбир чист?
Дар ҳарими он ҳарам касро набошад маҳрамӣ.

* * *

Агар ба лутф бихонӣ в-агар ба ҷавр биронӣ,
Ту подшоҳию мо бандаи туем, ту донӣ.

Туро агарчи ниёзи касе қабул наяфтад,
Ман аз ҷаҳон ба ту нозам, ки нозанини ҷаҳонӣ.

Ба ҳар касе ки нишастӣ, маро ба хок нишондӣ,
Дигар ба кас манишин, то бар оташам нанишонӣ.

Ба ҳар кучо, ки расидам, зи хубии ту шунидам,
Чу рӯи хуби ту дидам, ҳанӯз беҳтар аз онӣ,

Ба ғайри ҷон дигаре нест андар ин дили тангам,
Умед ҳаст, ки он ҳам намонаду ту бимонӣ.

Тариқи меҳри ту варзам, ба ҳар сифат ки тавонам,
Ту низ марҳамате кун, ба он қадар ки тавонӣ.

Зи рӯи шавқ Ҳилолӣ ҳавои базми ту дорад,
Дар ин ҳавас ғазале гуфт, то ба лутф бихонӣ.

*   *   *

Ту аз ман фориғу ман аз ту дорам сад парешонӣ,
Намедонам, тағофул мекунӣ, ё худ намедонӣ.

Кунун, то метавонӣ, аз ҷафо кардан пушаймон шав,
Ки баъд аз куштанам суде намедорад пушаймонӣ.

Қадат бар ҷони мардум фитна шуд, боре чӣ хуш бошад,
Агар биншинию ин фитнаро аз пой биншонӣ.

Дилам гар сӯхтӣ, бигзор боре устухонамро,
Ки мехоҳам саги кӯи туро хонам ба меҳмонӣ.

Ҳилолӣ, душман аст он моҳу ӯро дӯст медорам,
Муҳаббат бин, ки аз ҷон дӯстам бо душмани ҷонӣ.

*   *   *

Чӣ ҳоҷат аст, ки гаҳ хашму гаҳ итоб кунӣ?
Карашмае бинамо, то ҷаҳон хароб кунӣ.

Шаробхурдаву ханҷаркашида омадаӣ,
Ки синаам бишикофӣ, дилам кабоб кунӣ.

Чӣ ғам, ки тавбаи ман бишканӣ, аз он тарсам,
Ки даври ман чу расад, тавба аз шароб кунӣ.

Ба рӯзи воқиа моро зи кӯи хеш марон,
Чу меравем, чӣ ҳоҷат, ки изтироб кунӣ?

Ҳилолӣ, ин ҳама аз дасти хеш месӯзӣ,
Ки зарраию таманнои офтоб кунӣ.

*   *   *

Зи рӯи нозу ҳаё манъам аз ниёз кунӣ,
Ниёзманди туам, гар ҳазор ноз кунӣ.

Гаҳе ки ҷониби аҳбоб чашм боз кунӣ,
Ба ҳар ниёз ки бинӣ, ҳазор ноз кунӣ.

Ҳамеша боз кунӣ чашми лутф сӯи касон,
Чу гӯямат, ки макун, аз ситеза боз кунӣ.

Зи пеши дидаи мо гар ниҳон шудӣ, чӣ аҷаб?
Фариштахӯию аз мардум иҳтироз кунӣ.

Замони васли ту умри ман аст, ваҳ, чӣ шавад,
Агар нишинию умри маро дароз кунӣ?

Ҳазор саҷда кунӣ, ҷони ман, ба он нарасад,
Ки бар ҷанозаи мақтули худ намоз кунӣ.

Дило, задӣ нафаси гарму об шуд ҷигарам,
Наузубиллаҳ, агар оҳи ҷонгудоз кунӣ.

Ниёзи хеш, Ҳилолӣ, ба халқ арза мадеҳ,
Хуш он, ки рӯй ба даргоҳи бениёз кунӣ.

*   *   *

Ногоҳ агар зи мо сухане гӯш мекунӣ,
Як лаҳзаногузашта, фаромӯш мекунӣ.

Гӯӣ ба дигарон сухан, аммо чу ман расам,
То нашнавам ҳадиси ту, хомӯш мекунӣ.

Як рӯз ҳам ба маҷлиси мо чеҳра барфурӯз,
То чанд бода бо дигарон нӯш мекунӣ?

Дасти маро бигир, ки аз по фитодаам,
Бо дигарон чӣ даст дар оғӯш мекунӣ?

Гӯши ризо ба қавли Ҳилолӣ намениҳӣ,
Гӯё ҳадиси муддаиён гӯш мекунӣ.

* * *

Чӣ шуд, ки ҷониби аҳли вафо гузар накунӣ?
Чӣ шуд, ки ногаҳ агар бигзарӣ, назар накунӣ?

Расид ҷон ба лабам, чун зиям, агар нарасӣ?
Ҳалоки як назарам, чун кунам, агар накунӣ?

Чу моҳи ид ба соле агар шавӣ толиъ,
Равӣ ҳамон даму бо ман шабе саҳар накунӣ.

Зи бода бехабарам сохтию метарсам,
Ки чун равӣ ба ҳарифон, маро хабар накунӣ.

Шуд аз ҷафои ту мулки дилам харобу ҳанӯз
Дар ин ғамам, ки аз ин ҳам харобтар накунӣ.

Ҷафо ки бо мани дилхаста мекунӣ, саҳл аст,
Ғараз вафост, ки бо мардуми дигар накунӣ.

Ҳилолӣ, ин ҳама ҳайрони чашми ёр машав,
Чӣ ҳолат аст, ки ҳеч аз бало ҳазар накунӣ?

*  *  *

Эй ки дар ошиққушӣ ҳар лаҳза сад хун мекунӣ,
Оҳ, агар ошиқ намонад баъд аз ин чун мекунӣ?

Гарчи доим бар асирон ҷавр мекардӣ, вале
Пеш аз ин ҳаргиз накардӣ, он чи акнун мекунӣ.

Ваъда фармудӣ, ки сӯят бигзарам, таъхир чист?
Кори хайр аст ин, чаро нийят дигаргун мекунӣ?

Менамояд орази чун офтоб аз рӯи меҳр,
Меҳри дигар бар сари меҳри ман афзун мекунӣ.

Эй фусунгар, з-он парӣ афсона хонӣ бар сарам,
Ошиқи девонаро то чанд афсун мекунӣ?

*   *   *

Тиру камон гирифтаӣ, сӯи шикор меравӣ,
Сайди туанд оламе, баҳри чӣ кор меравӣ?

Ҷониби сайдгаҳ шудӣ, ҳамраҳи хеш бар маро,
Бе саги хештан марав, чун ба шикор меравӣ.

Ваҳ, чӣ савори турфаӣ, к-аз сари меҳр пеши ту
Чарх пиёда меравад, чун ту савор меравӣ.

Чун гузарӣ ба чашми ман, бар мижаҳо қадам манеҳ,
Чанд ба пой ҳамчу гул бар сари хор меравӣ?

Шуд тани зори ман чу хас, баҳри Худо, ту эй сабо,
Ҳамраҳи худ бибар маро, гар бари ёр меравӣ.

Эй дили хоксори ман, кай ту ба гарди ӯ расӣ?
К-аз паи бодпои ӯ ҳамчу ғубор меравӣ.

Ёр чу бар қафои худ ҳеч нигаҳ намекунад,
Чанд, Ҳилолӣ, аз паяш бехуду зор меравӣ?

* * *

Сӯи шикор, эй бути раъно, чӣ меравӣ?
Шаҳре хароби туст, ба саҳро чӣ меравӣ?

Гар меравӣ ба шаҳр, ки сайде фитад ба дом,
Ин ҷо маро гузошта, танҳо чӣ меравӣ?

Бе саг намераванд саворон ба азми сайд,
Чун мо саги туем, ту бе мо чӣ меравӣ?

Сайди туанд гӯшанишинони шаҳру кӯй,
Бар азми ваҳш бодияпаймо чӣ меравӣ?

Ҳамроҳи туст лашкари ҳусну сипоҳи ноз,
Бо сад ҳазор фитнаву ғавғо чӣ меравӣ?

Оинае бигиру тамошои хеш кун,
Сӯи чаман ба азми тамошо чӣ меравӣ?

Чун ёр ваъда кард, Ҳилолӣ, ба қатли ту,
Ӯ мекушад, ту баҳри тақозо чӣ меравӣ?

*   *   *

Он кафи по бар замин ҳайф аст, эй сарви саҳӣ,
Чашми он дорам, ки дигар пой бар чашмам ниҳӣ.

То сар аз ҷайби хиҷолат барнадорад офтоб,
Хайма бар домони саҳро зан чу моҳи хиргаҳӣ.

Маравӣ бар авҷи хубӣ, форiғ аз бими завол,
Бо ту хуршеди фалакро нест тоби ҳамраҳӣ.

Дил ба дасти туст, ман аз бандагӣ ҷон меканам,
Не зи ман ҷон меситонӣ, не маро ҷон медиҳӣ.

Бар умеди он, ки хокам хишти деворат шавад,
Бар сари кӯят зи шодӣ мекунам қолаб тиҳӣ.

Ночашида меваи мақсуд бадҳолам, вале
Дорам аз себи занахдони ту уммеди биҳӣ,

Гар Ҳилолиро фалак созад гадои даргаҳат,
Бар сари кӯи ту ёбад мансаби шоҳаншаҳӣ.

*   *   *

Худоро, сӯи муштоқон нигоҳе,
Паёпай гар набошад, гоҳ-гоҳе!

Нигоҳе кун, ба уммеде ки дорӣ,
Ки дорам аз ту уммеди нигоҳе.

Биё, эй офтоби оламафрӯз,
Ки пеш омад аҷаб рӯзи сиёҳе.

Рақибо, имшаб аз ман барҳазар бош,
Ки хоҳам сӯхт оламро ба оҳе.

Равад соле, ки он маҳро надидам,
Кӣ дидаст инчунин солею моҳе?

Ба назди хӯшачини хирмани ишқ
Ҳама олам намеарзад ба коҳе.

Ҳилолӣ хок шуд, сӯяш назар кун,
Чӣ доман мекашӣ аз хоки роҳе?

* * *

Эй сад ҳазор чун ман хоки дари сарое,
К-аз вай бурун хиромад мисли ту дилрабое.

Хоҳам, ки бо ту бошам, аммо куҷо нишинад
Мисли ту подшоҳе бо ҳамчу ман гадое?

Бо он либоси нозук донӣ, ки чист қадрат?
Сарве ки бошад ӯро аз барги гул қабое.

Шодам ба гӯшаи ғам аз оҳу нолаи худ,
К-ин оҳу нола охир сар мекашад ба ҷое.

Гар з-он балои ҷонҳо бад рафт дар ҳақи ман,
Ё Раб, нигоҳ дорам аз ҳар баду балое.

Эй подшоҳи хубон, бедоду зулм то кай?
Андеша кун, Худоро, аз оҳи мубталое.

Гӯянд, к-эй Ҳилолӣ, дар ишқ чист корат?
Ҳар дам ҷафо кашидан аз дасти бевафое.

*  *  *

Ба раҳат зи рашк мирам, чу ба ғайр ҳамраҳ оӣ,
На таҳаввури тағофул, на маҷоли ошноӣ

Мутаҳаййирам, ки пешат чӣ маҷол буд дӯшам,
Ки на шукри васл кардам, на шикояти ҷудоӣ.

Маҳи ман, ҳанӯз тифлӣ, ба ҷафо мабош моил,
Ки табиати ту одат накунад бо бевафоӣ.

Талаби висол кардам, зи назар фиканд ёрам,
Чӣ кунам, ки хор гаштам зи мазаллати гадоӣ.

*   *   *

Чанд расво шавам аз ишқ мани шайдоӣ?
Ишқ хуб аст, валекин на бад-ин расвоӣ.

Хостам пеши ту гӯям ғами танҳоии хеш,
Омадӣ сӯи ману рафт ғами танҳоӣ.

Масти ишқем, агар ҳеч надонем, чӣ ғам?
Завқи нодонии мо беҳ зи ғами доноӣ.

Бар замин ҷилва намудӣ, фалак аз рашк бисӯхт,
Ки фалакро малаке нест ба ин зебоӣ.

Сарву гул нозуку раъност, вале натвон ёфт
Гул ба ин нозукию сарв ба ин раъноӣ.

Дар чаман пеши ту рашк аст зи наргис моро,
Гарчи машҳури ҷаҳон аст ба нобиноӣ.

Рафтию дер шуд айёми фироқат, чӣ кунам?
Зуд боз ой, ки мурдам зи ғами танҳоӣ!

Чун саги туст, Ҳилолӣ, дигараш манъ макун,
Ки дар ин роҳ чаро меравию меоӣ?

* * *

Чун дар миёни хубон расмест бевафоӣ,
Бегонагӣ аз эшон беҳтар аз ошноӣ.

Ҳар рӯз бо худ арчи месозам ошноят,
Худро чу рӯзи аввал бегона менамоӣ.

Ҷони ман аст ҷонон, то ӯ ҷудо шуд аз ман,
Ҷон ҳам зи тан ҷудо шуд, фарёд аз ин ҷудоӣ!

Афтодаам зи васлаш дар меҳнати рақибон,
Давлат маро насозад, эй бахти бад, куҷоӣ?

Дар кӯи ишқбозӣ аз ному нанг бигзар,
Бо якдигар назебад риндию порсоӣ.

То дидаам, Ҳилолӣ, худро гадои кӯяш,
Султони вақти хешам, хуш вақти ин гадоӣ!

* * *

Саҳаргоҳон ки чун хуршед аз манзил бурун ой,
Ба рухсори ҷаҳонафрӯз оламро биёрой.

Ба раъноӣ беҳ аз сарвӣ, ба зебоӣ фузун аз гул,
Таолаллаҳ, чӣ лутф аст ин ба зебоию раъноӣ.

Маро гӯӣ, ки ҷон бигзору фармоӣ, ки дил хун кун,
Ба ҷону дил мутеъам, ҳар чӣ гӯӣ, ҳар чӣ фармоӣ.

Магар ҷонӣ, кӣ ҳар ҷо омадӣ, ногаҳ бурун рафтӣ?
Магар умрӣ, ки ҳар гаҳ меравӣ, дигар намеоӣ?

Чӣ хуш бошад, ки аввал бар ман афтад гӯшаи чашмат,
Саҳар чун наргиси зебо зи хоби ноз бикшоӣ.

Дил аз дарди ҷудоӣ мекашад оҳею магӯяд,
Ки танҳоӣ аҷаб дардест, дод аз дасти танҳоӣ!

Ҳилолӣ ояду ҳар шом сӯи манзарат бинад,
Ки шояд чун маҳи нав аз канори бом бинмоӣ.

*   *   *

Ушшоқро ҳаёт ба ҷон асту ҷон туӣ,
Ҷонро агар ҳаёти дигар ҳаст, он туӣ.

Ҳар ҷо маҳест, пеши рухат ҳаст натамом,
Моҳи тамоми рӯи замину замон туӣ.

Юсуф агарчи буд ба хубӣ азизи Миср,
Ҳоло ба мулки ҳусн азизи ҷаҳон туӣ.

Гар сад ҳазор меҳр намоянд маҳвашон,
Эшон ситамгаранд, ҳамин меҳрубон туӣ.

Гар дил зи дард хун шуду гар ҷон ба лаб расид,
Ғам нест, чун табиби мани нотавон туӣ.

Хез, эй рақибу ҷои сагашро ба ман гузор,
Ман кистам, агар саги ин остон туӣ?

Гар ҷон ба бод дод Ҳилолӣ, аз он чӣ бок?
Ҷоне ки ҳаст дар тани ӯ ҷовидон, туӣ!

# РУБОИЁТ

Боз ой, ки аз ҷон асаре нест маро,
Мадҳушаму аз худ хабаре нест маро.
Хоҳам, ки ба ҷониби ту парвоз кунам,
Аммо чӣ кунам? Болу паре нест маро.

Ёрони куҳан, ки банда будам ҳамаро,
Дар банди ҷафои худ шунудам ҳамаро.
Зинҳор, зи кас вафо маҷӯед, ки ман
Дидам ҳамарову озмудам ҳамаро.

Оинаи нур аст рухи ёр имшаб,
Эй маҳ, бинишин дар паси девор имшаб.
Эй меҳр, бипӯш рӯи худро дар абр,
Эй субҳ, дами хеш нигаҳ дор имшаб.

Шуд моҳи ман он шамъи шабафрӯз имшаб,
Гӯ, чархи фалак, зи рашк месӯз имшаб!
Имшаб на шаби васл, шаби қадри ман аст,
Беҳтар зи ҳазор рӯзи Наврӯз имшаб.

Гар дил биравад, ман наравам аз назарат,
В-ар ҷон бидиҳам, хок шавам дар гузарат.
Чун гард шавам, бар остонат оям,
Биншинаму барнахезам аз хоки дарат.

Эй симзақан, ин чӣ даҳону чӣ лаб аст?
Ин хол чӣ холу ин чӣ зулфи аҷаб аст?
Рӯи ту дар он ду зулфи мишкин чӣ аҷаб?
Ҳар рӯз ки ҳаст, дар миёни ду шаб аст.

Азбаски маро давлати бедор кам аст,
Гуфтан натавон, ки то чӣ миқдор кам аст.
Ранҷест фироқат, ки камаш бисёр аст,
Айшест висоли ту, ки бисёр кам аст.

Дар олами бевафо касе хуррам нест,
Шодию нишот дар банӣ Одам нест
Он кас, ки дар ин замона ӯро ғам нест,
Ё одам нест, ё аз ин олам нест.

Ғам дораму ғамгусор мебояду нест,
Дар дасти ман он нигор мабояду нест.
Дарди сари ағёр намебояду ҳаст,
Ташрифи ҳузури ёр мебояду нест.

Имрӯз маро ғайри парешонӣ нест,
Дар мушкили ман умеди осонӣ нест,
Ғам кушт марову кас ба додам нарасид,
Биллаҳ, ки дар ин шаҳр мусулмонӣ нест!

Рӯзу шаби ман ба гуфтугӯи ту гузашт,
Солу маҳи ман ба ҷустуҷӯи ту гузашт.
Умрам ба тавофи гирди кӯи ту гузашт,
Алқисса, дар орзуи рӯи ту гузашт.

Онӣ ки тамом аз намакат рехтаанд,
Зарроти вуҷудат зи намак бехтаанд.
Бо ширап ҷонҳо намак омехтаанд,
То ҳамчу ту сурате барангехтаанд.

Чун сурати зебои ту ангехтаанд,
Сад ҳусну малоҳат ба ҳам омехтаанд.
Алқисса, ки шакли оламорои туро
Дар қолаби орзуи мо рехтаанд.

Ҳар кас ки маи ишқ ба ҷомаш карданд,
Аз дурдии дард талхкомаш карданд.
Гӯё ҳама ғамҳои ҷаҳон дар як ҷо
Ҷамъ омада буд, ишқ номаш карданд.

То кай дилат аз чарх ҳазин хоҳад буд?
Бо меҳнату дард ҳамнишин хоҳад буд?
Хуш бош, ки рӯзгор пеш аз ману ту
То буд, чунон буду чунин хоҳад буд.

Дидам, ки яке-ду даста аз сунбули тар,
Барбаставу хуш ниҳода дар пеши назар.
Гуфтам, ки бирав, ду зулфи ёрам бинигар,
Барбаста дигар бошаду худруста дигар.

Ёр омаду ёри дилнавоз омад боз,
Бахри дили хаста чорасоз омад боз.
Умрам ҳама рафта буд аз рафтани ӯ,
Сад шукр, ки умри рафта боз омад, боз!

Дардо, ки асири нангу номем ҳанӯз,
Дар гуфтушуниди хосу омем ҳанӯз.
Шуд умр тамому нотамомем ҳанӯз,
Сад бор бисӯхтему хомем ҳанӯз.

Бе рӯи туам ҳаст малоле, ки мапурс,
В-аз зиндагии худ инфиоле, ки мапурс.
Ҳар лаҳза чӣ пурсӣ, ки бигӯ, ҳоли ту чист?
Дур аз ту фитодаам ба ҳоле, ки мапурс!

Имрӯз зи ҳад мегузарад сӯзи фироқ,
В-ин шуълаи оҳи оташафрӯзи фироқ.
Рӯзи аҷабе пеши ман омад, ё Раб,
Ин рӯзи қиёмат аст ё рӯзи фироқ?

Дар ишқи накӯён чи фироқу чи висол,
Бадҳолии ошиқон бувад дар ҳама ҳол.
Гар васл бувад, мудом сӯз асту гудоз,
В-ар ҳаҷр бувад, тамом ранҷ асту малол.

Ман бода ба мардуми хирадманд хурам,
Ё аз кафи хубони шакарханд хурам.
Ҳаргиз нахурам зи бода хурдан савганд,
Ҳошо, ки ба ҷои бода савганд хурам!

Аз дарди дили худ ба фиғонам, чӣ кунам?
В-аз зиндагии хеш ба ҷонам, чӣ кунам?
Сабр аст маро чораву донанд ҳама,
Лекин мани бечора надонам, чӣ кунам?

Не аз ту ҳаёти ҷовидон мехоҳам,
Не айшу танаъъуми ҷаҳон мехоҳам.
Не коми дилу роҳати ҷон мехоҳам,
Оне ки ризои туст, он мехоҳам.

То чашми ту ишвасоз хоҳад будан,
Сад дилшуда ишқбоз хоҳад будан.
То аз тарафи ту ноз хоҳад будан,
Аз ҷониби мо ниёз хоҳад будан.

Эй ҳамнафаси чанд, ки ёред ба ман,
Ошиқ шудаам, маро гузоред ба ман!
Чандам гӯед, к-аз фалон дил бардор?
Ман донаму дил, шумо чӣ доред ба ман?

Кас нест аниси дили ғампарвари ман,
То пок кунад ашк зи чашми тари ман,
Сӯям ҳама оби чашм меояду бас,
Он низ равон мегузарад аз сари ман.

Мискинаму кӯи ошиқӣ манзили ман,
Мискин ману дигар дили беҳосили ман.
Эй ҷони ҳазин, ту низ мискини касӣ,
Мискин туву мискин ману мискин дили ман.

Дур аз ту сабурӣ натавонад дили ман,
Васли ту ҳаёти хеш донад дили ман.
Оҳиста рав, эй дӯст, ки дил ҳамраҳи туст,
Зинҳор чунон марав, ки монад дили ман.

Субҳоналлаҳ, чӣ шакли мавзун аст ин,
Аз ҳар чӣ гумон баранд, афзун аст ин.
Натвон гуфтан, ки чист, ё чун аст ин?
К-аз доираи хаёл берун аст ин.

Бигдохтам аз дасти ҷафо кардани ту,
Ин аст тариқи банда парвардани ту?
Гар ман ба гуноҳи ошиқӣ кушта шавам,
Хуни мани бегуноҳ бар гардани ту!

Нақши ту агар на дар муқобил будӣ,
Корам зи ғами фироқ мушкил будӣ.
Дил бо туву дида аз ҷамолат маҳрум,
Эй кош, ки дида низ бо дил будӣ!

Гаҳ дар паи озори дили ранҷурӣ,
Гаҳ бар сари бедоди мани маҳҷурӣ.
Шӯхию ба ҳусни хештан мағрурӣ,
Бар ошиқи худ ҳар чӣ кунӣ, маъзурӣ.

Дар панҷаи ғайр панҷа кардан то кай?
Сим аз пӯлод ранҷа кардан то кай?
Гулро ба гиёҳ даста бастан то чанд?
Ҷонро ба аҷал шиканҷа кардан то кай?

Бо ҳар кӣ нишинию қадаҳ нӯш кунӣ,
Аз рашк маро харобу мадҳуш кунӣ.
Гуфтӣ, ки чу май хурам, туро ёд кунам,
Тарсам, ки шавӣ масту фаромӯш кунӣ.

# МАСНАВИИ ШОҲУ ДАРВЕШ

Эй вуҷуди ту асли ҳар мавҷуд,
Ҳастию будаию хоҳӣ буд.
Сониъи ҳар баланду паст туӣ,
Ҳама ҳеҷанд, ҳар чӣ ҳаст, туӣ.
Нақшбанди саҳифаи азалӣ,
Бо вуҷуди қадим ламязалӣ.
Не азал огаҳ аз бидояти ту,
Не абад воқиф аз ниҳояти ту,
Аз азал то абад сафеду сиёҳ
Ҳама бар сирри ваҳдати ту гувоҳ.
Вараќи нонавишта механӣ,
Сухани ношунида медонӣ.
Пеши ту тоирони қуддусӣ
Баҳри як дона дар заминбӯсӣ.
Рӯи мо сӯи туст аз ҳама сӯ,
Сӯи мо рӯи туст аз ҳама рӯ.
Дар суҷудем, рӯ ба даргаҳи ту,
По зи сар кардаем дар раҳи ту.
Чист ин турфа гунбади воло?
Рафта гарде зи даргаҳат боло.
Каъба санге бар остонаи ту,
Қибла роҳе ба сӯи хонаи ту.
Субҳро бо шафақ баромезӣ,
Обу оташ ба ҳам даромезӣ.
Зулфи шабро ниқоби рӯз кунӣ,
Меҳру маҳро ҷаҳонфурӯз кунӣ.
Фалак аз моҳу меҳри чеҳрафурӯз
Доғҳо дорад аз ғамат шабу рӯз.
Баҳр аз ҳайбати ту об шуда,
Ғарқи дарёи изтироб шуда.
Гирди кӯят замин ба хок нишаст,
Гашт дар пои бандагони ту паст.

Кӯҳро ҷониби ту оҳанг аст,
Аз ту бори дилаш гаронсанг аст.
Бодро аз ту оҳ дардолуд,
Хокро аз ту рӯй гардолуд.
Оташ аз шавқ доғ дар дил монд,
Об аз гиря пой дар гил монд.
Ҳама сар бар хати қазои туанд,
Сар ба сар толиби ризои туанд.
Ҳар чӣ он дар нишебу дар авҷ аст,
Ту муҳитию он ҳама мавҷ аст.
Мавҷ агар нест, баҳрро чӣ ғам аст?
Баҳр агар нест, мавҷ худ адам аст.
Мавҷи дарёст ин ҷаҳони хароб,
Бесубот аст ҳамчу нақш бар об.
Гаҳ зи мавҷи дигар хурад бар ҳам,
Гаҳ зи боди ҳаво шавад дар ҳам.
Ман ба уммеди гавҳари ноёб
Киштӣ афкандаам дар ин гирдоб.
Киштии ман зи мавҷ берун бар,
Ҳамчу Нӯҳаш бар авҷи гардун бар.
Гар зи ман ҷуз гунаҳ намеояд,
Аз ту ғайр аз карам намешояд.
Гарчи лабташнаам, фитода ба хок,
Чун туро баҳри лутф ҳаст, чӣ бок?

**Масоиби мусанниф ва муноҷот**

Эй давои даруни хастадилон,
Марҳами синаи шикастадилон!
Марҳаме лутф кун, ки хастадилам,
Марҳамат кун, ки бас шикастадилам.
Гарчи ман сар ба сар гунаҳ кардам,
Номаи хешро сияҳ кардам,

Ту дар ин номаи сиёҳ мабин,
Карами хеш бин, гуноҳ мабин.
Ман худ аз кардаҳои худ хиҷилам,
Ту макун рӯзи ҳашр мунфаилам.
Бо вуҷуди гуноҳкориҳо
Аз ту дорам умедвориҳо,
З-он ки бар туст эътимоди ҳама,
Эй муроди ману муроди ҳама!
Ту каримию бенавои туам,
Подшоҳию ман гадои туам.
Не гадое, ки ину он хоҳам,
Коми дил, орзуи ҷон хоҳам,
Балки бошад гадоиям дарде,
Ашки сурхею чеҳраи зарде,
То ба роҳат зи аҳли дард шавам,
Барнахезам, агарчи гард шавам.
Чун ба хок уфтам ба сад хорӣ,
Ту зи хокам ба лутф бардорӣ.
Гарчи дархурди оташам чу шарар,
Назаре гар ба ман расад, чӣ зарар?!
Менагӯям, ки лутфу эҳсон кун,
Бандаам, ҳар чӣ шоядат, он кун.
Оқибат бигсилад чу банд аз банд,
Банд-банди маро ба худ пайванд!

**Муноҷот**
Солҳо шуд, ки меҳри оламсӯз
Теғи кин тез мекунад ҳар рӯз.
Ваҳ, ки то меҳри чарх буд кабуд,
Дар кабудии чарх меҳр набуд.
Ҷониби ҳар кӣ бингарам ба ниёз,
Нангарад ҷониби ман аз сари ноз.

Дар раҳи ҳар кӣ сар ниҳам ба вафо,
По ниҳад бар сарам зи роҳи ҷафо.
Чанд бедод бинам аз ҳар кас?
Эй каси бекасон, ба додам рас!
Чанд помоли ому хос шавам?
Дасти ман гир, то халос шавам.
Ҳиммате деҳ, ки бигзарам зи ҳама,
Рӯ ба сӯи ту оварам зи ҳама.
Сӯи худ кун рухи ниёзи маро,
Ба ҳақиқат расон маҷози маро.
Зулфи хубон мушаввашам дорад,
Лаъли эшон дар оташам дорад.
Аз бутон чун дар оташам шабу рӯз,
Рӯзи ҳашрам бад-ин гуноҳ масӯз.
Маҳвашонам чу сӯхтанд ба ноз,
З-офтоби қиёматам магудоз.
Бас бувад ин, ки сӯхтам як бор,
Ва қино, раббано, азобаннор!
Оташ аз чун мане чӣ афрӯзад?
Балки дӯзах зи нанги ман сӯзад.
Гунаҳам бахшу тоатам бипазир,
Ки ҳамин дорам аз қалилу касир.
Дар шаби тира чун диҳам ҷонро,
Ҳамраҳам кун чароғи имонро.
Иттиҳоде насиб кун бо ман,
Ки надонам, ки он туӣ ё ман.
Чун забон додаӣ, баёнам бахш,
Дар баёни сухан забонам бахш.
Махзанамро дари Низомӣ деҳ,
Соғарамро шароби Ҷомӣ деҳ.
Бандаро Хусрави сухан гардон,
Ҳусни назми маро ҳасан гардон.

Об деҳ ханҷари забони маро,
Тоб деҳ гавҳари баёни маро,
То шавам дурфишон зи баҳри калом
Ба саломи набӣ, алайҳисалом.

**Дар наъти Сайййидулмарсалин, саллаллоҳу алайҳи ва саллам**

Аз Худо гар раҳи Худо талабӣ,
Маталаб ҷуз Муҳаммади арабӣ,
З-он ки матлуби аҳли биниш ӯст,
Балки мақсуди офариниш ӯст.
Шоҳи айвони Маккаву Ясриб,
Моҳи тобони Машриқу Мағриб.
Шарафи гавҳари банӣ Одам
В-аз шараф сарвари ҳама олам.
Шаҳрёре, ки хайли ӯст ҳама,
Аршу курсӣ туфайли ӯст ҳама.
Кӯи ӯ мақсад асту ӯ мақсуд,
Ӯ Муҳаммад, мақоми ӯ маҳмуд.
Панҷаи офтобро бартофт,
Ба як ангушт қурси маҳ бишкофт.
Буд бартар зи анҷуму афлок,
З-он наяфтод сояаш бар хок.
Он ки бигзашт аз сипеҳри барин,
Сояи ӯ куҷо фитад ба замин?!
Фориғ аст аз саҳифаву хома,
Восилонро чӣ ҳоҷати нома?!
Он ки нохонда илми дин донад,
Лавҳи таълим пас чаро хонад?
Анбиёро шараф набуд бар ӯ,
Худ тавозуъкунон нишаст фурӯ.

Зоти ӯ чист баъди хайли русул?
Гул пас аз баргу мева баъд аз гул.
Гумраҳоне ки роҳи ҷанг заданд,
Ҳалқаи лаъли ӯ ба санг заданд.
Лаъли ӯ дур зи ҳуққа дод ба санг,
Ки дигар ҷо надошт ҳуққаи танг.
Лоҷарам в-арна санги бадгуҳарон
Кай тавонад фиканд рахна дар он!
Зери гесуи ӯ рухи чун моҳ
Шаби меъроҷро ҷамолуллоҳ.

**Васфи меъроҷи расулуллоҳ ва саҳобаи кироми он**

Эй хуш он шаб, ки Ҷабраили амин
Сӯяш омад зи осмон ба замин.
Маркабе раҳнаварди гардунсайр
Бар замин ваҳшу бар фалак чун тайр.
Буд номаш Буроқу ҳамчун барқ
Тез бигзашт то ба Ғарб аз Шарқ.
Ҳамчу гулгуни ашк дар як дам
Зада берун зи ҳафт парда қадам.
Бар фалак ҳамчу барқ гармраве,
Дар ҳаво ҳамчу ҳамчу абр нармраве.
Ҳамчу тири назар зи олами фарш
То нигаҳ кардаӣ, расад бар Арш.
Чун даровард по ба пушти Буроқ,
Ларза афтод бар замин зи фироқ.
Шуд Сулаймон ба тахтгоҳи фалак,
Тобиъаш гашт ҷинну инсу малак.
Дар ҳамон дам зи пардаҳои сипеҳр
Тез бигзашт ҳамчу ханҷари меҳр.

Қурби ӯ аз мақоми «сумма дано»
Қоби қавсайн гашт «ав адно».
Бо дили ҷамъу дидаи бедор
Шуд мушарраф ба давлати дидор.
Баъд аз он баргумошт ҳимматро,
Ки: Ба ман бахш ҷурми умматро.
Кард аз ин бандагони осӣ ёд,
Ҷумларо аз гунаҳ халосӣ дод.
Хоҷаро бин, ки дар нишемани роз
Бандаро ёд мекунад ба ниёз.
Аллаҳ-Аллаҳ, чӣ эҳтиром аст ин,
Дар ҳақи мо чӣ эҳтишом аст ин!
Эй дилу дида хоки даргаҳи ту,
Сари ман ҳамчу хок дар раҳи ту.
Кас чӣ донад баҳои гесӯят?
Ҳар ду олам фидои як мӯят!
Сайййиди анбиё туро хонанд,
Сарвари авлиё туро донанд.
Офтобию партаванд ҳама,
Пешвоӣ ту, пайраванд ҳама.
Чор ёри ту дар мақоми ниёз,
Ҳар яке шоҳи чорболиши ноз.
Чортоқи тарабсарои вуҷуд,
Чорбоғи фазои гулшани ҷуд.
Ман саги бовафои ин ҳар чор,
Ҳар ду чашмам барои эшон чор.
Кист он чор маҳ ба мазҳаби ман?
Алию Фотима, Ҳусайну Ҳасан.
Бандаи камтарини туст Билол,
Булбули боғи дини туст Билол.
Бар фалак ғулғули Билоли ту бод,
Осмон манзили Билоли ту бод!

Нисбати ман агар кунӣ ба Билол,
Ба ҳилолӣ алам шавам маҳу сол.

**Дар манқабати ҳазрати шоҳи авлиё, алайҳиссалом**

Дурри дарёи сармад аст Алӣ,
Ҷонишини Муҳаммад аст Алӣ.
Асадуллоҳи сарвару ғолиб,
Шоҳи мардон, Алӣ Абӯтолиб.
Ҳар кӣ бо шери Ҳақ занад панҷа,
Панҷаи хешро кунад ранҷа.
Соқии шергири сармастон,
Зери дасташ ҳама забардастон.
Дар каф ангушти ӯ калиде буд,
Дари Хайбар ба он калид гушуд.
В-аз сари Зулфиқори он файёз
Риштаи куфрро шуда миқроз.
То Наҷаф баҳри гавҳаре садаф аст,
Реги саҳрои ӯ дури Наҷаф аст.
Зеби ин гулшан аз ҷамоли Алист,
Гули ин боғ ранги оли Алист.
Буд амзодаи расули Худо,
Чун расул аз Худо набуд ҷудо.
Чун ду кас ибни амми якдигаранд,
Чун ду фарзанд, к-он зи як падаранд.
Падарон дар насаб баробари ҳам,
Писарон дар ҳасаб баробари ҳам.
Гаҳ сари хасмро ҷудо карда,
Гаҳ сари хешро фидо карда.
Ҳар шаҳе вақти базм зар бахшад,
Шоҳи мо рӯзи разм сар бахшад.

Карами халқ бахшиши дирам аст,
Гар касе сар фидо кунад, карам аст.
Ҳама сарҳо фидои ӯ бодо,
Ҳама шоҳон гадои ӯ бодо!

**Таърифи каломи фасеҳ ва шеър**

Гаваҳари ҳуққаи даҳон сухан аст,
Ҷавҳари ханҷари забон суха наст.
Гар набудӣ сухан, чӣ гуфтӣ кас?
Дурри маънӣ чӣ гуна суфтӣ кас?
Сирри касро касе чӣ донистӣ?
Роз гуфтан куҷо тавонистӣ?
Ин сухан гар на дар миён будӣ,
Одамӣ низ безабон будӣ.
Сухани хуш ҳаёти ҷону тан аст,
Дами Исо гувоҳи ин сухан аст.
Нуктадоне дури сухан суфтаст,
Сухане чанд дар миён гуфтаст,
Ки: Сухан з-осмон фуруд омад,
Сухан аз гунбади кабуд омад.
Гар будӣ гавҳаре варои сухан,
Он фуруд омадӣ ба ҷои сухан.
Рост аст ин сухан, дар ин чӣ шак аст?
Балки ҷояш ҳамеша бар фалак аст.
На сухан аз даҳан бурун ояд,
Ки сухан аз сухан бурун ояд.
Ин сухан зодаи ду ҳарфи «кун» аст,
Балки ин «кун» ду ҳарфи як сухун аст.
Эй хирад, аз сухан ривоят кун,
Ба забони қалам ҳикоят кун.
Котиби сунъ дошт майли сухан,
Сохт лавҳу қалам туфайли сухан.

Эй қалам, соате забон бикшой,
Ҳуққаи мушкро даҳон бикшой.
Воқифӣ аз сафедию сияҳӣ,
Дар сиёҳӣ дaро, ки Хизри раҳӣ.
Гарчи аз теғи ман қалам шудаӣ,
Ба сухан дар ҷаҳон алам шудаӣ,
Ту ба гуфтори шаккарин самарӣ,
Ту қалам нестӣ, ки найшакарӣ.
Чун ту нозукниҳоли дигар нест,
Ҳама ангуштҳо баробар нест.
Мулки маънӣ аз они туст ҳама,
Ин қалам з-ӯ турост як калима.
Шоҳи маънӣ туӣ, алам бардор,
Сӯи мулки сухан қадам бардор!
Ёд кун сеҳрофаринонро,
Нуктадонону хурдабинонро,
Ки ҳама махзани сухан буданд,
Роздони наву куҳан буданд.
Олам аз дурри назм пур карданд,
Ҳамчу дарё нисори дур карданд.
Абри раҳмат нисори эшон бод,
Лутфи ҷовид ёри эшон бод!
Бар расуле, ки наъти ӯст калом,
Саййидулмурсалин, алайҳисалом.

**Дар таснифи китоб**

Рӯзе аз рӯзҳои фасли баҳор,
Ки тафовут надошт лайлу наҳор,
Чанде аз аҳли табъ дар чамане
Маҷмаъе сохтанду анҷумане.

Гуфтугӯи суханварӣ карданд,
Даъвии нуктапарварӣ карданд.
Нуктадоне ки дошт маърифате,
Хост, то ғунчаро кунад сифате.
Гуфт: Дар ғунча гул варақ-варақ аст,
Гунбади сабзи чарх пуршафақ аст.
Дигаре гуфт: Ҳар кӣ ӯ биност,
Маи гулрангу шишаи миност.
Дигаре гуфт: Баҳри қуввати қут
Гашт фирӯза ҳуққаи ёқут.
Ман ҳам аз рӯи табъ бишкуфтам,
Ҷониби ғунча дидаму гуфтам:
Ҳаст бе гулъизори ғунчадаҳан
Дил пур аз хуни рангбастаи ман.
Ҳама гуфтанд: Офарин бодо,
Кавкаби толиъат қарин бодо!
Дар фани шеър чун сухан карданд,
Ҳама таҳсини шеъри ман карданд.
Буд шахсе ба маснавӣ машҳур,
Дар фунуни сухан ба худ мағрур.
Лек фанни ғазал наварзида,
Ҳама гирди фасона гардида.
Гуфт: Оре, агарчи бебадал аст,
Шеваи шеъри ӯ ҳамин ғазал аст.
Нест ӯро зи маснавӣ хабаре,
Дар раҳи мо зи пайравӣ асаре.
Дар сухан панҷ ганҷ мебояд,
На зи абёт панҷ мебояд.
Муддаӣ чун мазоқи шеър надошт,
Маснавиро беҳ аз ғазал пиндошт.
Накди ганҷинаи сухан ғазал аст,
Шукри Борӣ, ки шеъри ман ғазал аст.

Он ки назми ғазал тавонад гуфт,
Маснавиро чу дур тавонад суфт.
Он ки ҷон бахшад аз сухан чу Масеҳ,
Кай шавад оҷиз аз каломи фасеҳ?!
Он ки аз баҳр бигзарад чун барқ,
Кай зи сели баҳор гардад ғарқ?
Он ки оташ ватан кунад чу шарар,
Шараре гар ба вай расад, чӣ зарар?
Бе тааммул аз он миён ҷастам,
Ба тааммул миёни худ бастам.
Бозуи фикрро қавӣ кардам,
Рӯй дар фикри маснавӣ кардам.
Гуфтам: Аз ҳар чӣ бар забон ояд,
Сухани ишқ дар миён ояд.
Ишқ аз ҳар наву куҳан беҳтар,
Сухани ӯ зи ҳар сухан беҳтар.
Гоҳ мекард хотирам майле
Сӯи Маҷнуну ҷониби Лайлӣ.
Гоҳ медид табъи ман лоиқ
Ҳоли Азрову ҳолати Вомиқ.
Гоҳ аз шавқ мезадам фарёд
Баҳри Ширину Хусраву Фарҳод.
Ногаҳ омад нидо зи олами ғайб,
К-ин хаёли ту пок нест зи райб.
Худ надонӣ, ки фикри беҳуда
Ҳаст ранҷи димоғи осуда?!
Ин се зебоарӯсро домод
Буд Маҷнуну Вомиқу Фарҳод.
Хезу ороиши арӯс макун,
Гуфтугӯи канору бӯс макун.
Сӯи домод агар арӯс барӣ,
Пардаи ному нангро бидарӣ.

Ишқ домодию арӯсӣ нест,
Расми ӯ ғайри хокбӯсӣ нест.
Ишқбозӣ ба рағми каҷназарон
Нест ҷуз ишқи нозанинписарон.
Писаре дилфиребро ишқ аст,
Қомати ҷомазебро ишқ аст.
Кас чӣ донад, ки дар таҳи чодар
Қомати духтарест ё модар?!
Чини зулф аст зеби маҳрӯе,
Чашмбанд аст сад сияҳмӯе.
Рӯи гулгунакардаро чӣ кунам?
Рӯи гулгун хуш аст, то чӣ кунам?
Тори кокул зи бори гесӯ беҳ,
Ба Худо, з-он ду мӯй як мӯ беҳ.
Сурма нанг аст чашми ҷодуро,
Вусма ор аст тоқи абрӯро.
Хубии орият чӣ кор ояд?
Орият чун бирафт, ор ояд.
Бори дигар чунин расид нидо,
Ки: Бигӯ достони Шоҳу Гадо!
Қиссаи Шоҳро аён кардам,
Ҳоли Дарвешро баён кардам.
Рӯй дар эҳтимоми он кардам,
«Шоҳу Дарвеш» номи он кардам.

**Хитоби Ҳилолӣ бо муддаӣ**

Эй ки бо ман сари сухан дорӣ,
Гуфтугӯи наву куҳан дорӣ,
Соате гӯши ҳуш бо ман дор,
Мустамиъ бошу гӯш бо ман дор!

Гӯш кун ин фасонаи дерин,
Чӣ барӣ номи Хусраву Ширин?
Бишнав аз ман ҳикояти ғарро,
Чӣ диҳӣ шарҳи Вомиқу Азро?
Ёд гир ин ҳикояти мавзун,
Чӣ барӣ номи Лайлию Маҷнун?
Бикри хилватсарои фикр аст ин,
Фикри туҳмат макун, ки бикр аст ин.
Омада дар мақоми ҷилвагарӣ,
То ба айни ризо дар ӯ нигарӣ.
Ҷуз қабули назар намехоҳад,
Илтифоти дигар намехоҳад.
Ҳар чӣ ҳаст, аз саодати назар аст,
Назар иксири кимиёасар аст.
Ё Раб, ин туҳфаро гиромӣ кун,
Яке аз номаҳои номӣ кун,
То зи соҳибдиле назар ёбад,
Шарафи илтифот дарёбад.

**Оғози қиссаи Шоҳу Дарвеш**

Суханорои ин ҳадиси куҳан
Инчунин мекунад баёни сухан,
Ки: Аз ин пеш буд дарвеше,
Росткеше, муҳаббатандеше,
Аз ҳама қайди олам озода,
Лек дар қайди ишқ афтода.
Аламӣ рӯзгор дида басе,
Меҳнати ошиқӣ кашида басе.
Танаш аз ишқ ҷисми беҷон буд,
Раг бар ӯ ҳамчу ишқи печон буд.

Буд дар кӯҳ гаштаву ҳомун,
Кори Фарҳод кардаву Маҷнун.
Баски медошт майли ишқ мудом,
«Ишқ!» мегуфт дар маҳалли салом.
Аз қазо чанд рӯзе он дарвеш
Бар хилофи тариқу одати хеш
Аз сари кӯи ишқ дур афтод,
Дар саропардаи сурур афтод.
Не ба дил доғи иштиёқе дошт,
Не ба ҷон оташи фироқе дошт.
Дилаш озода аз ҷафои ҳабиб,
Ҷонаш осуда аз балои рақиб.
Шукр мегуфт, з-он ки рӯзе чанд
Буд дар кунҷи офият хурсанд.
Гарчи мехост тарки меҳнати ишқ,
Буд дар хотираш муҳаббати ишқ.
Ошиқӣ гарчи меҳнатангез аст,
Меҳнати ӯ муҳаббатангез аст.
Хост алқисса ошиқи содиқ,
Ки дигар бор агар шавад ошиқ,
Ошиқи сарвқомате бошад,
Ки ба қомат қиёмате бошад.
Бо вуҷуди ҷамоли сурати хуб
Бошад ӯро камоли сирати хуб.
Аз камоли карам вафодоре,
На зи айни ситам ҷафокоре.
Ба ҳавои чунин дилороме
Мезад аз шавқ ҳар тараф гоме.
Сӯи боғе гузар фитод ӯро,
Ки нишон аз биҳишт дод ӯро.
Чеҳраи боғу турраи сунбул,
Ин яке ҳалқа-ҳалқа в-он гул-гул.

Турфатар он ки рӯи гул-гули ӯ
Зоҳир аз ҳалқаҳои сунбули ӯ.
Лоларо аз пиёлааш доғе,
Гӯ, чӣ ҳолест дар чунин боғе?
Сабза дар вай чу Хизр ҷо карда,
Алами сабз дар ҳаво карда.
Баҳри дафъи хумори наргиси маст
Нисфи норанҷ дошт дар кафи даст.
Гул ба хушбӯии насими сабо
Пираҳан карда аз нишот қабо.
Ду лаби хеш аз фараҳ хандон,
Шакли дандона бар лабаш дандон.
Манзаре дошт ҳамчу хулди барин,
Бартар аз осмон ба рӯи замин.
Боми афлок пеши манзари ӯ
Буд чун соя паст дар бари ӯ.
Моҳу хуршед фарши он дар буд,
Хиште аз симу хиште аз зар буд.
Зери девораш аз барои нишот
Буд густарда сад ҳазор бисот.
Тавфи он боғ чун муяссар шуд,
Майли дарвеш сӯи манзар шуд.
Ногаҳон дид мактабе чу биҳишт,
Дару девори он абирсиришт.
Ваҳ, чӣ мактаб, ки рашки бустонҳо,
Бӯстоне, дар ӯ гулистонҳо.
Аҳли мактаб ҳама баҳуснуҷамол,
Солашон кам, ҷамолашон бакамол.
Яке абрӯи каҷ аён карда,
Сирри «Нун ва-л-қалам» баён карда.
Яке аз шакли қадду зулфу даҳон
Аз алиф, лому мим дода нишон.

Ҳамчу «Ва-ш-шамс» он якеро рӯй,
Ҳамчу «Ва-л-лайл» он якеро мӯй.
Ҳар кӣ дар мактабе чунин шуд хос,
Хонд «Ал-ҳамд» аз сари ихлос.
Буд сархайли он ҳама моҳе,
Мулку иқлими ҳуснро шоҳе.
Турфа шаҳзодае ба ҳусни адаб,
Турфатар он ки «Шоҳ» дошт лақаб.
Сарвқадде, ки чун қадам мезад,
Ҳар қадам оламе ба ҳам мезад.
Шӯхчашме, ки чун нигаҳ мекард,
Хонаи мардумон табаҳ мекард.
Пеши он чашми хобноки сиёҳ
Сурма беқадр ҳамчу хоки сиёҳ.
Будаш аз заҳри чашм мижгонҳо
Ҳамчу заҳробдода пайконҳо.
Сунбуле бар суман кашида чу ҷим,
Кокуле бар қафо фиканда чу мим.
Чун намак рехта такаллуми ӯ,
Шаккар омехта табассуми ӯ.
Шакли абрӯи он хуҷаста тазарв
Дар паси зоғ буд бар сари сав.
Чашмаи оби зиндагӣ лаби ӯ,
Мавҷи он об сими ғабғаби ӯ.
Аз даҳонаш нишона ҳеч набуд,
Ҷуз сухан дар миёна ҳеч набуд.
Он даҳон ҳеч, он миён ҳам ҳеч,
Ҷуз хаёле набуду он ҳам ҳеч.
Гар миёнаш хаёл хоҳад буд,
Он хаёли муҳол хоҳад буд.
Мушкиле ҳар кӣ пешаш овардӣ,
Ӯ равон ҳалли мушкилаш кардӣ.

Буд вақти сухан фусунсозе,
Хурдадонею нуктапардозе.
Бас ки Дарвеш гашт моили ӯ,
Монд дар ҳасрати шамоили ӯ.
Ҳар дамаш мефузуд ҳайронӣ,
Ҳайрате, ончунон ки медонӣ.
Шоҳ гуфташ: Чунин хамӯш мабош,
Лаб бичунбон, тамом гӯш мабош!
Гар туро хаст мушкиле дар дил,
Бикун аз ман суол он мушкил.
Чист? – гуфт он ягонаи офоқ,
Он ки ҳам ҷуфт бошаду ҳам тоқ?
Гуфт: Он абрувони пурхами мост,
Кач тасаввур макун, ки гуфтам рост.
Гарчи ҷуфтанд он ду бе каму беш,
Лек тоқанд дар накӯии хеш.
Гуфт: Оре, ҷавоби он ин аст,
Шоҳро сад ҳазор таҳсин аст.
Шоҳ гуфто, ки: Дар кадом китоб
Хондаӣ инчунин суолу ҷавоб?
Гуфт: Ҳаргиз нахондаам сабаке,
Пеши кас нагзарондаам вараќе.
Баҳрае аз савод нест маро,
Ғайри хондан мурод нест маро.
Хонаи чашм аз савод тиҳист,
Бесаводиш айни рӯсияҳист.
То нахонӣ, ба дил суруре нест,
Дидаро бе савод нуре нест.
Чунки шаҳро шуд эътиқод бар ӯ,
Алифу бо навишту дод бар ӯ.
Майли дарвеш з-он яке сад шуд,
Гуфт: Ин бор кори ман бад шуд.

Даст бар сар ниҳоду зор гирист,
Ки: Дар ин ошиқӣ нахоҳам зист!
Чун ба ҳам ҳусну хулқ ёр шавад,
Ишқи ошиқ яке ҳазор шавад.
Хубрӯе, ки гашт ошиқи дӯст,
Дар ҷаҳон ҳар кӣ ҳаст, ошиқи ӯст.
Гарчи дарвеш зуфунуне буд,
Дар раҳи ишқ раҳнамуне буд,
Лавҳи таълим дар канор ниҳод,
Сари таъзим пеши ёр ниҳод.
Эй басо хурдабин, ки охири кор
Сӯи мактаб равад чу аввалбор,
Ин бувад ишқи зуфунунро вирд,
Ки кунад устодро шогирд.
Ишқ чун дарси худ кунад бунёд,
Бишканад тахта бар сари устод.
Дар сабақ ошкор менигарист,
Лек пинҳон ба ёр менигарист.

**Дар озод шудани Шаҳзода аз мактаб**
**ва малул будани дарвеш**

Ёр ҳар гаҳ дар ӯ назар мекард,
Ӯ назар ҷониби дигар мекард.
Гарчи ошиқ бувад хароби назар,
Лек ӯро куҷост тоби назар?
Ҳар гаҳ он нӯшханди шаккарлаб
Ҷониби хона рафтӣ аз мактаб,
Ҳоли дарвеш з-он барошуфтӣ,
Гиря оғоз кардию гуфтӣ:
Бе ту дар мактабам парешонҳол,
Ҳамчу девона дар кафи атфол.

Зиндагӣ мӯҷиби малоли ман аст,
Аршу курсӣ гувоҳи ҳоли ман аст.
Ҳаст дур аз ту дафтару хома
Он сияҳкору ин сияҳнома.
Қомататро алиф ҳавохоҳ аст,
Ҳо зи шавқат ду чашм бар роҳ аст.
Сод чашми умед бибрида,
Ҳамчу коғаз сафед гардида.
Дур аз он чашм нест нуқтаи сод,
Ки бурун омадаст нуқтаи зод.
Дол бе турраи ту бадҳол аст,
Ин ки хам шуд қадаш, бар он дол аст.
Син зи ҳиҷрони он лаби хандон
Лаби ҳасрат гирифта бар дандон.
Ҳамчу син аст бе ту саркаш коф,
Ки кунад синаро шикоф-шикоф.
Ҷониби қоф гар шавам нигарон,
Оядам ҳамчу кӯҳи Қоф гарон.
Лом бе сунбули ту қуллобест,
К-аз ғами ӯ дили маро тобест.
Бе ҷамоли ту бар тани маҳзун
Наълу доғест нуну нуқтаи нун.
Ғайр аз ин гуна харф кам мегуфт,
Ҳарф медиду ҳарфи ғам мегуфт.
Вақти хондан зи ҳайбати устод
Чун зи тифлон баромадӣ фарёд,
Ӯ ҳамовозу ҳамзабон мешуд,
Пас ба тақриб дар фиғон мешуд.
Ҳар гаҳ аз шавқ гиря мекардӣ,
Сад ҳазорон баҳона овардӣ,
Ки: Ғарибам дар ин диёр басе,
Дар ғарибӣ чу ман мабод касе!

Ёди ёру диёри худ кардам,
Гиря бар рӯзгори худ кардам.
Чун хабар ёфтӣ, ки омад шоҳ,
Зуд фориғ шудӣ зи гиряву оҳ,
Ки: Дигар оҳу нола беадабист,
Оҳ аз ин гиря, ин чӣ булъаҷабист?
Гуфтӣ аз ҳар тараф ҳикоятҳо,
Кардӣ аз ҳар касе ривоятҳо.
Буд аз нуктаҳои хотирхоҳ
Ғарази ӯ қабули ҳазрати шоҳ.
Шоҳро сохтӣ ба худ машғул,
Хешро низ пеши ӯ мақбул.
Оре, ин аст кори ошиқи зор,
То кунад ҷо ҳамеша дар дили ёр.
Шаб чу омад зи хидмати устод,
Шоҳу тифлон ҳама шуданд озод.
Ӯ гирифтор монд дар мактаб
Бо даруне сияҳтар аз дили шаб.

**Ҳоли Гадо ба вақти шаб**
**дар ҷудоии Шоҳзода**

Чун шаби тира дар миён омад,
Дили дарвеш дар фиғон омад,
Ки: Дили шаб чаро зи меҳр тиҳист?
Тира шуд рӯзам, ин чӣ рӯсияҳист?
Чӣ шуд, оё гирифт моҳ имшаб?
Бошад аз дуди дил сиёҳ имшаб.
Ҳеч шаб инчунин сиёҳ набуд,
Гӯӣ имшаб чароғи моҳ набуд.
Шуд пур аз дуд гунбади гардун,
Равзане нест, то равад берун.

Ҳама рӯи замин сиёҳ шуд, оҳ!
Ки нишастам дигар ба хоки сиёҳ.
Ҷони ширин расид бар лаби ман,
Сад шаби дигарону як шаби ман.
Балки ин сад шаб аст, нест шаке,
Ки ба хунам ҳама шуданд яке.
Ваҳ, ки хуршед рӯ ба раҳ карда,
Рафтаву рӯзи ман сияҳ карда.
Осмон воқиф аст аз ғами ман,
Ки сияҳпӯш шуд ба мотами ман.
Субҳ аз ман намекунад ёде,
Охир, эй мурғи субҳ, фарёде!
Кӯс имшаб ғирев кам дорад,
З-оби чашмам магар ки нам дорад?
Қумрӣ аз бонги субҳ лаб барбаст,
То шуд аз нолаам фиғонаш паст.
Дидаҳо бар ситора то дами субҳ,
Чун шафақ мегирист аз ғами субҳ.

**Ҳолоти Шоҳу Гадо дар мактаб**

Субҳдам, к-аз насими меҳрафрӯз
Дур шуд турраи шаб аз рухи рӯз,
Шуст даврон зи оби чашмаи меҳр
Зулмати шаб зи коргоҳи сипеҳр,
Сӯхт бар миҷмари сипеҳри баланд
З-оташи меҳр донаҳои сипанд.
Офтоб аз фалак ҳувайдо шуд,
Қатраҳо рехт, чашма пайдо шуд.
Меҳр аз чархи нилгун сар зад,
Юсуф аз оби Нил сар барзад.

Оташи мӯсавӣ ба Тур омад,
Зулмати шаб бирафт, нур омад.
Баъди зулмат бар ин баланд айвон
Рӯй бинмуд чашмаи ҳайвон.
Шаҳ, ки сад нозу ишва дар сар дошт,
Ногаҳ аз хоби ноз сар бардошт.
Аз гиребони ноз сар бар кард,
Сар бароварду фитнаро сар кард.
Ҳам кулаҳ кaҷ ниҳод бар сари хеш,
Ҳам қабо чуст кард дар бари хеш.
Ҳалқаи зулф сохт зевари гӯш,
Чини кокул фиканд бар сари дӯш.
Бар миён ҳамчу мӯй баст камар,
Сад камарбастаро шикаст камар.
Қад барафрохт ҳамчу умри дароз,
Сӯи мактаб қадам ниҳод ба ноз.
Чашми дарвеши мустаманд ба роҳ,
Гуҳарафшон барои макдами шоҳ.
Ногаҳ он сарви ноз пайдо шуд,
Фитнаи рафта боз пайдо шуд.
Чун бидид он ҷамолу зебоӣ,
Кард бунёд ношикебоӣ.
Дилу ҷонаш дар изтироб афтод,
Масти бехуд шуду хароб афтод.
Дам ба дам ҳоли ӯ дигаргун шуд,
Ман чӣ гӯям, ки ҳоли ӯ чун шуд?
Шоҳ чун дид беқарории ӯ,
Дар дилаш кор кард зории ӯ.
Пеши ӯ рафту гуфт: Ҳоли ту чист?
Дар чӣ андешаӣ, хаёли ту чист?
Соате бо гадои худ бинишаст,
Рафт он гаҳ, ба ҷои худ бинишаст.

Ҷой дар пешгоҳи хона гирифт,
В-он гадо ҷо бар остона гирифт.
Баски буданд ҳар ду моили ҳам,
Ҷо гирифтанд дар муқобили ҳам.
Чашм бар чашму дида бар дида,
Ҳар замон сӯи якдигар дида.

**Дар фусунсозии Шаҳзода ба муаллим ба ҷиҳати дилдории Дарвеш**

Шоҳ чун дар гадо назар мекард,
Меҳри ӯ дар дилаш асар мекард.
Хост, то пеши хештан хонад,
Гуфт: Дарвеш пеши ман хонад.
Кас нагӯяд ба ғайри ман сабақаш,
Нанависад каси дигар варақаш.
Ҳар кӣ бар ҳарфи ӯ ниҳад ангушт,
Кунам ангушти ӯ бурун аз мушт.
Ҳар кӣ бар лавҳи ӯ рақам созад,
Теғи ман дасти ӯ қалам созад.
Баъд аз ин гуфтугӯ ба пешаш хонд,
Сохт тақриб, назди хешаш хонд.
Баҳри таълим чун такаллум кард,
Ошиқ аз шавқ дасту по гум кард.
Дол мегуфт, ӯ алиф мехост,
Ки яке буд пеши ӯ каҷу рост.
Шоҳ з-он ҳеч барнамеошуфт,
Нарм-нармак ба ӯ сабақ мегуфт.
Шоҳу дарвеш дӯст мебояд,
То аз ӯ оламе биёсояд.
Хоса шоҳони мулки дин, яъне
Подшоҳони сурату маънӣ.

Оҳ аз ин кофарони сангиндил,
Ки балои диланду мискиндил,
Ҳар замон фитнае барангезанд,
Бе гунаҳ хуни ошиқон резанд.
Ҳар нафас оташе барафрӯзанд,
Бесабаб ҷони бедилон сӯзанд.
Шаҳсаворони арсаи ҷонҳо
Офати ақлҳову имонҳо.

**Ҳоли ишқи Шоҳзода бо Гадо**

Боз чун зулмати шаб омад пеш,
Мубталои фироқ шуд дарвеш.
Бомдодон ки тифли ин мактаб
Сафҳаро шуст аз сиёҳии шаб,
Осмон зад ба расми ҳаррӯза
Қалами зар ба лавҳи фирӯза,
Аҳли мактаб зи хоб барҷастанд,
Ба хаёли сабақ миён бастанд.
Бо қади ҳамчу сарву рӯи чу моҳ
Ҳама ҷамъ омаданд, ғайр аз шоҳ.
Дили дарвеш ҳеч аз он нашкуфт,
Ҳар дам оҳиста зери лаб мегуфт:
Ҳама ҳастанд, ёр нест, чӣ суд?
Сарви ман нест дар канор, чӣ суд?
Ёр мебояду намеояд,
Ғайр меояду намебояд.
Буд шаҳзодаро яке ҳамзод,
Ки зи модар ба шакли ӯ кам зод.
Воқиф аз ҳоли шоҳ дар ҳама ҳол,
Ҳамдаму ҳамнишини ӯ маҳу сол.

Чун басе беқарор шуд дарвеш,
Гуфт бо ӯ зи беқарории хеш,
Ки: Чаро дер кард шоҳ имрӯз?
Сохт рӯзи маро сиёҳ имрӯз.
Офтоби маро чӣ омад пеш,
Ки наёмад бурун зи хонаи хеш?
Бурда хоби сабӯҳ аз дасташ,
Ё маи ноз карда сармасташ?
То саҳаргаҳ нишаста буд магар?
В-арна то чошт чист хоби саҳар?
Буд дар гуфтугӯ, ки омад шоҳ,
Шуд зи гуфтушунудашон огоҳ.
Рашкаш омад, ки ошиқи нигарон
Нигарон аст ҷониби дигарон.
Чашми ошиқ ба ёр бояду бас,
Ошиқӣ кай равост пеши ду кас?
Гуфт: Ҳай, ҳай, аҷаб хато кардам,
Ки ба ин булхавас вафо кардам!
Гар вафое дар ин гадо будӣ,
Инчунин дарбадар чаро будӣ?
Дар саги дарбадар вафо набувад,
Дарбадар худ ба ҷуз гадо набувад.
Банда чун кард бандагии касе,
Нахарандаш, ки гаштааст басе.
Гаҳ ба хамзоди худ барошуфтӣ,
Ба сад ошуфтагӣ ба ӯ гуфтӣ:
Майли иллат чу нест беш аз ман,
Пас, чаро омадӣ ту пеш аз ман?
Гоҳ аз мактабаш бурун кардӣ,
Ҷигарашро ба таъна хун кардӣ,
Ки ба мактаб дигар маё бо ман,
Ё ту ой дар ин тараф, ё ман!

Гаҳ қаламро ба хок афкандӣ,
Гаҳ варақро зи якдигар кандӣ.
Кардӣ изҳор рашку ғайрати хеш,
Рашки хубон бувад зи ошиқ беш.
Сафҳаро пеши рӯй овардӣ,
Чеҳраи хешро ниҳон кардӣ.
Фитнаи аҳли ҳусн дар олам
Бар сари ошиқон бувад мотам.
Шоҳ дар фикри кори дарвеш аст,
Хоҷаро майли бандаи хеш аст.
Гар сипоҳе ба шоҳи худ нозад,
Шоҳ ҳам бар сипоҳи худ нозад.
Аз хиҷолат халок шуд дарвеш,
Гуфт: Розӣ шудам ба мурдани хеш.
Ҷонгудоз аст нотавонии ман,
Марг беҳтар зи зиндагонии ман!
Оҳ аз ин толиъе ки ман дорам,
Гиря аз бахти хештан дорам.
Шӯхи ман гарчи нуктадон афтод,
Лек бисёр бадгумон афтод.
Хостам сӯи гавҳар орам даст,
Дастам аз санги ҳодисот шикаст.
Умр мехостам зи оби ҳаёт,
Ташна мурдам зи шавқ дар зулумот.
Шоҳи ширинзабони шаккарлаб
Бори дигар чу рафт аз мактаб,
Хонд ҳамзодро ба хидмати хеш,
Ки: Чӣ мегуфт бо ту он дарвеш?
Қиссаро пеши шоҳ кард баён,
Ба тариқе, ки ҳол гашт аён.
Ёфт шаҳ аз адои он таскин,
Баст дил дар вафои он мискин.

Ку расуле, ки аз барои Худо
Ҳоли ман ҳам кунад ба шоҳ адо?
То дигар қисса ин гадо накунад,
Банд-бандам зи ҳам ҷудо накунад.

## Ифшои рози ишқ ва маломати авом

Боз чун меҳр аз фалак сар зад,
Шоҳ аз хоби ноз сар барзад.
Дил пур аз меҳру лаб пур аз ханда,
Аз итоби гузашта шарманда.
Пеши дарвеш ҳамчу гул бишукуфт,
Рафт дар ханда ҳамчу ғунчаву гуфт:
Пас аз ин беҳ, ки мо ба ҳам бошем,
Ҳар ду-шоҳу гадо ба ҳам бошем.
З-он ки шоҳу гадо ба хам гӯянд,
Бе гадо номи шоҳ кам гӯянд.
Номи шоҳу гадо ба ҳам гиранд,
Бе гадо номи шоҳ кам гиранд.
Иззати сарварон зи дарвешист,
Фахри пайғамбарон зи дарвешист.
Ҳама шоҳон гадои дарвешанд,
Дар паноҳи дуои дарвешанд.
Шоҳ чун лутф кардияш аз пеш,
Майли дарвеш гашт беш аз пеш.
Чанд рӯзе чу дар миён бигзашт,
Ҳоли дарвеш з-ину он бигзашт.

## Хабардор шудани мардум аз ҳоли дарвеш ва пайдо шудани рақиби кофаркеши бадандеш

Аҳли мактаб шуданд воқифи ҳол,
Гуфтугӯ шуд миёнаи атфол.
З-ин ҳикоят ба ҳам хабар гуфтанд,
Ин суханро ба якдигар гуфтанд.
Тифлакон ҷумла шӯху ҳилагаранд,
Ҳамчу тифлони ашк пардадаранд.
Гар касе пеши тифл гӯяд роз,
Рози ӯро ба ғайр гӯяд боз.
Оқибат ташти ӯ зи бом афтод,
Ин садо дар миёни ом афтод.
Ҳама ҷо ин фасона пайдо шуд,
Айбҷӯро баҳона пайдо шуд.
Пандгӯён маломаташ карданд,
Ба маломат аломаташ карданд.
Дар раҳи ишқ ҷуз маломат нест,
Ошиқӣ кӯчаи саломат нест.
Дил гирфтори ин маломат бод,
В-аз ғами офият саломат бод!

## Рондани кӯтвол гадоро аз мактаб ба рақобати худ

Ҳеч ҷо дар ҷаҳон ҳабибе нест,
Ки ба дунболи ӯ рақибе нест.
Мардумон то ҳабиб мегӯянд,
Дар баробар рақиб мегӯянд.
То касе ҷон ба он ҷаҳон набарад,
Аз балои рақиб ҷон набарад.

Шоҳро сангдил рақибе буд,
Як зи инсоф бенасибе буд.
Кори ӯ заҳри чашм буд аз қаҳр,
Косаи чашми у чу косаи заҳр.
Ба газаб тез карда хӯяшро,
Ханда ҳаргиз надида руяшро.
Муҳри озори халқ дар мушташ,
Шакли каждум гирифта ангушташ.
Ҳар кӣ сарпанҷае чунин дорад,
Мушти каждум дар остин дорад.
Бо вуҷуди чунин тситезаву қаҳр
Мири бозор буду шаҳнаи шаҳр.
Ҳукм бар хосу ом буд ӯро,
Ихтиёри тамом буд ӯро.
Сифларо ҳаргиз эътибор мабод,
Муддаӣ соҳибихтиёр мабод!
Ҳосили қисса он ки он бадкеш
Гашт воқиф зи қиссаи дарвеш.
Ҳамчу саг тунд шуд ба қасди гадо,
То аз он остон-ш сохт ҷудо.
Он гадоро чу ронд аз дари шоҳ,
Муддате менишаст бар сари роҳ.
Аз сари роҳ низ монеъ шуд,
Саъйи дарвеш ҷумла зоеъ шуд.
Ғайр аз инаш намонд ҳеч раҳе,
Ки равад шаб ба кӯи дӯст гаҳе.
Кард бечора инчунин тадбир,
Ки равад шаб ба кӯи ӯ шабгир.
Рози ӯ чун ба рӯи рӯз афтод,
Шаби торик дилфурӯз афтод.
Пардаи сад ҳазор айб шаб аст,
Яке аз пардаҳои ғайб шаб аст.

Шаб ки сар барзанад зи сар зулумот,
Дар сиёҳӣ намояд оби ҳаёт.
Нури меъроҷ дар дили шаб тофт,
Мустафо ончи ёфт, дар шаб ёфт.

**Рафтани гадо ба шаб бар дари шоҳзода**

Як шаб алқисса рӯ ба шоҳ овард,
Рӯ ба шоҳи ҷаҳонпаноҳ овард.
Бо тани зору синаи ғамнок,
Дили маҷрӯҳу дидаи намнок
Ҳар қадар рӯ ба хок мемолид,
Аз дили дарднок менолид.
Ҳар дам оҳе кашидӣ аз дили танг,
То аз он оҳ сӯхтӣ дили санг.
Аз ғами дил ба сина санг задӣ,
Бо дил аз кина табли ҷанг задӣ.
Рух бар он хоки остон судӣ,
Остонро зи бӯса фарсудӣ.
Гуфтӣ: Ин остона муҳтарам аст,
Саги ин кӯй оҳуи ҳарам аст.
Ҳар кӣ ӯ раҳ бад-ин тараф дорад,
Пои ӯ бар сарам шараф дорад.
Бар дари шоҳ дид шерсаге,
Саг нагӯям, паланги тезтаге.
Доғи меҳру вафо нишонии ӯ,
Хоби мардум зи посбонии ӯ.
Гуфташ: Эй сарвари вафодорон,
Дар вафо беҳтар аз ҳама ёрон!
Гуфт: Эй аз маи вафо сармаст,
Рӯзу шаб ҳеч хӯрду хобат ҳаст?

Риштаи дӯстист ҳар раги ту,
Ту саги кӯи ёру ман саги ту.
Панҷаву нохунат ба хуни шикор
Сурх ҳамчун гул асту тез чу хор.
Дасти ту дар ҳиност гулдаста,
Гули сурх он кафи ҳинобаста.
Кафи пои туrост нақши нигин,
Дар нигини ту ҷумла рӯи замин.
Борҳо сайди фарбиҳ овардӣ,
Худ қаноат ба устухон кардӣ.
Ҳаст шакли думи ту қуллобе,
Ки маро мекашад ба ҳар бобе.
Шабравоне, ки қалбу ҳилагаранд,
Аз ту шаб то ба рӯз барҳазаранд.
Гиря карду зи дида обаш дод,
В-аз дили хунчакон кабобаш дод.

## Нолидани дарвеш дар кӯи шоҳ

Он шаб офоқ ҳамчу гулшан буд,
Шаб набуд он, ки рӯзи равшан буд.
Фалак аз офтобу бадри мунир
Қадаҳе буд пур зи шаккару шир.
Моҳ чун косаи панир шуда,
Кӯчаҳо ҳамчу ҷӯи шир шуда.
Соя зулмат фиканда бар сари нур,
Рехта мушки ноб бар кофур.
Дар чаман сояҳои барги чинор
Чун сияҳкарда панҷаҳои нигор.
Сояи барги бед гоҳи шамол
Рост чун моҳиён дар оби зулол.

Буд моҳи фалак тамом он шаб,
Шоҳро шуд ҳавои бом он шаб.
Шаби маҳтоб тарфи бом хуш аст,
Ҷилваҳои маҳи тамом хуш аст.

**Дидори шоҳ аз бом дар шаби моҳи равшан**

Омаду ҷо гирифт бар лаби бом,
Рӯй бинмуд ҳамчу моҳи тамом.
Омаду бар канори бом нишаст,
Дид дарвешро, ки рафта зи даст.
Рух ба хуноби дида мешӯяд,
Бо дили ғамкашида мегӯяд:
Корам аз даст шуд, чӣ кор аст ин?
Аллаҳ-Аллаҳ, чӣ кору бор аст ин?
Оҳ аз ин бахту толиъе, ки марост,
Вой аз ин умри зоиъе, ки марост!
То ба кай сина пора-пора кунам?
Вои ман, вои ман, чӣ чора кунам?
Чок-чок аст дил ба ханҷару теғ,
Ҳайф, ҳайф аз дилам, дареғ, дареғ!
Ман киям? Он ки шамъи базм афрӯхт,
Шуълае ҷасту хонаамро сӯхт.
Ман киям? Он ки оби ҳайвон ҷуст,
Бар лаби чашма даст аз ҷон шуст.
Ман киям? Он ки ранҷи ҳиҷрон бурд,
Сер нодида рӯи ҷонон, мурд.
Нест ғайр аз висоли ӯ ҳавасам,
Оҳ, гар ман ба васли ӯ нарасам!
Гар намирам дар ин ҳавас фардо,
Кори ман мушкил аст пасфардо.

Шоҳ чун гӯш кард зории ӯ,
Баҳри таскини беқарории ӯ
Гуфт: Бархезу изтироб макун,
Ғами фардо махур, шитоб макун,
З-он ки ман баъд аз ин чи субҳу чи шом
Ояму ҷо кунам ба гӯшаи бом.
Бар лаби боми қаср биншинам,
То гурӯҳи кабӯтарон бинам.
Ту ҳам аз дур сӯи ман мебин,
Дару девори кӯи ман мебин.
Эй хуш он дам, ки дӯст дӯст шавад,
Ёри он кас ки ёри ӯст, шавад.
Рӯи худ оварад ба ҷониби дӯст,
Толиби ӯ шавад, ки толиби ӯст.
Ишқ бо ёри дилнавоз хуш аст,
Балки маъшуқи ишқбоз хуш аст.

**Дар сифати кабӯтарбозии шоҳ**
**ва наззора кардани дарвеш**

Субҳ чун рехт донаи анҷум,
Осмон гашт тиру машъала дум.
Бози сабзошёни зарринпар
Кард оҳанги чарх бори дигар.
Сӯи боми кабӯтар омад шоҳ,
Бар фарози фалак баромад моҳ.
Турфа боме, чунон ки боми фалак,
Хайл-хайли кабӯтарон чу малак.
Дар паридан баланд пояи ӯ,
Чун ҳумо арҷманд сояи ӯ.
Қадаҳи оби ӯ зи чашмаи меҳр,
Арзанаш аз ситораҳои сипеҳр.

То магар шаҳ ба даст гирад, най
Баста аз ҷон камар ба хидмати вай.
Шоҳу болои сар кабӯтари ӯ,
Чун Сулаймону мурғ бар сари ӯ.
Ҳар замон гашта бар сараш ҷамъе
Ҳамчу парвона бар сари шамъе.
Пайкари ҳар як аз латофати пар
Нозанин луъбате парипайкар.
Ҳар нигорини ӯ нигоре буд,
Ҳар сафедаш суманъизоре буд.
Доғҳо мушкфому анбарбӯй,
Чун сари наварӯси мушкинмӯй.
Чинияш бас ки нозанинӣ дошт,
Сурати луъбатони чинӣ дошт.
Баски бағдодияш накӯ афтод,
Турфатар шуд зи турфаи Бағдод.
Сояҳои кабӯтарони дуранг
Бар замин нақш карда шакли паланг.
Ҳама бар гирди шоҳ тавфкунон,
Ҳама дар печутобу чархзанон.
Чун ба дастури худ кабӯтарбоз
Ба даҳону ба даст кард овоз,
Сӯи гардун ба як замон рафтанд,
Ҳамчу Парвин ба осмон рафтанд.
Шоҳ барҷасту най гирифт ба даст,
Наърае чанд зад баланд, на паст.
Ғараз он дошт шоҳи некандеш,
Ки хабардор гардад он дарвеш.
Рӯи худ сӯи қасри шоҳ кунад,
Ҷониби моҳи худ нигоҳ кунад.
Чашми ӯ худ ба ҷониби шаҳ буд,
З-он ҳама кору бор огаҳ буд.

Аз дилу ҷон дуои шаҳ мегуфт,
Гаҳ назар менамуду гаҳ мегуфт:
Эй дили ман фитода дар домат,
Мурғи ҷонам кабӯтари бомат.
Кош ман ҳам кабӯтаре будам,
Соҳиби болею паре будам,
То бар он гирди бом мегаштам,
Бар сарат субҳу шом мегаштам.
Танам ин ҷо асири қайд шуда,
Дил ба он бом рафта, сайд шуда.
Кӯи ту ҳамчу Каъба муҳтарам аст,
Мурғи бомат кабӯтари ҳарам аст.
Аз дилам хост дуду оташи оҳ,
Гашт хайли кабӯтари ту сиёҳ.
Баски аз дида рехт ашки умед,
Хайли дигар аз ӯ шуданд сафед.
Ҷигариҳои худ, ки менигарӣ,
Ҳама аз хуни дил шуда ҷигарӣ.
Маст чун булбуланду сурх чу гул,
Гӯиё ҳам гуланду ҳам булбул.
Ранги эшон зи ашки оли ман аст,
Пари ҳар як гувоҳи ҳоли ман аст.
Чист чашми кабӯтарат пурхун?
Аз чӣ рӯ гашт пои ӯ гулгун?
Ҳоли ман диду дида пурхун шуд,
По ба хуноби дида гулгун шуд.
Ӯ дар ин ҳолу шоҳ бар лаби бом
Бо рухи ҳамчу моҳ карда қиём,
То чу аз дур бинад он мискин,
Шавад ӯро зи диданаш таскин.
Буд дар айни ишқбозии хеш
Воқиф аз ишқбозии дарвеш.

Шоҳ то ишқбозие накунад,
Бо гадо дилнавозие накунад.

## Сари роҳ гирифтани рақиб дарвешро

Чанд рӯзе, ки шоҳзодаи аср
Омаду ҷо гирифт бар лаби қаср,
Он гадо рӯ ба қасри шаҳ мекард,
Бар дару боми ӯ нигаҳ мекард.
Ба ҳавои шаҳу назораи бом
Монд сар дар ҳаво саҳар то шом.
Ҷуз ба сӯи ҳаво наменигарист,
Ҳеч бар пушти по наменигарист.
Дар ҳаво баски буд волиҳу маст,
Халқ гуфтандаш офтобпараст.
То ба ҷое расид гуфтушунуфт,
Ки рақиб он шуниду бо вай гуфт:
Ин гадо аз Худой навмед аст,
Қиблаи ӯ ҷамоли хуршед аст.
Кофар асту зи аҳли имон нест,
Куфр меварзаду мусулмон нест.
Хӯрд дарвеши бегунаҳ савганд
Ба Худое, ки ҳаст бемонанд.
Ӯст хуршеду ишқ лоиқи ӯст,
Ҳама зарроти кавн ошиқи ӯст.
Пеши хуршеди ӯ ҳиҷобе нест,
Ғайри ӯ ҳеч офтобе нест.
Шуд муайян миёни душману дӯст,
Ки ба олам худопараст худ ӯст.
Боз худро ба кӯи шоҳ афканд,
В-аз кафи хасм дар паноҳ афканд.

Лек тифлони кӯчаву бозор
Бозҷустандаш аз паи озор.
Ҳар тараф мешуданд санг ба даст,
Ки: Куҷо рафт офтобпараст?
Ҳар кӣ кардӣ ба он тараф оҳанг,
То занад бар гадои мискин санг,
Санг аз он остони шаҳ кандӣ,
Бурдию худ ба сӯяш афкандӣ.
Гуфт: Аз санг бинам озоре,
Санги он остон бувад ёре.
Бас ки тифлон заданд санг бар ӯ,
Арсаи шаҳр гашт танг бар ӯ.
Ба зарурат зи шаҳр берун ҷаст,
Кунҷи вайронае гирифту нишаст.
Чун ба вайрона сохт маскани хеш,
Пираҳан чок кард бар тани хеш,
Ки: Мани мурда пираҳан чӣ кунам?
Мурда гар нестам, кафан чӣ кунам?
Ҳар замон хок рехт бар сару тан,
К-ин чӣ умр аст, хок бар сари ман!
Як сари мӯ накост нохуни хеш,
Хост нохун занад ба синаи реш.
Мӯи жӯлидаро гузошт ба сар,
Балки мӯе зи сар надошт хабар.
Бо худ аз бехудӣ сухан мекард,
Гила аз бахти хештан мекард,
Ки: Расондӣ сарам ба чархи барин,
Бозам аз осмон задӣ ба замин.
Гар ба ман лаҳзае вафо кардӣ,
Ҳам дар он лаҳза сад ҷафо кардӣ.
Ҳадди ҷавру ҷафо ҳамин бошад?
Боракаллаҳ, вафо ҳамин бошад!

## Ҷастани кабӯтари шоҳ бар дарвеш ва нома навиштан ба боли ӯ

Буд шаҳро кабӯтаре, ки фалак
На парӣ дид мисли ӯ, на малак.
Дар паридан баланд пояи ӯ,
Чун ҳумой арҷманд сояи ӯ.
Қумрӣ аз баҳри бандагӣ кадан
Пеши ӯ рафта тавқ бар гардан.
Ҳалқаи чашми бозро канда,
Зираҳи зар ба пояш афканда.
Карда парвоз то маҳу анҷум,
Дум ҳама судаву шуда ҳама дум.
Рӯзе он ҳудҳуди ҳумоюнфар
Баски мезад ба гирди гардун пар,
Аз сари қасри шоҳ дур афтод,
Андак-андак зи роҳ дур афтод.
Баъд аз он к-аз ҳаво фуруд омад,
Бар сари он гадо фуруд омад.
Сари ӯ суд бар сипеҳри баланд,
Ки ба фарқаш ҳумой соя фиканд.
Гуфт: Фарқи ман ошёнаи туст,
Қатраи ашкам обу донаи туст.
Он кабӯтар ба фарқи он маҳзун
Буд чун мурғ бар сари Маҷнун.
Оташин оҳро ҳамеафрӯхт,
Ки чу парвона боли ӯ месӯхт.
Баъд аз он даст бурд сӯи қалам,
То кунад ҳасби ҳоли хеш рақам.
Шарҳи бемеҳрии замона кунад,
Нома бинвисаду равона кунад.

Қиссаи меҳнати фироқ навишт,
Шарҳи ғамҳои иштиёқ навишт.
Ҳар гаҳ аз сӯзи дил рақам мезад,
Оташ андар наи қалам мезад.
Чун навишт аз рақибу аз ситамаш,
Нома дар печутоб шуд зи ғамаш.
Номаро бар пари кабӯтар баст,
Пари дигар ба боли ӯ барбаст.
Раҳ намудаш ба сӯи манзари шоҳ,
Кард парвозу рафт то бари шоҳ.
Мурғи рӯҳаш парид аз сари ӯ,
То парад ҳамраҳи кабӯтари ӯ.
Шоҳ чун хонд арзи ҳоли гадо,
Гуфт, к-аз ҳар тараф кунанд нидо,
К-ин ҳама халқи бешумораи шаҳр
Ҷамъ гарданд бар канораи шаҳр.
Сӯи майдон баранд тиру камон,
Ба тамошо раванд пиру ҷавон.
Ҳар гурӯҳе нишонае созанд,
Тири худ бар нишона андозанд.
Ҳар кӣ дар ҳукми мо кунад тақсир,
Хештанро кунад нишонаи тир.
Чун расид ин нидо ба гӯши гадо,
Хост, то ҷон кунад зи шавқ фидо.
Рафту ҷо бар канори майдон кард,
Шаҳ дигар рӯз азми майдон кард.
Ҳар кӣ бемории фироқ кашид,
Оқибат шарбати висол чашид.
Ҳар кӣ ғамгин дар интизор нишаст,
Шодмон дар ҳарими ёр нишаст.

**Рафтани шоҳзода ба майдон**

Рӯзи дигар, ки офтоби мунир
Ҳама рӯи замин гирифт ба зер,
Гарм шуд зарра-зарра оташи меҳр,
Заррааш тир шуд, камон-ш сипеҳр.
Шаҳ камар басту азми майдон кард,
Майли тиру камону ҷавлон кард.
Гуфт, то маркабе гузин карданд,
Зини зар хостанду зин карданд.
Ваҳ, чӣ маркаб, ки барқею боде,
Турфа девонае, паризоде.
Хушхироме зи об нозуктар,
Тезгоме зи бод чобуктар.
Наварӯсе зи ноз ҷилвакунон,
Чун ду мӯй аз қафо фиканда инон.
Тезии гӯшу нармии кокул
Ханҷари беду дастаи сунбул.
Тезрав буд ҳамчу умр басе,
Хабар аз рафтанаш надошт касе.
Қоф то Қоф даври ҳафт иқлим
Пеши ӯ тангтар зи ҳалқаи мим.
Гар равад сӯи ҳафтаи рафта,
Бигзарад аз қатори ин ҳафта.
Шоҳ чун майли аспи тозӣ кард,
Маркаб аз шавқ ҷасту бозӣ кард.
Ёфт аз мақдамаш рикоб шараф,
Ӯ чу бадру маҳи нав аз ду тараф.
Халқ ҳар сӯ давон, ки: Шоҳ расид,
Оби ҳайвон зи гарди роҳ расид.
Чун ба майдон расид шоҳу сипоҳ,
Меҳри дарвеш тофт дар дили шоҳ.

Сохт тақриб сайру ҷавлонро,
Баҳри ӯ гирд гашт майдонро.
Дид дар гӯшае ватан карда,
Чок дар ҷайби пираҳан карда.
Сафҳаи синаро харошида,
Нақши ғайр аз варақ тарошида.
Пираҳан чок карда дар баданаш,
Ҳамчу торе зи ҷайби пираҳанаш.
Тани торею изтироб дар ӯ,
Балки торею печутоб дар ӯ.
Синааш кӯҳи меҳнату андӯҳ,
Чашмаш аз гиря чашма бар сари кӯҳ.
Мижаҳо гирди дидаи намнок
Бар лаби чашма чун хасу хошок.
Тори ришаш зи қатраҳо шуда пур,
Омада рост ҳамчу риштаи дур.
Рафта аз гард дар таҳи парда,
Рӯй дар пардаи адам карда.
Тифли ашк аз барои пардадарӣ
Бар рухи ӯ равон ба фитнагарӣ.
Чун назар бар ҷамоли шоҳ афканд,
Хештанро ба хоки роҳ афканд.
Шоҳ дарвешро чу ёфт чунон,
Ҷониби аҳли қабза тофт инон.
Хост дарвеш рӯи ӯ бинад,
Ӯ ҳам аз дур сӯи ӯ бинад.
Гуфт: З-он рӯ нишонае созанд,
Тири худ бар ишона андозанд.
Баски тир аз ҳаво камондорон
Бар замин рехтанд чун борон,
Мазраъе шуд канораи майдон,
Хӯшааш тиру донааш пайкон.

Рӯи шаҳ ҷониби ҳадаф будӣ,
Лек чашмаш бад-он тараф будӣ.
Чун ба сӯи нишона рӯ кардӣ,
Назаре ҳам ба сӯи ӯ кардӣ.

**Дар таърифи камони шоҳ гӯяд**

Бар сари дасти шаҳ камоне буд,
Ки маҳи нав аз ӯ нишоне буд.
Хам шуда ҳамчу абруи хубон,
Карда ҳар гӯша оламе қурбон.
Ҳамчу абрӯи ёр дархури зеҳ,
Лек дар гӯшаҳо фиканда гиреҳ.
Чун ҷавонон ба ҷанг хӯ карда,
Ҳамчу шерон ба ҳамла рӯ карда.
Гираҳ афканда бар сари абрӯ,
Маҳи идаш каманд бар бозу.
Аз камон дошт новаки хунрез,
Рост ҳамчун хаданги мижгон тез.
Ҳар кӣ ӯро кашида то сари дӯш,
Сарвқадде кашида дар оғӯш.
Дар тамошои қадди дилҷӯяш
Гӯшаи чашми мардумон сӯяш.
Дар раҳи дӯстон фитода ба хок,
Душманонро зи дур карда ҳалок.
Шоҳ дар илми қабза комил буд,
Чун камон сӯи тир моил буд.
Устухонро агар нишон кардӣ,
Тирро мағзи устухон кардӣ.
Мӯр агар омадӣ баробари тир,
Чашми ӯ дӯхтӣ зи як пари тир.

Чашмаш аз дӯхтан шудӣ чу фароз,
Бозаш аз захми тир кардӣ боз.
Шоҳ чун тир бар нишона кашид,
Он гадо оҳи ошиқона кашид.
Гуфт: Шоҳо, дилам нишони ту бод,
Раги ҷонам зиҳи камони ту бод!
Ҳалқаи дида бод зеҳгират,
То расад гоҳ-гоҳ бар тират.
Кош тират маро нишона кунад,
То ки ояд, ба сина хона кунад.
Тири най аз ту бар ҷигар хӯрдан
Хуштар ояд зи най шакар хӯрдан.
Наи тире, ки дар камон дорӣ,
Кош онро ба синаам корӣ.
Гар хаданге наёяд аз шастат,
Худ бигӯ, чун нанолам аз дастат?
То ҳадаф ғайри ин гадо кардӣ,
Қадарандози ман, хато кардӣ.
То туро устухон нишон шудааст,
Танам аз заъф устухон шудааст.
Мӯ шикофӣ ба чашми новакзан,
Мӯ агар мешикофӣ, инак ман!
Ҳеч ранҷе ба дасти ту марасод,
Чашмзахме ба шасти ту марасод!

**Мунозираи тиру камон бо якдигар**

Шоҳ тире ки бар камон пайваст,
Чун фикандаш, бар осмон пайваст.
Тир чун дид, к-аз ҷафои камон
Монд аз дастбӯси шоҳи ҷаҳон,
Бехуд афканд аз осмон худро,
Бар замин зад ҳамон замон худро.

Хештанро ба қасди ҷанг orост,
Ба камон гуфт: Эй каҷи норост!
Аз каҷӣ гаҳ бар оташат доранд,
Гоҳ андар кашокашат доранд.
Шарм дор аз қади шикастаи хеш,
В-аз миёни шикастабастаи хеш!
Пирию баҳри дастгирии ту
Қадди ман шуд асои пирии ту.
Ҳаст бе ман басе шикаст туро,
Ки нагирад касе ба даст туро.
Чун зи тиру камон сухан гӯянд,
Номи ту баъди номи ман гӯянд.
Пеши бозуи пурдилон нангӣ,
Бо вуҷуде ки сад мани сангӣ.
Ҷониби худ макаш ба зӯр маро,
З-он ки хоҳӣ фиканд дур маро.
Дорӣ аз дасти саркашӣ кардан
Тавқу занҷиру банд дар гардан.
Халқ пешат кашанд сад раҳ беш,
Ту ҳамон пас равӣ, наёӣ пеш.
Ин сифатҳо тариқи пирон нест,
Лоиқи таври гӯшагирон нест!

**Ҷавоб додани камон ба тир**
**ва сулҳ кардан**

Чун камон ин сухан шунид аз тир,
Бар дилаш захмҳо расид аз тир.
Гуфт: То кай шикасти пирии ман?
Бигзар аз таъни гӯшагирии ман,
Ки ту ҳам баъд аз он ки пир шавӣ,
Бишканӣ зуду гӯшагир шавӣ.

Хешро бар фалак мабар чандин,
Ба пари дигарон мапар чандин!
Ту зи паҳлӯи ман шикор кунӣ,
Корфармо манам, ту кор кунӣ.
Бар сари фитна дидаанд туро,
Арра бар сар кашидаанд туро.
Тирморию рост чун каждум
Ҳамаро неш мезанӣ аз дум.
Ҳар тараф к-аз ситез мегузарӣ,
Мезанӣ нешу тез мегузарӣ.
Борҳо бар нишона ҷо кардӣ,
Боз кач рафтию хато кардӣ.
Аҳли олам туро аз он созанд,
Ки бигиранду дурат андозанд.
Чун туро шоҳ мекунад партоб,
Ту чаро мешавӣ зи ман дар тоб?
Тир чун рост ёфт қавли камон,
Сулҳ карду зи ҷанг тофт инон.
Боз ақди мувофиқат бастанд,
Ба ҳам аз рӯи меҳр пайвастанд.
Ҳеч коре зи сулҳ беҳтар нест,
Бадтар аз ҷанг кори дигар нест.
Сулҳ бошад тариқи аҳли фалоҳ,
З-он ҷиҳат гуфтаанд сулҳу салоҳ.

**Воқиф шудани мардум аз ишқбозию дилдории дарвеш ва баҳона сохтани рақиб шикорро ба ҷиҳати ҷудоии онҳо**

Чанд рӯзе ки шоҳи банданавоз
Сӯи дарвеш ҷилва кард ба ноз,
Мардумон пай ба ҳоли ӯ бурданд,
Раҳ ба фикру хаёли ӯ бурданд.

Айбҷӯён ба айб рӯ карданд,
В-аз сари таъна гуфтугӯ карданд,
Ки: Чаро шоҳ бо гадо ёр аст?
Подшаҳро худ аз гадо ор аст.
Маснади шоҳу бӯриёи гадо?
Аллаҳ-Аллаҳ, куҷост то ба куҷо?
Аз гадо ишқи шоҳ лоиқ нест,
Балки ӯ муддаист, ошиқ нест.
Покбозон дуои шаҳ гуфтанд,
Дурри маънӣ дар ин сухан суфтанд,
Ки: Бад-ин сон шаҳи писандида
Кас надонисту балки нашнида.
Шоҳ гар бо гадо чунин бозад,
Ҳама касро гадои худ созад.
З-ин суханҳо рақиб воқиф шуд,
Табъи носози ӯ мухолиф шуд.
Аз ғазаб хуни ӯ ба ҷӯш омад,
Чун хуми бода дар хурӯш омад.
Гуфт: Агар хуни ин гадо резам,
Баҳри худ фитнае барангзам.
Шоҳ аз ин қисса гар хабар ёбад,
Рух зи ман то ба ҳашр метобад.
Гар бигӯям ба ӯ, гарон ояд,
В-ар нагӯям, дилам ба ҷон ояд.
Пас, ҳамон беҳ, ки ҳилае бикунам,
Шоҳро аз гадо ҷудо фиканам.

## Ҳила кардани рақиб ва хабардор намудани шоҳ гадоро

Рӯзи дигар, ки вақти майдон шуд,
Боз шаҳро ҳавои ҷавлон шуд.

Омаду кард ҳамъинонии ӯ,
Шуд мушарраф ба ҳамзабонии ӯ.
Гуфт: Шоҳо, расид фасли баҳор,
Муътадил шуд барои лайлу наҳор.
Ҳама рӯи замин гулистон шуд,
Мавсими боғу вақти бустон шуд.
Сабза аз барф шуд аён имрӯз,
Олами пир шуд ҷавон имрӯз.
Аз наистон ба кӯҳсор омад,
Боз обе ба рӯи кор омад.
Ҳеч донӣ, ки сел чун шудааст?
Аз сари кӯҳ сарнигун шудааст.
Сабза бар ҳар тараф фиканда бисот,
Бар замин по намерасад зи нишот.
Аз гуҳарҳои шабнаму жола
Шуд мурассаъ пиёлаи лола.
Жолаву лола аз сиёҳии доғ
Ошён карда зоғу байзаи зоғ.
Оҳуи маст лолаҳо хӯрда,
Ҳамчу мастон пиёлаҳо хӯрда.
Вақти он шуд, ки мо шикор кунем,
Азми саҳрову лолазор кунам.
Ҷоми гулранги лоларо бинем,
Чашми масти ғазоларо бинем.
Лоларо соғари шароб кунем,
Оҳуи мастро кабоб кунем.
Шуд муқаррар, ки чун шавад Наврӯз,
Шоҳи фаррух ба толиъе фирӯз
Азми гулгашти навбаҳор кунад,
Гаҳ хурад бода, гаҳ шикор кунад.
Боз чун шоҳ азми майдон кард,
Оламеро ҳалоки ҷавлон кард.

Меҳр чандон ки бар сипеҳр намуд,
Ба ҳаводори хеш меҳр намуд.
Чун бирафт офтоби оламгард,
Шоҳ ҳам майли бозгаштан кард.
Гуфт: Бо ин гадо чӣ кор кунам,
Ки хабардораш аз шикор кунам?
Ҳамраҳаш ҳар кӣ буд, ғофил сохт,
Ҷониби ӯ таковаре андохт.
Чун гадо дид ҷониби тираш,
Гашт огаҳ зи ҳусни тадбираш.
Гуфт: Донистам ин шикорӣ кист,
Маънии ин хадангкорӣ чист.
Бошад ин тир аз барои шикор,
Боз шуд шоҳро ҳавои шикор.
Сӯзи ишқе ки дошт, афзун шуд,
Сар ба саҳро ниҳоду маҷнун шуд.
Аз паи он ғазоли шершикор
Рафту бо оҳувон гирифт қарор.

**Рафтани дарвеш ба саҳро ва сокин шудан дар кӯҳе ва мунтазир буданаш ба мақдами шоҳ**

Буд кӯҳею булъаҷаб кӯҳе,
Кӯҳи дардею кони андӯҳе.
Теғ бар фарқи моҳу меҳр зада,
Санг бар шишаи сипеҳр зада.
Дили сахташ ба ошиқон дар ҷанг,
Аз паи ҷанг доманаш пурсанг.
Теғи ӯ баски халқро кушта,
Шуда аз кушта гирди ӯ пушта.

Дар баҳорон ки сел гулгун буд,
Сели ӯ оби чашми пурхун буд.
Гашт дарвеш бо ғаму андӯҳ
Ба сад андӯҳ сокини он кӯҳ.
Ҳар гаҳ аз ҳаҷри ёр нолидӣ,
Кӯҳ аз ин нола зор нолидӣ.
Нола бархостӣ зи ҳар санге,
Рафтӣ он нола то ба фарсанге.
Гиря чун кардӣ аз сари андӯҳ,
Даҷла хуни равон шудӣ аз кӯҳ.
Каллаи кӯҳ чашмасор шудӣ,
Домани дашт лолазор шудӣ.
Баски бо оҳувон қарор гирифт,
Унс бо ваҳши кӯҳсор гирифт.
Оҳувон роми ӯ шуданд ҳама,
Ӯ шубон гашту он гурӯҳ рама.

**Васфи ғазоли кӯҳӣ**

Дар сафи оҳувон ғазоле буд,
К-аш аҷаб нозанин ҷамоле буд.
Олам аз бӯи нофааш мушкин,
Пеши ӯ оҳуи Хутан мискин.
Шӯхчашме, ба ғамза шуъбадабоз,
Чашми шӯхаш тамом ишваву ноз.
Гӯйӣ он чашми шӯх дар бозӣ
Шӯхчашмест дар назарбозӣ.
Гарчи буданд оҳувон хайле,
Буд гадоро ба сӯи ӯ майле.
Ҳар дам аз мижжа ҷои ӯ меруфт,
Ҳар нафас дар ҳавои ӯ мегуфт:

Чашми ӯ чашми шоҳро монад,
Он балои сиёҳро монад.
Нофаи ӯ, ки мушки Чин дорад,
Бӯи он зулфи анбарин дорад.
Нафасаш мушкбор меояд,
З-он нафас бӯйи ёр меояд.
Ман саги оҳуе, ки ҳар нафасе
Хушдилам мекунад ба ёди касе.
Чун маро нест ранге аз рӯяш,
Лоҷарам шодмонам аз бӯяш.

**Базмороии лашкар ба шикор**

Чун зи баҳри нишоти наврӯзӣ
Шуд чаман пурбисоти фирӯзӣ,
Ғунчаву гул ба айш кӯшиданд,
Ҷомаи сурху сабз пӯшиданд.
Даҳани танги ғунча хандон шуд,
Жола дар вай фитоду дандон шуд.
Наргиси тар ба рӯйи лола фитод,
Чашми махмур бар пиёла фитод.
Ғунча аз рӯйи гул ниқоб андохт,
Булбулонро дар изтироб андохт.
Лола аз кӯҳ ошкоро шуд,
Лаъл аз санги хора пайдо шуд.
Барги савсан, ки сабзранг намуд,
Ханҷаре дар миёни занг намуд.
Лола оташ чу дар танӯр афрӯхт,
Қурсҳо дар таҳи танӯр бисӯхт.
Фохта болу пар зи ҳам бикшод,
Шона шуд баҳри тарраи шамшод.
Аз маи шавқ маст шуд булбул,
Чашми худ сурх кард ба рухи гул.

Сабза аз бас ки ришта бо ҳам бофт,
Чун сутурлоби сабз бар ҳам тофт.
Дар чунин вақту соате фаррух
Он саҳӣ сарвқомати гулрух
Чун ба азми шикор берун рафт,
Лашкари бешумор берун рафт.
Буд наздики шаҳр саҳрое,
Дури дуре, кушодапаҳное.
Хоки ӯ сар ба сар абиромез,
Боди ӯ дам ба дам нишотангез.
Сунбулу савсанаш ҳама хушранг,
Лолааш обдору оташранг.
Сурати ваҳшу тайри ӯ зебо,
Ҳама дилкаш чу нақш бар дебо.
Сабз мурғони ӯ зи сабзии пар,
Марғзоре тамом сабзаи тар.
Сабзааш хатти анбаринмӯён,
Лолааш орази накурӯён.
Шоҳ чун хайма зад дар он саҳро,
Гуфт к-аз ҳар тараф кунанд нидо.
Ваҳшиёнро тамом гирд кунанд,
Кори аҳли шикор вирд кунанд.
Халқ бар гирди сайд саф бастанд,
Рахнаҳоро зи ҳар тараф бастанд.
Чобукон теғро алам карданд,
Сайдро дасту по қалам карданд.
Сару шохи гавазн бишкастанд,
Гардани каркадан фурӯ бастанд.
Шуд нишони ханданг доғи паланг,
Доғҳоро фатила гашт ханданг.
Аз барои гурехтан нахчир
Пар баровард, лек аз пари тир.

Шер ҳар дам зи хашму кинаи хеш
Панҷа мезад, вале ба синаи реш.
Гӯр аз бас ки дид фитнаву шӯр,
Даҳанаш боз монд чун лаби гӯр.
Оҳу аз гиря чашми пурнам дошт,
Бар сари гӯри мурда мотам дошт.
Хоби харгӯш аз сари ӯ ҷаст,
Чашми худро дигар ба хоб набаст.
Рӯбаҳ аз ҳавли ҷон дар он ошӯб
Сохт дум дар раҳи сагон ҷорӯб.
Дар ҳаво ҳар парандае, ки парид,
Турке аз новакаш ба сих кашид.
Ҳар ғазоле, ки аз замин барҷаст,
Чобуке дар каманди пояш баст.

**Таоқуби шоҳзода ғазолро**
**ва расидани ҳар ду пеши гадо**

Он ғазоле, ки гуфта шуд з-ин пеш,
Ки ба ӯ унс дошт он дарвеш,
Дар ҳамон сайдгоҳ ҳозир буд,
Сӯйи ӯ чашми шоҳ нозир буд.
Орзу кард, то ба банд афтод,
Бе мададгор дар каманд афтод.
Дар шикораш касе мадад накунад,
Сайди ӯро ба номи х(в)ад накунад.
Чун пайи он ғазол маркаб тохт,
Хештанро зи саф бурун андохт.
Шаҳ ба дунболу он ғазол аз пеш,
Ҳар ду рафтанд то бари дарвеш.
Сайд пешаш ниҳод рӯйи ниёз,
Яъне, аз чанги ӯ халосам соз.

Шоҳ он ҳолро тамошо кард,
Эътиқоди азим пайдо кард.
Рафт наздики ӯ, зи по биншаст,
Шоҳ дар хидмати гадо биншаст.
Баски шаҳ чеҳра барфурӯхта буд,
Он гадо з-офтоб сӯхта буд.
Шоҳ аз ӯ, ӯ зи шоҳ ғофил буд,
Пардае дар миёна ҳоил буд.
Ҳар яке тез дид бо дигаре,
Дар тафаккур, ки ӯст ё дигаре?
Шаҳ бад-ӯ гуфт: Ин сифат, ки туро ст,
Инчунин нури маърифат, ки туро ст,
Ҳар чӣ гӯӣ, савоб хоҳад буд,
Даъватат мустаҷоб хоҳад буд.
Гар ба ҳиммат дуо кунӣ, чӣ шавад?
Ҳоҷатамро раво кунӣ, чӣ шавад?
Табъи дарвеш аз ин сухан ошуфт,
Оҳи сарде кашиду бо вай гуфт:
Гар дуо мустаҷоб доштаме,
Кай ғами беҳисоб доштаме?!
Шоҳро сӯйи ман гузар будӣ,
Бо ман он моҳро назар будӣ.
Шоҳ аз ӯ чун шунид ин суханон,
Ҷаст аз ҷойи хеш завқкунон.
Гуфташ: Эй бехабар, чӣ мегӯӣ?
Инак он шаҳ манам, ки меҷӯӣ.
Бар саририю шоҳ металабӣ?
Бар сипеҳрию моҳ металабӣ?
Ҷони дарвеш дар хурӯш омад,
Рафт аз ҳушу чун ба ҳуш омад,
Гуфт: Ҳаргиз намекунам бовар,
Ки шавад бахтам инчунин ёвар.

Лавҳашаллоҳ! Аз ин вафодорӣ,
Ин ба хоб аст ё ба бедорӣ?
Гар ба бедорӣ омадӣ ба назар,
Хоб бар ман ҳаром бод дигар!
В-ар ба хобам намудаӣ дидор,
Нашавам кош то абад бедор!
Гар ба рӯз аст, ин чӣ хуш рӯзест,
В-ар шаб аст ин, шаби дилафрӯзест!
Балки андешаву хаёл аст ин,
Ту куҷо? Ман куҷо? Муҳол аст ин.
Гарчи мехост шоҳи банданавоз,
Ки кашад муддати висол дароз,
Лек аз бими он ки хайлу сипоҳ
Ногаҳ он ҷо расанд дар пайи шоҳ,
Воқиф аз ҳоли он ду ёр шаванд,
Фитнаи рӯзу рӯзгор шаванд,
Зуд барҷасту рӯ ба манзил кард,
Чашми дарвеш хоки раҳ гил кард.
Монд мискин ба дидаи намнок,
Бо дили решу синаи ғамнок.
Шод гаштӣ, ки даст дод висол,
Боз ғамгин шудӣ, ки ёфт завол.
Бахти бад бин, ки ошиқи дарвеш
Баъди як нӯш мехӯрад сад неш.
Бар дилаш ҳеҷ роҳате нарасад,
К-аз пайи он ҷароҳате нарасад.

**Базморoии шоҳ ва назар кардани гадо**

Шаб, ки дар базмгоҳи миноранг
Зуҳра бо чанг рост кард оҳанг,
Бода аз сурхии шафақ карданд,
Ахтарон лаъл дар табақ карданд.

Шоҳро дил ба сӯйи бода кашид,
Бода бо маҳвашони сода кашид.
Баҳри ишрат нишаст дар ҷое,
К-он гадоро бувад тамошое.
Шоҳ дар базм бо ҳазор шукӯҳ,
Он гадо дар назора аз сари кӯҳ.
Маҷлис оростанду май хӯрданд,
Май ба овози чангу най хӯрданд.
Рӯи соқӣ зи бода гул-гул шуд,
Қул-қули шиша савти булбул шуд.
Шуд лаби гулрухон шароболуд
Ҳамчу барги гули гулоболуд.
Акси рух бар шароб афкананд,
Бар шафақ офтоб афкананд.
Лаби ширин ба бодаи заррин
Чу расонданд, гашт лаб ширин.
Хандаи шоҳидони шӯрангез
Гашт дар ҷоми бода шаккаррез.
Чашми соқӣ зи бода маст шуда,
Турки махмур майпараст шуда.
Аҳли маҷлис шукуфтаву хуррам,
Фориғ аз ҳар чӣ ҳаст дар олам.
Шишаи зуҳдро заданд ба санг,
Тори тасбеҳ шуд бирешими чанг.
Пурмаи лаъл шуд пиёлаи зар,
Гули раъно намуд пеши назар.
Шишаи софу он майи дилкаш
Чун дили софи ошиқон беғаш.
Духтари раз ба шиша манзил кард,
Гармхун буд, ҷой дар дил кард.
Шишаи май, ки пур зи хун афтод,
Дар дарун ҳар чӣ дошт, берун дод.

Мутриби софи андалебоҳанг
Сохт оҳангу чанг зад дар чанг.
Дигаре даф гирифт бехуду маст,
Ҳамчу тифлон навохт бар сари даст.
Най тиҳӣ монд аз ҳавову ҳавас,
З-он камар баст дар қабули нафас.
Ҳар нидо к-аз садои уд омад,
Чанг бишниду дар суҷуд омад.
Нола омад рубобро баму зер,
З-он ки бар вай камонча мезад тир.
Шакли қонун чу музтар омад рост,
Сафҳаи синааш ба нақш орост.
Аз барои фурӯғи маҷлиси шоҳ
Шамъу машъал шуданд зуҳраву моҳ.
Базм шаҳро чу шамъи гулшан кард,
Дид дарвешу дида равшан кард.
Шоҳ дар базм бо ҳазор шукӯҳ,
В-он гадоро назора аз сари кӯҳ.
То ба наздики базмгоҳ омад,
Баҳри наззора сӯи шоҳ омад.
Гуфт: Шояд ки дар фурӯғи чароғ
Бинам он шамъи базморо ба фароғ.
Чун муяссар набуд базми ҳузур,
Шод буд аз нигоҳи дуродур.
Гар касе ҷоми ишрате мехӯрд,
Ӯ ба сад рашк ҳасрате мехӯрд.
Мекашиданд май ба нағмаи най,
Он гадо оҳ мекашид аз пай.
Шоҳ бар лаб ниҳод ҷоми шароб,
Он гадо бе шароб масту хароб.
Шаҳ зи дасти ҳариф май мехӯрд,
Он гадо хун зи дасти вай мехӯрд.

Шоҳ дар лолазор хурраму х(в)аш,
Он гадо дар миёнаи оташ.
Шоҳ соғар гирифта аз сари айш,
В-он гадоро шикаста соғари айш.
Шоҳ мекард нӯшбода ба ком,
Он гадо талхкому заҳрошом.
Шоҳ чун рух зи бода меафрӯхт,
Он гадо з-оташи рухаш месӯхт.
Шоҳро завқу ҳолате, ки мапурс,
Он гадоро малолате, ки мапурс.
Он шаб, алқисса, то ба охири шаб
Маҷлиси айш буду базму тараб.
Оқибат кори хеш кард шароб,
Аҳли маҷлис шуданд масту хароб.
Боданӯшон зи бода маст шуданд,
Сар ба пойи қадаҳ зи даст шуданд.
Хоб чун рӯ ба он гурӯҳ ниҳод,
Боз дарвеш сар ба кӯҳ ниҳод.
Кӯҳ бо ошиқон ҳамовоз аст,
Пойдор аст, з-он сарафроз аст.
Ҳамчу нозукдилон зи ҷо наравад,
Муттасил бо ту гӯяду шунавад.

**Рафтани шоҳзода ба дидани дарвеш**

Рӯзи дигар, ки бо ҳазор шукӯҳ
Рух намуд офтоб аз сари кӯҳ,
Сар зад аз ҷайби кӯҳ чашмаи нур,
Шуд аён маънии таҷаллии Тур.
Шоҳ аз хоби субҳдам бархост,
Рух чу хуршеди чоштгаҳ орост.
Ба ҳавои хирому ҷилвагарӣ
Ҷониби кӯҳ шуд чун кабки дарӣ.

Бо ҳарифони дӯш кард хитоб,
Гуфт: Бетобам аз хумори шароб.
Ҳеҷ кас ҳамъинони ман нашавад,
Дар сухан ҳамзабони ман нашавад.
Шоҳ чун ин баҳона пеш овард,
Рӯ ба сӯи гадои хеш овард.
Маркаби ноз тохт бар сари ӯ,
Ҳамчу ҷон ҷо гирифт дар бари ӯ.
Назари лутф сӯйи ӯ бикшод,
Лаби ширин ба гуфтугӯ бикшод.
Гуфташ: Эй аз маи вафо сармаст,
Рӯзу шаб ҳеҷ хӯрду хобат ҳаст?
Гуфт: Сер омадам зи ғам хӯрдан,
Хоб бар ман ҳаром, ҷуз мурдан.
Боз гуфташ, ки рӯзу ҳоли ту чист?
Дар чӣ фикрӣ, шабу хиёли ту чист?
Гуфт: Рӯзам ду дида пурхун аст,
Ҳоли шабро чӣ гӯямат, чун аст?
Боз гуфташ, ки чун шаби сияҳ аст,
Дар шаби тира машъали ту маҳ аст.
Гуфт: Шаб то саҳар зи шуълаи оҳ
Ҳар дам оташ занам ба машъали моҳ.
Боз гуфташ, ки: Кист маҳрами ту,
То шавад гоҳ-гоҳ ҳамдами ту?
Гуфт: Ҷуз оҳи сард нест касе,
То ба ӯ ҳамнафас шавам нафасе.
Боз гуфташ, ки: Дар замири ту чист?
Ҳосили умри дилпазири ту чист?
Гуфт: Ғайр аз ту нест дар дили ман,
Ғайр аз ин худ мабод ҳосили ман!
Ҳамчунин ҳасби ҳол мегуфтанд,
Дар ҷавобу суол мегуфтанд.

Чун ба ҳам шарҳи рози худ карданд,
Арзи розу ниёзи худ карданд.
Шоҳро шуд ҳавои манзили хеш,
Монд дарвеши хаста бо дили реш.
Боз фардо шаҳи саодатманд
Сояи лутф бар гадо афканд.
Ҳамчунин чанд рӯз пай дар пай
Гузар афтод шоҳро бар вай.
Шоҳ чун сӯи ӯ гузашт басе,
Гуфт ин қисса бо рақиб касе.
Муддаӣ боз ҳилае ангехт,
Ки зи ҳам риштаи висол гусехт.
Рӯзи дигар рақиби душманрӯй
Рӯй бо шоҳ кард он бадхӯй.
Гуфт: Шоҳо, дигар баҳор гузашт,
Вақти саҳрову лолазор гузашт.
Чанд бинем ваҳши саҳроро?
Нест улфат ба ваҳшиён моро.
Ҷой дар шаҳр кун, ки он ҷо беҳ,
Саги шаҳр аз ғазоли саҳро беҳ.
Шаҳр бошад накӯтарини ҷаҳон,
Шаҳр бошад мақоми подшаҳон.
Ҷоҳи Юсуф зи Миср ҳосил шуд,
Мустафоро Мадина манзил шуд.
Дару девору кӯи шаҳр мудом
Соя афканда бар хосу авом.
Хонаҳо ҳамчу хонаи дида,
Манзили мардуми писандида.
Баски афсонаву фусун пардохт,
Шоҳро сӯи шаҳр моил сохт.
Боз дарвеш дар фироқ бимонд,
Дил пур аз дарду иштиёқ бимонд.

Рӯй дар ҳолате ғариб овард,
Ин бало бар сараш рақиб овард.
Ҳеч касро ғами рақиб мабод,
Дурӣ аз суҳбати ҳабиб мабод!
Нест мақсуди бекасони ғариб,
Ғайри васли ҳабибу марги рақиб.
Васли ҷонон бувад зи ҷон хуштар,
Лек марги рақиб аз он хуштар.

**Ба шаҳр омадани шаҳзода**

Бори дигар, ки хусрави анҷум
Саратонро гирифт дар қулзум,
Бас ҳавои тамуз гармӣ кард,
Оҳану санг рӯ ба нармӣ кард.
Рагу пай аз тафи самум гудохт,
Мағз дар устухон чу мум гудохт.
Оби дарё фитод аз каму кост,
То ба ҳадде, ки гард аз ӯ бархост.
Об гардид оҳан аз гармӣ,
Санг шуд ҳамчу мум аз нармӣ.
Бат, ки дар об дошт маскани хеш,
Буд бирён миёни равғани хеш.
Ҳар кӣ меронд тавсани саркаш,
Тавсанаш наъл дошт дар оташ.
Қимати ях чу нуқра гашт гарон,
Қаҳт шуд ҳамчу васли симбарон.
Шаб зи гармӣ маҳи ҷаҳонафрӯз
Гашт чун офтоби оламсӯз.
Он кавокиб набуд шаб ба фалак,
Ки арақ рехтанд хайли малак.
Шуд арақрез рӯйи моҳвашон,
Қурси хуршед шуд ситорафишон.

Дар чунин рӯзҳо магар як рӯз
Аз тафи офтоби оламсӯз
Чеҳраи оташин чу шоҳ афрӯхт,
Оташе гашту оламеро сӯхт.
Шамъи рухсораро чу равшан сохт,
Дигарон сӯхтанду ӯ бигудохт.
Зард шуд офтоби талъати шоҳ,
Ранги шамъе гирифт машъали моҳ.
Падари ҳамчу бадри он маҳи нав
Хусраве буд, номи ӯ Хусрав.
Буд фалакҳашмату ситораҳашам,
Осмончатру офтобалам.
Лашкарашро шумора пайдо на,
Кишварашро канора пайдо на.
Олам аз кӯси ӯ пуровоза,
Сити адлаш бурун зи андоза.
Чун падар дид заъфи ҳоли писар,
Аз дилаш бардавид дуд ба сар.
Ҳар ғуборе, ки бар дили писар аст,
Кӯҳи андӯҳ дар дили падар аст.
Падаронро писар бувад маҳбуб,
Ҳамчу Юсуф ба дидаи Яъқуб.
Дилфиреб аст орази писарон,
Хоса дар пеши дидаи падарон.
Хусрав аз баҳри чораи кораш
Нотавон шуд чу чашми бемораш.
Ҳар ҳакиме, ки дар диёраш буд,
Ҳамаро хонду кард гуфтушунуд,
К-ин ҷигаргӯшаи ба ҷон пайванд
Ба илоҷи шумост ҳоҷатманд.
Ҳукамо гавҳари баён суфтанд,
Пеши Хусрав ба сад забон гуфтанд,

К-ин сухан қавли ҳушмандон аст,
Ки дар ин фасл шаҳр зиндон аст.
Дар чунин вақт беҳтарин ҷое
Нест ҷуз дар канори дарёе.
Лаби дарёст чун лаби дилбар,
Аз бурун сабза в-аз дарун гавҳар.
Доим он ҷо ҳавои муътадил аст,
Он ҳаво файзбахши ҷону дил аст.
Хушкии ин ҳаво зарар дорад,
Лаби дарё ҳавои тар дорад.
Хусрав асбоби раҳ муҳайё кард,
Шоҳ аз он ҷо ҳавои дарё кард.
Он на дарё, ки буд сад қулзум,
Сад чу тӯфони Нӯҳ дар вай гум.
Чарх гӯйӣ дар изтироб шуда,
Дар замин рафтаасту об шуда.
Мавҷи ӯ сар ба осмон месуд,
Яъне, аз моҳ то ба моҳӣ буд.
Оламеро ба об карда хароб,
Оре, ин аст кори олами об.
Гавҳараш аз ҳисоб афзун буд,
Ҳамчу рег аз шумор берун буд.
Гарчи ғаввос по зи сар кардӣ,
Ҳеч з-ӯ сар берун наёвардӣ.
Аз хушӣ кафзанон, ки дорад дур,
Кафи ӯ холию канораш пур.
Шоҳ бо он рухи ҷаҳоноро
Кард манзил канораи дарё.
Он ҳаво бурд заъфи ҳолашро,
Дод зеби дигар ҷамолашро.
Гули рӯяш намуд зебоӣ,
Сарви қаддаш намуд раъноӣ.

Булъаҷаб қадду қомате бархост,
Ваҳ!Чӣ гуфтам? Қиёмате бархост!
Камар аз рӯи чобукӣ барбаст,
Сарви қаддаш ба нозукӣ барҷаст.
Сустии ӯ бадал ба чустӣ шуд,
Ҳама асбоби тандурустӣ шуд.
Ҳеч давлат чу тандурустӣ нест,
Ҳеч меҳнат чу заъфу сустӣ нест.
Мубталои мараз мабод касе,
Хоса хубон, ки нозуканд басе.
Ҳар касе умр хоҳаду бемор,
Ҳар дам аз умри худ шавад безор.
Ғам ба хубони сарвқад марасод,
Қавми неканд, чашми бад марасод!
Нози ин қавм нозанин бошад,
Ғояти нозукӣ ҳамин бошад.
Дил парешони ҷамъи эшон бод,
В-арна якборагӣ парешон бод!

**Иқомати шоҳзода бар лаби
дарё ва гадо бар кӯҳ**

Буд чун баҳру кон зи маънӣ пур,
Ин яке лаъл дораду он дур.
Ҳар дуро хотаму нигин карданд,
Нақши он хотам инчунин карданд,
Ки чу он шоҳи маснади тамкин
Нақши сиҳҳат гирифт зери нигин,
Ҳамчу дурри ягона якто шуд,
Ҷилвагоҳаш канори дарё шуд.
Баски табъаш ба сайд шуд моил,
Рӯзу шаб ҷо гирифт дар соҳил.

То дар он сайдгаҳ маќомаш буд,
Мурғу моҳӣ асири домаш буд.
Ҳар гаҳ аз шавќ беќарор шудӣ,
Бар баландии кӯҳсор шудӣ.
Баҳри шоҳ аз мижа гуҳар суфтӣ,
Қасраш аз дур дидию гуфтӣ:
Чун надорам ба кӯйи ӯ гузаре,
Дорам аз дур сӯйи ӯ назаре.
Гар расидан ба Каъба натвонам,
Боре аз қибла рӯ нагардонам.
Бо сабо ҳамнафас шудӣ ба ҳавас,
Гуфтӣ: Эй ҳамдами хуҷастанафас!
Чун диҳӣ ҷилва сарви нози маро,
Арз деҳ пеши ӯ ниёзи маро!
Саҷда кун хоки остонашро,
Бӯса зан пои посбонашро.
Саги ӯро саломи ман бирасон,
Пайки ӯро паёми ман бирасон.
Тавф кун гирди он диёр, биё,
Гарде аз кӯйи ӯ биёр, биё,
То ман аз оби дида гил созам,
Марҳами захмҳои дил созам.
Чун расидӣ аз он тараф боде,
Кардӣ аз рӯи шавқ фарёде,
Ки ту имрӯз бӯи ӯ дорӣ,
Гарде аз хоки кӯи ӯ дорӣ.
Ба сарам рез хоки кӯяшро,
Ба димоғам фирист бӯяшро!
Рӯзе аз шавқ зор-зор гирист,
Чашм бикшоду ҳар тараф нигарист.
Чун нигаҳ кард ҷониби дарё,
Дид ҳар гӯша хаймае барпо.

Зери хайма сутун ба сад зевар,
Ҳамчу қадди арӯс дар чодар.
Буд дар ҷамъи хайма хиргоҳе,
Дар миёни ситораҳо моҳе.
Сари хиргаҳ ба осмон месуд,
Атласи чарх пӯшиши ӯ буд.
Соябоне кашида бар хиргоҳ,
Шоҳ биншаста андар он чун моҳ.
Чун гадо дид хиргаҳи шоҳӣ,
Кард оҳанги моҳи хиргоҳӣ.
Гуфт: Донистам, ин чӣ хиргоҳ аст,
Хиргаҳи шоҳ манзили моҳ аст.
Нест хиргаҳ, ки моҳи бадр аст ин,
Офтоби баландқадр аст ин.
Аз сари кӯҳ майли дарё кард,
Ҳамчу хас бар каронае ҷо кард.
Ҳамчу най дур аз он лаби чу шакар
Дар найистон ба нола баст камар.
Мурғи ҳушаш зи шавқ дар парвоз,
Чашм бар роҳу гӯш бар овоз.

**Рафтани шоҳ пеши гадо**
**ва башорати тахтнишинӣ**

Аз қазо даври чарх коре кард,
Шоҳ андешаи шикоре кард.
Шоҳбозе гирифт бар сари даст,
Боз гӯӣ ба шохи сарв нишаст.
Сифати бози хеш кард оғоз,
Гуфт, к-ин мурғи осмонпарвоз
Гарчи дар рӯзи сайд фирӯз аст,
Лек дар дасти ман навомӯз аст.

Аз заминҳо садои сумми саманд,
Меравад то ба осмони баланд.
Тарсам, имрӯз гар кунад парвоз,
Бар сари дасти ман наёяд боз.
З-ин сухан ҳар киро хабар гардид,
Ҳамраҳи ӯ нарафту баргардид.
Шоҳ чун офтоб танҳо шуд,
Дурри якдона сӯи дарё шуд.
Чун гузар кард ҷониби дарвеш,
Гуфт бо хотири хаёландеш,
Ки чу Хусрав ба даҳр кам гардад,
Хусрави олами адам гардад.
Дигар оё кӣ шоҳ хоҳад буд?
Соҳиби мулку ҷоҳ хоҳад буд?
Дар ҳамин лаҳза он гадо ба нигоҳ
Оҳе аз дил кашиду гуфто: Шоҳ!
Шоҳ гуфто: Ғариб ҳоле буд,
Баҳри шоҳ ин хуҷаста фоле буд.
Ман чу гуфтам, ки подшоҳ шавам,
Сарвари кишвару сипоҳ шавам,
Ҳотифе гуфт: Шоҳ, шоҳ манам,
Пас, шаҳи кишвару сипоҳ манам.
Чун шунид ин сухан зи шаҳ дарвеш,
Ҷаст аз ҷои хешу омад пеш.
Гуфт: Эй он ки шоҳ мегӯӣ,
Инак ин ҷост, он ки меҷӯӣ.
Бӯса зад дасту пойи ашҳабро,
Сохт меҳроб наъли маркабро.
Гуфт: Ё Раб, ки ин хуҷаста ҳилол
Кам мабодо зи гардиши маҳу сол!
Гоҳ дар хун тапиду гаҳ дар хок,
Баст худро чу сайд дар фитрок,

К-ин бувад риштаи иродати ман,
Чун гирифтам, зиҳӣ саодати ман!
Баъд аз он расми додхоҳ гирифт,
Даст бурду инони шоҳ гирифт.
Гуфт: Аз баҳри бандагӣ кардан
Хоҳамаш тавқ кард бар гардан.
Бар рикобаш ниҳод рӯи ниёз,
Кард бунёд гуфтугӯи ниёз.
Гуфт: Шоҳо, зи лутф додам деҳ,
Номуродам макун, муродам деҳ.
Чораи ҷони дарднокам кун,
Ё бикаш ханҷару ҳалокам кун.
Бе ту ман мурдаву ту бо дигарон,
Ман ҷафо дидаву вафо дигарон.
Чанд ҷонони дигарон бошӣ?
То ба кай ҷони дигарон бошӣ?
Ману хунобаи ҷигар хурдан,
Ҳар замон ҳасрати дигар бурдан.
Туву ҷоми нишот нӯшидан,
Бо ҳарифон ба айш кӯшидан.
Чанд бошад ба олами гузарон
Усрати мову ишрати дигарон?
Меҳнату дарду ғам нахоҳад монд,
Давлати ҳусн ҳам нахоҳад монд.
Нест имрӯз дар хами гардун
Ғайри номе зи Лайлию Маҷнун.
Зери ин турфа манзари дерин
Ку нишоне зи Хусраву Ширин?
Маснади Миср ҳасту Юсуф нест,
Мисриёнро ба ҷуз таассуф нест.
Дар чаман нола мекунад булбул,
Ки куҷо рафт даври хубии гул?

Шоҳ з-инсофи ӯ чу гул бишкуфт,
Рафт чун ғунча дар табассуму гуфт:
Ба ҳакиме, ки ҳокими азал аст,
Ҳукми ӯ лоязолу ламязал аст,
Ки чу бар ман қарор гирад тахт,
В-аз мухолиф канор гирад тахт,
З-афсару тахт сарбаланд шавам,
Бар сари тахт арҷманд шавам.
Бо ту бошам ҳамеша дар ҳама ҳол
Саҳару шому ҳафтаву маҳу сол.
Гар дар ин боб ҳуҷҷате хоҳӣ,
Инак ин хотами шаҳаншоҳӣ!
Ҳуҷҷатеро, ки нақши хотам нест,
Ҳукми ӯ ҳеч ҷо мусаллам нест.
Хотами худ ба ӯ супурду бирафт,
Дилу динаш зи даст бурду бирафт.
Чун гадо аз камоли лутфи Илоҳ
Дид дар дасти хеш хотами шоҳ,
Гуфт: Ин хотами Сулаймон аст,
Ки ҷаҳонаш ба зери фармон аст.
Ҳар киро ин нигин ба даст афтад,
Ҳама рӯи замин ба даст афтад.
Ҳалқаи ӯст ҳамчу ҳалқаи ҷим,
Шакли даври нигин чу чашмаи мим.
Ҷиму миме чунин ба даҳр кам аст,
То гадо ин ду ҳарф ёфт, Ҷам аст.
Чун нигин нақши он даҳон дорад,
Гар занам бӯса, ҷойи он дорад.
Бӯсааш мезаду намезад дам,
Ки ба лаб муҳр дошт аз хотам.
Салтанат ёфт аз гадоии хеш,
Комрон шуд зи бенавоии хеш.

Ин гадоӣ зи подшоҳӣ беҳ,
Рост гӯям, зи ҳар чӣ хоҳӣ, беҳ.

**Нома навиштани Хусрав ва хостан шоҳзодаро аз саёҳати канори дарё**

Хушнависе, ки ин рақам зада буд,
Бар варақ инчунин қалам зада буд,
Ки фиристод Хусрави одил
Номае сӯи шоҳи дарёдил.
Номае дар ниҳояти хубӣ,
Хатти он нома ояти хубӣ.
Навхате дар камоли ҳусну ҷамол,
Зеби рухсора карда аз хату хол.
Нақши унвону хатти мазмунаш
Файзбахш аз даруну берунаш.
Ё музайян ба мушк ҳар вараqe,
Ё пур аз риштаи гуҳар табаqe.
Хатти он нома буд хатти наҷот,
Чун шаби қадр дар миёни барот.
Ҳосили нома ин ки ҳазрати шоҳ,
Ғайрати офтобу хиҷлати моҳ,
Шаҳрёри диёри моҳвашон,
Моҳи маснаднишини шоҳнишон,
Меваи боғи зиндагонии ман,
Нақди ганҷинаи ҷавонии ман,
Он ки майли дилам ба ҷониби ӯст,
В-он ки ҷонам ҳамеша толиби ӯст,
Бояд ин номаро чу бархонад,
Рахши давлат ба ин тараф ронад,
Ки дигар қуввати фироқ намонд,
Тоқати дарди иштиёқ намонд.

Умри даҳрӯза ғайри боде нест,
Ҳеч бар умр эътимоде нест.
Хоса бар умри ҳамчу ман пире,
Ки шуд аз дасту нест тадбире.
Зуд бошад к-аз ин чаман биравам,
Ту биё пеш аз он, ки ман биравам.
То ту рафтӣ, зи дида нур бирафт,
То ту ғоиб шудӣ, ҳузур бирафт.
Раҳм кун бар дили рамидаи ман,
Мардумӣ кун, биё ба дидаи ман.
Рӯзи умрам ба шаб расид, биё,
Ҷонам аз ғам ба лаб расид, биё.

**Омадани шоҳзода ба шаҳр**
**ва кайфияти истиқболи ӯ**

Шоҳ то номаи падар бархонд,
Нийяти шаҳр карду маркаб ронд.
Ҷониби шаҳр азми ҷавлон кард,
Юсуф аз Миср майли Канъон кард.
Сӯйи он шоҳи кишвари иқбол
Халқ рафтанд баҳри истиқбол.
Нозанинон ба ноз кӯшиданд,
Ҷомаи сурху сабз пӯшиданд.
Он яке рафта дар қабои сафед,
Ҳамчу шохи шукуфазори умед.
В-он дигар ҷома сабз карда ба бар
Ҳамчу гул дар миёни сабзаи тар.
Он яке зард гашта хилъати ӯ,
Партав афканда моҳи талъати ӯ.
В-он дигар карда ҷома анбарфом,
Рафта чун офтоб ҷониби шом.

Он яке дар либоси гулнорӣ
Тоза гулдастаест пиндорӣ.
В-он дигар ҷома лолагун карда,
Сар зи ҷайби фалак бурун карда.
Ҳама дар интизори мақдами шоҳ,
Ҳамаро чашми интизор ба роҳ.
Ногаҳон чатри шоҳ пайдо шуд,
Чархи гардуну моҳ пайдо шуд.
Ҳама рафтанд пешу саф бастанд,
Даст бар сина ҳар тараф бастанд.
Align Ончунон ҳолате падид омад,
Ки ту пиндоштӣ, ки ид омад.
Шоҳ чун шамъи базми Хусрав шуд,
Моҳи иқболи хусравӣ нав шуд.
Манзари қадраш аз фалак бигзашт,
Тоири қасраш аз малак бигзашт.
Хуррам он соате, хуш он рӯзе,
Ки фитад дида бар дилафрӯзе!
Сару тан хоки пои ӯ гардад,
Дилу ҷон ҳам фидои ӯ гардад.
Ин таҷаммул ба ҳар касе нарасад,
Домани гул ба ҳар хасе нарасад.
Майи роҳат ба ҷоми ҳар кас нест,
Ҷоми ишрат ба коми ҳар кас нест.
Кирдгоро, ба ҳаққи дидорат,
Ба дили орифони бедорат,
Ки маро ҳам бад-ин шараф бирасон,
Сарви нозе бад-ин тараф бирасон.

## **Дар сифати хазон ва вафот кардани Хусрав**

Ин бувад иқтизои лайлу наҳор,
Ки расад офати хазону баҳор.
Шохи сабзе, ки рафта бар афлок,
Чеҳраи зарди худ ниҳад бар хок.
Боз чун вақти баргрез омад,
Лашкари сабза дар гурез омад.
Мурғ бе гул зи нағма шуд хомӯш,
Бо кӣ гӯяд сухан, чу набвад гӯш?
Булбул аз бӯстон шуд овора,
Гули садбарг шуд ба сад пора.
Пушти тоқат бунафшаро хам шуд,
Баҳри худ дар либоси мотам шуд.
Қумрӣ аз нолаву хурӯш бимонд,
Савсани даҳзабон хамӯш бимонд.
Гул шуду хорҳо ба гулшан монд,
Атлас аз даст рафту сӯзан монд.
Ранги норанҷ заъфаронӣ шуд,
Ашки унноб арғавонӣ шуд.
Рӯйи маҳро гирифт пардаи гард,
Балки дар парда рафт бо рухи зард.
Норро пардаҳои дил хун шуд,
Пора-пора зи дида берун шуд.
Себ аз баҳри гармию сардӣ
Кард пайдо кабудию зардӣ.
Писта аз шох сарнигун афтод,
Мағзаш аз устухон бурун афтод.
Захм ноку шикаста шуд бодом,
Чашмзахме расидаш аз айём.
Хӯшаи поки ток аз сари ток
Донаи лаъл дарфиканд ба хок.

Бар сари шох баргу бор намонд,
Дар гулистон ба ғайри хор намонд.
Дар чунин мавсиме, ки хусрави гул
Рафту мурд аз фироқи ӯ булбул.
Хусрав аз арсаи мамолики хеш
Сафари охират гирифт ба пеш.
Гоҳ дар тоб буду гаҳ дар таб,
Дилаш омад ба ҷону ҷон бар лаб.
Дар арақ рӯи зардаш аз табу тоб
Ҳамчу барги хазон миёнаи об.
Шиддаташ чун камон бар он рагу пай,
Устухонею пӯсте бар вай.
Баски аз дард дил ба ҷон омад,
Дилаш аз дард дар фиғон омад.
Дарди ӯ лаҳза-лаҳза афзун шуд,
Оқибат ҳоли ӯ дигаргун шуд.

**Васияти Хусрав, вафоту**
**таҷҳизу тадфини ӯ**

Шоҳро хонд сӯйи худ Хусрав,
Гуфт: Аз ман васийяте бишнав,
Адл пеш ору подшоҳӣ кун,
Зулм бигзору ҳар чӣ хоҳӣ, кун.
То набинӣ зи ҳеч раҳгузаре
Гарде аз худ ба домани дигаре.
Сар мапеч аз ризои дарвешон,
Ки сарафрози оламанд эшон.
Ҳар кӣ ёбад зи факр огоҳӣ,
Накунад майли шавкати шоҳӣ.
Эй басо шоҳи оқибатандеш,
Ки зи шоҳӣ гузашту шуд дарвеш.
Ҳар кӣ бар даргаҳи ту дод кунад,

Талаби ҳоҷату мурод кунад.
Агараш ҳайбати ту лол кунад,
Натавонад, ки арзи ҳол кунад.
Ҳамчу гул бар рухаш табассум кун,
Ба суханҳои хуш такаллум кун.
Аз қаламзан ба лутф ёд бикун,
Бар сияҳнома эътимод бикун.
Ҳар ҷароҳат, ки бар дил аз ситам аст,
Ҳама аз нӯги найзаву қалам аст.
Қимати адлро шикаст мадеҳ,
Ҷониби шаръро зи даст мадеҳ,
З-он ки мизони ростӣ шаръ аст,
Асл шаръ асту ғайр аз он фаръ аст.
Ин васийят чу кард, ҷон биспурд,
Ҷон ба ҷонофарин равон биспурд.
Ҳар касе баҳри мотам афғон кард,
Мотаме шуд, ки шарҳ натвон кард.
Шуълаи оҳ то ба гардун рафт,
Даҷлаи ашк то ба Ҷайҳун рафт.
Ҳама офоқ дар хурӯш шуданд,
Ҳама туркон сиёҳпӯш шуданд.
Лашкар аз мотамаш сияҳ дар бар,
Музтариб чун сиёҳии лашкар.
З-он сиёҳӣ, ки дошт лашкари ӯ,
Хиттаи Ҳинд гашт кишвари ӯ.
Камари зар, ки бар миён мебаст,
Ҳалқаи пушташ аз камар бишкаст.
Шуд сияҳрӯ зи мотамаш хотам,
Канд рухсори худ дар он мотам.
Тоҷ як сӯ фитоду абтар шуд,
Ҳама хайлу сипоҳ бесар шуд.
Тахт бар хоки раҳ зи по афтод,
Ки Сулаймони аср шуд бар бод.

Ин яке оҳи дарднок задӣ,
В-он дигар ҷайби ҷома чок задӣ.
Баданашро зи гиря мешустанд,
Кафанашро зи ҳулла меҷустанд.
Охираш ҷониби лаҳад бурданд,
Ҳамчу ганҷаш ба хок биспурданд.
Он ки авҷи фалак нишеман сохт,
Оқибат зери хок маскан сохт.
Он ки аз ҳулла пираҳан пӯшид,
Канд пироҳану кафан пӯшид.
Он ки бар фарқ тоҷ аз зар кард,
Дар лаҳад рафту хок бар сар кард.
Ҳеч кас дар ҷаҳон қадам назанад,
Ки қадам ҷониби адам назанад.
Ҳар кӣ гаҳвора сохт манзили хеш,
Рафту тобут кард маҳфили хеш.

**Айзан фӣ-л-мавъиза ва-н-насиҳа**

Лолазори ҷаҳон аҷаб боғест,
Ки аз он боғ ҳар нафас доғест.
Нест бӯи нишот дар гули ӯ,
Меҳнатафзост савти булбули ӯ.
Даҳани ғунчааш, ки хандон аст,
Дили пурхуни дардмандон аст.
Ҳаст ҳар баргу шох дар чаманаш
Тани гулчеҳраею пираҳанаш.
Ҳар бунафша, ки бар лаби ҷӯест,
Гираҳи зулфи анбаринмӯест.
Лола к-аз хок медамад ҳар сол,
Сафҳаи ораз асту нуқтаи хол.
Ҳар куҷо тоза сарви раъноест,
Қадди мавзуни сарвболоест.

То тавонӣ, дил аз ҷаҳон бигсил,
Риштаи меҳр аз ину он бигсил.
Ҷовидон нест олами фонӣ,
Ту дар ӯ ҷовидон куҷо монӣ?
Рӯй дар мулки ҷовидонӣ кун,
Тарки ин кухнадайри фонӣ кун.
По дар ин доми печ-печ манеҳ,
Ҳама ҳечанд, дил ба ҳеч манеҳ.
Пеши гавҳаршиносу гавҳарсанҷ
Ҳаст олам чу арсаи шатранҷ,
Ки ба бозича ҳар замон шоҳе
Сӯйи ин арса мекунад роҳе.
Гар хурӣ ҳамчу Хизр оби ҳаёт,
Ташналаб ҷон диҳӣ дар ин зулумот.
Филмасал умри Нӯҳ гар ёбӣ,
Чун ба тӯфон расӣ, хатар ёбӣ.

**Бар тахт нишастани шоҳ**
**ва тавфияи аҳд бо дарвеш**

Шоҳ чун ҷонишини Хусрав шуд,
Расму ойини хусравӣ нав шуд.
Роҳи эҳсону адл пеш гирифт,
Халқро дар паноҳи хеш гирифт.
Даври вай ҳамчу даври май хуш буд,
Ҳама олам ба даври вай хуш буд.
Ҳеч касро ба дил ғуборе на,
Ҳеч хотир ба зери боре на.
Дили мазлум аз ғам осуда,
Ҷони золим зи ғусса фарсуда.
Шаҳна чун зулфи дилбарон дар тоб,
Фитна чун бахти ошиқон дар хоб.

Мулкро заҳмати хироҷ набуд,
Халқро ҳеҷ эҳтиёҷ набуд.
Кас ба савдову суд кор надошт,
Ғайри савдои зулфи ёр надошт.
Аз сипоҳӣ дар он хуҷаста замон
Дар кашокаш набуд ғайри камон.
Кас ба давраш набуд зору низор,
Магар он кас, ки буд ошиқи зор.
Гар касе бенаво шудӣ ногоҳ,
Чун шудандӣ зи ҳоли ӯ огоҳ,
Баски ҳар кас навохтӣ ӯро,
Мунъими даҳр сохтӣ ӯро.
Буд шаҳро инояте, ки мапурс,
Бар раийят риояте, ки мапурс.
Офарини Худой бар падаре,
Ки аз ӯ монд инчунин писаре!
Абри раҳмат нисори он садафе,
Ки бувад гавҳараш чунин халафе!
Он дарахти куҳан ба кор ояд,
Ки ниҳоле аз ӯ ба бор ояд.

**Омадани гадо ба дарбори шоҳ**

Чун зи алтофи шоҳи некандеш
Хабар омад ба ошиқи дарвеш,
Зуд барҷасту рӯ ба роҳ ниҳод,
Қадам андар ҳарими шоҳ ниҳод.
Гуфт: Шояд зи рӯи сидқу сафо
Шоҳ бо ман кунад ба ваъда вафо.
Хотами шаҳ, ки муддате з-ин пеш
Дар бағал карда буд он дарвеш,

Бурду бо маҳрамони шоҳ супурд,
Маҳраме рафту назди шоҳаш бурд.
Шоҳ чун дид хотами худро,
Офарин кард маҳрами худро.
Гуфт: Берун бирав зи роҳи адаб,
Хотаморандаро дарун биталаб!
Чун қадам зад ба сӯи шоҳ гадо,
Ҷон шуд аз қолаби рақиб ҷудо.
Шоҳи душмангудози дӯстнавоз
Дар либоси ниёзу хилъати ноз
Сухан оғоз кард хандакунон,
Ки гаҳи ханда хуш бувад суханон.
Аз сари лутф ҳамзабонаш сохт,
В-аз шакарханда нӯши ҷонаш сохт.
Ҳар нафас дида сӯйи ӯ медошт,
Гӯш бар гуфтгӯйи ӯ медошт.
Ошиқи хешро навохт басе,
Ошиқи лутфи хеш сохт басе.
Дили ошиқ дар ин хаёл афтод,
Ки ба каф домани висол афтод.
Лек аз он ҷо ки даври гардун аст,
Ҳар замон ҳолате дигаргун аст.
Гар дилеро ба васл бинвозад,
Бозаш аз доғи ҳаҷр бигдозад.
Доим асбоби васл пайдо нест,
Агар имрӯз ҳаст, фардо нест.

**Ба васл расидани дарвеш ва дурии ӯ бори дигар ба ҷаври рақиб**

Гуфт ровӣ, ки шоҳ ҳар нафасе
Он гадоро ҳаменавохт басе.
Хабар омад, ки аз фалон кишвар
Бар сари шоҳ мерасад лашкар.
Бешумор аст лашкари душман,
Пой то сар ниҳуфта дар оҳан.
Шоҳ бояд ки фикри кор кунад,
Дафъи он хайли бешумор кунад.
Шоҳ бояд ки лашкар ангезад,
Дар саворӣ чу гард бархезад.
Чун аз ин қисса шуд рақиб огоҳ,
Рафту гуфт аз сари ҳасад бо шоҳ:
Назди арбоби ақл маълум аст,
Ки назар сӯи нокасон шум аст.
Ҳар киро бахти бад зи пой андохт,
Дигараш сарбаланд натвон сохт.
Ҳазар аз қавми бахтбаргашта,
Ки чу хешат кунанд саргашта.
Ё Раб, ин сифла аз куҷо омад,
Ки бар сарвақти мо бало омад?
Ин сухан гуфту кард маҳрумаш,
Баҳра ин дод толиъи шумаш.
Ошиқ аз васл чун ҷудо афтод,
Даст бар сар заду зи по афтод.
Гуфт: Боз ин чӣ ҳолат аст маро?
Ин чӣ ранҷу малолат аст маро?
Агар аз абри фитна борад санг,
Орад он санг бар сарам оҳанг.
Агар аз дашти фитна рӯяд хор,
Халад он хор бар дилам сад бор.

Чашми ман гар назар ба гул фиканад,
Гул шавад хору дар дилам шиканад.
Дасти ман гар ба каф сабӯ гирад,
Май шавад хуну дар гулӯ гирад.
Гар равам сӯйи чашма дар зулумот,
Шарбати марг гардад оби ҳаёт.
Гар занам гом, то ба роҳ афтам,
Гоми аввал даруни чоҳ афтам.
Бахтам аз чоҳ гар бурун фиканад,
Боз филҳол сарнигун фиканад.
Оҳ аз ин бахти вожгун, ки марост,
Вой аз ин толиъи нигун, ки марост!
Адами ман беҳ аз вуҷуди ман аст,
Гар бимирам, ҳанӯз суди ман аст.
Омад аз шавқи марг ҷон ба лабам,
Медиҳам ҷону марг металабам.
То кай афғон зи ман бурун ояд?
Кошкӣ ҷон зи тан бурун ояд.
Аз нафасҳои гарм сӯхт танам,
Ку аҷал? То дигар нафас назанам.
Нест ҳаргиз нишот дар дили ман,
Гӯӣ аз ғам сиришта шуд гили ман.
Даври гардун зи ман чӣ мехоҳад,
Ки танамро чу коҳ мекоҳад?
Дод монанди коҳ бар бодам,
З-он ба гардун расид фарёдам.
Чархи пир аст рӯзу шаб гардон,
То кунад ҳамла бо ҷавонмардон.
Хешро субҳу шом зеб диҳад,
Ҳама офоқро фиреб диҳад.
Рост гӯям? Куҷост фитрати ӯ,
Ростӣ нест дар ҷибиллати ӯ!

### Азимат кардани шоҳ ба сари хасм ва зафар ёфтани ӯ бар душман ва кушта шудани рақиб

Боз чун мавсими зимистон шуд,
Оташ аз хуррамӣ гулистон шуд.
Ҳама кас рӯ ба офтоб нишаст,
Ҳама олам шуд офтобпараст.
Баски афсурда чун ях афтоданд,
Дар таманнои дӯзах афтоданд.
Меҳр зуд аз фалак бадар мерафт,
То шавад гарм, зудтар мерафт.
Балки меҳри ҷаҳонфурӯз набуд,
Ҳама шаб буду ҳеч рӯз набуд.
Қадри оташ фузунтар аз гул шуд,
Дуди ӯ шоху барги сунбул шуд.
Дар зимистон заданд шуъла ба хор,
То аз ӯ гул дамад, чунон ки баҳор.
Об аз ях қабои оҳан сохт,
Мавҷаш аз саҳми Қавс ҷавшан сохт.
Ях чу оинае мушаккал шуд,
Наъли маркаб зи сими сайқал шуд.
Бар ях он маркабе ки гом задӣ,
Сикка бар нуқраҳои хом задӣ.
Раъд зад бонгу дар ситез омад,
Жола зад сангу раъди тез омад.
Дар чунин мавсиме, ки чиллаи дай
Тирборон намуд пай дар пай,
Шоҳ тарки диёри хеш гирифт,
Бо адӯ роҳи ҷанг пеш гирифт.
Лашкар ангехт сӯи кишвари ӯ,
То ба ҳадде, ки ронд бар сари ӯ.

Рост карданд саф зи ҳар тарафе,
Хайли душман сафею шоҳ сафе.
Ҳар тараф теғи тез пайдо шуд,
Фитнаи растахез пайдо шуд.
Зарра аз ханҷари ситез шикофт,
Сабзаи тар зи оби тез шикофт.
Теғҳо чун зи ҳам гузар карданд,
Ҳамчу микроз қатъи сар карданд.
Гард сӯйи сипеҳр кард оҳанг,
Шуд замин ҳам ба осмон дар ҷанг.
Бар сари чобукони кӯҳшукӯҳ
Гарди майдон чу абр бар сари кӯҳ.
Ҳар кӣ бар хасм теғи бим задӣ,
Хасмро аз камар дуним задӣ.
Бар сари ҳар кӣ теғи кин хурдӣ,
З-ӯ гузаштию бар замин хурдӣ.
Абруи хасм дар сипар ноёб,
Ҳамчу киштӣ фитода дар гирдоб.
Марду маркаб фитода зеру забар,
Косаи сим гашта косаи сар.
Бод аз он арса чун гузар кардӣ,
Хок бар косаҳои сар кардӣ.
Баски рӯи замин пур аз хун шуд,
Мавҷи он чун шафақ ба гардун шуд.
Шафақе к-ӯ ба авҷи гардун аст,
Асари сурхии ҳамон хун аст.
Буд дарвеш дар ҳамон манзил,
Дода шаҳро миёни ҷон манзил.
Рӯйи худро бар осмон карда,
Ба дуо дастҳо баровarда.
Нусрати шоҳи хеш металабид,
З-он чи гӯянд, беш металабид.

Ногаҳон хасм дар гурез афтод,
Рахна дар лашкари ситез афтод.
Пушти он кас, ки пушт дод ба ҷанг,
Пуштае шуд тамом тири ханг.
Турфа ҳоле, ки чун набард кунанд,
Душманон аз наҳиби гард кунанд.
Турфатар он ки з-он ҳама лашкар,
Ки шаҳ овард сӯи он кишвар,
Кас нагардид ҷуз рақиб ҳалок,
Гар рақибе ҳалок гашт, чӣ бок?
Шоҳу лашкар агарчи шуд ғамгин,
Лек саг кушта шуд, чӣ беҳтар аз ин?
Ба ҳамин як фусун зи даст марав,
З-ин накӯтар фасонае бишнав:

**Умр ба сар кардани шоҳу гадо бо якдигар**

Чун сари зулфи шаб ба даст омад,
Қурси хуршедро шикаст омад.
Пайкари осмон мулаттаъ шуд,
Чатри фирӯзагун мурассаъ шуд.
Мардум аз хоб дида барбастанд,
Аз тамошо раҳи назар бастанд.
Хоб диданд шоҳу ҷумла сипоҳ,
Ки магар орифе расид ба шоҳ,
Ҳамчу Хизраш либоси сабз ба бар,
Хилъате сабзтар зи сабзаи тар.
Гуфташ: Он дам, ки бар азимати ҷанг
Тез шуд аз мухолифон оҳанг,
Ту ҳамон дам ки ҳарб мекардӣ,
Рӯ ба майдони зарб мекардӣ,

Ба ту он нусрате, ки мо додем,
Аз дуоҳои он гадо додем.
Хезу аз маҳрамони хосаш кун,
В-аз ғами бекасӣ халосаш кун.
Шоҳ чун чашми худ зи хоб кушуд,
В-аз сипоҳ он чи дида буд, шунуд,
Хонд дарвешро ба маҷлиси шоҳ,
Гашт фориғ зи ранҷи меҳнату оҳ.
Хонд дарвешро ба маҷлиси хос,
Кардаш аз меҳнати фироқ халос.
Шукри онро чӣ сон тавон гуфтан?
Нест мумкин ба сад забон гуфтан.
Чарх бозичае ғариб намуд,
Аз фалак ин басе аҷиб намуд.
Лек аз лутфи дӯст нест аҷаб,
Ки зи меҳнат касе расад ба тараб.
Ҳар кӣ ранҷи фироқи ҷонон дид,
Баъд аз он ранҷи роҳати ҷон дид.
Шоми ҳиҷрон хуш асту ранҷи малол,
То бидонанд қадри рӯзи висол.
Баъди ҳиҷрон агар височе ҳаст,
Шеваи ишқро камоле ҳаст.
Ғараз аз ишқ васли ҷонон аст,
Хоса васле, ки баъди ҳиҷрон аст.
Алғараз ҳар дуто чу ширу шакар
Ба ҳам омехтанд шому саҳар.
Пои шаҳ бар сарири иззату ноз,
Сари дарвеш бар замини ниёз.
Кори маъшуқ ноз мебошад,
Расми ошиқ ниёз мебошад.
Рӯзу шаб роздори ҳам буданд,
То дами марг ёри ҳам буданд.

Оқибат дар ниқоби хок шуданд,
Аз хаданги аҷал ҳалок шуданд.
Умр баргашту бавафоӣ кард,
Мурғи рӯҳ аз қафас ҷудоӣ кард.

**Дар бевафоии умр**

Оҳ аз ин манзиле, ки дар пеш аст,
Ки гузаргоҳи шоҳу дарвеш аст.
На аз ин дом метавон ҷастан,
На аз банд метавон растан.
Гар хурӣ ҳамчу Хизр оби ҳаёт,
Ташналаб ҷон диҳӣ дар ин зулумот.
Гар чу Исо равӣ ба чархи барин,
Оқибат ҷо кунӣ ба зери замин.
Гар чу Юсуф ба авҷи моҳ равӣ,
Оқибат сарнигун ба чоҳ шавӣ.
Филмасал умри Нӯҳ агар ёбӣ,
Чу ба тӯфон расӣ, хатар ёбӣ.
Аҳади воҷибулвуҷуд якест,
Он ки ҷовид ҳасту буд, якест.

**Дар хотимаи китоб гӯяд**

Шукри лиллаҳ, ки ин хуҷастакалом
Шуд ба коми дили шикаста тамом.
Шукри дигар, ки то тамом шуда,
Маҷлисорои хосу ом шуда.
Сифати ӯст дар забони ҳама,
Сухани ӯст вирди ҷони ҳама.
Ҷайби офоқ пурдур аст аз ӯ,
Бағали ошиқон пур аст аз ӯ.

Гар ки қаллоби шаҳр сарроф аст,
Ё хатогӯи шаҳр ҳарроф аст,
Натавонад шикаст миқдораш,
Ки ба ҷон мехарад харидораш.
Байти ӯ гар кам аст, аз он ғам нест,
Шукри борӣ, ки маънияш кам нест.
Лафзи пок асту маънияш тоҳир,
Чун нагирад қарор дар хотир?
Маънии хосу лафзи омфиреб
Бурда аз хосу ом сабру шикеб.
Аллаҳ, Аллаҳ! Чӣ дилпазир аст ин!
Дарпазираш, ки ногузир аст ин.
Ғояти шоирӣ ҳамин бошад,
Шеваи соҳирӣ ҳамин бошад.
Ҳар кӣ дам зад, забони ӯ бастам,
Сеҳр кардам, даҳони ӯ бастам.
Қаламам мили чашми душман шуд,
Лек аз ӯ чашми дӯст равшан шуд.
Аз сиёҳӣ намуд оби ҳаёт,
Ҷони ҳосид фитод дар зулумот.
Ҷои раҳмат бувад ба марди ҳасуд,
Лек бар ҷони мурда раҳм чӣ суд?
Ҷигари ҳосид аз алам хун бод,
Аламаш кам мабоду афзун бод!
Эй ҳасуд, ин хаёли ботил чист?
З-ин хаёлат, бигӯ, ки ҳосил чист?
Чун ту аз олами сухан дурӣ,
Ҳар чӣ хоҳӣ, бигӯ, ки маъзурӣ.
Он чи мақдури туст, маълум аст,
Хатми кор аз нахуст маълум аст.
Дасти бофанда мӯй агар бофад,
Кай тавонад, ки мӯй бишкофад?

Ҳар куҷо ҳудҳуди Сулаймон рафт,
Ба пару боли мӯр натвон рафт.
Дар баҳорон садои ғулғули зоғ
Кай бувад чун навои булбули боғ?
Ман кунам сеҳр дар сухандонӣ,
Ту ба ман шеъри дигарон хонӣ.
Яъне, ӯ низ дар баробари туст,
Дурри ӯ ҳам ба қадри гавҳари туст.
Ин мусаллам, туро ба ғайр чӣ кор?
Ҳар чӣ дорӣ, ту ҳам биёву биёр!
Дигаре ҷоми шавқ нӯшида,
Ту ба девонагӣ хурӯшида.
Дигаре оҳи дарднок зада,
Ту ба тақлид ҷома чок зада.
То ба кай мепарӣ ба боли касон?
Ноз хуш нест бо ҷамоли касон.
Ман кунам сиккаи суханро нав,
Ту кунӣ арзи махзани Хусрав.
Чун ту з-ин нома нестӣ номӣ,
Чӣ барӣ номи Хусраву Ҷомӣ?
Ҳайф бошад, ки номи дидаварон
Бигзарад бар забони каҷназарон.
Гарчи шеъри ту назм дорад ном,
Ту аз ин назм кай расӣ ба низом?
Назм агар нест, нест дур макнун,
Саҳл бошад табиати мавзун.
Гарчи мову ту ҳар ду мавзунем,
Лек бингар, ки ҳар яке чунем.
Наъл агар ёфт сурати маҳи нав,
Ҳаст ин ҷо тафовуте, бишнав:
Моҳи нав сар ба осмон союд,
Наъл дар зери пой фарсояд.

Нест монанди ҳам самуму насим,
Ин як аз ҷаннат асту он зи ҷаҳим.
Он ба нармӣ чунон, ки дил хоҳад,
В-ин ба гармӣ чунон, ки ҷон коҳад.

**Ҳикоят ба тариқи тамсил**

Каргасе жожхои бемаънӣ
Бо ҳумое фитод дар даъвӣ.
Гуфт: Кам нест аз ту пояи ман,
З-он ки миқдори туст сояи ман.
Оқиле гуфташ: Эй фурӯмоя,
Нест он соя ҳамчу ин соя.
Ҳар кӣ дар сояи ҳумой бувад,
Номи ӯ сояи Худой бувад.
В-он ки дар сояи ту роҳ кунад,
Бар сари худ ҷаҳон сиёҳ кунад.
Бар тани туст чун пару боле,
Дархури ӯст фарру иқболе.
Моҷарои ҳасуду қиссаи мо
Рост монанди каргас асту ҳумо.
Ваҳ, чӣ гуфтам? Тамом лоф аст ин,
Сар ба сар даъвии газоф аст ин.
Ман ҳам аз ҳосидон чаро гуфтам?
Чун баданд, аз бадон чаро гуфтам?
Чанд аз он гуна дар хурӯш шавам?
Кошкӣ баъд аз ин хамӯш шавам.
Ҳин, забонро ба узр боз кунам,
Рӯ ба даргоҳи бениёз кунам.

**Муночот**

Кирдгоро, ба бениёзии хеш,
Ба каримию корсозии хеш,
Ба саҳиқоматони гулшани ноз,
Ба маломаткашони кӯи ниёз,
Ба сифоти ҷалолу икромат,
Назари хосу раҳмати омат.
Ба салотини маснади таҳқиқ,
Соликони масолики тавфиқ,
Ба асирону зории эшон,
Ба ғарибону хории эшон,
Ба навозандагони олами гул,
Ки ҳанӯз эминанд аз ғами гул,
Ба сафаркардагони олами хок,
К-аз ҷаҳон рафтаанд бо дили чок,
Бар расуле, ки наъти ӯст калом,
Саййидулмурсалин, алайҳисалом
Назаре ҷониби Ҳилолӣ кун,
Дилаш аз меҳри ғайр холӣ кун.
Ҳашри ӯ бо расул кун, ё Раб,
Ин дуоро қабул кун, ё Раб.
Дар амон дор пеши он мавло,
То набинад уқубати уқбо.
Чун ба азми раҳил з-ин манзил
Ба ҳарими фано кашад маҳмил,
Дар раҳи марг бошадаш ҳамроҳ
Ҳодии «Ло Илоҳа иллаллоҳ».

# МАСНАВИИ СИФОТУ-Л-ОШИҚИН

Худовандо, даре аз ғайб бикшой,
Ҷамоли шоҳиди лорайб бинмой.
Ба ҳамди хеш гӯё кун забонам,
Пур аз шаҳди шаҳодат кун даҳонам.
Каломе бар дилам хон аз раҳи гӯш,
Ки чун ояд дарун, берун равад ҳуш.
Бидеҳ шарме бад-ин чашми гунаҳкор,
Ки рӯямро сияҳ кард ин сияҳкор.
Хато бар дасти ман мапсанд чандон,
Ки гирам пушти дасти худ ба дандон.
Бикаш хори мавониъро зи поям,
Ки бемониъ равон сӯйи ту оям.
Зи побӯси бутон мустағниям соз,
Сарамро беш аз ин дар по маяндоз.
Дилам аз гарди зулмат пок гардон,
Танам дар роҳи покон хок гардон.
Зи хокам чун барангезӣ, ки бархез!
Зулоли раҳмате бар коми ман рез.
Чу охир вақти печопеч гардад,
Ҳама асбоби дунё ҳеч гардад.
Маро дар уқдаи пурпеч магзор,
Зи фазлу раҳмати худ ҳеч магзор.

**Дар сифоти тавҳиди**
**ҳазрати Борӣ, азза исмаҳу**

Ба номаш кардам оғоз, ин чӣ ном аст?
К-аз ӯ доим забони ман ба ком аст.
Забонро ин чӣ ком аст? Аллаҳ, Аллаҳ!
Худоро ин чӣ ном аст? Аллаҳ, Аллаҳ!
Ба номаш чун забон бикшуд лола,
Даҳонашро пур аз дур кард жола.

Ниҳонӣ ғунча ӯро ном бурда,
Ки лаб баста, забон дар ком бурда.
Чӣ ном аст ин, ки коми ман ҳамин бас,
Ҳама номусу номи ман ҳамин бас.
Чу ном ин аст, зоти ӯ чӣ бошад?
Назар кун, то сифоти ӯ чӣ бошад?
Чу аввал дасти қудрат бар қалам зад,
Ду ҳарфи «коф»-у «нун» якҷо рақам зад.
Кафи кофии ӯ аз айни алтоф
Зи «коф» овард берун Қоф то Қоф.
Зи шакли нуқтаи «нун» ҳам камоҳӣ
Падид овард аз маҳ то ба моҳӣ.
Агар моҳ аст, пешаш дар суҷуд аст,
В-агар моҳист, ғарқи баҳри ҷуд аст.
Зиҳӣ, сонеъ, ки аз маҳ то ба моҳӣ
Диҳад бар ваҳдати зоташ гувоҳӣ.
Садафро чист, донӣ, дар даҳан дур?
Бувад аз нуктаи тавҳиди ӯ пур.
Ба шохи найшакар бин, к-аз иродат
Баровардаст ангушти шаҳодат.
Бувад ҳар ғунча бар гулбун даҳоне,
Дар ӯ ҳар барги гул бошад забоне.
Ба вақти субҳ бикшояд даҳонро,
Ба шукри ӯ бичунбонад забонро.
Аз ин маънӣ наботе шуд забонаш,
В-аз он бӯи гул омад дар даҳонаш.
Чаманро карда пуршабнам варақҳо,
Чӣ гуфтам? Балки пургавҳар табақҳо.
Зиҳӣ, шоҳи атобахши хатопӯш!
Рафиқи ҳар сафокешу вафокӯш.
Ҷамолорои маъшуқони зебо,
Шикебоидиҳи ҳар ношикебо.

Салоҳи рӯзгори некномон,
Ҳаловатбахши коми талхкомон.
Фараҳбахши баҳори зиндагонӣ,
Нишотафзои наврӯзи ҷавонӣ.
Сабоҳи фаррухи шабзиндадорон,
Шаби айши парешонрӯзгорон.
Мураттабсози асбоби саломат,
Мураққаъсӯзи арбоби маломат.
Чароғафрӯзи базми майпарастон,
Нишотафзои май дар табъи мастон.
Фиребомӯзи чашми фитнаангез,
Сафорои сафи мижгони хунрез.
Зи абри дида файзи олами дил,
Зи доғи лоларӯён марҳами дил.
Зи лутф осоиши дилҳои маҷрӯҳ,
Зи қаҳр ошӯби ҷону офати рӯҳ.
Зи қаҳру лутфи ӯ дар ҳалқаи ҷамъ
Гаҳе гирёну гаҳ хандон бувад шамъ.
Қасаб пӯшида за лутфаш найи қанд,
Вале меларзад ӯро банд аз банд.
Дар ин бустонсарои шох бар шох
На хоиф метавон будан, на густох.
Машав мағрури ҳусни тоати хеш,
Зи тавқи лаънати шайтон бияндеш.
Дил аз бими гунаҳ махрошу махрӯш,
Ки дарёҳои раҳмат мезанад ҷӯш.
Хуш аст аз қаҳру лутф андеша кардан,
Ба ҳам хавфу раҷоро пеша кардан.
Илоҳӣ, гарчи аз худ бим дорем,
Вале аз раҳматат уммедворем.
Башорат деҳ ба раҳматҳои ҷовид,
Ки бими мо бадал гардад ба уммед.

## Дар баёни он ки фалакро қиблаи ҳоҷот ва Каъбаи муноҷоти эътиқод набояд кард

Хитобе дӯш кардам бо дили реш,
Ки эй машғули фикри ботили хеш,
Нашояд ҷаҳли худ исбот кардан,
Фалакро қиблаи ҳоҷот кардан.
Занон мар чархро созанд гардон,
Чаро саргаштаи чарханд мардон?
Гар ӯ касро ба мақсуде расондӣ,
Дар ин саргаштагӣ чандин намондӣ.
Фалак ҷом асту соқӣ холиқи даҳр,
В-аз ӯ дар коми мо гаҳ нӯшу гаҳ заҳр.
Туро гаҳ талху гаҳ ширин шавад ком,
Ҳам аз соқӣ шинос ӯро, на аз ҷом.
Ба дастат гар маи умед доданд,
Магӯ, к-аз соғари хуршед доданд.
Ҷаве к-аз мазраъи бечун расидаст,
Магӯ, к-аз хирмани гардун расидаст.
На ҷавзо ҷав диҳад, на Каҳкашон коҳ,
На касро хӯша бахшад хирмани моҳ.
Фалакро ихтиёре ҳаст, шак нест,
Вале ин корҳо кори фалак нест.
Фалак гӯест доим дар такопӯй,
Фазои ломакон чавгони он гӯй.
Ба худ ин гӯй дар майдон нагардад,
Ки ҳаргиз гӯй бе чавгон нагардад.
Бувад чавгони ӯ дар дасти тақдир,
Дар ин гаштан надорад ҳеч тақсир.
Вале з-ин нукта воқиф нест ҳар кас,
Ҳамин аҳли ҳидоят донаду бас.
Худовандо, далели роҳи мо шав,
Ба иқлими ҳидоят раҳнамо шав.

Ҳидоятро рафиқи роҳи мо кун,
Муҳаммадро шафоатхоҳи мо кун.

**Дар наъти ҳазрати саййиди коинот ва мафхари мавҷудот, алайҳи афзалуссалавот**

Муҳаммад кист? Ҷонро қурратулъайн,
Камонабрӯи базми қоба қавсайн.
Ду чашми равшани арбоби биниш,
Гули бустонсарои офариниш.
Дилаш бар маърифат бар авҷи афлок,
Забонаш дар мақоми «мо арафнок».
Аз он медошт Одам донаро дӯст,
Ки аз ҷон хӯшачини хирмани ӯст.
Ба киштӣ Нӯҳ агар шуд соҳиби аҳд,
Вале нисбат ба ӯ тифлест дар маҳд.
Агар Яъқуб аз ӯ бӯе шунидӣ,
Чу гул пироҳани Юсуф даридӣ.
Ба ҷон шуд Юсуфи мисрӣ ғуломаш,
Азизи Миср аз он гардид номаш.
Сад Иброҳимро дар озар андохт,
Сад Исмоилро қурбони худ сохт.
Асои мӯсавиро қадр бишкаст,
Дами Исои Марямро фурӯ баст.
Зиҳӣ, султони дарвешони олам,
Ба султонию дарвешӣ мусаллам.
Кашида аз нигини мулк ангушт,
Фиканда муҳри хотамро паси пушт.
Чу хотам дар ибодат пушти ӯ хам,
Бад-ӯ муҳри нубувват муҳри хотам.
Чунон бо нафси саркаш буд дар ҷанг,
Ки пеши ӯ ҳисоре сохт аз санг.

Аз он санге, ки баст он кӯҳи тамкин,
Тарозуи амалро сохт сангин.
Аз он рӯ бар қалам нанҳод ангушт,
Ки ангушти шашум айб аст дар мушт.
Чу гардун қурси маҳро дар табақ кард,
Барои даъвати ислом шақ кард.
Фитода соя з-он хуршедрух дур,
Ки бо ҳам рост н-ояд зулмату нур.
Аз он болотар омад пояи ӯ,
Ки афтад дар таҳи по сояи ӯ.
Ҳамоно сояро аз пеш ронда,
Ки доим дар паси девор монда.
Даме к-он сарвро бар ғунчаи танг
Расид аз ҷониби сангиндилон санг,
Ба хун оғушта шуд бар ғунча шабнам,
Ҳанӯз он ғунча лабхандону хуррам.
Зиҳӣ, дарёи ҳилму кони алтоф,
Таолаллаҳ, чӣ ахлоқ асту авсоф!
Чӣ ҳилм аст ин, ки ҷони ман фидоят,
Сари покони олам хоки поят!
Саросар хоки роҳат ҷони пок аст,
Хушо ҷоне, ки дар роҳи ту хок аст!
Замини Ясриб аз файзат чунон аст,
Ки ӯро сад шараф бар осмон аст.
Бале, дар осмон моҳе чунин нест,
Дар айвони фалак шоҳе чунин нест.
Ҳумои меҳр, к-аз Машриқ занад сар,
Зи шавқат ҷониби Мағриб ниҳад сар.
Агар тавфат набудӣ қасди афлок,
Намегаштанд гирди Каъбаи хок.
Фалак чун гардаду васли ту ҷӯяд,
Зи саргардонии мо худ чӣ гӯяд?

Ба исён то ба кай саргашта бошем?
Зи роҳи офият баргашта бошем?
Алиро ҳодии роҳи Худо кун,
Ба ҳақ халқи ҷаҳонро раҳнамо кун,
Ки бешак ҳодии роҳи Худо ӯст,
Халоиқро имому пешво ӯст.
Бидеҳ лабташнагонро рӯзи маҳшар
Зи лутфат, ё Алӣ, аз оби Кавсар!
Паноҳи мо гунаҳкорон ҳамин аст,
Ки номат раҳматунлилъоламин аст.
Зи дасти мо наёяд ҳеч тоат,
Ҳамин моему уммеди шафоат.
Шафоат кун, даре бикшой бар мо,
Гар ин дар баста гардад, вой бар мо!
Чӣ гуфтам? Ваҳ! Ту боре кай писандӣ,
Ки ин дар бар гадои хеш бандӣ?
Малулам з-ин хато гуфтан, чӣ гуфтам?
Маро бояд дуо гуфтан, чӣ гуфтам?
Илоҳӣ, то замину осмон ҳаст,
В-аз ин пас он биҳишти ҷовидон ҳаст,
Зилоли раҳматат маҳдуд бодо!
Мақоми иззатат маҳмуд бодо!

**Дар сифати меъроҷи он садри бадри коинот ва мафхари мавҷудот**

Таолаллаҳ! Шабе равшантар аз рӯз,
Чу Наврӯзи ҷавони оламафрӯз.
Ғуломи гесуи ӯ лайлатулқадр,
Ҳилоли талъати ӯ лайлатулбадр.
Фурӯзон гашта аз маҳ то ба моҳӣ,
Фузуда оби ҳайвон дар сиёҳӣ.

Малоик базми ишрат соз карда,
Кавокиб чашми равшан боз карда.
Ҷаҳонро дар шакар бигрифта маҳтоб,
Зи ҳар ҷониб ҷаҳоне дар шакархоб.
Дар он хуррамшаби равшантар аз рӯз
Муҳаммад (с), он чароғи оламафрӯз
Зи баҳри хоби роҳат бистар андохт,
Ба чашми дил назар бар дилбар андохт.
Дилаш бедору хобаш роҳатангез,
Ки ногаҳ Ҷабраил омад, ки бархез!
Фалак муштоқу муҳтоҷ аст имшаб,
Шаби пурнури меъроҷ аст имшаб.
Буроқи гармрав гарм аст чун барқ,
Ба як ҷастан равад аз Ғарб то Шарқ.
Зи барқи рӯзи борон гармравтар,
Зи абри навбаҳорон гармравтар.
Чу он умре, ки дар шодӣ гузашта,
Касе аз рафтанаш огаҳ нагашта.
Ба пои он фалаксайри малаксон
Баланду пасти олам ҷумла яксон.
Фалак дар зери પояш чун замин паст,
Заминро худ надонад, нест ё ҳаст?
Чу солик дар пояш ранҷи сафар на,
Ҷаҳон тай кардаву касро хабар на.
Агар на наъли ӯ будӣ маҳи нав,
Гирифтӣ нуҳ фалакро дар такудав.
Чунин раъно Буроқи баркрафтор
Ба занҷири вафо омад гирифтор.
Рикобаш майли побӯси ту дорад,
Инони худ ба дастат месупорад.
Худоро, як замон бархез, бархез!
Зи ғамҳои ҷаҳон бигрез, бигрез!

Басе кардӣ мушарраф хокиёнро,
Яке бинвоз ҳам афлокиёнро,
Чу он султони аршорой барҷаст,
Бурокаш ҳамчу барқ аз ҷой барҷаст.
Зи батни водии Батҳо қадам зад,
Ба боми масҷиди Ақсо алам зад.
Имоми ҷамъи он меҳробгаҳ шуд,
В-аз он ҷо хаймааш хиргоҳи маҳ шуд.
Зи моҳ он садри олиқадр бигзашт,
Аҷаб садре, ки ӯ аз бадр бигзашт.
Ба домони Уторид чун ато рехт,
Зи килкаш гавҳари мадҳу сано рехт.
Ба базми Зуҳра з-он шаҳ кард оҳанг,
Ки торе бошадаш з-он турра дар чанг.
Чу рӯ овард дар меҳру сипеҳраш,
Ба чарх омад сипеҳр аз рӯи меҳраш.
В-аз он ҷо ронд маркаб сӯйи Баҳром,
Ба пояш тавсани Баҳром шуд ром.
Чу пеши Муштарӣ бикшод дидор,
Ба ҷон шуд Муштарӣ ӯро харидор.
Ҷабин бар хоки роҳаш Муштарӣ суд,
Ки дар сар Муштариро сарварӣ буд.
Зуҳал – он моҳ меҳри анваре шуд,
Бадахтар оқибат некахтаре шуд.
В-аз он пас чун қадам зад бар савобит,
Ба хидмат ҳар якеро ёфт собит.
Банотуннаъшу Парвин пеши он шамъ
Яке ошуфта омад, дигаре ҷамъ.
Чу раҳ бар чархи атлас мунтаҳӣ гашт,
Равон аз мунтаҳои Сидра бигзашт.
Малоик аз ақиб монданд саф-саф,
Ба побӯсаш мушарраф гашт Рафраф.

Зи Рафраф низ бар арши барин рафт,
В-аз он ҷо ҷониби аршофарин рафт.
Замон рафту макон гарди фано шуд,
Чӣ донад кас, ки кай рафту куҷо шуд?
Ҷамоле дид, к-аз гуфтан фузун буд,
Касе чун гӯяд аз бечун, ки чун буд?
Расид ӯро зи баҳри ҷовидонӣ
Ба гӯши ҳуш дурҳои маонӣ.
Дур аст инҳо, вале суфтан муҳол аст,
Дар ин маънӣ сухан гуфтан муҳол аст.
Чу бо ӯ раҳ набуд он ҷо нафасро,
Нашояд дам зад ин ҷо ҳеч касро.
Фарас ланг асту рои омадан на,
Нафас танг асту ҷои дам задан на.
Касе чун сирри Ҳақро боз гӯяд?
Магар пайғамбар аз эъҷоз гӯяд?
Чу боз омад, ки бинвозад ҷаҳонро,
Тафохур шуд замину осмонро.
Расонд аз авҷи иззат ахтаре чанд,
Зи дарёҳои раҳмат гавҳаре чанд.
Чӣ гавҳар? Гавҳари дарҷи ҳидоят,
Чӣ ахтар? Ахтари бурҷи иноят.
Илоҳӣ, то дар имкон гавҳаре ҳаст,
Бар ин гардуни гардон ахтаре ҳаст,
Ҷаҳонро обу тоб аз гавҳараш бод!
Фалакро офтоб аз ахтараш бод!

**Дар илтимоси раҳмат аз ҳазрати раҳматунлилъоламин, салаллоҳу алайҳи ва олиҳи аҷмаин**

Дилам реш асту ҳоҷатманди марҳам,
Тараҳҳум, ё расулаллаҳ, тараҳҳум!

Худоро, раҳм бар аҳволи ман кун,
Ба раҳмат як назар бар ҳоли ман кун.
Фалак гард аз мани мискин баровард,
В-аз он мушки маро кофургун кард.
Бадал шуд з-ин сиёҳию сафедӣ
Шаби айшам ба рӯзи ноумедӣ.
Маро з-ин мӯи кофурӣ чӣ ҳосил?
Чу зулмат ҳамчунон боқист дар дил.
Маро занги дил аст ин дуди оҳам,
К-аз ӯ чун мӯи зангӣ рӯсиёҳам.
Гарам зангиғуломи хеш гӯӣ,
Шавад ин рӯсиёҳӣ сурхрӯӣ.
Маро, охир, ҳилоли дигар ангор,
Ҳилолиро Билоли дигар ангор.
Киям? Ман аз хасу аз хор камтар,
В-аз он ҳам камтару бисёр камтар.
Вале хоки дарат гар файзи ом аст,
Иёри нотамоми мо тамом аст.
Чӣ шуд, гар бар ман афшонӣ ғуборе?
Ки ёбам дар ду олам эътиборе.
Дар ин ваҳшатсарои печдарпеч
Ҳамин лутфи ту меховам, дигар ҳеч.

**Дар таърифи сухан ва сабаби назми китоб**

Сухан сардафтари девони ишқ аст,
Сухан ганҷинаи султони ишқ аст.
Зи дил файзе ки ҷӯӣ, ҷуз сухан нест,
Чӣ гуфтам? Ҳар чӣ гӯӣ, ҷуз сухан нест.
Сухан сарчашмаи дарёи ақл аст,
Сухан сармояи дурҳои ақл аст.
Хирадро насси қотеъ ҷуз баён нест,
Забони теғ ҷуз теғи забон нест.

Сухан зоҳир кунад сӯзи ниҳонро,
Зи шамъи дил барафрӯзад ҷаҳонро.
Гар ӯ бар сафҳаи олам набудӣ,
Нишон аз оламу одам набудӣ.
Чӣ сон аз рафтаву оянда гуфтӣ,
Ки чандин маънии поянда гуфтӣ?
Ки дар дил раҳм додӣ дилбаронро?
Мусулмон сохтӣ ин кофаронро,
Ки мутрибро ништангез кардӣ?
Ҳазор оташ ба як дам тез кардӣ?
Сухан ваҳй асту мо арши баринем,
Сухан сеҳр асту мо сеҳрофаринем.
Чӣ ҷои сеҳру эъҷози Масеҳ аст?
Ҳаёти мо зи гуфтори фасеҳ аст.
Ба як дам оламеро зинда созем,
В-аз он пас то абад поянда созем.
Касе худ бе сухан чун зинда монад?
Дар иқлими бақо поянда монад?
Хусусан ман, ки ҷони ман ҳамин аст,
Ҳаёти ҷовидони ман ҳамин аст.
Зи дурри назм бошад гуфтугӯям,
Зи баҳри шеър бошад оби рӯям.
Ҳамон беҳтар, ки бо ин дурфишонӣ
Шавам ғаввоси дарёи маонӣ.
Бурун орам аз ин баҳри гиромӣ
Дуре чун гавҳари назми Низомӣ,
Ки аз зикраш хирад беҳуш гардад,
Зи сар то пои Хусрав гӯш гардад.
Биёроям ба хилватхонаи фикр
Арӯси фикрро чун шоҳиди бикр.
Илоҳӣ, ин арӯси ҳаҷлаи ғайб
Ки баҳри ҷилва сар бар карда аз ҷайб,

Ҳарифи маҷлиси иқбол бодо!
Рафиқи бахти фаррухбол бодо!
Ту додӣ чун шаби қадраш камоле,
Фузудӣ чун маҳи бадраш ҷамоле.
Ҷамолашро дамодам тоза гардон,
Камолашро баландовоза гардон.

**БОБИ АВВАЛ: Дар ишқ, ки асли вуҷуд аст ва мақсуди ҳар мавҷуд**

Ҷаҳон як қатра аз дарёи ишқ аст,
Фалак як сабза аз саҳрои ишқ аст.
Мақоми ишқ бас олӣ фитодаст,
Асосаш аз халал холӣ фитодаст.
Зи кори ишқ беҳтар пешае нест,
Беҳ аз савдои ишқ андешае нест.
Асири ишқ озодӣ нахоҳад,
Гар аз ғам ҷон диҳад, шодӣ нахоҳад.
Зиёну суди олам сар ба сар ҳеч,
Ҳамин ишқ аст дар олам, дигар ҳеч.
Муҳаббат гарчи шӯрангез бошад,
Ғаму дардаш нишотангез бошад.
Баҳори ишқро пажмурдагӣ нест,
Шароби шавқро афсурдагӣ нест.
Дило, парвонаӣ, шамъе барафрӯз,
Ба доғи ишқи ӯ месозу месӯз!
Гадои ишқу шоҳи анҷуман бош,
Бирав, султони вақти хештан бош!
Чу ишқ омад, махур ғам, шод биншин,
Зи ғамҳои ҷаҳон озод биншин!
Хитоби ошиқон дур аз итоб аст,
Хатои орифон айни савоб аст.

Хато бар ошиқи бедил нагиранд,
Зи ошиқ ҳар чӣ ояд, дарпазиранд.

**Ҳикояти он ошиқи сармаст, ки ба воситаи ишқ аз теғи сиёсат раст**

Ба мулки Миср шоҳе комрон буд,
Ки бо мастон бағоят саргарон буд.
Касе гар ҷониби майхона рафтӣ,
Сари ӯ дар сари паймона рафтӣ.
Зи май онҳо ки будандӣ лаболаб,
Ҳама чун хум тиҳӣ карданд қолаб.
Зи теғаш ҳар тараф хунҳо равон буд,
Ки ин вақте шароби арғавон буд.
Буридӣ токро забташ рагу пай,
Ки хуни ин рагу пай нест ҷуз май.
Ба ҷуз чашми париရӯёни чун ҳур
Ба давраш кас надидӣ масту махмур.
Ба хоки даргаҳи он шоҳ ногоҳ
Се касро маст оварданд аз роҳ.
Ба пойи тахташ афтоданд ҳар як,
Забони узр бикшоданд ҳар як.
Яке гуфто: Дилам дарёи илм аст,
Сарам шӯрида аз савдои илм аст.
Сабук бардоштам ратли гароне,
К-аз ин ғавғо биёсоям замоне.
Ҷавобаш доду гуфт: Эй нохирадманд,
Шаробу илм дар як сина мапсанд!
Аз ин илме ки дорӣ, ҷаҳл беҳтар,
Ҳалоки инчунин ноаҳл беҳтар!
Яке гуфто: Ҳакими рӯзгорам,
Ба ҷуз қонуни ҳикмат нест корам.

Аз он ҷоми маи соқӣ кашидам,
К-аз ӯ хосийяти бисёр дидам.
Хитоб омад, ки ин беҳикматӣ чист?
Ба қонуне чунин мушкил тавон зист.
Кунун аз мастии ҳастӣ бипарҳез,
Шароби нестӣ дар коми ҷон рез.
Яке гуфто: Дилам бемори ишқ аст,
Тани озурдаам афгори ишқ аст.
Агар ҷоми майи гулгун нагирам,
Зи андӯҳи дили пурхун бимирам.
Шаҳаншоҳи атобахши хатопӯш
Чу бишнид ин сухан, гуфт аз сари ҳуш,
Ки дарди ишқро таскин диҳад май,
Фараҳ бо ошиқи мискин диҳад май.
Агар ошиқ маи гулгун нанӯшад,
Ба зорӣ ҷон диҳад, пас, чун нанӯшад?
Ба қатли он ду тан фармуд ишорат,
Ҳамин ошиқ шуд аз аҳли башорат.
Бале, мастон ҳаёт аз ишқ ёбанд,
Гирифторон наҷот аз ишқ ёбанд.
Фунуни илму ҳикмат печ-печ аст,
Ба ғайр аз ишқ боқӣ ҷумла ҳеч аст.
Илоҳӣ, мастии ишқу ҷунун деҳ,
Наҷот аз қайди ақли зуфунун деҳ.
Диламро сода аз нақши фунун кун,
Фунунро дар сари кори ҷунун кун.

**БОБИ ДУЮМ: Дар сидқ, ки зоҳирро ба ранги ботин намудан аст ва дар зоҳиру ботин якранг будан**

Биё, эй субҳи давлатро талабгор,
Чу субҳи аҳли давлат сидқ пеш ор.

Ба роҳи рост рав, то метавон рафт,
Ки мебояд ба ҷои ростон рафт.
Марав каҷ, ин ҳадиси рост бишнав,
Ки бар як ҷониб афтодаст каҷрав.
Каҷонро раҳ набошад дар миёна,
Ки тири рост ояд бар нишона.
«Алиф» бар осмон, «нун» бар замин аст,
Зи каҷ то рост фарқ, оре, ҳамин аст.
Беҳ аст аз зулфи каҷ он қомати рост,
Бале, ҳар кас ба қадди рост барпост.
Ҳамеша росткорон растгоранд,
Ки ғайр аз ростӣ коре надоранд.
Сафо меборад аз туркони содиқ,
Ки қавлу феълашон омад мувофиқ.
Шавад дил дар ҳузури ростон ҷамъ,
Ҳузури ҷамъ бошад партави шамъ.
Забони обдори савсани тар
Намояд аз каҷӣ шамшеру ханҷар.
Чу дам зад субҳи козиб аз гувоҳӣ,
Кашид аз даъвии худ рӯсиёҳӣ.
Таҷаллӣ кард субҳи содиқ аз Тур,
Ба як дам кард оламро пур аз нур.
Бале, аз сидқ беҳтар нест коре,
Агар дам мезанӣ аз сидқ боре.

**Шикояти маъшуқон, ки ошиқи содиқро сар ба авҷи иззат барафрохтанд ва муддаиёни козибро аз сари кӯҳ ба хоки мазаллат андохтанд**

Саҳаргоҳон, ки абри навбаҳорон
Ба ишрат хайма зад бар кӯҳсорон,

Бисоти кӯҳ шуд аз лола гулранг,
Баромад лаъли сероб аз дили санг.
Ба ишрат хост наргис пеши лола,
Пиёла дошт бар рӯйи пиёла.
Ба ҳам шоху самар тасбеҳсон шуд,
Бар ӯ мурғи саҳар тасбеҳхон шуд.
Ба тундӣ баски сел аз кӯҳ бигзашт,
Аён шуд чокҳо дар домани дашт.
Ҷавонон рӯй дар саҳро ниҳоданд,
Чу гул бар сабзаи тар по ниҳоданд.
Чу наргис ҷоми заррин баргирифтанд,
Шароби лаълро дар зар гирифтанд.
Дар он фархунда рӯзи оламафрӯз
Ба гашти сабзаву гулгашти Наврӯз
Бутон ҷамъею муштоқон гурӯҳе
Гузар карданд бар болои кӯҳе.
Чӣ кӯҳе? Пуршукӯҳу аршпоя,
Ки бар боми сипеҳр афканда соя.
Уқобаш бо ҳумои меҳр ҳампар,
Палангаш бо наҳанги чарх ҳамсар.
Маҳи нав, к-аз паси моҳе намудӣ,
Паси он кӯҳ чун коҳе намудӣ.
Фалак чун пуштае перомани ӯ,
Ки гирд омад зи гарди домани ӯ.
Ба ҳам гуфтанд маъшуқон, ки ушшоқ
Шуданд аз ишқи мо машҳури офоқ.
Валекин сидқи эшон нест маълум,
Бувад бе сидқ кори ишқ маъдум.
Тариқи озмунро соз карданд,
Сафи ушшоқро овоз карданд.
Хитоб омад ба муштоқони ошиқ,
Ки бо мо ҳар кӣ дар ишқ аст содиқ,

Аз ин кӯҳ афканад худро ба поён,
Ки сидқи хешро созад намоён.
Ҳамон ҷо содиқон бар пой ҷастанд,
Ҳамон ҷо козибон аз по нишастанд.
Муайян шуд, ки содиқ кист он ҷо,
Рафиқи номувофиқ кист он ҷо.
Ба ҳурмат содиқонро пеш хонданд,
Ҳарифи қалбро аз пеш ронданд.
Ба як бор аз назар андохтандаш,
Аз он кӯҳу камар андохтандаш.
Мувофиқ хайма дар чархи барин зад,
Мунофиқ хештанро бар замин зад.
Илоҳӣ, аз чаҳи кизбам бурун ор,
Ба роҳи кишвари сидқам дарун ор,
Ки дар ҳар ҳолате беҳбудам ин аст,
Раҳи сарманзили мақсудам ин аст.

**БОБИ СЕЮМ: Дар вафо, ки пои иродот устувор кардан аст ва бо иродоти худ аҳду шарти муҳаббат ба ҷой овардан**

Ҷафокоро, вафодорӣ биёмӯз,
Зи ёрон шеваи ёрӣ биёмӯз.
Ба ҳар кас рӯзи неъмат аҳд бастӣ,
Фаромӯшаш макун дар тангдастӣ.
Чу нон бардоштӣ, хонро маяндоз,
Намак хӯрдӣ, намакдонро маяндоз.
Набояд рӯзи аввал аҳд бастан,
Пас аз бастан намебояд шикастан.
Вафо сарриштаи аҳд аст, зинҳор,
Ки ин сарриштаро аз даст магзор.
Тариқе хуштар аз меҳру вафо нест,
Вале афсӯс, к-он дар аҳди мо нест!

Вафо гар з-он ки дар олам набошад,
Чӣ бошад, гар ҷафое ҳам набошад?
Нашояд ҳар замон ёре гирифтан,
Зи ёрон бар дил озоре гирифтан.
Гуле к-ӯ ҳар замон бошад ба ҷое,
Намеояд аз ӯ бӯи вафое.
Ба мутриб муҳтасибро з-он бувад ҷанг,
Ки ҳар дам дар мақоме дорад оҳанг.
Саге к-ӯ рӯзу шаб як ҷо муқим аст,
Зи ёрони вафодори қадим аст.
Касе к-аз дӯстӣ берун ниҳад пай,
Дар оини вафо саг беҳтар аз вай.
Ба ёре чун вафодорӣ намудӣ,
Вафо варзидию ёрӣ намудӣ,
Зи кӯи ӯ қадам натвон кашидан,
Ба роҳи ӯ ба сар бояд давидан.

**Ҳикояти ошиқи вафодор, ки чун сари ӯро бириданд, аз сар ба сӯи ёри худ равон шуд**

Гадоеро ба шоҳе буд майле,
Чунон майле, ки Маҷнунро ба Лайлӣ.
Ниҳодӣ чун сагон сар дар қафояш,
Напечидӣ сар аз тавқи вафояш.
Ба кӯяш чун алам собитқадам буд,
Дар оини вафодорӣ алам буд.
Ба теғ аз кӯи ӯ қатъан нарафтӣ,
Ҷафоҳо дидию аз ҷо нарафтӣ.
Чу сирри ишқи ӯ ҳар ҷо самар шуд,
Рақибонро аз ин маънӣ хабар шуд.
Зи гумроҳӣ ҳама аз роҳ рафтанд,
Зи гарди роҳ назди шоҳ рафтанд.

Зи ҳар ҷониб сухан оғоз карданд,
Сари сарри ниҳонро боз карданд.
Ки: Шоҳо, булъаҷаб ҳолест имрӯз,
Зи меҳнат пеши мо солест имрӯз.
Яке девонаи жӯлидамӯе,
Зироҳафтодае, беобрӯе
Аз ин саргаштае, бехонумоне,
Миёни халқ беномунишоне
Зи ишқат дам занад дар шаҳру бозор,
Маозаллаҳ! Зиҳӣ нангу зиҳӣ ор!
Аз ӯ дар роҳат афтодаст санге,
К-аз он санг аст моро кӯҳи нанге.
Зи раҳ гар барнахезад ин гаронсанг,
Дигар сӯят нахоҳем омад аз нанг.
Ба навъе дар ғазаб карданд шаҳро,
Ки гуфто: Сар буранд он бегунаҳро!
Равонаш ҷониби ҷаллод бурданд,
Ба он хунрези хунхораш супурданд.
Сарашро бедареғ аз тан ҷудо кард,
Дареғ он сар, ки теғ аз тан ҷудо кард!
Чу хуни бегунаҳро бар замин рехт,
Қазо он ҷо аҷаб нақше барангехт!
Сараш чун гӯй ҳар ҷониб давон шуд,
Дар охир сӯи қасри шаҳ равон шуд.
Ба мижгон аз раҳаш хошок меруфт,
Ба сӯи шоҳ меғалтиду мегуфт:
Агар рафтам, дигар меоям инак,
Зи по рафтам, ба сар меоям инак.
Гурӯҳе дар паяш афтону хезон,
Ба сад афсӯс ашк аз дида резон,
Ки дар олам чунин ёре кӣ дидаст?
На кас дидасту на ҳаргиз шунидаст.

Сараш рафтасту савдо дар сари ӯст,
Зи сар по карда дар хоки раҳи дӯст.
Чу бишнид ин сухан шоҳи ҷавонбахт,
Ба хок афканд худро аз сари тахт.
Сараш гирён зи хоки роҳ бардошт,
Фурӯ борид ашку оҳ бардошт.
Надимоне ки бар даргоҳ буданд,
Забонро бар дуогӯӣ кушуданд,
Ки шоҳи кишвари ҷонро бақо бод!
Гадо гар рафт, султонро бақо бод!
Ҳама сарҳо фидои шоҳ бодо!
Саросар хоки пои шоҳ бодо!
Шаҳи гардунсарири аршхиргоҳ
Ишорат кард бо хосони даргоҳ,
Ки дар сарманзили покаш бибурданд,
Зи хун шустанду бар хокаш супурданд.
Бино карданд қасре гирди хокаш,
Мадад ҷустанд халқ аз рӯҳи покаш.
Шаҳ аз ихлос мекард он иморат,
Қадам мезад ба дастури зиёрат.
Фиристод он қадар такбиру ихлос,
Ки ҷонаш дар ҳарими қурб шуд хос.
Хабар дорӣ, ки он қурб аз куҷо ёфт?
Зи роҳи сидқу оини сафо ёфт.
Вафо кун, ҷони ман, гар қурб хоҳӣ,
Ки ҳаст он мӯҷиби қурби илоҳӣ.
Илоҳӣ, аз ту мехоҳам вафое,
Ки созам з-ин сари саргашта пое.
Ба инҳо гирди кӯят роҳ ёбам,
Магар қурбе дар ин даргоҳ ёбам.

## БОБИ ЧАҲОРУМ: Дар хулқи хуш, ки мояи роҳат ва марҳами ҷароҳат аст

Ҷавоно, чанд бадхӯӣ тавон кард?
Зи хӯи бад ҷафоҷӯӣ тавон кард?
Ту инсонӣ, тариқи деву дад чист?
Ба он рӯи накӯ ин хӯи бад чист?
Накурӯӣ тариқи мустақим аст,
Муҳаммад соҳиби хулқи азим аст.
Чу субҳ аз меҳр хандон бошу хуррам,
Ки оламро барафрӯзӣ ба як дам.
Накухӯй аз дари роҳат дарояд,
Чу гул ҳар ҷо ки бошад, хуш барояд.
Турушрӯ дар паси зону нишинад,
Хуш аст ин, то касе рӯяш набинад.
Ҳама кас чашми худ дар гул ниҳода,
Ки хандон аст бо рӯи кушода.
Чу ғунча парда бар рухсор баста,
Дарунаш чун бурун зангор баста.
Карам бе хулқ ҷуз сарфи дирам нест,
Дирам аз дасти бадхӯён карам нест.
Агар сангиндиле бар хоксорон
Гуҳар пошад, бувад он сангборон.
Диҳад гар хун дили ёре ба ёре,
Бувад ҳар қатра лаъли обдоре.
Гулистони ҷамолу гулшани рӯй
Бувад беобуранг аз тундии хӯй.
Надорад шоҳиди гул ғайр аз ин айб,
Ки дорад сӯзҳо аз хор дар ҷайб.
Чӣ суд аз шакл? Агар хӯе надорӣ,
Чӣ ҳосил ранг? Агар бӯе надорӣ.

**Ҳикояти он ду соҳибҷамол, ки яке аз хулқи хуш оқилонро девона сохта буд ва дигаре аз хӯи бад ошноёнро бегонаи хеш карда буд**

Ду сарви лоларух буданд ҳамзод,
Ки аз модар ба шакли он ду кам зод.
Чунон буданд дар хубӣ ягона,
Ки гуфтӣ: Нест фарқе дар миёна.
Агар ин як малак, он як парӣ буд,
В-агар ин Зуҳра, он як Муштарӣ буд.
Ба сурат гар ба як дастур буданд,
Вале дар сират аз ҳам дур буданд.
Яке бар хотири ҳар хаста роҳат,
Яке аз ҷавр бар дилҳо ҷароҳат.
Яке бар синаҳо марҳам ниҳодӣ,
Яке сад доғи дил бар ҳам ниҳодӣ.
Бути дилҷӯйро аз ҳусни сират
Ба ҷон мехостанд аҳли басират.
Қадам ҳар ҷо ниҳодӣ бар сари кӯй,
Зи бисёрӣ нагунҷидӣ сари мӯй.
Нигори тундхӯ ҳар ҷо нишастӣ,
Зи дасти хӯи бад танҳо нишастӣ.
Шунидам, гуфт рӯзе аз хиҷолат,
Ки: Ё Раб, ин чӣ ҳол асту чӣ ҳолат?
Ки дар ҳусну ҷамоли мо шаке нест,
Туро сад ошиқу моро яке нест.
Чу ин ҳарф он ҳарифи тундхӯ гуфт,
Накӯхӯ дар ҷавоби ӯ накӯ гуфт:
Чӣ суд аз ҳусн? Чун эҳсон надорӣ,
Ту ин дорӣ, валекин он надорӣ.
Худовандо, ба ҳусни некхӯён,
Ба халқу сирати покизарӯён,

Ки ҳусни хулқ одат соз моро,
Ба ахлоқи ҳасан бинвоз моро.

**БОБИ ПАНҶУМ: Дар саховат, ки сарфи мол аст ва таҳсили муроду камол**

Биё, эй хуфта доим дар сари ганҷ,
Ба зар печида ҳамчун аждари ганҷ.
Зару сими ҷаҳонро ҷамъ созӣ,
Ба ин сарришта худро шамъ созӣ.
Бисӯз ин риштаро, то шамъ бошӣ,
Талаф кун симро, то ҷамъ бошӣ.
Куҷоӣ, эй ҳариси моли олам?
Магар воқиф наӣ аз ҳоли олам?
Чӣ ҳосил, з-он ки моҳу офтобӣ,
Ки ҳаргиз заррае бар кас натобӣ?
Чӣ ҳосил, з-он ки абри навбаҳорӣ,
Ки ҳаргиз қатрае бар кас наборӣ?
Дирамдоре, ки ӯ соҳибкарам нест,
Агар сад ганҷ дорад, муҳтарам нест.
Ба пои он дарахт ором гиранд,
Ки халқ аз меваи ӯ ком гиранд.
Саховат мӯҷиби қадри баланд аст,
Саховатпеша доим арҷманд аст.
Сахо қасрест, олӣ пояи ӯ,
Ҳазор осудагӣ дар сояи ӯ.
Зи дарёи карам абре ки хезад,
На борон, гавҳари сероб резад.
Зи саҳрои сахо барге ки рӯяд,
Ҷавоби гулшани фирдавс гӯяд.
Карам ҳарчанд дар олам азиз аст,
Камоли иззати ӯ аз ду чиз аст:

Яке пеш аз таваққуъ ком додан,
Дувум дар хештан миннат ниҳодан.
Фақеҳи шаҳр агар дар бухл монад,
Касе дар зиндагӣ номаш надонад.
В-агар кофар ба эҳсон даст гирад,
Чу Ҳотам номи ӯ ҳаргиз намирад.
Чу пеши айбҷӯ ноне шикастӣ,
Даҳонашро фурӯ бастию растӣ.
Макун дар луқма додан ҳеч тақсир,
Ки бадгӯи туро гардад гулӯгир.
Дирамҳое, ки резад хоҷа бар ҳам,
Бар ӯ доғ асту бар дарвеш марҳам
Чаро ин доғро бар ҳам ниҳад кас?
Ҳамон беҳтар, к-аз он марҳам ниҳад кас.
Дирам бикшо, ки дар бозори мақсуд
Зиёни мол бошад мардро суд.
Гар ин савдо кунӣ, судат расонад,
В-аз ин мақсад ба мақсудат расонад.

**Ҳикояти хоҷа, ки ғуломи соҳибҷамоли худро ба ошиқ бахшид ва ба воситаи он ҷамоли бокамоли фарзанди хешро дид**

Яке тарки диёри хештан кард,
Ба Туркистон шуду он ҷо ватан кард.
Саховатпеша туркони хитоӣ
Ба ӯ карданд майли ошноӣ.
Ба андак рӯзгоре муҳтарам шуд,
Бағоят молдору муҳташам шуд.
Чунон бисёр шуд асбобу амлок,
Ки танг омад фазои levels даври афлок.
Ниҳуфта гӯсфандонаш зи ҳар сӯй
Адими хокро чун нофа дар мӯй.

Замин дар пои аспонаш чу гӯе,
Ки аз чавгон равад ҳар дам ба сӯе.
Зи рашки уштуронаш бухтии кӯҳ
Фитода дар замин чун кӯҳи андӯҳ.
Ниҳода хозинаш, чандон ки хоҳӣ,
Дирамҳо бар замин то пушти моҳӣ.
Ғуломон ҳар яке юсуфҷамоле,
Муборакталъате, абрӯҳилоле.
Дурахшон гавҳаре аз кони идрок,
Бағоят зираку бисёр чолок.
Ҷавоне буд дар хайли ғуломон,
Чу гул покизарӯю покдомон.
Парирухсорае, мардумфиребе,
Биҳиштипайкаре, фирдавсзебе.
Ду чашми хоҷа равшан аз ҷамолаш,
Дили ӯ хуррам аз боғи висолаш.
Даме к-он хоҷа оҳанги сафар дошт,
Ба мулки худ яке зебо писар дошт.
Ҳанӯз ӯро шакар олудаи шир,
К-аз ӯ ширу шакар шуд чошнигир,
Писар чун аҳди тифлӣ бар сар овард,
Ба оини ҷавонӣ сар баровард.
Ба оҳанги падар азми сафар кард,
Ба сӯи мулки Туркистон гузар кард.
Падар ин ҷову ӯ з-ин қисса ғофил,
Нишон меҷуст аз ӯ манзил ба манзил.
Ғуломи шӯху шӯрангез ногоҳ
Ба роҳе ҷилва карду бурдаш аз роҳ.
Зи роҳи дида дар ҷонаш даромад,
Зи дард аз сина афғонаш баромад.
Аҷаб дарди диле пеш омад ӯро,
Намак бар синаи реш омад ӯро.

Балои ишқу андӯҳи ғарибӣ,
Ғами ҳиҷрону дарди бенасибӣ.
На ёре, к-ин ҳикоят боз гӯяд,
На ғамхоре, ки бо ӯ роз гӯяд.
Ба охир сар ба шайдоӣ баровард,
Алам дар кӯи расвоӣ баровард.
Ба андак рӯзгоре ончунон шуд,
Ки дар умри абад мушкил тавон шуд.
Бале, тунд аст ишқи фитнаангез,
Чу оташ тунд шуд, боло равад тез.
Зи ишқи он парӣ девона гардид,
Ҳадиси ишқи ӯ афсона гардид.
Касон бо якдигар он роз гуфтанд,
Ба пеши хоҷа охир боз гуфтанд.
Дилаш аз оташи андӯҳи ӯ сӯхт,
Чу шамъ аз оташи дил рангаш афрӯхт.
Ғуломи моҳрӯро пеши худ хонд,
Сухан бо ӯ ба дастури адаб ронд,
Ки: Эй шохи гули зебандаи ман,
Ту султони манӣ, на бандаи ман.
Агар будӣ ғуломи ман аз ин пеш,
Кунун бахшидамат бо он вафокеш.
Ба азми худмати ӯ зуд бархез,
Ба ӯ омезу аз ғайраш бипарҳез!
Ба ҳукми хоҷа он моҳи дилафрӯз,
Чу шуд ороми ҷони он ҷигарсӯз,
Дили садпорааш чун ғунча бишкуфт,
Чу гул хандон ба сӯяш омаду гуфт:
Аҷаб лутфе намудӣ! Ваҳ, чӣ гӯям?
Карам кардӣ, афокаллаҳ! Чӣ гӯям?
Чу ӯро хоҷаи соҳибкарам дид,
Падарвораш зи аслу насл пурсид.

Падар чун бо писар ҳамдостон шуд,
Падар-фарзандии эшон аён шуд.
Равон дар дасту пои ҳам фитоданд,
Ба иззат рӯи ҳамро бӯса доданд.
Ба мақсуду муроди худ расиданд,
Зи дарди дил ба доди худ расиданд.
Карам кард он ҷавонмарди хирадманд,
Ки чашм афканд дар дидори фарзанд.
Карам кун, к-аз карам ёри ту бошанд,
Мадад кун, то мададгори ту бошанд.
Худовандо, бағоят бенавоем,
Карам фармо, ки муҳтоҷу гадоем.
Карам кун, то карамро пеша созем,
Лаимонро сахоандеша созем.

**БОБИ ШАШУМ: Дар боби шуҷоат, ки дасти мардӣ кушодан аст ва пои мардонагӣ пеш ниҳодан**

Биё, эй бедили азкормонда,
Зи бим андару паси девор монда.
Далерӣ кун, ки майдон аз далер аст,
Агар рӯбаҳ далер афтод, шер аст.
Диле к-аз ҳайбати оҳе биларзад,
Бари соҳибдилон коҳе наярзад.
Далероне, ки дур аз бим буданд,
Сипаҳсолори ҳафт иқлим буданд.
Чӣ хуш гуфтанд мардони ҷигардор,
Ки пое пеш неҳ, дасте бурун ор.
К-аз ин даст аз ҳама кас пеш бошӣ,
Ба ин по аз ҳама кас пеш бошӣ.
Раҳи саҳрои расвоӣ гурез аст,
Калиди мамлакат шамшери тез аст.

Ба як дам оламеро фатҳ кардан
Беҳ аз нанги ҳама олам ба гардан.
Сари душман равон аз тан ҷудо кун,
В-агарна, рав, сари худро фидо кун.
Агар сад сол зери санг бошӣ,
Аз он беҳтар, ки зери нанг бошӣ.
Зи ғайрат гар яке мардонагӣ кард,
Ту гӯӣ ҷоҳиле девонагӣ кард.
Магӯ ҷоҳил, ки ҷои ҳайрат аст ин,
Беҳ аз сад оқили беғайрат аст ин.
Матарс аз ҷон, ки гар дил тарснок аст,
Ҳам аз тарси худаш бими ҳалок аст.
Қавидил шав, ки дар майдони мардӣ
Гар аз куштан битарсӣ, кушта гардӣ.

**Ҳикояти ҷавоне, ки ошиқи содиқи худро ба базми висол маҳрам сохт ва ошиқони козибро ба теғи камилтифотӣ сар андохт**

Ҷавоне, сарвқадде, гулъизоре,
Чӣ ҷои сарву гул? Хуррамбаҳоре.
Рухаш аз орази гул об бурда,
Хаташ аз ҷаъди сунбул тоб бурда.
Узораш чун гули сероб хуррам,
Ниҳон дар ғунчааш сию ду шабнам.
Ду рух гул-гул в-аз он ҳар як чароғе,
Дилу ҷонро зи ҳар як тоза доғе.
Чу гулбарги баҳорӣ покдомон,
Ба ҷамъе сӯи саҳро шуд хиромон.
Аҷаб ҷамъи ҷигасӯзе, ки он ҷамъ
Ба сӯзи ишқ будӣ зинда чун шамъ.

Ҳикоят ҳар яке бо ёр кардӣ,
Камоли ишқи худ изҳор кардӣ.
Яке гуфто: Сарамро гӯй гардон,
Ки сар бозам ба пешат ҳамчу чавгон.
Яке гуфто: Сари ман гӯи худ соз,
Ки сар дарбозаму гардам сарафроз.
Яке гуфто: Ишорат кун ба ҷонам,
Ки дар пои сагонат барфишонам.
Яке гуфто: Дили зоре ки дорам,
Агар хоҳӣ, ба ҷон пеши ту орам.
Дар ин буданд, к-аз ҷо ҷаст шере,
Чу шери чарх дар куштан далере.
Чу оташ дар наистон тез гашта,
Ба сони шуъла оташрез гашта.
Ба ранги каҳрабо худро намуда,
Вале чун коҳи каждумдор буда.
Думаш бар пушт ҳамчун аждари кӯҳ,
Ки карда аз камар азми сари кӯҳ.
Давон чун зӯр бо сарпанҷа карда,
Кафаш гови заминро ранҷа карда.
Дар он соат, ки шер аз ҷой барҷаст,
Яке зад ҳамлаву бар пой барҷаст,
Дигарҳо як ба як бар пой ҷастанд,
Вале баҳри гурез аз ҷой ҷастанд.
Чу шамшери шуҷоатро алам кард,
Ба як теғ устухонашро қалам кард.
Чунон осон қалам кард аз миёнаш,
Ки пиндорӣ, ҷудо буд устухонаш.
Зи ғайрат он ҷавон ҳам теғ бардошт,
В-аз он мардум якеро зинда нагзошт.
Рухаш чун гул, дамаш чун ғунча бишкуфт,
Ба ёри мухлиси ҷонбози худ гуфт,

Ки чун аҳди ту аҳди устуворест,
Фидоят сохтам, ҳар ҷо ки ёрест.
Илоҳӣ, шеваи мардонагӣ деҳ,
Зи номардон маро бегонагӣ деҳ,
Ки дар роҳат ба мардӣ ҷон фишонам,
Дусад номардро дар хун нишонам.

**БОБИ ҲАФТУМ: Дар ҳиммат, ки кӯҳро аз ҷой бардоштан аст ва коми дил аз ширинлабон ёфтан ва ҷавононро водор ба кӯшиш сохтан**

Биё, эй пастҳиммат, ин чӣ сустист?
Тариқи раҳравон гармию чустист.
Ҳарифон боли ҳиммат боз карданд,
Бар авҷи нуҳ фалак парвоз карданд.
Ту аз сустӣ ба сад хорӣ фитодӣ,
Зи пастӣ дар нигунсорӣ фитодӣ.
Бизан дасту зи ҳиммат бол бикшо,
Ба рӯи худ дари иқбол бикшо.
Зи ҳиммат сарваронро бол доданд,
Муҳаммадро шаби меъроҷ доданд.
Зи ҳиммат бар сари шерон равад мӯр,
Зи ҳиммат нӯш гардад неши занбӯр.
Зи ҳиммат қатра дар Ҷайҳун дарояд,
Зи ҳиммат зарра бар гардун барояд.
Расид ин зарра бар хуршеди воло,
Гузашт он қатра аз луълуи лоло.
Ту ҳам як қатраи обӣ зи оғоз,
Дар охир зарраи хоке шавӣ боз.
Чу зарра маҳв шав дар нури хуршед,
Чу қатра ғӯта зан дар баҳри ҷовид,
Ки бинӣ ҷои худ фарқи шаҳонро,
Ба зери пои худ мулки ҷаҳонро.

Дар аввал дона зери гул даромад,
Чу ҳиммат дошт, охир бар сар омад.
Зи ҳиммат каҳраборо ҷазбае ҳаст,
Ки куҳро мекашад бе ҷунбиши даст.
Чӣ ҷои каҳрабову ҷунбиши коҳ?
Ки ҳиммат кӯҳро бардорад аз роҳ.

**Ҳикояти Фарҳод, ки чун ҷӯи ширу ҳавз дар санги хоро ҷиҳати Ширин тартиб дод, Ширинро ҳалқадаргӯши худ ба сабаби ҳиммат гардонид**

Сухандонони ин ширин ҳикоят
Чунин карданд аз Ширин ривоят,
Ки рӯзе дар такаллум пеши Фарҳод
Лаби ширини шаккарбор бикшод,
Ки ман ширину Ширин аст номам,
Зи шаҳди ноб ширин аст комам.
Лабамро ҳаст шир аз шаҳд хуштар,
Ки бо ҳам хуштар ояд ширу шаккар.
Чу тифлон баски завқи шир дорам,
Зи тифлӣ то ба акнун ширхорам.
Мазоқи шир бо завқам сириштанд,
Аз он номи маро Ширин навиштанд.
Маро акнун ҳазорон гӯсфанд аст,
Дар ин кӯҳе, ки чун гардун баланд аст.
Аз он ҷо то бад-ин ҷо як-ду фарсанг
Чунон ҷӯе бибояд кандан аз санг,
Ки ҳар кас ҳар гаҳ он ҷо шир дӯшад,
Лаби ширинам ин ҷо шир нӯшад.
Чу ёбад ҷӯи шир охир саранҷом,
Туро аз шаҳди ман ширин шавад ком.

Чу бишнид ин сухан Фарҳод, барҷаст,
Ба сони кӯҳ дар хидмат камар баст.
Чу бар кӯҳ озмудӣ теша бар санг,
Замин ларзон шудӣ фарсанг-фарсанг.
Зи захми тешааш санге ки ҷастӣ,
Малакро дар фалак шаҳпар шикастӣ.
Чунон оташ фурӯ ҷастӣ зи теша,
Ки аз кӯҳ оташ афшондӣ ба беша.
Ҳамоно з-оташи он кӯҳи андӯҳ
Саросар санги оташ будӣ он кӯҳ.
Забони теша чун оташ фишондӣ,
Ба ҳасрат бар забони хеш рондӣ,
Ки: Чун ман теша оташ карда манзил,
Вале ӯро забон сӯзад, маро дил.
Ҳар он оташ, ки ӯро бар забон аст,
Маро, биллоҳ, дар дил беш аз он аст.
Диламро худ чунин бояд забоне,
Ки сӯзамро кунад равшан баёне.
Сабук санги гарон меканду мерафт,
Миёни кӯҳ ҷон меканду мерафт.
Зи санги хора зоҳир кард ҷӯе,
Ки бошад пеши ёраш обрӯе.
Чунон ҷӯе ба рӯи санг пардохт,
Ки дар рӯи замин мушкил тавон сохт.
Дар ӯ гар қатраи шире чакидӣ,
Равон то соҳили Ширин давидӣ.
Мураттаб сохт он ҷо ҳавзи дигар,
Шуд он як ҷӯи шир, ин ҳавзи Кавсар.
Чу Ширин дид санъатҳои Фарҳод,
Забон бикшоду гуфто: Офарин бод!
Чӣ ҷӯи ширу ҳавз аст ин, ки кандӣ?
Ба ширинӣ аҷаб тарҳе фикандӣ!

Кӣ донад қимати ҳавзи чунинро?
Кӣ дорад ғарқи ҳайрат хурдабинро.
Ситоиш карду баҳри музди кораш
Зи гӯш овард берун гӯшвораш,
Ки яъне, ҳастам аз ҷон ҳалқадаргӯш,
Зи гӯшам ҳалқаро бистону бифрӯш.
Бигуфт: Эй ҳалқаи ҳикмат ба гӯшам,
Ба сад ҷон гар харандаш, кай фурӯшам?
Маро ин ҳалқа шуд тавқи иродат,
Шудам сарҳалқаи асли саодат.
Аз он з-аҳли саодат гашт Фарҳод,
Ки ҳиммат басту ҷӯи шир бикшод.
Зи ҳиммат санги хоро гар накандӣ,
Назар бар лаъли Ширин кай фикандӣ?
Ба ҳиммат кӯҳро аз пеш бардошт,
Аҷаб санге зи роҳи хеш бардошт!
Худовандо, маро ҳам ҳиммате деҳ,
В-аз он сарпанҷаамро қуввате деҳ,
Ки гирам тешаи Фарҳод дар чанг,
Ба ҳиммат лаъл берун орам аз санг.

## БОБИ ҲАШТУМ: Дар эҳсон, ки ба ҳоли муҳтоҷон пардохтан аст ва бенавоёнро ба навои марҳамату алтоф бинвохтан

Ситамгоро, ба эҳсон хӯ накардӣ,
Ҳама бад кардию некӯ накардӣ.
Ҷафокорӣ накун, аз муҳсинин бош,
Чунон то чанд бошӣ? Инчунин бош!
Чу бинӣ тирабахтеро сияҳрӯз,
Шабашро ҳамчу қурси маҳ барафрӯз!

Ба об аз ташнагӣ медеҳ наҷоташ,
Ки бошад оби ту оби ҳаёташ.
Ба сармо гар шавад аз хеш навмед,
Бипӯш аз хилъати гармаш чу хуршед.
Би гармо чун наёбад мояи худ,
Дилаш осуда кун дар сояи худ.
Ба эҳсон боз гардад сайри эҳсон,
Ки эҳсонро нашояд ғайри эҳсон.
Гул аз лутфе, ки дорад навбаҳорон,
Кунад ҷо бар сари насринъизорон.
Хасу хоре, ки оташ барфурӯзад,
Чу хезад шуъла, аввал худ бисӯзад.
Мазан раҳ, то бурун аз раҳ наяфтӣ,
Макан чаҳ, то даруни чаҳ наяфтӣ.
Сагеро гар наёзорӣ ба бедод,
Зи дурат бинаду ояд ба фарёд.
В-ар аз эҳсон намоӣ тарки озор,
Барад доманкашонат ҷониби ёр.

**Ҳикояти Маҷнун, ки ба сababи эҳсоне, ки ба саги Лайлӣ намуд, дилаш аз давлати висол биёсуд**

Чу Маҷнун дур монд аз кӯйи Лайлӣ,
Ба оҳу нола гуфто: Вой! Вайлӣ!
Надонам, бо ғами Лайлӣ чӣ созам?
Ба чандин оҳу вовайлӣ чӣ созам?
Зи кӯяш сад ғаму андӯҳ бурдам,
Ба зери меҳнати чун кӯҳ мурдам.
Магар боди сабо ояд зи кӯяш,
Ки бозам зинда гардонад ба бӯяш.

Чӣ будӣ? Гар танамро ҷон набудӣ,
В-агар будӣ, ғами ҳиҷрон набудӣ.
Ғаму дарде, ки ман дидам, кӣ дидаст?
На кас дидасту на ҳаргиз шунидаст.
Ба меҳнатҳои гуногун тавон зист,
Вале бе рӯйи Лайлӣ чун тавон зист?
Тани ман кошкӣ хошок будӣ,
Ки боди субҳхезам даррабудӣ.
Равон бурдию дар роҳаш фикандӣ,
Ба хорӣ дар гузаргоҳаш фикандӣ.
Гузаштӣ сӯи ман Лайлӣ хиромон,
Кашидӣ бар сарам аз ноз домон.
Задам ман ҳам равон дар доманаш даст,
Шудам чун хок зери пои ӯ паст.
Чу хуш бошад, ки коми ман барояд!
Ба зери пои ӯ умрам сар ояд.
Чунин гуфту қадам зад дар биёбон,
Ба сӯи кӯҳу саҳро шуд шитобон.
Чу Маҷнун сӯи саҳро кард майле,
Саге дид аз сагони кӯи Лайлӣ.
Зи пирӣ дасти ӯ аз кор монда,
Зи по афтода в-аз рафтор монда.
Намонда қувваташ дар дасту дар пой,
Ба ин бедаступоӣ монда бар ҷой.
Ниҳода оҳувон по бар сари ӯ,
Лагадкӯби ғазолон пайкари ӯ.
Зи сар то по шуда зери магас гум,
Барои худ магасрон карда аз дум.
Забон молида бар захми тани хеш,
Даҳони захмаш аз захми забон реш.
Шуда чун устухон аз баҳри ноне,
Ба ғайр аз худ надида устухоне.

Дили Маҷнун зи ҳоли ӯ барошуфт,
Ба сӯи ӯ назар мекарду мегуфт,
Ки эй ман дар вафо шармандаи ту,
Саги ёри манӣ, ман бандаи ту!
Ғазолони ҷаҳон, эй шерзода,
Зи дастат рӯй дар саҳро ниҳода.
Палангон ҳам зи бимат бо сад андӯҳ
Ҳисори санг манзил карда дар кӯҳ.
Намедонам, чаро аз по фитодӣ?
Зи ҷойи худ куҷо ин ҷо фитодӣ?
Чаро дастат чунин аз кор монда?
Чаро пои ту аз рафтор монда?
Куҷо рафт, он ки буд аз панҷаи ту?
Ғазолон, балки шерон ранҷаи ту.
Куҷо рафт, он ки ҳар сӯ медавидӣ,
Ба саҳро ҳамчу оҳу медавидӣ?
Биёбон пурнафиру ғулғулат буд,
Палоси хаймаи Лайлӣ ҷулат буд.
Агар рӯзе фитад чашмам бар он ҷул,
Кунам онро зи хуни дида гул-гул.
Қади ман ҳалқа шуд, комам баровар,
Ба ман чун тавқ рӯзе сар даровар.
Паси зонуи ғам бо ҳалқа монам,
Ки сар аз пову по аз сар надонам.
Ниҳодӣ по ба кӯи дилбари ман,
Биёву по неҳ акнун бар сари ман.
Чӣ будӣ, гар сарам пои ту будӣ?
Ки бар хоки сари он кӯй судӣ.
Чу чашмат бар вай афтодаст гоҳе,
Гаҳе ҳам ҷониби ман кун нигоҳе,
Ки ин ғамдида рӯи ғам набинад,
Касе ӯро ба чашми кам набинад.

Чӣ доғ аст ин к-аз ӯ дорӣ нишоне?
Ҳамин бошад нишони комронӣ?
Чӣ будӣ? Гар маро ин доғ будӣ,
Дилам з-ин гул биҳишти боғ будӣ?!
Чу кард ин гуфтугӯ Маҷнуни ношод,
Ғазолеро гирифт аз доми сайёд.
Кабобаш кард аз рӯи мурувват,
Зи қувват он кабобаш дод қувват.
Ба он қувват саг омад сӯи Лайлӣ,
Шуд охир посбони кӯи Лайлӣ.
Чу Маҷнун ҷониби Лайлӣ гузаштӣ,
Ба гирди кӯи ӯ чун Каъба гаштӣ.
Давон он саг зи домонаш кашидӣ,
Равон то пеши ҷононаш кашидӣ.
Чу Маҷнунро ба эҳсон буд майле,
Фитодаш дида бар дидори Лайлӣ.
Илоҳӣ, шеваи эҳсон карам кун,
Маро дар олами эҳсон алам кун,
Ки худро бар сари кӯи ту бинам,
Ба кӯят гардаму рӯи ту бинам.

## БОБИ НУҲУМ: Дар тавозуъ, ки аз сар гузаштан аст ва сар ба хоки тавозуъ афкандан

Биё, эй аз такаббур мастгашта,
Зи фикри сарбаландӣ пастгашта.
Тавозуъ кун, ки ёбӣ сарбаландӣ,
Фурӯтан шав, ки ёбӣ арҷмандӣ.
Такаббур сарбаландонро кунад паст,
Тавозуъ зердастонро забардаст.
Гар аз роҳи тавозуъ хок бошӣ,
Чу гарде гард бар афлок бошӣ.

Кашӣ гар аз такаббур сар ба афлок,
Нишинӣ ҳамчу оташ зуд бар хок.
Замин чун аз тавозуъ хок гашта,
Ғубораш сурмаи афлок гашта.
Фалак гар аз тавозуъ хам набудӣ,
Сарафрози ҳама олам набудӣ.
Чу Одамро вуҷуд аз хок доданд,
Малоик дар суҷудаш сар ниҳоданд.
Чу шайтон сар кашид аз саҷда кардан,
Фитод аз лаънаташ тавқе ба гардан.
Мабодо аз такаббур кардани хеш
Ниҳӣ он тавқро бар гардани хеш!
Ҳасуд аз ҷумла неъматҳои олам
Ҳамин дорад тавозуъро мусаллам.
Касе дар шукри ин неъмат чӣ гӯяд?
Ки душман ҳам заволашро наҷӯяд.
Чу душман санг бардорад паи ҷанг,
Тавозуъро ҳисоре созад аз санг.
Ба роҳи масканат ҳар кас ки хок аст,
Зи санги ҳодисот ӯро чӣ бок аст?

**Ҳикояти ошиқе, ки ба тавозуъ аз санги маломат ба саломат бозраст**

Намедонам, ки хоҳӣ кард бовар?
Ки шоҳе буд дар иқлими Ховар.
Ба сурат беҳтар аз ҳуру парӣ буд,
Ҷамолаш офтоби ховарӣ буд.
Бинозам қудрати он сониъи пок,
Ки хуршед офарид аз заррае хок.
Лабаш гоҳе ки шаккарханда кардӣ,
Наботи Мисрро шарманда кардӣ.

Рухаш бар офтоб афканда тобе,
Даҳонаш заррае бар офтобе.
Сарафрозон зипоафкандаи ӯ,
Ҳама шоҳони олам бандаи ӯ.
Гадое дошт бо он моҳи Ховар
Чунон меҳре, ки натвон кард бовар.
Ҳама рӯз аз пояш афтону хезон,
Ҳама шаб гирди кӯяш ашкрезон.
Шабе бар гирди қасри шоҳ мегашт,
Ба оҳу нолаи ҷонкоҳ мегашт.
Зи дарди ошиқӣ фарёд бардошт,
Зи фарёде ки он шаб то саҳар дошт,
Мунағғас кард айши посбонро,
Мусаддиъ шуд саги он остонро.
Зи боми қасри шоҳӣ посбоне
Фиканд аз кин бар ӯ санги гароне.
Дар он ҳолат, ки омад санг аз он сӯй,
Сагеро дид ошиқ, гирди он кӯй.
Тавозуъ карду аз таъзим хам гашт,
Зи болои сараш он санг бигзашт.
Гар аз роҳи тавозуъ хам нагаштӣ,
Кай он санг аз сари ӯ даргузаштӣ?
Худовандо, нахоҳам сарфарозӣ,
Сарам кош, аз тавозуъ паст созӣ,
Ки бошам сокини кӯи саломат,
Халосӣ ёбам аз санги маломат.

## БОБИ ДАҲУМ: Дар адаб, ки зоҳирро ба афъоли ҳасана оростан аст ва ботинро ба авсофи ҳамида перостан

Надонам, к-ин ҳама тарки адаб чист?
Ҳади худро намедонӣ, сабаб чист?

Адаб хоҳӣ, зи ҳад берун манеҳ пой,
Зи ҳар ҷониб ки ҳастӣ, дар миён ой!
Адаб ороиши афъол бошад,
Адаб осоиши аҳвол бошад.
Фурӯғи зоҳир аз ороиши ӯст,
Фароғи ботин аз осоиши ӯст.
Адаб маҷмӯаи ҳусну ҷамол аст,
Баҳоре дар камоли эътидол аст.
Ҳама корат ба қадри хеш бояд,
Зи қадри худ на кам, на беш бояд.
Бад-ин мизон агар худро бисанҷӣ,
Наранҷад аз ту кас, худ ҳам наранҷӣ.
Чу биншинӣ, чунон шояд, ки бояд,
Чу бархезӣ, чунон бояд, ки шояд.
Чароғи дида шаб ҷое бияфрӯз,
Ки гардад тира, чун равшан шавад рӯз.
Сухан бо маҳарамон бояд чунон гуфт,
Ки бо ағёр дар маҷлис тавон гуфт.
Чаро сомеъ ниҳад бар нуктае гӯш,
Ки бояд кардаш аз хотир фаромӯш?
Манеҳ бар ҳарфи кас зинҳор ангушт,
Ки афтад чун қалам ангушт аз мушт.
Чаро ҷое қадам бояд ниҳодан?
Ки он ҷо бемаҳал боядситодан.
Адабро раҳбари кӯи талаб кун,
В-агарна, нафси саркашро адаб кун.
Адаб дар анҷуман шамъи мунир аст,
Далели покии мофиззамир аст.
Ҳарифе, к-аз адаб дилкаш намояд,
Аз ӯ тарки адаб ҳам хуш наёяд.
Адаб чун бандаро масъуд созад,
Аёзе оқибатмаҳмуд созад.

**Ҳикояти Султон Маҳмуд, ки сари худро дар пои Аёз ниҳод ва пой аз сари ӯ накашид, ки хилофи раъйи султон тарки адаб аст**

Шабе Маҳмуд оҳанги тараб кард,
Аёзи хосу хосонро талаб кард.
Бутони симтан гирдаш нишастанд,
Нигини салтанатро ҳалқа бастанд.
Ҷавонони саҳиқадди сарафроз
Чу сарви бӯстон дар ҳалқаи ноз.
Даромад гарму равшан шишаи май,
Чу қандиле, ки бошад шамъ дар вай.
Зи ғулғул чун даромад дар тарона,
Зад оташ аз дили гармаш забона.
Зи ҳар ҷо бонги нӯшонӯш бархост,
Зи дилҳои ҳарифон нӯш бархост.
Лаби лаъли шароболуди соқӣ
Зи ҳастӣ як рамақ нагзошт боқӣ.
Ба ғамза чун буридӣ банд аз банд,
Зи май кардӣ ба хуни гарм пайванд.
Надимон нуқли базм аз нақл карданд,
Ҳарифон хайрбоди ақл карданд.
Хушоҳангон навоҳо соз карданд,
Нишоти рафтаро овоз карданд.
Ба қонун тори ишрат дар кашиданд,
Паи хондан варақ мистар кашиданд.
Хурӯши дилхароши чанг бархост,
Зи ҳар тораш ҳазор оҳанг бархост.
Аз он дар гӯши уд омад хурӯше,
Баровард аз буни ҳар мӯй гӯше.
Раҳи ушшоқ мезад мутриби маст,
Гирифта ханҷар аз мизроб дар даст.

Даф овози нишотангез мекард,
Дами най оташи май тез мекард.
Маю найро нишотею навое,
Таолаллаҳ, аҷаб обу ҳавое!
Дар он обу ҳаво ҷон орамида,
Зи рӯи гулрухон гулҳо дамида.
Аёз, он гавҳари дарёи алтоф,
Зи сар то по ҳама ахлоқу авсоф
Гаҳе бар по ситода рост чун шамъ,
Шуда равшан зи рӯяш ҳалқаи ҷамъ.
Гаҳе дар ҷилва чун кабки хиромон,
Кашидӣ ҳар тараф аз ноз домон.
Гаҳе соқӣ шуда, аз по нишаста,
Миёни анҷуман танҳо нишаста.
Чу сирре дар дили султон гузаштӣ,
Аёз аз сирри ӯ огоҳ гаштӣ.
Бале, чун дар дили покаш гузар дошт,
Зи асрори ниҳони ӯ хабар дошт.
Чунон аз меҳр бо султон яке буд,
Ки ӯро дар вуҷуди худ шаке буд.
Ду муштоқ аз маи ваҳдат лаболаб,
Тасарруф карда як ҷон дар ду қолаб.
Шаробу ишқ бо ҳам зӯр карданд,
Дили девонаро дар шӯр карданд.
Ҳарифон масту соқӣ низ сармаст,
Май андар ҷому ҷом андар кафи даст.
Дар охир чун зи каф соғар ниҳоданд,
Ҳама дар хоби мастӣ сар ниҳоданд.
Чу султон нимашаб аз хоб бархост,
Ба бӯи он гули сероб бархост.
Гузар сӯи Аёз афканд сармаст,
Ба болинаш чароғе бурду биншаст.

Дар он шаб чашмаш аз ҳайрат намехуфт,
Назар дар сурараташ мекарду мегуфт:
Чаро ин фитна дар хоб аст чандин?
Хароби бодаи ноб аст чандин?
Чаро ин сарв аз рафтор монда?
Лаби ширинаш аз гуфтор монда?
Ду абрӯяш, ки кардандӣ ишорат,
Маро з-эшон расидӣ сад башорат.
Кунун тарки ишорат аз чӣ карданд?
Зи ман қатъи башорат аз чӣ карданд?
Ду чашмаш чун назарбозӣ намуданд,
Ду тифли шӯх дар бозӣ намуданд.
Зи ман роҳи назар баҳри чӣ бастанд?
Чу ғайре нест, дар баҳри чӣ бастанд?
Забонаш тӯтии шаккаршикан буд,
Миёни шаккаристон дар сухан буд.
Чаро дар тунги шаккар монда хомӯш?
Навои хешро карда фаромӯш?
Дамодам дошт бо худ ин фасона,
Чу кард ин гуфтугӯи ошиқона.
Бурун рафт ихтиёр аз дасти султон,
Фитод охир ба пояш масту ғалтон.
Зи хоки пои ӯ кард афсари хеш,
Ниҳод охир ба пои ӯ сари хеш.
В-аз он пас муддате сар барнаёвард,
Ба тоҷи салтанат сар дарнаёвард.
Саҳаргаҳ чун гули ин роз бишкуфт,
Фузуле бо Аёз ин қиссаро гуфт,
Ки шаб дар хоб ё бедор будӣ?
Надонам маст ё ҳушёр будӣ,
Ки султон дошт дар поят сари худ,
Ту судӣ по ба фарқи сарвари худ.

Агар шуд фарқи ӯ пешат заминсой,
Ту боястӣ кашид аз фарқи ӯ пой.
Аёзаш гуфт: Ман бедор будам,
Набудам бехуду ҳушёр будам.
Вале аз банда ин маънӣ аҷаб нест,
Хилофи рои султон аз адаб нест.
Сараш чун зери пои ман кунад ҷой,
Ту худ гӯ, аз сари ӯ чун кашам пой?
Бале, бошад адаб мақсуди ҷонон,
Зиёни худ барои суди ҷонон.
Ба султон чун расид ин гуфтаи ӯ,
Шуд аз ҳусни адаб ошуфтаи ӯ.
Илоҳӣ, чанд бошам аз адаб дур?
Саодат бошад аз ман рӯзу шаб дур?
Адабро кавкаби масъуд гардон,
В-аз онам оқибат маҳмуд гардон.

**БОБИ ЁЗДАҲУМ: Аз нобоиста иҷтиноб намудан ва аз боиста дар ҳиҷоб будан аст**

Биё, эй ринди оламсӯзи бебок,
Ба исён пардаи исмат макун пок.
Сар аз шарми гунаҳ дар ҷайби худ кун,
Ҳаёро пардапӯши айби худ кун.
Касе к-ӯ аз ҳаё хай аз ҷабин рехт,
Кам оби рӯи худро бар замин рехт.
Саре к-ӯ аз ҳаё дар пеш бошад,
Ба ҳурмат посбони хеш бошад.
Чу мардум шӯхчашмӣ пеша карданд,
Ҳаё пеш ор, то шарманда гарданд.
Зи шарм он беҳ, ки доим лаб бибандӣ,
Ба рӯи ҳар касе чун гул нахандӣ.

Нагаштӣ гар даҳони ғунча хандон,
Лабашро жола нагрифтӣ ба дандон.
Ҳарифи шӯхчашми масти бебок
Кунад пироҳани номуси худ чок.
Нигори шармноки нармгуфтор
Ба дилҷӯӣ кунад сад ҷон гирифтор.
Азиз аст офтоби мавсими дай,
Ки аз тундӣ ҳаё шуд мониъи вай.
Сари худ аз ҳаё гар афканӣ пеш,
Биёбӣ оқибат гумкардаи хеш.

**Ҳикояти он ошиқ, ки матлуби худро аз раҳгузари ҳаё ёфт**

Ҷавоне дар Хуросон ҷавҳарӣ буд,
Ки асли наслаш аз ҳуру парӣ буд.
Ақиқаш ханда бар ёқут карда,
Зи шаккарханда ҷонро қут карда.
Сари бозор аз савдои ӯ пур,
Садафвор аз ғамаш сад дида пурдур.
Саропо дар зару зевар гирифта,
Тани чун сими худ дар зар гирифта.
Яке гӯи мурассаъ бар камар дошт,
Ки лаъл аз рашки ӯ хун дар ҷигар дошт.
Қазоро он баҳори оламафрӯз
Ба майдон ҷилвагар шуд рӯзи Наврӯз.
Хиромон ҳар тараф мегашту ҳар сӯй,
Дарафтод аз миёнаш ногаҳ он гӯй.
Пас аз як рӯз бар вай гашт зоҳир,
Ки афтодаст гӯи пурҷавоҳир.
Гирифт аз ҳасрат он лабро ба дандон,
Фурӯ баст аз табассум лаъли хандон.

Чунон шуд аз ғами гӯяш ҳилоле,
Ки мешуд ҳар дам аз ҳоле ба ҳоле.
В-аз он пас гуфт: Бо худ аҳд кардам,
Аҷаб аҳде зи рӯи ҷаҳд кардам,
Ки ҳар мискин, ки онро бозёбад,
Зи хорӣ бигзарад, эъзоз ёбад.
Ба базми васл мегардад сарафроз,
Шавад чун гӯй дар майдон сарандоз.
Касоне, к-ин башоратро шуниданд,
Ба сони гӯй дар майдон давиданд.
Яке савдои он бо хеш медошт,
Ки доим аз ҳаё сар пеш медошт.
Ба майдони талаб чун гӯй биштофт,
Чу сар дар пеш буд, он гӯйро ёфт.
Зи майдон ҷониби ӯ бурду биспурд,
Бад-ин сон гӯй аз майдон бурун бурд.
Худовандо, ниҳоят шармсорам,
Дигар ёрои бешармӣ надорам.
Ҳаё мехоҳам аз рӯи иродат,
Ки аз майдон барам гӯи саодат.

**БОБИ ДУВОЗДАҲУМ: Дар сабр, ки калиди дари ганҷи сурур аст ва амини кунҷи ҳузур**

Биё, эй кӯшишибисёркарда,
Ба саъйи хеш худро хоркарда.
Кушоиш аз дари сабр аст, маштоб,
Қароре гиру сабре кун дар ин боб.
Нишоти орзумандон зи сабр аст,
Гули боғи тараб хандон зи сабр аст.
Ба сабр аз корҳо берун равад банд,
Шавад най шаккару шаккар шавад қанд.

Ба сабр аз оби борон баҳр хезад,
Шавад абру дури сероб резад.
Саодат бо шикебоӣ бувад ёр,
Зи бесабрӣ ба расвоӣ кашад кор.
Касе к-аз мева аввал ком ҷӯяд,
Ҳарифи пухта ӯро хом гӯяд.
Сабуксар кай кунад андешаи нағз?
Бале, ҷавзи сабукро кай бувад мағз?
Зи кӯшиш то ба кай фарсуда бошӣ?
Қароре гир, то осуда бошӣ.
Чу биншинӣ, ба таъзими ту хезанд,
Чу бархезӣ, зи таъзимат гурезанд.
Марав дунболи дунё музтарибҳол,
Ки худ чун соя меояд ба дунбол.
Хирадмандон, ки дурри фикр суфтанд,
Ҷаҳонро филмасал чун соя гуфтанд,
Ки меояд зи пай афтону хезон,
В-агар сӯяш равӣ, гардад гурезон.
Зи сарҳадди таманно то ба мақсуд
Ба ғайр аз сабр роҳе нест мавҷуд.
Бикаш чун ғунча по дар домани сабр,
Ки гулҳо бишкуфад аз гулшани сабр.

**Ҳикояти ошиқе, ки то пой дар домани сабр накашид, ба сарманзили муроду мақсуд нарасид**

Якеро дил гирифтори яке буд,
Вале сабраш бағоят андаке буд.
На дар роҳи талаб аз по нишастӣ,
На бо ороми дил якҷо нишастӣ.
Чу соя дар гузаргоҳаш фитодӣ,
Сари худ бар сари роҳаш ниҳодӣ.

Чу гард афтону хезон аз ҳавояш,
Зи пай рафтию афтодӣ ба пояш.
Вале он беқарориҳо ки кардӣ,
Зи дарди ишқ зориҳо ки кардӣ,
Писанди хотири ёраш намешуд,
Ба ҷуз асбоби озораш намешуд.
Чу саг ҳарчанд дунболаш давидӣ,
Аз ӯ чун оҳуи ваҳшӣ рамидӣ.
Ниҳон гаштӣ ба ноз он бетараҳҳум
Зи чашмаш чун парӣ аз чашми мардум.
Чӣ созад ошиқи мискин, чӣ созад?
Ба сад ғам бо дили ғамгин чӣ созад?
Ба ғайр аз сабр ғамро чорае нест,
Вале он кори ҳар ғамхорае нест.
Ба уммеди ризои хотири ёр
Ба сабр афтод кораш охири кор.
Вале мехост боғи дилфурӯзе,
Ки таскин варзад он ҷо чанд рӯзе.
Ба ёди қоматаш дар сарв бинад,
Равад, осуда дар пояш нишинад.
Зи шавқи рӯи ӯ бинад рухи гул,
Ба бӯи зулфи ӯ дар ҷаъди сунбул.
Шаҳи он мамлакатро буд боғе,
Ки садри ҷаннат аз вай дошт доғе.
Гули ӯ аз гули раҳмат сиришта,
Сафи мурғони ӯ хайли фиришта.
Дар ӯ як қатра борон гар чакидӣ,
Ҳамон дар аз гилаш сад гул дамидӣ.
Ҳавои дилкашаш ороми ҷон буд,
Насимаш рӯҳбахш, обаш равон буд.
Дар ӯ боди саҳар афсун дамида,
Ҳазорон мурғи ваҳшӣ орамида.

Гулаш аз чеҳра кори шамъ карда,
Ба як ҷо обу оташ ҷамъ карда.
Сабо бар гул ба қасди сайди булбул
Фиканда ҳалқадом аз ҷаъди сунбул.
Ба рӯи наварӯсони баҳорӣ
Ба ҳавзаш об дар оинадорӣ.
Дар об аз рӯи гул оташ фитода,
Ба ҳам он обу оташ х(в)аш фитода.
Чанораш панҷа аз хуршед бурда,
Суман дар ларза даст аз бед бурда.
Ба ҷунбиш сарви ӯ сарви равоне,
Ба рақс аз хуррамӣ раъно ҷавоне.
Аз ин маҷнунваши лайлишамоил
Ҳавое дар сар, аммо пой дар гил.
Санавбар гарчи бас раъно фитода,
Ба хидмат пеши гул бар по ситода.
Манори сабзу сад гулдаста бо вай,
Навои булбулаш гулбонги «Ё ҳай!».
Зи бас к-он боғ занг аз дил зудуда,
Бисоташ фарши зангорӣ намуда.
Бирафт он бедилу дар боғ биншаст,
Диле чун лола бо сад доғ биншаст.
Чу шуд як ҳафта он ошиқ ниҳуфта,
Хабар пурсид аз он моҳи дуҳафта.
Ки, ё Раб, ошиқи ғамгин куҷо шуд?
Куҷо шуд сокин, он ғамгин куҷо шуд?
Сараш бар хоки роҳи кист, ё Раб?
Дилаш дар ҷилвагоҳи кист, ё Раб?
Ба сад оҳу фиғон з-ин остон рафт,
Чаро гулбонги ӯ з-ин бӯстон рафт?
Магар дасти қазо афкандаш аз пой?
Ки рафт аз ҷо ҳарифи пойбарҷой.

Аҷал гӯё раҳи фарёди ӯ баст,
Ки шаб ҳамсояро осоише ҳаст.
Шуд охир з-ин сабаб чун ғунча дилтанг,
Суи он боғ кард ӯ низ оҳанг,
Ки чун наззораи мастон хуш ояд,
Дилаш чун ғунчаи хандон хуш ояд.
Аз он ғофил, ки он бечора дар боғ
Аз ӯ чун лола дорад дар ҷигар доғ.
Чу ғунча пой дар доман кашида,
Сар андар ҷайби пероҳан кашида.
Ба тарфи боғ он сарви хиромон
Ба сони гул кашид аз ноз домон.
Асири хешро чун дар чаман дид,
Дилаш чун ғунча аз шодӣ бихандид.
Ба сӯяш кард майле, ваҳ, чӣ майле?
Фузун аз майли Маҷнун сӯи Лайлӣ.
Хурӯше аз дили эшон баромад,
Ки андӯҳи вафокешон сар омад.
Дили маъшуқро ҳолат фузун шуд,
Чӣ гӯям ҳоли ошиқро, ки чун шуд?
Касе донад, ки баъд аз рӯзгоре
Расад рӯзе ба ком аз васли ёре.
Барояд ногаҳон хуршед аз абр,
Ба ширинӣ расад аз талхии сабр.
Чӣ мушкилҳо, ки он аз сабр ҳал шуд?
Чӣ талхӣ, к-он ба ширинӣ бадал шуд?
Илоҳӣ, шеваи сабрам карам кун,
Маро дар кори худ собитқадам кун,
Ки дар боғи тараб хандон нишинам,
Гуле аз гулбуни мақсуд чинам.

## БОБИ СЕЗДАҲУМ: Дар шукр гуфтан, ки мӯҷиби камоли давлат аст ваногуфтан мӯҷиби заволи неъмат

Биё, эй рафта ҳамчун носипосон
Ба роҳи ботили ҳақношиносон.
Бигӯ, охир, ки кофарнеъматӣ чист?
Ҳаромат бод, ин беҳурматӣ чист?
Намешояд ҳақи неъмат ниҳуфтан,
Шикоят чист? Бояд шукр гуфтан.
Гарат аз шукр бошад сад ҳикоят,
Зи тарки шукр худ мекун шикоят.
Зи баҳри шукр агар фарзанди Одам
Ба қадри ҳар як аз зарроти олам
Забоне баркашад ҳамчун забона,
Забони шукри ӯ бошад замона.
Дар он кӯшиш кунад, чандон ки хоҳӣ,
Нагӯяд заррае шукри илоҳӣ.
Туро чун ҳам забон доданду ҳам гӯш,
Сухан бишнав, мабош аз шукр хомӯш.
Ба шукри дасту по мегӯ саное,
Ба роҳи шукр мезан дасту пое.
Чу дорӣ чашм, чашми худ ба раҳ дор,
Дилат доданд, дилҳоро нигаҳ дор!
Ба шукри зоҳиру ботин бипардоз,
Ба зоҳир ботини худро яке соз.
Чу комат талх шуд, дар шукр зан гом,
К-аз онат чун шакар ширин шавад ком.
Касе к-ӯ шукр гӯяд рӯзи сахтӣ,
Расад охир ба рӯзи некбахтӣ.
В-агар шокир набошад рӯзи роҳат,
Аз он роҳат басе бинад ҷароҳат.

**Ҳикояти он ошиқ, ки чун дар висол шукр нагуфт, меҳнати фироқ кашид ва чун дар фироқ шукр гуфт, ба давлати висол расид**

Якеро буд дар аҳди ҷавонӣ
Зи васли навҷавонӣ комронӣ.
Ба сад дил риштаи ҷон баста бо ӯ,
Зи худ бигсаставу пайваста бо ӯ.
Ду ёри якҷиҳат як ҷо нишаста,
Зи ғайри худ тани танҳо нишаста.
Нишоте дошт ошиқ бо дили ҷамъ,
Чу булбул бо гулу парвона бо шамъ.
Чу дар маъшуқи худ наззора кардӣ,
Гиребони сабурӣ пора кардӣ.
Назар бар қадду болояш кушодӣ,
Рухи худ бар кафи пояш ниҳодӣ.
Гирифтӣ тори зулфи мушкфомаш,
Дили худро дарафкандӣ ба домаш.
Ниҳон сӯи лабаш кардӣ назарҳо,
Ба ангушти ҳавас хурдӣ шакарҳо.
Чу бахту давлати бедор будаш,
Ки нозу неъмати дидор будаш.
Ба дидораш чунон шуд масту мадҳуш,
Ки кард аз шукри он неъмат фаромӯш.
Чу қадри давлати дидор нашнохт,
Худо ӯро ба ҳиҷрон мубтало сохт.
Далели роҳи меҳнат носипосист,
Заволи неъмат аз ҳақношиносист.
Кунун к-аз ҳаҷр ҳоли ӯ барошуфт,
Дар он ошуфтаҳолӣ шукр мегуфт.
Ба ӯ гуфтанд, к-ин ҳоли аҷаб чист?
Ба ҳиҷрон шукр мегӯӣ, сабаб чист?

Бигуфто: Гарчи дур аз васли ёрам,
Ҳанӯз аз бахти худ сад шукр дорам,
Ки гар ёри маро бо ман саре нест,
Биҳамдиллаҳ, ки ёри дигаре нест.
Қазо ногаҳ зи нав нақше барангехт,
Нигораш бо ҳарифи дигар омехт.
Ба ҷонаш чун расид ин зулму бедод,
Ҳамон дастур доди шукр медод.
Ба ӯ гуфтанд ёрон бори дигар,
Ки ёрат ёр шуд бо ёри дигар.
Кунун баҳри чӣ кардӣ шукр пеша?
Бигуфто: Шукр мегӯям ҳамеша,
Ки ҷонон гарчи бо ғайр аст ҳамроҳ,
Вале ғайраш надорад дар дилам роҳ.
Ба ҳар кас бошаду ҳар ҷо нишинад,
Чу ояд, дар дилам танҳо нишинад,
Ба ӯ гирам, ки ҳамроҳанд сад кас,
Вале ҳамроҳи ман ӯ бошаду бас.
Надонам, шукри ин неъмат чӣ гӯям?
Ки танҳо ҳамдаму ҳамроҳи ӯям.
Ҳадиси шукри ӯро чун шуниданд,
Ба ҷон дар кори ӯ кӯшиш намуданд.
Ба зорӣ ёри ӯро ёр карданд,
Зи ёрони дигар безор карданд.
Баромад коми ӯ аз шаккари шукр,
Даромад давлати ӯ аз дари шукр.
Зи шукр он давлату иқболро ёфт,
Зи шукр он бахти фаррухфолро ёфт.
Илоҳӣ, шукри неъматро барафшон,
Зи шукрат кун забонро шаккарафшон.
Ману шукрат, ки кони шаккар аст ин,
Зи шаккар ҳам басе ширинтар аст ин.

**БОБИ ЧАҲОРДАҲУМ: Дар таваккул, ки эътимод кардан аст бар карами раззоқ ва раззоқияти карим алалитлоқ**

Рав, эй побасти асбоби таҷаммул,
Қадам неҳ дар биёбони таваккул.
Чу дунон такя бар асбоб то чанд?
Таваккул кун бар алтофи Худованд.
Туро андеша дорад дар хаму печ,
Ки натвонӣ таваккул кард бар ҳеч.
Магӯ: Ҳеч аст лутфи Эзади пок,
Ки мегӯяд чунин? Ҳошок, ҳошок!
Басо шабҳо, ки дар зулмат ниҳон буд,
На аз рӯзу на аз рӯзӣ нишон буд.
Худо рӯзат расонду рӯзият дод,
Саодатмандию фирӯзият дод.
Пас, ин беэътиқодӣ чист чандин?
Бар ӯ беэътимодӣ чист чандин?
Ба мурғон дона дар саҳро фишонад,
Ба моҳӣ туъма дар дарё расонад.
Таваккул кун, ки аз файзи илоҳӣ
Расад ризқи ту ҳамчун мурғу моҳӣ.
Яке мегашт гирди осиёе,
Зи санги осиё омад нидое,
Ки рӯзихора баҳри чист дилтанг?
Ки рӯзӣ худ бурун меояд аз санг.
Тамошо кун, ки аз баҳри ғазола
Чӣ сон берун равад аз санг лола?
Ту ҳам гар з-он ки фориғбол бошӣ,
Зи ҷоми лолагун хушҳол бошӣ.
Зи баҳри коми дил умре давидӣ,
Ба ҷуз нокомию ҳасрат чӣ дидӣ?

Аз ин кӯшиш, ки ҷонат реш гардад,
На рӯзӣ, балки молат беш гардад.
Паи моле ки набвад рӯзии ту,
Азоби ҷон бувад дилсӯзии ту,
Таҳаммул бар қазо кардан аз ин беҳ,
Таваккул бар Худо кардан аз ин беҳ.

**Ҳикояти ошиқе, ки ба пои таваккул роҳ бурид ва дар манзили аввал ба каъбаи висол расид**

Шунидам, орифи соҳибтамизе
Чу Юсуф дошт фарзанди азизе.
Чӣ фарзанде? Ки бо ҷон карда пайванд,
Чӣ пайванде? Ки дилро карда дар банд.
Саҳисарве, ки бо қадди хиромон
Кашидӣ бар сари кавнайн домон.
Сияҳчашме, ки буд аз як нигоҳаш
Ҷаҳоне куштаи чашми сиёҳаш.
Хирадмандон ҳама девонаи ӯ,
Хароби наргиси мастонаи ӯ.
Бале, ин ҳусн агар бошад касеро,
Асири ишқи худ бинад басеро.
Қазоро марди ориф баъди якчанд
Ба сӯи Каъба шуд ҳамроҳи фарзанд.
Чу ушшоқ ин ҳикоятро шунуданд,
Дар асбоби сафар кӯшиш намуданд.
Яке аз ошиқони бетаҳаммул
Равон барҷаст аз рӯи таваккул.
Ба сар мерафт то манзилгаҳи ӯ,
Ки яъне, мениҳам сар дар раҳи ӯ.
Чу дар манзил тавaққуф кард ориф,
Бар он соҳибтаваккул гашт воқиф.

Талаб карду басе алтоф бинмуд,
Расонидаш ба манзилгоҳи мақсуд.
Бале, ҳар кас таваккул ҳамсафар ёфт,
Ба як манзил висоли Каъба дарёфт.
Илоҳӣ, то ба кай вобаста бошам?
Чӣ бошад, к-аз таааллуқ раста бошам?
Таваккул деҳ, к-аз он хушнуд гардем,
Ба гирди каъбаи мақсуд гардем.

**БОБИ ПОНЗДАҲУМ: Дар қаноат, ки ба андак хӯша хурсанд нишастан аст ва аз талаби зиёдатӣ ва ҳирс бозрастан**

Дило, чанд аз паи дунё кашӣ ранҷ?
Туро кунҷи қаноат беҳтар аз ганҷ.
Зи хони ризқ андак тӯшае гир,
Қаноат кун, зи мардум гӯшае гир.
Чӣ аз ризқи муқаддар беш ҷӯӣ?
Чӣ аз ризқи муқаррар пеш ҷӯӣ?
Зи тақдири Худо безорияст ин,
Зи худроӣ Худоозорияст ин.
Агар шахсе ба қадри баҳраи хеш
Шавад аз хони неъмат қисматандеш,
Вале он бандаи дур аз саодат
Нагардад қониъу ҷӯяд зиёдат,
Яқин, к-аз меҳри ӯ афсурда гардад,
Аз ӯ якборагӣ озурда гардад.
Ту ҳам, эй банда, қонеъ бошу хурсанд,
Машав дар банди озори Худованд.
Зи дунё гар ба андак тӯша созӣ,
Насозӣ хирману бо хӯша созӣ,
Набинад ранҷи гардун хирмани ту,
Шавад аз хӯша пурдур домани ту.

Ба дасти хӯшачин як хӯшаи пур
Беҳ аз сад риштаи пурдонаи дур.
Ба бӯе гар шавӣ қонеъ зи гулзор,
Нагирад остину доманат хор.
Туро дорад тамаъ чун анкабуте,
Ки ҳар сӯ метанӣ аз баҳри қуте.
Тамоми умр бояд сохт домат,
Ки ногаҳ як магас афтад ба комат.
Чӣ ком аст ин, ки нокомӣ аз ин беҳ,
Агар хуни дил ошомӣ, аз ин беҳ!
Саги мискин ба бӯи устухоне
Нишинад солҳо бар остоне.
Кашад ҳар остон дарди сар аз ту,
Рав, эй нокас, ки саг ҳам беҳтар аз ту!
Сари хеш аз тамаъ дар по маяндоз,
Қаноат кун, ба гардун сар барафроз!

**Ҳикояти он ду ошиқ, ки яке аз қаноат сар барафрохт ва дигаре аз тамаъ худро аз пой андохт**

Шунидам, буд шӯхе дар Самарқанд,
Ки мезад пистаи ӯ таъна бар қанд.
Касе чун ҳусни ӯ ҳаргиз надида,
Худо гӯӣ зи ҳуснаш офарида.
Чу зоҳир буд аз ӯ сунъи худоӣ,
Кунам дар васфи ӯ табъозмоӣ.
Зи хубӣ буд боғе, сар ба сар ҳусн,
Ҷамоле бар ҷамоле, ҳусн бар ҳусн.
Аҷаб озода сарви дилрабое!
Ки буд аз олами боло балое.
Қадаш ҳар ҷо нишасту хост кардӣ,
Балое баҳри мардум рост кардӣ.

Сараш қасре ба даври қайсари ақл,
Мудаввар ҳуққаи пургавҳари ақл.
Фарози абрувони пурхамутоб
Ҷабинаш ҳамчу тоқи лавҳи меҳроб.
Зи шавқи содалавҳи босафояш
Ниҳода оламе сар зери пояш.
Ба ҷуз ду тоқи абрӯяш дар офоқ
Надида чашми кас ҳам ҷуфту ҳам тоқ.
Ду чашми ниммасташ фитнапардоз,
Фиканда як назар, он ҳам ба сад ноз.
Ба раъноӣ назар ҳар гӯша карда,
Зи шӯхӣ фитнаро дар гӯша карда.
Дар он бинӣ ба ҳар чашме, ки бинӣ,
Шавад зоҳир ҳазорон нозанинӣ.
Ту гӯӣ дафтари хубӣ кушода,
Барои хондан ангуште ниҳода.
Ва ё афтода дар ганҷинаи ҳусн
Булӯрин даста бар ойинаи ҳусн.
Сабо дар гӯши ӯ, ё Раб, чӣ гуфта,
Ки аз ҳар гӯша ҳамчун гул шукуфта?
Ба даври оrази он моҳпора
Бибин, к-аз моҳ пайдо шуд ситора.
Зи кавкаб ҳусни толеъ бин, Худоро,
Ки зад паҳлу ба моҳи оламоро.
Рухи рахшандаи ӯ ҳамчу кофур,
Вале аз пой то сар шуълаи нур.
Зи тобаш сӯхта парвонаро бол,
Ба рӯ афтода ҳар сӯ нуқтаи хол.
Даҳонаш ғунча, аммо ношукуфта,
Дар ӯ барги гулу шабнам ниҳуфта.
Лаби лаълу занахдон ҳар ду бо ҳам
Намуда оби Хизру чоҳи Замзам.

Чӣ гӯям он зақанро? Аллаҳ, Аллаҳ!
Тулӯи Муштарӣ дар охири Маҳ.
Чу оҳу гардане дар ҷилва кардан,
Кашида боҷи ӯ оҳу ба гардан.
Дуогӯён ба сад ҷон гашта моил,
Ки созанд аз раги ҷонаш ҳамоил.
Зи дӯшаш худ чӣ гӯям, то чӣ сарв аст?
Ки дасту шонаи шамшод бишкаст.
Кафи дасташ зи оби лутф як мушт,
Ба гирди оби найшаккар ҳар ангушт.
Махонаш бар лаби дарё қаламҳо,
Ки нури панҷаи маҳ зад аламҳо.
Касе к-он дасту пушти даст дида,
Зи ҳасрат пушти дасти худ газида.
Ҳумоюн синааш чун синаи боз,
Зи меҳри ошиқон ганҷинаи роз.
Тани ӯ шамъу ҳар чашме ба сӯяш,
Зи рӯи лутф яксон пушту рӯяш.
Хаёли он миён фикри муҳол аст,
Миёнашро куҷо тоби хаёл аст?
Надонам, з-он миён дигар чӣ гӯям?
Ки он нозуктар аст, аз ҳар чӣ гӯям.
Замирам лаб фурӯ баст аз такаллум,
Ки кардам дар миён сарриштаро гум.
Аз ин пас гар ҳадисе боз гӯям,
Зи ишқи ошиқонаш роз гӯям.
Ду ошиқ дошт он хиҷлатдиҳи ҳур,
Яке қонеъ ба як дидор аз дур.
Яке бетоқате, к-аз беқарорӣ
Дамодам пеши ӯ мекард зорӣ.
Гаҳе дар хун, гаҳе дар хок мехуфт,
Сиришк аз дида мебориду мегуфт:

Санавбарқомато, насринъизоро,
Худоро, чораи ман кун, Худоро.
Ба он сарви сарафрозе, ки дорӣ,
Ки бигзар аз сари нозе, ки дорӣ.
Зи роҳи макрумат бар ман гузар кун,
Ба чашми марҳамат бар ман назар кун.
Ба зулфи анбарини тобдорат,
Ба лаъли оташини обдорат,
Ки ҳамчун зулф дар тобам маяндоз,
Миёни оташу обам маяндоз.
Ба он ҳусне, ки рухсори ту дорад,
Ба он лутфе, ки рафтори ту дорад,
К-аз он рухсор коме бахш ҷонро,
В-аз он рафтор роҳат деҳ равонро.
Ба он сарви хиромоне ки дорӣ,
Чу гул покиза домоне ки дорӣ,
Ки як раҳ бар сарам бигзар хиромон,
Бикаш бар фарқи ман аз ноз домон.
Ба он абрӯи шӯху чашми хунхор,
Ки ин новакзан асту он камондор,
Ки ҷо деҳ чун камон паҳлӯи хешам,
Макун аз новаки ғам синарешам.
Ба пои нозанини хушхиромат,
Ба дасти нозуки чун сими хомат,
Ки гоҳе пой дар сарманзилам неҳ,
Бикун раҳмею дасте бар дилам неҳ.
Ба ширинии он лабҳои хандон,
Ки ҳаргиз ҷони ширин нест чандон.
Ки комам аз лаби хандон баровар,
В-агарна, аз тани ман ҷон баровар.
Қазоро он саҳисарви шакарханд,
Ки кони қанд буд аз вай Самарқанд,

Шабе андешаи айшу тараб кард,
Ба маҷлис он ду ошиқро талаб кард.
Кумайти бода дар майдон даровард,
Саманди айш дар ҷавлон даровард.
Чу нӯшонӯши майхорони маҷлис
Такаллуф бурд аз ёрони маҷлис,
Маҳи маҷлис даҳан чун ғунча бикшуд,
Ки, ё Раб, ошиқонро чист мақсуд?
Ки имшаб коми эшонро барорам,
Ба гардун номи эшонро барорам.
Нахуст он ошиқи густох барҷаст,
Ки побӯси ту хоҳам, гар диҳӣ даст.
Ҳамон соат мушарраф шуд ба побӯс,
Зи давлат бар сари афлок зад кӯс.
Зи ғайрат ошиқи дигар барошуфт,
Дар изҳори муроди хештан гуфт:
Надорам заҳраи ин чоплусӣ,
Қаноат мекунам бо хокбӯсӣ.
Киям, то он кафи поро бибӯсам,
Ба ҳар ҷо по ниҳӣ, ҷоро бибӯсам.
Чу рафту бӯса бар хоки дараш дод,
Зи ҷо он сарвқад бархост озод.
Ба сӯйи ӯ қадам чолок бардошт,
Ба дасти худ сараш аз хок бардошт.
Қаноат карду дид он дилнавозӣ,
Бале, бошад қаноат сарфарозӣ.
Илоҳӣ, аз тамаъ бас хору зорам,
Зи арбоби қаноат шармсорам.
Қаноат деҳ, ки ёбам арҷмандӣ,
Ба гардун сар кашам аз сарбаландӣ.

**БОБИ ШОНЗДАҲУМ:**
**Дар қавоиди ҷкам хурдан, ки**
**ба воситаи шӯриши ишқ**
**аз фаҳтсоли ҳаҷр бозрастан аст**

Биё, эй чун магас дар гирди хонҳо,
Давон чун саг ба бӯи устухонҳо!
Ба хурдан то ба кай олуда будан?
Хушо! Кам хурдану осуда будан.
Ғизои кам шифоангез бошад,
Бале, асли даво парҳез бошад.
Зи шавқи хурдану завқи чашидан
Чаро бори шикам бояд кашидан?
Зани пурбор бошад марди пурхор,
К-аз ӯ сад нохушӣ зояд ба як бор.
Ҳама умри ту дар хурдан сар омад,
Туро чоҳи табиат пур баромад.
Маяфкан ҳар дам аз нафси ҳаваснок
Таоми покро дар чоҳи нопок.
Танӯри меъдаро пурдуд кардӣ,
Сафои дил бухоролуд кардӣ.
Бухоромез шуд пиҳи димоғат,
Аз он равшан намесӯзад чароғат.
Гар аз хурдан шавад қадри касон беш,
Пас аз мурдан сагон бошанд дар пеш.
Чаро коре кунад фарзанди одам,
Ки бояд будан ӯро аз сагон кам?
Зи кам хурдан шифои ҷону тан бош,
Бад-ин қонун табиби хештан бош.

**Ҳикояти ошиқоне, ки аз ғояти савдои ишқ аз офати қаҳтӣ ва тангӣ бозрастанд ва парешонӣ ба хотири эшон роҳ наёфт**

Хушо вақтею хуррам рӯзгоре!
Ки хуш будем бо савдои ёре.
Ба даври ишқи хубон шод будем,
Зи ғамҳои ҷаҳон озод будем.
Ҳама бо якдигар дар даъвии ишқ,
Ҳама даъвикунон дар маънии ишқ.
На ёди хобу на ёрои хурдан,
На фикри умру на савдои мурдан.
Қазоро қаҳтсоле шуд дар он аҳд,
Ки мардум заҳр мехурданд чун шаҳд.
Ҳама аз ҷони ширин сер хурданд,
Чу ширин буд, таб карданду мурданд.
Даҳан бастанд хубон аз табассум,
Ки дар тангӣ намебошад танаъъум.
Магар Одам аз он тангӣ хабар дошт,
Ки ҷаннатро биҳишту дона бардошт?!
Ҳама кас дар фиғон омад, ки ин чист?
Фиғон аз осмон омад, ки ин чист?
Чи умр аст ин, ки ҳар рӯзе чу солест,
Заволи айшу ранҷи безаволест?!
Чӣ суд аз мазраи сарсабзи афлок,
К-аз ӯ як дона зоҳир нест дар хок?
Чӣ шуд, гар пур баромад хирмани моҳ,
Ки роҳи Каҳкашон холист аз коҳ?
Чунон қурси ҷавинро эътибор аст,
Ки гӯӣ рӯи гандумгуни ёр аст.
Ба қурси моҳ аз он касро ҳавас нест,
Ки он ҷо ҳеч касро дастрас нест.

В-агарна, моҳро ҳамчун ситора
Ба дандон сохтандӣ пора-пора.
Сар омад чӯби хушк аз сандалу уд,
Ки вақте мевае ҳамроҳи он буд.
Ҳарифоне, ки масти ишқ буданд,
Ҳамин аз қаҳт номе мешунуданд.
Ба ёди шаккарин лабҳои чун қанд
Шакар дар кому лабҳо дар шакарханд.
Чунон бо қурси рӯи маҳвашон гарм,
Ки хуршеди фалак месӯхт аз шарм.
Дар он меҳнат халоиқ ҷон фишонданд,
Ҳамин аҳли муҳаббат зинда монданд.
Бале, бо қаҳт ошиқро чӣ кор аст,
Ки шод аз хурдани ғамҳои ёр аст?
Малоикро чӣ ғам аз авҷи афлок,
Ки бошад тангие дар арсаи хок?
Ҳаёте ёфтанд аз хурдани кам,
Бароҳат зистанд аз хурдани ғам.
Илоҳӣ, лаззати кам хурданам бахш,
Зи хони ишқи худ ғам хурданам бахш.
Ғаматро дар дилу ҷон соз манзил,
Ки бошад қути ҷону қуввати дил.

## БОБИ ҲАФДАҲУМ: Дар камгӯӣ, ки сабаби наҷот аст ва мӯҷиби рафъи дараҷот

Биё, эй гуфтугӯоғозкарда,
Дари ганҷи суханро бозкарда.
Забон даркаш, ки дорад бас хатарҳо
Зи пайкони забонҳо мағзи сарҳо.
Сухан ҳарчанд саррофи маонист,
Хамӯшӣ хозини ганҷи маонист.
Сухан кам гуфтану андеша кардан
Беҳ аз бисёргӯӣ пеша кардан.

Забонро дар даҳони худ нигаҳ дор,
Сухан бишнав, забони худ нигаҳ дор.
Сухан бишнав, к-аз ин маънӣ басе гӯш
Шуда ҳамчун садаф бо дур ҳамоғӯш.
Даҳан макшо, ки бас лабҳои хандон
Ҷудо афтода аз дурҳои дандон.
Басе беҳтар бувад нодони хомӯш
Зи доное, ки дар гуфтан занад ҷӯш.
Дили ин як зи гуфтан дар хурӯш аст,
Забони ӯ зи бад гуфтан хамӯш аст.
Забон аз булбул омад, гӯш аз гул,
Бибин айши гулу фарёди булбул.
Хамӯшӣ беҳтар аст, аз ҳар чӣ гӯӣ,
Сухан кӯтоҳ шуд, дигар чӣ гӯӣ?

**Ҳикояти он ду ошиқ, ки яке ба сабаби кам гуфтан маъқули табъи маъшуқ шуд ва дигаре ба сабаби бисёр гуфтан мардуди маъшуқ гашт**

Ду ёр аз мулки худ маҳҷур гаштанд,
Зи наздики рафиқон дур гаштанд.
Яке аз гуфтугӯ хомӯш будӣ,
Забон бастию доим гӯш будӣ.
Яке дигар сухандону сухангӯй,
Задӣ ҳар дам ба чавгони сухан гӯй.
Гаҳ аз саҳрои Машриқ нукта рондӣ,
Гаҳ аз дарёи Мағриб дур фишондӣ.
Гаҳе гуфтӣ сухан аз саҳни афлок,
В-аз он ҷо тохтӣ бар тахтаи хок.
Чу бунёди сухан кардӣ зи Одам,
Накардӣ хатм илло то ба Хотам.
Дар он муддат, ки манзил мебуриданд,
Зи гарди раҳ ба саҳрое расиданд.

Фазои дилкаши саҳрои бегард,
Ҳавои муътадил, на гарму на сард.
Магар Рӯҳуллаҳ он ҷо орамида,
Дар ӯ анфоси рӯҳонӣ дамида?!
Ҳавову оби ӯ, чандон ки хоҳӣ,
Бисот ороста аз мурғу моҳӣ.
Дар ӯ мурғи ҳаворо достонҳо,
Чу тасбеҳи малак бар осмонҳо.
Ғазолонаш ба ҳусну дилрабоӣ,
Арӯсони сияҳчашми хитоӣ.
Лаби рӯдаш зи ғулғул дар тараннум,
Тарашшуҳ карда обаш чун табассум.
Зи сабза хат гирифта марғзораш,
Ки бе ранҷи хазон омад баҳораш.
Саводи сунбулаш бо доғи лола,
Хату маҳри гиёҳон бар қибола.
Дар ӯ хайлу ҳашам раънову мавзун,
Ба ҳам дил баста чун Лайлию Маҷнун.
Ҷавоне буд, сархайли қабоил,
Зи сар то по ҳама шаклу шамоил.
Зи мушк ороста хаттею холе,
Зи саҳро хоста мушкин ғазоле.
Хиромон то ба саҳро по ниҳода,
Ҷаҳоне рӯй дар саҳро ниҳода.
Ба оҳу гуфта чашми он дилафрӯз,
Ки: Дар ман бину дил бурдан биёмӯз!
Қадаш кабки дариро дода пайғом,
Ки: Рафтори ту нозук нест, махром!
Зада аз ғамза новакҳои корӣ,
Ҷаҳоне сайду мижгонаш шикорӣ.
Фитода ҳар замон сайде ба домаш,
Аз ин маънӣ шуда сайёд номаш.
Зи дасташ боз чун рафтӣ ба парвоз,
Ба чандин сайд сӯяш омадӣ боз.

Сагаш оҳуи ваҳшӣ қайд кардӣ,
Ғазолонро ба бозӣ сайд кардӣ.
Ғарибон чун ба он саҳро гузаштанд,
Ба сад ҷон сайди он сайёд гаштанд.
Бути сайёд рӯзе омад аз дашт,
Бар он саҳро ба қасди сайд бигзашт.
Бар аҳволи ғарибон чун назар кард,
Ғами он бедилон бар вай асар кард.
Бале, он ҷо ки таъсири назарҳост,
Румузи ишқро дар дил асарҳост.
Чу охир рӯ ба манзилгоҳи худ кард,
Ба лутф он ҳар дуро ҳамроҳи худ кард.
Бисоти ишрати меҳмон биёрост,
Ба чандин нозу неъмат хон биёрост.
Ҳарифон чун зи неъмат даст шустанд,
Зи соқӣ оби оташранг ҷустанд.
Шароби куҳна шӯр ангехт филҳол,
Зиҳӣ, пири ҷавонтабъи куҳансол!
Чу дашноми бутон талху фараҳнок,
Баду неки ҷаҳонро заҳру тарёк.
Чу нори мӯсавӣ нори мукаррам,
Чу оби зиндагӣ рӯҳи муҷассам.
Фурӯғи маҷлиси пурзавқи мастон,
Чароғи хилвати оташпарастон.
Баромад бонги ною нолаи чанг,
Муғаннӣ ҳам ба ишрат кард оҳанг.
Қадаҳ гулрангу соқӣ лолагун буд,
Чӣ гӯям моҳи маҷлисро, ки чун буд?
Ба ишрат бигзаронидаанд шабро,
Чаро шаб гуфтам он рӯзи тарабро?
Чу бетоқат шуданд аз тоби мастӣ,
Фароғат ёфтанд аз хоби мастӣ.
Саҳар, к-аз булбулон фарёд бархост,
Зи хоб он гулрухи сайёд бархост.

Сухангӯи сухандонро талаб кард,
Ба азми сайд оҳанги тараб кард.
Чу доми зулфи худ бинҳод доме,
Ки ёбад хотираш аз сайд коме.
Ҳарифи нуктапардози сухандон
Зи ҳар ҷо гуфтугӯ мекард чандон,
Ки мурғон з-он ҳаволӣ мерамиданд,
Ба саҳрои дигар меорамиданд.
Шикори ӯ зи бисёр андаке шуд,
Зи ҳар сад мурғ сайди ӯ яке шуд.
Чу аз сайд он маҳи сайёд баргашт,
Шаби ӯ ҷуз дар ин андеша нагзашт,
Ки фардо роҳу расме пеш гирад,
Ки сайд аз рӯзи дигар беш гирад.
Чу рӯзи дигар он шаб шуд фаромӯш,
Ба азми сайд шуд бо ёри хомӯш.
Зи хомӯшиш мурғон ром гаштанд,
Ҳама побастаи он дом гаштанд.
Чу донист он ҳариф аз тундҳушӣ,
Ки мурғон сайд гаштанд аз хамӯшӣ,
Ба ҷон шуд ҳамдами он ёри хомӯш,
Суханҳои сухандон шуд фаромӯш.
Илоҳӣ, то ба кай афсона гӯям?
Ҳадиси хеш бо бегона гӯям?
Хамӯширо шикори доми ман кун,
Ҳумои бахту давлат роми ман кун.

**БОБИ ҲАЖДАҲУМ: Дар камхобӣ, ки ҳам давлати бедор асту ҳам меҳнати дидор**

Ало, эй масти хоболуд, бархез,
Бағоят дер кардӣ, зуд бархез.
Чу кардӣ сарфи хоб айёми худро,
Магар дар хоб бинӣ коми худро?

Зи бас худро ба хоб афкандаӣ ту,
Надонам, мурдаӣ ё зиндаӣ ту.
Ба кунҷи хона хуфтӣ, масту мағрур,
Чунин то чанд бошӣ зиндадаргӯр?
Чунон бояд тариқи зиндагонӣ,
Ки баъд аз мурдани худ зинда монӣ.
Ту худ дар зиндагӣ чун ях фисурдӣ,
Ба хоби ғафлат афтодию мурдӣ.
Ҳавоси хешро кардӣ муаттал,
Ки ҳам кӯру карӣ, ҳам гунгу ҳам шал.
Аз ин умри фараҳбахши дилафрӯз,
Ки ними он шаб омад, ними он рӯз,
Ҳама шаб то саҳаргаҳ масти хобӣ,
Ҳама рӯз аз майи ғафлат харобӣ.
Шаби умри ту гар дар хоб рафта,
Чаро рӯзат ба ин селоб рафта?
Аз ин хоби гарон бархез, бархез,
Зи сели бекарон парҳез, парҳез!
Назар бикшо, агар дидор хоҳӣ,
Махуфт, ар давлати бедор хоҳӣ.

**Ҳикояти он моҳи шабгард, ки хуфтагонро хокбарсар кард ва муроди шабнохуфтагонро ба лутфу марҳамати худ баровард**

Ҷавоне дар латофат ончунон буд,
Ки ҳуснаш фитнаи пиру ҷавон буд.
Гуландоме ки бо рухсори чун гул
Фиканда ғулғуле дар ҷони булбул.
Саҳисарве ки по ҳар ҷо ниҳодӣ,
Ҷаҳоне сар ба ҷои по ниҳодӣ.
Сулаймонвор халқе аз пасу пеш,
Гирифторонаш аз мӯру малах беш.

Чу абри фитна он баҳри латофат
Равон мерафту меборид офат.
Падар чун дид ошӯби ҷаҳонаш,
Ба кунҷе сохт аз мардум ниҳонаш.
Ниқоб афканд он рӯи накӯро,
Чу гул дар парда пинҳон сохт ӯро.
Буте к-аз вай ҷаҳоне мубтало шуд,
Зи ҳусни худ гирифтори бало шуд.
Бале, бошад тариқи подшоҳон,
Ки дарди сар каşанд аз додхоҳон.
Намебинӣ, ки чун парвона шуд ҷамъ,
Басе монеъ шавад аз партави шамъ?!
Шакарро гарчи таъму обу ранг аст,
Зи ғавғои магас доим ба танг аст.
Ниҳон буд он саҳисарви гуландом
Чу маҳ дар манзиле ҳар рӯз то шом.
Валекин ҳар шаб он моҳи дилафрӯз
Бурун бурдӣ ба гашти шаб ғами рӯз.
Шабе аз шаб чу посе чанд бигзашт,
Маҳи шабгардро шуд азми шабгашт.
Фиғон аз ошиқони зор бархост,
Ки боз он давлати бедор бархост!
Чу сӯи остони худ гузар кард,
Сари дармондагонро хоки дар кард.
Гурӯҳе дид, сар бар остона,
Ба хоби айш, фориғ аз замона.
Гурӯҳе дид, хоб аз дида ронда,
Чу кавкаб чашми равшан бозмонда.
Ба шабнохуфтагон он бахти бедор
Чу моҳи чордаҳ бинмуд дидор.
Фиканд он хуфтагонро хок бар сар,
Ки яъне, мурда зери хок беҳтар!
Зиҳӣ, ҳасрат, ки дар шабҳои маҳтоб
Зи рӯи дӯстон монеъ шавад хоб.

Илоҳӣ, чанд нохушнуд бошам?
Зи ғафлат масту хоболуд бошам?
Аз ин мастӣ маро ҳушёрие деҳ,
Зи хоби ғафлатам бедорие деҳ.

## БОБИ НУЗДАҲУМ: Дар узлат, ки танҳо нишастан аст ва аз ғавғои халоиқ бозрастан

Биё, эй дар ҷаҳон машҳургашта,
Ба садри анҷуман мағрургашта.
Ба ҳар кас то ба кай ҳар ҷо нишинӣ?
Худо ёри ту, гар танҳо нишинӣ.
Давидӣ солҳо дар ҳар тариқе,
Нишинӣ умрҳо бо ҳар рафиқе.
Ба чашми хештан сад айб дидӣ,
Ба гӯши хеш сад ғайбат шунидӣ.
Ба мардум ин ҳама омехтан чист?
Барои худ бало ангехтан чист?
Гурезон бош, то айбат надонанд,
Рафиқони ту дар ғайбат намонанд.
Гар ин ному нишон гардад гум аз ту,
Ту аз мардум халосӣ, мардум аз ту.
Зи ғам Яъқубу Юсуф ҳар ду растанд,
Ки рӯзе чанд дар хилват нишастанд.
Падар дар кулбаи аҳзон даромад,
Писар дар хилвати зиндон даромад.
Яке охир азизи Миср гардид,
Яке дар чашми худ нуре дигар дид.
Чу май дар шиша гар хилват гузинӣ,
Дил аз гарди кудурат пок бинӣ.
Чу гул дар парда гар хилват писандӣ,
Бурун оию бар мардум бихандӣ.
Ба хилват гар равӣ аз рӯи таҳқиқ,
Ба чавгонат дарояд гӯи тавфиқ.

**Ҳикояти он ошиқ, ки ба сабаби узлат гӯи саодат дар хами чавгони худ ёфт**

Ҳамехондам, ки вақте дар диёре
Гадое шуд асири шаҳрёре.
Чунон шуд аз шароби ишқ мадҳуш,
Ки кард аз ҷумлаи олам фаромӯш.
Дил аз андешаи кавнайн бардошт,
На аз дунё, на аз уқбо хабар дошт.
Шаҳаншаҳ майли чавгон дошт гоҳе,
Ба ҷавлон сӯи майдон дошт роҳе.
Чу хингаш рӯй дар ҷавлон ниҳодӣ,
Гадо чун гӯй дар майдон фитодӣ.
Фикандӣ хешро бар хоки роҳаш,
Вале монеъ шудӣ хайли сипоҳаш.
Касе дар ошиқӣ монеъ мабодо!
Чунон ранҷе чунон зоеъ мабодо!
Дар он майдон чу кори ӯ нашуд рост,
Зи баҳри узлат охир гӯшае хост.
Ба майдон муттасил вайронае буд,
Дар он вайрона меҳнатхонае буд.
Чу чашми танги дунёдор бенур,
Зи торикию тангӣ чун дили мӯр.
Чу дилҳои ғарибон тангу торик,
Дар ӯ тори анокиб ранҷи борик.
Дар он вайрона он мадҳуши сармаст
Даромад бо дили вайрону биншаст.
Ба уммеде, ки чун шаҳ гӯй бозад,
Ба бозӣ аз қафои гӯй тозад.
Ба гӯшаш ояд овозе аз он гӯй,
Чунон к-аз наъли аспаш дар такопӯй.
Дар он ғамхона ҳар соат ғаме дошт,
Зи ғамҳои ҷудоӣ мотаме дошт.

Шабе аз ғам фиғони зор мекард,
Ба зорӣ нолаи бисёр мекард.
Надонам, к-аз ғами ин шаб чӣ гӯям?
Чӣ созам? Чун кунам? Ё Раб, чӣ гӯям?
Шаби тору ғами ҳиҷрони моҳе,
Маозаллаҳ, аҷаб рӯзи сиёҳе!
Шаби андӯҳу дарёи маломат,
На як шаб, балки сад рӯзи қиёмат.
Сияҳ чун номаи аъмоли золим,
Саводаш зулматободи мазолим.
Фазои даҳрро дилгир карда,
Ҷавонони ҷаҳонро пир карда.
Фурӯ баста ба гулмехи кавокиб
Дари ишрат зи Машриқ то ба Мағриб.
Чароғи рӯз дар Мағриб нишаста,
Зи дудаш рӯи гардун парда баста.
Шуда аз котиби сунъи илоҳӣ
Давоти сабзи гардун пурсиёҳӣ.
Саманди меҳрро пай карда дар роҳ,
Калиди субҳро афканда дар чоҳ.
Дар он шаб нолаву фарёд мекард,
Зи бедодаш дамодам дод мекард,
Ки: Ё Раб, то ба кай сӯзам дар ин сӯз?
Дар ин шаб то ба кай бошам дар ин рӯз?
Шаби ман аждари оташфишонест,
Шаҳоб аз оташи қаҳраш нишонест.
Даме к-аз зулмат ин шабро сириштанд,
Бароти зулм бар олам навиштанд.
Шабам шаб нест шаб, ё Раб, кӣ гуфта?
Ҳазорон солро як шаб кӣ гуфта?
Ҳама дуди ҷаҳаннам вом карданд,
Сияҳ шуд оламу шаб ном карданд.
Бувад рӯзе, ки ин шаб рафта бошад?
Шабе бошад, ки чашмам хуфта бошад?

Сагонро дар саҳар хобу маро на,
Заминро дар ҷигар обу маро на.
Бинол, эй булбули масти саҳархез,
Ман афтодам зи по, боре ту бархез!
Муаззин, чанд хусбӣ? Сар баровар,
Маро куштӣ, бигӯ Аллоҳу акбар!
Биё, эй боди субҳи оламафрӯз,
Ниқоби шаб бияфкан аз рухи рӯз.
Чу шоҳаншоҳи ин фирӯза хиргоҳ
Ба ҷавлонгоҳи субҳ омад саҳаргоҳ,
Кавокиб қатраи чанде фишонданд,
Бухори зулмати шабро нишонданд.
Шаҳи хубон зи хоби ноз бархост,
Қабои зарнигору тоҷи зар хост.
Кашиданд аблақи զарринлигоме,
Чу хинги сабзи гардун тезгоме.
На ҳамроҳӣ ба ӯ боди сaборо,
На огоҳӣ аз ӯ банди қаборо.
Ба ҳар ҷо ҳар киро хотир кашида,
Ба як ҷунбидан он ҷо орамида.
Ба ӯ хуршед агар ҳамроҳ гаштӣ,
Ба вақти субҳ аз Мағриб гузаштӣ.
Ба майдон шуд шаҳи чобуксаворон,
Чу гул дар ҷилва аз боди баҳорон.
Чу гӯй андар хами чавгон даровард,
Ғирев аз арсаи майдон баровард.
Зи пушти бодпо чун бод бархост,
Бизад чавгону гӯй озод бархост.
Чунон бар авҷи он вайрона раҳ кард,
Ки аз равзан дар он ғамхона раҳ кард.
Шаҳ аз дунболи гӯи худ равон шуд,
Гадо бигрифту сӯи шаҳ давон шуд.
Шаҳи соҳибқиронаш офарин кард,
В-аз он пас қарнҳо бо худ қарин кард.

Ба узлат оқибат гӯе чунон бурд,
Чунон гӯе ба узлат метавон бурд.
Илоҳӣ, ишқи худ бо ман қарин кун,
Ба ишқи худ маро узлатгузин кун,
Ки гӯи ишқ дар чавгон дарорам,
Ба ишқат гӯй аз майдон барорам.

**БОБИ БИСТУМ: Дар тавҳиди Худованди ягона ва донистану шинохтани Худои бемонанд**

Дар ин бутхона моро қиблагоҳест,
Дили ҳар бут ки бинӣ, санги роҳест.
Биё, ин сангро дур афкан аз роҳ,
Ки санги инчунин кӯҳест ҷонкоҳ.
Агар сад сол бутро қибла созӣ,
Бинои саҷдае ҳаргиз насозӣ.
Агар хайли Халилӣ, бутшикан бош,
Магӯй аз анҷуму з-ин анҷуман бош.
Туро сонеъ ба қадрат дод ҳастӣ,
Чаро маснӯъи Озар мепарастӣ?
Намакдони Халил аз хони шак нест,
Бутони озариро ин намак нест.
Агар тавҳид мехоҳӣ, яке ҷӯй,
Яке дону яке хону яке гӯй!
Яке бошад Худо, гар беш будӣ,
Куҷо олам ба ҷои хеш будӣ?
Варақҳои фалак бар ҳам нишастӣ,
Табақҳои замин дар ҳам шикастӣ.
Шудӣ таҳтуссаро бар авҷи афлок,
Сурайё рехтӣ чун донаи хок.
Гусастӣ чор табъ аз чор гавҳар,
На имкони араз будӣ, на гавҳар.

Шудӣ ҳар дам хилофе дар миёна,
Фитодӣ ихтилофе дар миёна.
Агар хоҳӣ, ки бинӣ сирри ин ганҷ,
Тааммул кун даме дар кори шатранҷ,
Ки бинӣ аз ду шоҳ он ҷо дурангӣ,
Ду саф бар ҳам зада румию зангӣ.
Зи олам рӯи худро бар яке кун,
Ғами бисёри худро андаке кун.

**Ҳикояти Зулайхо, ки то аз бутпарастӣ рӯй барнатофт, шарафи муҳаббати Юсуф дарнаёфт**

Зулайхо муддате дар аҳди Юсуф
Надидӣ ғайри андӯҳу таассуф.
Зи кори хеш беҳбуде надидӣ,
Зи савдоҳои худ суде надидӣ.
Агар Юсуф шудӣ чун моҳ толеъ,
Шудӣ пешаш дару девор монеъ.
В-агар худ сӯйи Юсуф баргузаштӣ,
Ба рағмаш аз раҳи дигар гузаштӣ.
Ғами пирӣ наме бар сунбулаш рехт,
Зи осеби хазон барги гулаш рехт.
Сияҳбодоми ӯ аз ҷаври айём
Шуд аз айни сафедӣ мағзи бодом.
Баёзи рӯи ӯ шуд миъҷари ӯ,
Бибин, к-охир чӣ омад бар сари ӯ!
Фишонд аз чашмаҳои чашми хунбор
Ҳазорон қатра ҳамчун донаи нор.
Бад-ин сон буд ҳоли ӯ, ки ногоҳ
Дилашро бар ғалат карданд огоҳ.
Буте дар хона аз мардум ниҳон дошт,
Ки ӯро қиблаи ҳоҷат гумон дошт.

Даруни хона кораш бутпарастӣ,
Бурун аз ишқи Юсуф шӯру мастӣ.
Ба дил гуфто, ки эй дар ишқ маъюб,
Муҳибро кай раво бошад ду маҳбуб?
Шуд ин бут санги роҳи орзуям,
Аз он Юсуф намеояд ба сӯям.
Зи баҳри бут шикастан санг бардошт,
Ба азми сулҳ роҳи ҷанг бардошт.
Шикаст онро ба чолокию чустӣ,
В-аз он афтод дар кораш дурустӣ.
Ба он санге ки бутро хурд бишкаст,
Ту гуфтӣ рахнаи имони худ баст.
Чу бори дигар омад бар сари роҳ,
Баромад Юсуфи тавфиқаш аз чоҳ.
Тараҳҳум кард Юсуф бар Зулайхо,
Ҷавониро гирифт аз сар Зулайхо.
Сияҳ шуд мардуми чашми сафедаш,
Баромад кавкаби субҳи умедаш.
Ту низ, эй дил, агар бутро шакастӣ,
Зи ғавғои бутон ҷастию растӣ.
Илоҳӣ, аз бутон моро нигаҳ дор,
Дили гумроҳи моро рӯ ба раҳ ор.
Зулоли маърифат дар коми мо рез,
Шароби ваҳдат андар ҷоми мо рез.

## Дар фикри кори худ будан ва тарки дунёи бебақои бевафо кардан

Дило, дигар ба фикри кори худ бош,
Чу худ ёре надорӣ, ёри худ бош.
Ту султонию тахтат арши волост,
Ба пастӣ ҷо макун, ҷои ту болост.
Бирав ҷое, ки моро ҷо набошад,
Чӣ ҷои мо, ки ҷоро ҷо набошад!

Рафиқон андаке буданду рафтанд,
Дар ин манзил наёсуданду рафтанд.
Ту ҳам бархезу биншин бо рафиқон,
Манеҳ по дар тариқи бетариқон.
Ту шаҳбози ҳавои ломаконӣ,
Замин тай кун, ки мурғи осмонӣ.
Замин ҳеч асту даврон ҳеч бар ҳеч,
Бар ӯ нуҳ чархи гардун печ дар печ.
Ба давраш Қоф ҳам кӯҳи балоест,
Ба гирди халқ печон аждаҳоест.
Зи килки сунъ, ё Раб, ин чӣ Қоф аст?
К-аз ӯ чун қоф дар дилҳо шикоф аст.
Зи даври чарх доим изтиробе,
К-аз ӯ ҳосил нагардад риштатобе.
Чу рӯз аз меҳр машъал барфурӯзад,
Зи меҳри худ ҷаҳонеро бисӯзад.
Чу шаб зоҳир кунад кини ниҳонро,
Зи бемеҳрӣ сияҳ созад ҷаҳонро.
Шаб ону рӯз ин, ё Раб, чӣ созем?
Сияҳ шуд рӯзи мо чун шаб, чӣ созем?
Бувад олам ҳамин вайронае чанд,
Ба ҳар вайрона меҳнатхонае чанд.
Ба як борон кулӯхи ӯ дар об аст,
Зи як тӯфон бинои ӯ хароб аст.
Ба шаҳри ӯ нишони одамӣ нест,
Ба дашти ӯ гиёҳи хуррамӣ нест.
Агар кӯҳ аст, маъвои паланг аст,
В-агар баҳр аст, ғавғои наҳанг аст.
Баҳори ӯ гули ҳасрат шукуфта,
Хазонаш баҳри ишратро ниҳуфта.
Зимистонаш зи сардӣ сард чун ях,
Тамузи ӯ зи гармӣ ҳамчу дӯзах.
Аносир ҳам надорад ҳеч бунёд,
Ба ин аркон нагардад хона обод.

Зи оташ хирмани умрат бисӯзад,
Ҳаво бархезад, оташ барфурӯзад.
Ба дарёи фано обат кунад ғарқ,
Фишонад хокат охир гард бар фарқ.
Се фарзанде, ки насли он чаҳор аст,
Якеро кони гавҳар асли кор аст.
Чу гавҳар тоҷи шаҳро зеваре нест,
Валекин холӣ аз дарди саре нест.
Дувум з-он чист? Шохе руста аз хок,
Ки сар то пои ӯ хор асту хошок.
Сеюм ҷуз навъи ҳайвонӣ набошад,
Дар аксар расми инсонӣ набошад.
Ҳақиқат аз ҳазорон дар яке нест,
Бадӣ бисёру некӣ андаке нест.
Ҳама аз рӯи сурат одамисор,
Вале аз роҳи маънӣ одамихор.
Ба кӯи носипосӣ пай фишурда,
Ба роҳи ҳақшиносӣ пай набурда.
Ало, з-ин ҳамраҳон худро ҷудо кун,
Ба эшон рӯ макун, рӯ бар Худо кун!

**Муноҷот**

Худовандо, ба зоти комили хеш,
Ба дарёҳои лутфи шомили хеш,
Ба он зоте ки монанде надорад,
Ҷаҳон ҷуз вай Худованде надорад,
Ба он сарве ки аз Батҳо сар афрохт,
Алам бар олами боло барафрохт,
Ба он шоҳе, ки моҳи осмон шуд,
Шаби «Исро» маконаш ломакон шуд,
Ба дини пок ҷамъи покдинон,
Дар айвони фалак болонишинон,

Ба бонги ҳай-ҳайи ринди харобот,
Ба «Ё Раб, ё Раб»-и пири муноҷот,
Ба рӯзи кӯтаҳи айёми шодӣ,
Ба шабҳои дарози номуродӣ,
Ба муштоқе, ки бе маъшуқ зор аст,
Ба маъшуқе, ки бо ушшоқ ёр аст,
Ба он розе, ки маҳрам нест ӯро,
Ба он доғе ки марҳам нест ӯро,
Ба беморе ки рафт аз даст кораш,
Гиребон чок зад темордораш,
Ба дарде к-аз даво суде надорад,
Зи кас уммеди беҳбуде надорад,
Ба ранҷуре, ки дил барканда аз хеш,
Табиби ӯ саре афканда дар пеш,
Ба тифле к-ӯ зи модар дур монда,
Ятиме к-аз падар маҳҷур монда,
Ба сӯзи модаре, к-аз доғи фарзанд
Гиребон чок карду сина барканд,
Ба шабҳои дарози ноумедӣ,
Ки дар вай нест уммеди сафедӣ,
Ба оҳи дардноки субҳгоҳӣ,
Ба файзи раҳмату нури илоҳӣ,
Ки файзе бахшӣ аз нури ҳузурам,
Кунӣ мустағриқи дарёи нурам.
Ҳилолиро ҳавои ошноист,
Ба хуршед ошноӣ рӯшноист.
Ба меҳри хештан рӯзаш барафрӯз,
Чу меҳри оламафрӯзаш барафрӯз.

**Дар сифоти ин китоб ва хотимаи ин хитоб гӯяд**

Ҳилолӣ, ин чӣ дарёи маонист,
Ки мавҷи он зи баҳри осмонист?!

Чӣ назми обдор аст, ин ки гуфтӣ?
Чӣ дурри шоҳвор аст, ин ки суфтӣ?
Ба ин мушкин нафас дилҳо рабудӣ,
Магар дар таблаи аттор будӣ?
Зи ҳайрат ҳосидонро лаб бибастӣ,
Ҳавасро дар дили эшон шикастӣ.
Ҳадиси рӯҳбахш оғоз кардӣ,
Чу Исо даъвии эъҷоз кардӣ.
Забоне чун забони шоирӣ нест,
Фунуни шеър ғайр аз соҳирӣ нест.
Сухан дар қолаби вазну қавофӣ
Барад занги малол аз табъи софӣ.
Дили шоир ба авҷи осмон аст,
Зи шаҳбозони қудсиошён аст.
Давоташ чашмаи файзи илоҳист,
Ки он ҷо оби ҳайвон рӯсиёҳист.
Чу бар коғаз ниҳад мушкин қаламро,
Зи шаб бар рӯи рӯз орад рақамро.
Ниҳад бар рӯи насрин ҷаъди сунбул,
Хати райҳон кашад бар сафҳаи гул.
Ба фикрат чун паси зону нишинад,
Рухи мақсуд дар оина бинад.
Зи гармӣ оташ афтад дар димоғаш,
Ба нури ҷон барафрӯзад чароғаш.
Сараш чун бар сари зону кунад ҷой,
Дилаш чун арш бар курсӣ ниҳад пой.
Аз он пешонию зону чӣ пурсӣ?
Ки мегӯяд нишон аз лавҳу курсӣ.
Бисоти осмониро кунад тай,
Ба сӯи олами боло барад пай.
Малак дар гӯши ҷонаш роз гӯяд,
Чу боз ояд ба ҳар ҷо, боз гӯяд.
В-агарна, ин суханҳоро зи афлок
Кӣ меорад ба сӯи тахтаи хок?

Сухан пеши сухандон арҷманд аст,
Зи боло омаду қадраш баланд аст.
Биҳамдиллаҳ, ки кардам дар сухан рӯй,
Шудам дар олами маънӣ сухангӯй.
Биҳамдиллаҳ, ки аз дарёи хотир
Гирифтам оламеро дар ҷавоҳир.
Чӣ сирраст ин, ки аз ушшоқ гуфтам?
Чӣ дурраст ин, ки дар офоқ суфтам?
Ба васфи ошиқон дафтар кушодам,
«Сифоту-л-ошиқин»номаш ниҳодам.
Навиштам номае дар некномӣ,
Ки Хусрав офарин карду Низомӣ.
Калиди «Махзану-л-асрор» бо ӯст,
Фурӯғи «Матлаъу-л-анвор» бо ӯст.
Гулистонест, дар вай бӯстонҳо,
Дар авроқаш ҳазорон достонҳо.
Чӣ ҷои бӯстон? Боғи биҳишт аст,
Раёҳинаш ҳама анбарсиришт аст.
Чӣ мегӯям? Қалам бодо забоне,
Ки ҷуз даъвӣ намедонад баёне.
Васийят мекунам халқи ҷаҳонро,
Ҷавонмардони пайдову ниҳонро,
Ки ин маҷмӯъро ҳар кас ки хонад,
Кунад бар ман дуое, то тавонад.
Дар ислоҳи хатои ман бикӯшад,
В-агарна, домани авфе бипӯшад.
Маро худ воҷиб омад узрхоҳӣ,
Ки дорад номаам рӯ дар сиёҳӣ.
Илоҳӣ, гар сияҳ шуд номаи ман,
Хато афтод хатту хомаи ман,
Хатои ман мабину дар ато кӯш,
Карам кун, парда бар рӯи хато пӯш!

# М У Н Д А Р И Ҷ А

Сарсухан ........................................................................................ 5

Ғазалиёт ...................................................................................... 15

Рубоиёт ....................................................................................... 297

Маснавии Шоҳу дарвеш........................................................ 304

Маснавии Сифоту-л-ошиқин ................................................ 395

**«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 32**

**Бадриддин Ҳилолӣ**
**ДЕВОН**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 02.12.2016 супурда шуд.
Чопаш 08.12.2016 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.